ТАЪСИРИ КОМПЛЕКСИ МИКРОНУТРИЕНТҲО БА БЕНАСЛӢ

Каримова О.А.,[1] Фозилова З.А.,[2] Мадалиева Д.С.,[3] Зокирова Р.С.[1] Носирова М.П.,[4] Базарова Н.С.[5]

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Шуъбаи солимии репродуктивии № 11,
Шуъбаи солимии репродуктивии № 9,
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино,
Шуъбаи солимии репродуктивии № 5

Мубрамият. Умуми маълум аст, ки бемориҳои дил, фишорбаландӣ ва саратон аз нисбатан норасоӣ ва ё зиёд будани компонентҳои парҳез ба амал омадаанд. Дар 76,1% гирифтори бемориҳои дилу рагҳо ихтилоли ғизо бо дараҷаҳои возеҳи гуногун ба назар мерасанд [2, 15]. Норасоии ғизо то ҳол проблемаи муҳимми тандурустии ҷамъиятӣ ва ташаккул дар Тоҷикистон боқӣ мемонад. Ҳолати умумии саломатии кӯдакон аз ғизо вобастагии калон дорад.

Нишондоди камғизогӣ дар раванд чунин аст: (2012с. -10%, 2017-8%), камхунӣ байни занҳои қобили таваллуд, соли 2017 – 41%, байни кӯдакон 42%) [4,13]. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 таҳти рақами 415. Барномаи "Пешгирии норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба он дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027" тасдиқ шуд [16]. Барои амалии қарор, ба ҳамаи занҳои қобили таваллуд, барои пешгирии норасоии витаминҳо ва минералҳо, комплексҳои микронутриентҳо истифода баранд, яъне аз ҳамин қабил, агар зан модаршавироро ба нақша гирифта бошад, қабули витаминҳо организмро ба модаршавии бехавф тайёр мекунад [3,5,6].

Беҳтар кардани сифати зиндагӣ, маданияти саломатӣ, маърифати парҳезӣ, донистани саволҳои умумии таъсири витаминҳо ва минералҳо – қисми ҷавобгарии ҳар як шахс барои саломатии худ аст [7, 11]. Норасоии микронутриентҳо дар гурӯҳ ё танҳо метавонанд бемориҳои ба онҳо вобастаро биёранд [8], мисол ба монанди вайроншавии сикли фолатҳо ё норасоии он, ки сабаби бенаслӣ метавонад шавад [1,14]. Тадқиқоти муосир фарқияти таъсири норасоии микроэлементҳоро дар мардон ва занон нишон медиҳад: Мардон: вайрон шудани сперматогенез, паст шудани сатҳи тестостерон, бад шудани морфологияи нутфа. Занон: ихтилоли сикли ҳайзӣ, нокомии часпиши ҳуҷайраи бордоршуда ба девори бачадон, зиёд шудани хатари бачапартоӣ. Тадқиқоте, ки соли 2022 дар маҷаллаи Саломатии репродуктивӣ нашр шудааст, сатҳи руҳ ва селенро дар мардон ва занони безуррётӣ муқоиса кардааст. Мардон бештар аз норасоии руҳ ва занон аз норасоии витамини D азият мекашанд**.**

Мақсади омӯзиш: Омӯзиши таъсири комплекси витамини-минералии (Prenatal and lactation vitamin) ба занҳои қобили таваллуд ҳангоми бенаслӣ.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот: Таҳқиқот дар муассисаҳои давлатии шуъбаҳои солимии репродуктивии № 8, № 9 ва № 11 ш. Душанбе, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 таҳти № 415. Барномаи "Пешгирии норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба он дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027" тасдиқ шуда, гузаронида шуданд. Барои амалии ин қарор, аз минтақаҳои гуногун 92 нафар занҳои синну соли репродуктивӣ, ки аз онҳо 52 нафар бенасл буданд (гурӯҳи 1) ва боқимонда 40 нафар (гурӯҳи 2), таҳқиқот карда шуданд. Усули клиникӣ-анамнезӣ дар бар мегирифт: пурсиши шикоят, ҷамъи анамнез-хусусан ба норасоии ғизо, анамнези акушерӣ-гинеколгӣ, муоинаи умумӣ ва гинекологӣ, ташхиси лабораторӣ ва таҷҳизотӣ.

Таҳлили шикояти зан, баходиҳии индекси вазни баданро ва ғизоро дар назар дошт.

Муоинаи физикалии умумӣ баҳодиҳии пуст, набз, фишори хун, вазн, қад ва палмосидани ғадудҳои ширро дар бар дошт.

Ташхиси гинекологӣ аз муоинаи гарданаки бачадон бо оинаҳои акушерӣ ва ташхиси дудаста.

Ташхиси бактериоскопии луоби гарданаки бачадонро ба воситаи зонд молишак аз канали сервикалӣ, гумбази қафо ва уретра гирифта, онро ба шишача шакида , бо спирти 96^0 фиксатсия карда, бо усули Грамм ранг кардем. Молишакҳоро зери зарраби нигоҳ карда баҳо додем. Таҳлил барои ББАҶГ ба диспансери бемориҳои пусту зӯҳрави равон мекардем.

Ҳамаи онҳо таҳлилҳои умумии хун, пешоб, биохимиявии хун ва ултрасадои бачадон ташхис карданд. Бо ҳамаи онҳо сӯҳбатҳо оид ба ғизои солим ва қабули микронутриентҳо гузаронида шуд.

Ба занҳои қобили таваллуд, барои пешгирии норасоии витаминҳо ва минералҳо, комплексҳои микронутриентҳо Prenatal and lactation vitamin, ҳар рӯз 1 ҳаб дар давоми тамоми ҳомилагӣ, ройгон тавсия кард шуданд. Таркиби Prenatal and lactation vitamin аз 15 витамину микроэлементҳо ва дигар ингредиентҳо иборат аст, инҳо:

Ҷадвали 1. Номгӯйи микроэлементҳои маводи Prenatal and lactation vitamin

№	Номгӯй	%/шабонарӯз	Ҳаҷм
1	Витамини A	800 mcg RAE	62%
2	Витамини C	70 mg	58%
3	Витамини D	5 mcg (IU)	33%
4	Витамини E	10 mg a-TE	53%
5	Витамини B1	1,4 mg	100%
6	Витамини B2	1,4 mg	88%
7	Витамини B3	1,8 mg NE	100%
8	Витамини B6	1,9 mg	95%
9	Витамини B9	400 mcg	113%
10	Витамини B12	2,6 mcg	93%
11	Оҳан	1,4 mg	111%
12	Йод	150 mcg	52%
12	Синк	1,4 mg	115%
13	Селен	65 mcg	93%
14	Copper	2 mg	154%

Дар ҷадвал вояҳои миёна оварда шудаанд. Онҳоро ба занҳои қобили таваллуде, ки бенаслӣ доранд, 2-3 маротиба зиёд карда, тавсия карданд, чунки онҳо аз меъёрҳои шабонарӯзи камтар мебошанд. Аз сабаби он, ки занҳо ба витаминҳо талаботи зиёд доштанд, вояи онҳоро баланд кардем.

Функсияи витамин ва микроэлементҳои номбаршударо мебинем [9,10]:

Витамин А дар синтези пешгормонҳои ҷинсӣ иштирок мекунад. Ҳангоми норасоии он дар занҳо метавонад бенаслӣ шавад, ӯ сифати тухумҳуҷайраро беҳтар мекунад, лекин онро бояд эҳтиёткорона истифода кард, чунки метавонад нуқсони инкишофи тифлро ба амал орад, дар мардҳо раванди пазиши сперматозоидро вайрон мекунад. Дар ғизои ҳайвонии-гӯшти гов, субмоддаҳо, шир, моҳӣ, равғани моҳӣ, тухм, равғани зард мавҷуданд. Пешвитамини А-кератиноидҳо, ки аз он меваҳои бо ранги сурху, зарду, сабз мебошанд, бой ҳастанд. (Меъёр: мардҳо 0,9 мг, занҳо-0,77 мг, занҳои синамакон-1,3 мг). Нақши асоси дар тақсимоти ҳуҷайра, ҳангоми эмбриогенез, ташаккули системаи иммунии тифлро иҷро мекунад.

Витамин Е антиоксиданти бақувват аст, таъсири вайронкунандаи радикалҳои озодро бартараф мекунад. Ҳангоми норасоӣ дар зан ба ихтилолҳои сикли ҳайз, бенаслӣ, исқоти ҳамлро меоварад, дар мардҳо - пастшавии пайдоиши оби манӣ. Лахташавии хунро ба меъёр меоварад. Нақш дар тухмкунӣ ва ташаккули тухм:

Антиоксидант, ки мембранаҳои ҳуҷайраро аз фишори оксидитивӣ муҳофизат мекунад. Саломатии моеъи фолликуляриро, ки дар он тухм пухта мешавад, нигоҳ медорад. Оқибатҳои камбудӣ: Зарари радикалҳои озод ба тухм. Паст шудани сифат ва ҳосилхезӣ.

Токоферол дар таркиби равғанҳои растанигӣ, чормағз, зардии тухм, моҳии дарё ва равғани моҳӣ вуҷуд дорад. Вояи қабули шабонарӯзӣ 250 МЕ, таъсири витамини А-ро зиёд мекунад. Ба занҳои ҳомила қабули онро дар давоми ҳомилагӣ ва баъди таваллуд то тамом шудани давраи ширдиҳӣ тавсия мешавад. Талаботи он ҳангоми машқҳои вазнини ҷисмонӣ, варзиш, стресс, зиндагӣ дар минтақаҳои номусоид, менопауза, синнусоли ноболиғӣ, ташаккули сикли ҳайз зиёд мешавад.

Витамин С (туршии аскорбинӣ) Биохимикҳо ҳисоб мекунанд, ки ин ду моддаи гуногун, лекин ба ҳам сахт монанданд. Онҳо ба бисёр системаҳои организм таъсир мекунанд (фаъолкунии кори иммунӣ, амалиёти антиоксидантӣ) меъёри шабонарӯзии он - 90 мг аст. Дар меваҳои ситрусӣ, помидор, қаламфури сабзу сурх, киви, броккола мавҷуданд. Витамини С кори дигар витаминҳо - А, Е ва пайвастагиҳои гурӯҳи В-ро баланд мекунад.

Фолат (витамини В 9) ва рушди ҷанин: пешгири мекунад норасоии хатарноки системаи асаби тифлро. Давомнокии қабули туршии фолат 400 мг/ шабонарӯз. Вояи баланди ӯ, ки боз ҳам хубтар ҳимоя мекунад то 5 гр мумкин аст. Туршии фолат таъсир мекунад ба репликатсия, ду қисмшавии КДН, ки аз як насл ба насли дигар маълумоти аниқи генетикиро мерасонад. Тадқиқоте, ки дар Фертилият ва безуррётӣ (2020) нашр шудааст, таъкид мекунад, ки занони гирифтори норасоии фолат хавфи бештари ихтилоли ановулятсия ва имплантатсияи ҷанин доранд. Сатҳи фолий бо пешгирии зарари ТДН дар тухм алоқаманд аст. Иловаҳои фолат хатари бачапартоиро коҳиш медиҳанд ва ба рушди мӯътадили ҷанин мусоидат мекунанд.

Нақш дар тухмпазиш: Дар синтези ТДН ва ТРН, ки барои тақсимоти ҳуҷайраҳо ва афзоиши фолликулҳо муҳим аст, иштирок мекунад. Инкишофи муътадили ҳуҷайраи тухмро таъмин намуда, вайроншавии ТДН-ро пешгирӣ мекунад. Оқибатҳои камбудӣ: Паст шудани сифати тухмҳуҷайра. Афзоиши хатари нуқсонҳои генетикӣ дар тухм. Ихтилоли эҳтимолии овулятсия.

Дар мардҳо витамини В9 то 30% шумораи морфологии дурусти сперматозоидҳоро (барои дуруст кор кардани генҳои, ки дар пайдоиши оби манӣ иштирок мекунанд), яъне солимро зиёд мекунад. Қабули пешгирикунанади он ба ҷуфтҳо 2-3 моҳ пеш аз бордоршавӣ тавсия дода мешавад.

Витамини D ва тавозуни гормоналӣ: Занҳое, ки норасоии витамини D доранд, эҳтимоли гирифтори зиёд ба синдроми тухмдони поликистикӣ (СТП) ва вайроншавии ҳайз доранд. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар меъёр даровардани витамини D ҳассосияти бофтаҳоро ба инсулин беҳтар мекунад, ки ҳангоми СТП муҳим аст. Элементи дастгирии солимии репродуктивии зан аст, иштирок мекунад дар танзими овулятсия ва бо таъсири гормонҳо дастгирӣ мекунад ҳиссиёти баланди бофтаҳои тухумдонҳоро, ҷараёни сикли ҳайзро муътадил мекунад, кандашавии ҷанинро аз тарафи системаи иммунии модар, ки аз аввал онро ҳамчун бегона қабул мекунад, мебандад (аз рӯи генҳои падар). Тайёрии эндометрийро барои часпиши ҷанин ба бачадон мустаҳкам мекунад.

Нақш дар тухмкунӣ ва ташаккули тухм: Тавозуни гормоналиро танзим мекунад, аз ҷумла истеҳсоли эстроген ва прогестерон. Ба сифати эндометрия таъсир мерасонад, ки барои имплантатсия пас аз тухмкунӣ муҳим аст.

Оқибатҳои камбудӣ: Вайрон кардани пухтани фолликул. Паст шудани ҳосилхезӣ аз сабаби ихтилоли тухмкунӣ. Дар мардҳо шумораи кофии витамини D, шумораи сперматозоидҳои фаъол ва морфологӣ дурустро дар оби манӣ зиёд мекунад. Ҳангоми ба нақша гирифтани ҳомилагӣ ба занҳо витамин D лозим. Компенсатсияи норасоии витамин D-ро ба зани ҳомилашав зиёд кардем. Реҷаи истифодаи витамин D дар занҳои бо бенаслӣ, дар 2-3 моҳи аввали табобат қабули холекалсийферрол дар вояи 6000-8000ВБ/шабонарӯз (дар баъзе ҳолатҳо то 12000 ВБ/шабонарӯз), баъдан сарбории

нигоҳдоранда 3000-6000 ВБ/шаб (6-12 моҳ) таҳти назорати акушер-гинеколог ё эндокринолог, бо муайянкунии витамини D тавсия кардем. Витамин-D, ки дар таркиби комплекси мо 5 мг аст, боз иловагӣ қабул кардан, дар намуди ҳабҳо, ки барои хоидан 1000 ВБ/ҳаб қуллай аст.

Руҳ - минерали асосӣ аст, ба ташаккул ва инкишофи дурусти тифл ёрӣ мерасонад. Норасоии он ба кандашавии ҳамроҳак, пеш аз муҳлат кандашавии пардаҳои наздитифлӣ, валодати пеш аз муҳлат ва сустии валодат меоварад. Дар тақсимоти дурусти ҳуҷайра ва истеҳсоли инсулин иштирок мекунад. Дар организми зан он ҷамъ мешавад, барои ҳамин сари вақт онро захира кардан лозим аст.

Нақш дар тухумпазиш. Дар синтези ТДН ва ТРН, ки барои тақсимоти ҳуҷайра ва камолоти тухм муҳим аст, иштирок мекунад. Кори ферментҳоеро, ки дар тухмгузаронӣ иштирок мекунанд, танзим мекунад. Фаъолияти дурусти ҳуҷайраҳои гранулозаро, ки тухми инкишофёбандаро иҳота мекунанд, дастгирӣ мекунад. Оқибатҳои камбудӣ: Вайрон кардани камолот ва сифати оотсит. Афзоиши хатари ановулятсия (набудани тухм).

Нисбати занҳо, ба мардҳо он зиёдтар лозим, чунки он фаъолияти ҷинсиро нигоҳ дошта, истеҳсоли тестостеронро ангезиш медиҳад, барои мустаҳкамияти спирали КДН-и сперматозоид лозим.

Функсияи оҳан ва тухмдон: Норасоии он эҳтимолияти ҳомилашавиро ба 60% паст карда, сифати тухумҳуҷайра азият мекашад. Занҳое, ки оҳанро ба қадри кофӣ намегиранд, фаъолияти гормонҳои ҷинсӣ - ановулятсия (набудани овулятсия) мешаванд. Ҳангоми ҳомилагӣ ба суст инкишофёбии тифл, валодати пеш аз муҳлат, камвазнии тифл ҳангоми таваллуд ва хунравии пас аз валодатӣ меоварад.

Нақш дар тухмкунӣ ва ташаккули тухм: Дар равандҳои нафаскашии ҳуҷайра иштирок мекунад ва бо оксигени мувофиқро ба бофтаҳои тухмдон таъмин мекунад. Ба синтези ферментҳое, ки дар камолоти фолликулҳо иштирок мекунанд, мусоидат мекунад. Норасоии оҳан оксигенатсияи бофтаҳоро коҳиш медиҳад, ки ба кори тухмдонҳо таъсири манфӣ мерасонад. Оқибатҳои камбудӣ: Вайрон кардани функсияи тухмдонҳо. Кам шудани эҳтимолияти тухмшавӣ. Паст шудани сифати овотситҳои инкишофёбанда.

Магний. Нақш дар тухмкунӣ ва ташаккули тухм: Дар мубодилаи энергия ва устувории мембранаҳои ҳуҷайра иштирок мекунад. Сатҳи инсулин ва гормонҳоеро, ки ба тухмдон таъсир мерасонанд, танзим мекунад. Оқибатҳои камбудӣ: Вайрон кардани камолоти ва сифати оотсит. Рушди эҳтимолии синдроми тухмдони поликистикӣ (СТП).

Селен. Нақш дар тухмкунӣ ва ташаккули тухм: Антиоксидант, ки тухми инкишофёбандаро аз фишори оксидитивӣ муҳофизат мекунад. Дар танзими фаъолияти ферментҳо, ки барои тавозуни гормоналӣ масъуланд, иштирок мекунад. Оқибатҳои камбудӣ: Камшавии захираи фолликулӣ. Афзоиши хатари зарари тухм аз радикалҳои озод.

Йод норасоии он вайроншавии сикли ҳайз, инкишофи мастопатия ва бенаслӣ меоварад.

Норасоии витаминҳо ва микроэлементҳо дар организм, ки барои функсия сперматозоид лозим аст, метавонад яке аз сабабҳои бенаслии мард шавад. Яке аз онҳо ин микроэлемент селен, ки бе он то 80 ферментҳои дар инкишофи сперматозоид иштироккунанда, наметавонанд дуруст амал кунанд. Мо бояд онҳоро аз ғизо гирифта, пур кунем, лекин афсус, ҳозира ғизо дар ин бобат камнутриентдор аст. Дар навбати худ, витамини D дар организм аз нурҳои офтоб синтез мешавад, лекин дар ин маврид, ҳам норасоии онро дидан мумкин. Ҳангоми норасоии элементҳои лозима, табиб ба бемор табобати мувофиқро таъин мекунад, бояд бо фикри дарозмуддат, дар давоми якчанд моҳ, бо риояи тавсияҳои мувофиқ оид ба ғизо ва тарзи ҳаёти солим, онро риоя кард.

Натиҷаҳои бадастомада: Синну соли миёнаи гурӯҳи асосӣ 29,8±1,2 солро ташкил доданд, гурӯҳи муқоиса бошад 28,5±1,6 солро, ки муқоисашаванда буданд ($p>0,05$).

Сатҳи маълумотнокии гурӯҳҳо қариб, ки якхел буданд. Маълумоти миёнаи гурӯҳи 1-69,2% ва гурӯҳи муқоисавӣ – 70%, маълумоти олӣ: дар 30,8% занҳои гурӯҳи асосӣ ва 30% дар дуюм гурӯҳ.

Ҷадвали 1. Сатҳи иҷтимоӣ ва ҳолати оиладории гурӯҳҳои тадқиқотӣ

№	Нишондодҳо	Гурӯҳи асосӣ	Гурӯҳи муқоисавӣ	p
	Мақоми иҷтимоӣ	52 (100%)	40 (100%)	p>0,05
1	Коргар	10 (19,2%)	4 (10%)	p>0,05
2	Соҳибхона	41 (63,5%)	28 (77,5%)	p>0,05
3	Донишҷӯ	9 (17,3%)	5 (12,5%)	p>0,05
	Вазъияти оилавӣ	52 (100%)	40 (100)	p>0,05
1	Қайди оиладорӣ доранд	17 (32,7%)	30 (75%)	p>0,05
2	Қайди оиладорӣ надоранд	35 (67,3%)	13 (25%)	p>0,05

Бояд қайд кард, ки дар ҳарду гурӯҳ қисми зиёдро соҳибхоназанҳо ташкил карданд. Занҳои коргар ва донишҷӯ дар ҳарду гурӯҳ қариб, ки баробар тақсимоти фоизӣ доштанд, дар гурӯҳи 1 аз 7,3% то 19,2% ва дар 2 гурӯҳ аз 10% то 12,5%, лекин маълумотҳои гурӯҳи 1 занҳои коргар ва донишҷӯ – 36,5%-ро нисбат ба гурӯҳи дуюм, ки 22,5% буд, ташкил дод. Дар гурӯҳи 1 шумораи қайди оиладорӣ дар сатҳи паст ва баръакси он дар гурӯҳи 2, он ду баробар зиёд буд.

Ҳамин тариқ, зиёда аз ними зиёди занҳои дар ҷадвал оварда шуда, сатҳи иҷтимоии паст доштанд (Ҷадвали 1). Занҳои коргар ва донишҷӯ дар гурӯҳи 1 зиёдтар ҳастанд, ки ин метавон фикр кард, ки яке аз сабабҳои бенаслӣ стресс мебошад, ғайр аз ин қайд надоштани ақди никоҳ, ки он ҳам дар гурӯҳи 1 нисбатан зиёд аст - омили стресс ва ноумедии зан мешавад. Ба ҳама маълум аст, ки стресс сабабгори зиёд сарфа шудани масъуният ва захираҳои организми инсон мебошад. Бинобар ин, истифодаи микронутриентҳо ҳам барои пешгирӣ ва ҳам табобати норасоии витаминҳою микроэлементҳо ва бемориҳои аз онҳо вобаста, саривақтӣ ва дар мисоли мо дастрас мебошанд.

Ҷадвали 2. Бемориҳои ғайригениталӣ дар гурӯҳи таҳқиқотӣ

№	Бемориҳо	Гурӯҳи 1	Гурӯҳи 2	p
1	Камхунӣ	20 (38,5%)	6 (15%)	p>0,05
2	Бемориҳои гурда	5 (9,6%)	3 (7,5%)	p>0,05
3	Бемориҳои системаи ҳозима	10 (19,2%)	3 (7,5%)	p>0,05
4	Ҳолати норасоии йод	50(96,2%)	20 (50%)	p>0,05
5	Норасоии вазни бадан	10 (19,2%)	7 (17,5%)	p>0,05
6	Фарбеҳӣ	5 (9,6%)	4 (10%)	p>0,05
7	Бемориҳои шадиди роҳи нафас	8 (15,4%)	6 (15%)	p>0,05

Дар байни бемориҳои ғайригениталӣ бисёрвохӯранда, дар ҳарду гурӯҳ ҳолатҳои норасоии йод, норасоии вазни бадан ва камхунӣ буд, ки ин бемориҳои хоси минтақаи мо мебошанд. Бояд қайд кард, ки бемориҳои шадиди роҳи нафас дар ҳарду гурӯҳ якхел ва баланд мебошад, ки шаходати масъунияти паст аст. Яке аз сабаҳои ҳамаи бемориҳои дар боло номбар шуда, норасоии ин, ё он микронутриентҳо дар бадани зан мебошад. Масалан, барои норасоии йодро пур кардан танҳо элементи йод кофӣ нест, бояд элементҳои синк, оҳан ва магний ворид кунем, ки онҳо дар якҷоягӣ функсияи ғадуди сипаршаклро ба меъёр меоваранд.

Аз 52 занҳои қобили таваллуди минтақаҳои гуногун, бо бенаслӣ - 23 (44,2%) зан дар давоми 10 моҳи қабули микронутриентҳо ҳомила шуданд. Ҳоло ҳам қабули микронутриентҳоро давом доранд.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои иҷтимоӣ, вазъи оилавӣ ва бемориҳои ғайригениталии занҳои қобили таваллуд, захираҳои организмро зиёдтар сарфа мекунанд, ки метавонанд яке аз омилҳои бенаслӣ шаванд ва қабули саривақтии микронутриентҳо хосияти пешгирикунанда ва табобатии бенаслиро дорад.

Аз ин рӯ, барои нигоҳ доштани солимии репродуктивӣ муҳим аст, ки парҳези мутавозуни аз микроэлементҳо бой бошад. Норасоии ин моддаҳо метавонад ба ҳосилхезии занон таъсири манфӣ расонад ва дар сурати гумонбар шудани норасоӣ, ташхис ва табобат кардан лозим аст.

Тавсияҳо:

1. Гузаронидани ташхиси ҳамаҷониба барои дарёфти норасоии микроэлементҳо дар ҳама беморони безуррёт.
2. Ба протоколи терапевтӣ дохил кардани ислоҳи фардии ҳолати микроэлементҳо.
3. Дар давоми табобат сатҳи микроэлементҳоро мунтазам назорат кунед. Равишҳои асосӣ ба пешгирӣ ва табобати норасоии микроэлементҳо дар занон, ки онҳоро ба се сатҳ тақсим кардан мумкин аст: пешгирии ибтидоӣ, пешгирии дуюмдараҷа ва табобат [11].

Пешгирии аввалия. Мақсад: пешгирии рушди норасоии микроэлементҳо дар занони солим. Ғизои мутавозин: Хӯрокҳои аз оҳан бой: гӯшти сурх, ҷигар, тухм, лӯбиёгиҳо. Манбаъҳои магний: чормағз, тухмиҳо, сабзавоти баргҳои сабз. Маҳсулоти баҳрӣ барои йод ва селен. Маҳсулоти ширӣ ва моҳии равғанӣ барои пур кардани витамини D. Хӯрокҳои пурқувватшуда: Истифодаи намаки йоднок. Хӯрдани хӯрокҳои бо витаминҳо ва минералҳо бойшуда (масалан, нон бо оҳан иловашуда). Барномаҳои таълимӣ: Ба занон омӯзонидани асосҳои ғизои солим. Омӯзиш дар бораи хатарҳои норасоии микроэлементҳо барои саломатии репродуктивӣ. Иловаи пешгирикунанда: Витамини D (махсусан дар зимистон). Кислотаи фолат барои заноне, ки ҳомилагиро ба нақша гирифтаанд. Пешгирии дуюмдараҷа. Мақсад: Муайян кардан ва бартараф кардани зуҳуроти ибтидоии норасоии микронутриентҳо дар занони зери хатарбуда. Санҷиши ҳолати микроэлементҳо: Санҷишҳои лабораторӣ барои сатҳи оҳан, ферритин, витамини D, руҳ, селен, магний ва йод. Арзёбии ҳолати ғизо ва одатҳои хӯрокхӯрӣ. Пешгирии мақсаднок барои гурӯҳҳои хавф: Занони гирифтори бемориҳои музмин, ки ба азхудкунии маводи ғизоӣ таъсир мерасонанд (бемориҳои системаи ҳозима). Занҳое, ки эҳтиёҷоти зиёд доранд (давраи банақшагирии ҳомилагӣ, ҳомилагӣ, ширмаконӣ). Истифодаи комплексҳои алоҳидаи витаминҳо ва минералҳо. Ислоҳи ғизо: Ба парҳез илова кардани хӯрокҳо (масалан, маҳсулоти баҳрӣ барои норасоии йод). Бартараф кардани омилҳое, ки ҷаббишро халалдор мекунанд (масалан, чой ё қаҳва дарҳол пас аз хӯрок, ки ба ҷаббиши оҳан халал мерасонанд.

Табобати норасоии микроэлементҳо. Мақсад: пур кардани норасоӣ ва барқарор кардани сатҳи муқаррарии микроэлементҳо ба воситаи дорувориҳо, иловаҳои микронутриентҳо.

.

АДАБИЁТ

1. Аджикова Т.И. Репродуктивные потери у пациенток с нарушением фолатного обмена / Т.И. Аджикова, Ш.Т. Муминова, О.Г. Романова, Н.Х. Саидов, Ш.Г. Оймащмадова // Материалы VII съезда акушеров и гинекологов Республики Таджикистан от 26.11.2022. г. Душанбе, -С. 305-310.
2. Барабаш Н. А. Питание и сердечно-сосудистое здоровье / Н.А.Барабаш, Д.Ю. Кувшинов // Комплексные проблемы сердечно-сосудистых заболеваний. 2017. - № 2. -С. 87-92.
3. Болотов Б.В. Шаги к долголетию / Б.В. Болотов. –Москва, 2020.
4. Борисова Е.О. Назначение витаминов во время беременности / Е.О. Борисова // Лечебное дело. – 2010. -№. 3. -С. 28.
5. Вохидов А.В. Распространённость и основные детерминанты низкорослости детей в Таджикистане // Материалы VII съезда акушеров и гинекологов Республики Таджикистан от 26.11.2022. г. Душанбе. -С.401-408.
6. Казова А. Витаминно-минеральные комплексы для здоровья будущих мам и малышей / А. Казова, Ю. Прожерина. 2017.
7. Каримова О.А.Таъсири комплекси микронутриентҳо ба бенаслї / О.А. Каримова, Ф.О. Шерова, Д.С. Мадалиева, Р.С. Зокирова // Илм ва фановарӣ. - 2025. - № 1. – С.

8. Коденцова В.М. Витамины и минералы как фактор предупреждения дефектов развития плода и осложнений беременности / В.М. Коденцова // Медицинский совет. -2016. -№ 9. – С. 106-114.
9. Курмачева Р.А. Эффективность применения витаминно-минерального комплекса Элевит Пронаталь с ранних сроков беременности, с целью улучшения акушерских и перинатальных исходов / Р.А. Курмачева, И.Е. Рогожина, Ю.В. Черненков, О.С. Панин. 2018.
10. Лукоянова О.Л. Питание женщины в периоды прегравидарной подготовки, беременности и лактации / О.Л. Лукоянова, Т.Э. Боровик, А.К. Батурин, М.Л. Старовойтова, У.М. Лебедева. 2016.
11. Маршалл В.Дж. Клиническая биохимия. 6-ое издание. –Москва, 2023. -С. 377-378.
12. Набиев З.Н. Распространенность и факторы риска врожденных пороков развития в Республике Таджикистан / З.Н.Набиев, Б.А.Шамсов, С.Р. Зоиров // Материалы VII съезда акушеров и гинекологов Республики Таджикистан от 26.11.2022. г. Душанбе, -С. 74-79.
13. Сокур Т.Н. Витамины и минералы: значимость приёма во время беременности / Т.Н. Сокур, Н.В. Дубровина // GENECOLOGY. 2015. Vol. 17. -№ 6.
14. Стандартњои миллї. Ёрии товалодатї њангоми њомилагии физиологї. 2018. -С. 83-88.
15. Шарифзода Х.С. Наќши ѓизо дар пайдо шудани бемориҳои дилу рагҳо / Х.С Шарифзода, Д.А. Ќодирова, Б.Њ. Комилхољаев // Ављи зуњал. - 2020. -№ 2. – С.21-24.
16. Ќарори Њукумати Љумњурии Тољикистон аз 30 сентябри соли 2021 таҳти раќами 415. Барномаи “Пешгирии норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба он дар байни аҳолии Љумњурии Тољикистон барои солҳои 2022-2027”.

ТАЪСИРИ КОМПЛЕКСИ МИКРОНУТРИЕНТҲО БА БЕНАСЛӢ

Дар мақола сухан дар бораи таъсири комплекси микронутриентҳо ба занҳои қобили таваллуд бо бенаслӣ меравад. Таркиби комплекси микронутриентҳоро нишон дода, дар бораи хусусияти маводҳое, ки ба системаи репродуктивии мард ва зан таъсир мекунад, маълумот медиҳад. Инчунин қабули ҳабҳои микронутриентҳоро, мувофиқи талабот тавсия медиҳад. Дар натиҷаи таҳқиқот аз 92 занҳои қобили таваллуд, 53 зан бенаслӣ дошт, ки 23 нафари онҳо, баъди қабули комплекси микронутриентӣ бордор шуданд. Ҳамин тариқ, хусусиятҳои иҷтимоӣ, вазъи оилавӣ ва бемориҳои ғайригениталии занҳои қобили таваллуд, захираҳои организмро зиёдтар сарфа мекунанд, ки метавонанд яке аз омилҳои бенаслӣ шаванд ва қабули саривақтии микронутриентҳо хосияти пешгирикунанда ва табобатии бенаслиро дорад. Аз ҳамин лиҳоз, тавсияҳо дода мешавад: гузаронидани ташхиси ҳамаҷониба барои дарёфти норасоии микроэлементҳо дар ҳама беморони безурриёт; ба протоколи терапевтӣ дохил кардани ислоҳи фардии ҳолати микроэлементҳо; дар давоми табобат сатҳи микроэлементҳоро мунтазам назорат кунанд ва қабули иловаҳои микронутриентӣ тавсия диҳанд.

Калидвожаҳо: комплекс, микронутриент, занҳои қобили таваллуд, бенаслӣ, ҳомилагӣ, микроэлементҳо, репродуктивӣ, ташхис, захираҳои организм, бемориҳои ғайригениталӣ, хусусиятҳои иҷтимоӣ, вазъи оилавӣ, пешгирикунанда, табобат.

ВЛИЯНИЕ МИКРОНУТРИЕНТНОГО КОМПЛЕКСА НА БЕСПЛОДИЕ

В статье говорится о влиянии комплекса микроэлементов на женщин репродуктивного возраста с бесплодием. Показывая состав комплексов микроэлементов, дает информацию о свойствах веществ, оказывающих влияние на систему и репродукции человека. Также рекомендуется увеличить прием микроэлементов в 2-3 раза. В результате проведенных исследований 53 из 92 фертильных женщин оказались бесплодными, а у 23 после приёма комплекса микронутриентов наступила беременность. Таким образом, социальные особенности, семейные обстоятельства и экстрагенитальные заболевания женщин репродуктивного возраста способствуют большим затратам запасов организма и могут стать причиной бесплодия и своевременный приём микронутриентов имеет профилактическую и лечебное свойство при бесплодии. В связи с этим рекомендуют проведение всесторонней диагностики для обнаружения нехватки микроэлементов у всех женщин с бесплодией; внести в терапевтический протокол индивидульные исправления состояний микроэлементов, во время лечения наблюдать регулярно за уровнем микроэлементов и назначить микронутриентов в виде добавок.

Ключевые слова: комплекс, микронутриент, фертильная женщина, бесплодие, беременность, микроэлементы, репродуктивный, диагностика, запасы организма, экстрагенитальные заболевания, социальные особенности, семейные обстоятельства, профилактический, лечение.

COMPLEX IMPACT OF MICRONUTRIENTS ON INFERTILITY

The article talks about the influence of micronutrient complexes on fertile and infertile couples. It shows the composition of micronutrient complexes and gives information about the properties of substances that have a significant effect on the system and human reproduction. It is also recommended to increase the intake of micronutrients 2-3 times. As a result of the conducted research 53 out of 92 fertile women were infertile and 23 of them were impregnated with micronutrient complexes. Thus, social characteristics, family circumstances and extragenital diseases of women of reproductive age contribute to large expenditures of the body·s reserves, and can cause infertility, and timely intake of micronutrients has a preventive and therapeutic property in infertility. In this regard, it is recommended to conduct a comprehensive diagnosis to detect a lack of micronutrients in all women this infertility; include individual corrections of micronutrient states in the therapeutic protocol,

regularly monitor the level of micronutrients during treatment and prescribe micronutrients in the form of additives.

Keywords: complex, micronutrient, fertile woman, infertility, pregnancy, trace elements reproduction, diagnostics, body reserves, circumstances, preventive, treatment/

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Каримова Олтиной Абдусаломовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои тиббӣ, дотсент, мудири кафедраи ташхиси функционалӣ ва лабораторияи клиникии факултети тиббӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 556 96 66 69**. E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Фозилова Замира Аҳмадҷоновна – табиб, акушер-гинекологи шуъбаи солимии репродуктивии № 11. **Суроға:** 734061, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 50 солагии Тоҷикистон. Телефон: **918476121.** E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Мадалиева Дилором Сайдалиевна – табиб, акушер-гинекологи шуъбаи солимии репродуктивии № 9. **Суроға:** 734046, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Деҳотӣ, 46/3. Телефон: **909558086.** E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Зокирова Райхона Садурдиновна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ординатори кафедраи факултети тиббӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 556 96 66 69**. E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Носирова Матлюба Пулатовна – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, дотсенти кафедраи тибби оилавӣ, номзади илмҳои тиббӣ. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 139. Телефон: **907-97-72-02**. E-mail: **matlyuba61@mail.ru**

Базарова Ниёлби Сайдулоевна - мудири шуъбаи солимии репродуктивии № 5. **Суроға:** 734030, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Мир-Алӣ. E-mail: **niyolbibazarova@gmail.com**

Сведения об авторах: ***Каримова Олтиной Абдусаломовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат медицинских наук, доцент, заведующая кафедрой функциональной диагностики и клинической лаборатории медицинского факультета. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **556 96 66 69**. E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Фозилова Замира Ахмаджоновна - Центр репродуктивного здоровья № 11, врач акушер-гинеколог. **Адрес:** 734046, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Дехоти, 46/3. Телефон: **918476121**. E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Мадалиева Дилором Сайдалиевна - Центр репродуктивного здоровья №9, врач акушер-гинеколог. **Адрес:** 734046, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Дехоти 46/3. Телефон: **909558086.**
E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Зокирова Райхон Садурдиновна – Таджикский национальный университет, ординатор кафедры медицинского факультета. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **556 96 66 69**. E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Носирова Матлюба Пулатовна – Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибн Сино, доцент кафедры высшей медицины, кандидат медицинских наук. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 139. Телефон: **907-97-72-02**. E-mail: **matlyuba61@mail.ru**

Базарова Ниёлби Сайдулоевна **-** заведующая отделением репродуктивного здоровья №5. **Адрес:** 734030, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мир-Али. E-mail: **niyolbibazarova@gmail.com**

Information about authors: ***Karimova Oltinou Abdusalomovna*** - Tajik National University, Candidate of Medical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Functional Diagnostics and Clinical Laboratory of the Faculty of Medicine. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. Phone: **556 96 66 69.** E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Fozilova Zamira Akhmadjonovna - obstetrician-gynecologist of the Center for Reproductive Health No. 11. **Address:** 734046, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Dekhoti Street 46/3, apartment 17. Phone: **918476121**. E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Madalieva Dilorom Saidalievna – doctor genicologist of reproductive health pub № 9. **Address:** 734046, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Dehoti avenue, 46/3-17. Phone: **909558086.** E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Zokirova Raikhona Sadurdinovna - Tajik National University, ordinator of the Department of the Faculty of Medicine. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. Phone: **556 96 66 69.** E-mail: **oltinoyk@bk.ru**

Nosirova Matlyuba Pulatovna – Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino, Associate Professor of the Department of Higher Medicine, Candidate of Medical Sciences. **Address:** 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue, 139. Phone: **907-97-72-02**. E-mail: **matlyuba61@mail.ru**

Bazarova Niyolbi Saiduloevna - head of reproductive health department № 5. **Address:** 734030, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Mir-Ali street. Email:**niyolbibazarova@gmail.com**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 24.12.2024
Аз тақриз баргашт: 23.01.2025
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ:616.921.93

ДАР БОБАТИ ПЕШГИРИИ БЕМОРИИ ТАББИ ХУНИНИ ЭБОЛА ДАР БАЙНИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Зубайдова Л.А., Табаров М. Шоева М.С., Ятимова П.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳадафҳо: ~ Омӯзиши роҳҳои асосии гузариши бемории сироятии табби хунини Эбола ва паҳншавии он дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

~Хатари сар задани бемории табби хунини Эбола дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иқлим ва тағйирёбии сохтори вирус.

~Омӯхтани хусусиятҳои асосии роҳҳои пешгирии бемории табби хунии Эбола дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

~ Омӯхтани сабаб ва вогириши бемории табби хунини Эбола вобаста ба иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон.

~ Эҳтимолияти паҳншавии вируси Эбола дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намуди воридшудаи барангезанда.

Муҳиммият: Табби хунини Эбола (Ebola febris haemorrhagica) бемории зоонозии шадиди вирусии зудпаҳншавандаест, ки манбаи пайдоишаш табии буда, барангезандаи ин беморӣ вируси Эбола мебошад ва ба гурӯҳи бемориҳои сироятии махсусан, хавфнок дохил буда, дар натиҷаи гирифтор шудан ба ин бемори то 80% ба фавт оварда мерасонад. Мутаассифона, айни замон табобати махсус ва эмгузаронӣ бар зидди бемории табби хунини Эбола муайян карда нашудааст. Аз рӯйи пажуҳиши олимон муайян карда шудааст, ки ба ин бемори одамон ва баъзе намуди маймунҳо ва хукҳои ёбои гирифтор мешаванд. Дар байни одамон хавфи бештари паҳншавии ин бемори ба қайд гирифта шудааст.

Бори аввал вируси Эбола дар музофоти экватории Судан ва минтақаҳои ҳамсарҳади Зоир дар наздикии дарёи Эбола (ҳоло Ҷумҳурии Демократии Конго) дар соли 1976 ошкор карда, ба қайд гирифта шудааст ва бо дарназардошти он, ки вирус дар наздикии дарёи Эбола ба қайд гирифта шудааст, бемори номи ин дарёро гирифтааст. Дар соли 1976 дар Судан 284 нафар ба ин бемори мубтало шудаанд, ки аз ин 151 нафари беморшудагон бо фавт анҷом ёфтааст. Дар Зоир бошад 318 нафар беморон ба қайд гирифта шудаанд, ки 280 нафарашон ба асари ин беморӣ ба ҳалокат расидаанд.

Авҷгирии бемории Эбола, ки соли 2003 дар музофоти Этумби (Конго) ба қайд гирифта шуд, ба фавти 128 нафар одамон оварда расонид.

Инчунин дар байни оилаи маймунҳои Cercopithecoceae, ки дар Филиппин умр ба сар мебурданд ва инчунин, дар байни мушҳои обӣ низ як намуди вируси Эбола ба қайд гирифта шудааст, ки дар байни одамон аломатҳои бемориро ба вуҷуд намеоранд, барои одамон хавфнок намебошанд ва инчунин хатари паҳншавии он дар байни одамон рад карда мешавад. Новобаста аз ин намудҳои зиёди ин вирус дар табиат вобаста ба иқлим гардиш мекунад ки хатари паҳншавиаш дар байни аҳоли имкон дорад.

Табби хунини Эбола 8-уми августи соли 2014 аз ҷониби Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ҳамчун хатар ба ҷаҳониён таҳдидкунанда эътироф карда шудааст.

Нишондоди дастурӣ - методии мазкур муносибати ҳозиразамонро ба эпидемиология, клиника, ташхис, муолиҷа ва профилактика бо сирояти Эбола инъикос менамояд.

Паҳншавии бемории Эбола аз се сарчашма оғоз мегирад, ки дар ҳамаи ҳолатҳо паҳншавии бемори дар байни аҳогли аз эҳтимол дур нест. Яке аз роҳҳои сироятёбӣ ва паҳншавии беморӣ, ин тамоси наздики инсон бо куршапаракҳо мебошад. Чун ки хуҷаини аслии вируси Эбола куршапаракҳои ҷинси Pteropodidae ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми бо куршапаракҳо дар тамос шудан одамон ба ин бемори гирифтор мешаванд

ва минбаъд ҳангоми дар тамос шудан бо шахси бемор одам аз одам сироят меёбад. Дар навбати дуюм сироятёбӣ аз шахси бемор сурат мегирад.

Аз замони воридшави ба организм ва дар давраи ниҳони миқдоран то дараҷае зиёд мешавад, ки паҳн шуда сабаби оғоз гаштани бемори мешавад ва шахси бемор дар байни аҳоли ҳамчун манбаи сироят буда метавонад. Махсусан, дар ҳамин давраи ниҳонии беморои паҳншавии бемори фаъол ба назар мерасад, чун ки дар ин давра аломатҳои бемори айён нашудаанд ва бемор бо одамон дар тамос мебошад. Дар организми инсон масъуният, сироятпазирӣ, миқдори вирус ва роҳҳои гузариши бемори нақши муҳим мебозад.

Пеш аз саршавии аломатҳои сариriии бемории Эбола дар бемор аломатҳои умумии заҳролудии бадани инсон мушоҳида карда мешавад ва дар давраи авҷи клиникаи бемори аломатҳои махсуси худи бемори дар беморон дида мешавад. Дар аксар вахт бемори бо дилбеҳузури беҳолати қайткуни ва дарунравӣ оғоз мегардад. Баъдан аломатҳои бозҳам вазнинтари бемори зоҳир мегардад ба монангди: хунрезиш (аз пардаҳои луобӣ, аз меъда, аз пилки дандонҳо, аз рӯда ва ғайра). Хунравӣ яке аз аломати асосии бемории Эбола ба ҳисоб рафта дар ҳолати сари вахт нарасонидани ёрии тибби метавонад беморро ба марг оварда расонад. Алоими хунрезӣ дар муддати кӯтоҳ зиёд шуда дар баробари он дард дар қафаси сина махсусан, дар паси туш пайдо мешавад, ки то рафт зиёд мешавад. Дар рӯзҳои 5-7 – уми беморӣ дар аксар ҳолат бусуроти сурхчашмонанд дар пусти бадан пайдо мешавад.

Дар пусти бадан баъди нест шудани бусурот пустпартоӣ дида мешавад. Тақрибан дар ҳафтаи дуюми беморӣ аз саршавии беморӣ дар он вақте, ки барангезанда тавонистааст қисми зиёди организми инсонро сироят кунад, дар беморон норасоии кори гурдаҳо, кори дилу рагҳо, норасогии фаъолияти ҷигар, норасогии кори майна ва ғайра ба назар мерасад. Бештар аз ҳама вазнинӣ дар узвҳои нафаскашӣ нафастангӣ дида мешавад. Яке аз аломатҳои айёнии бемори ин зардшавии ранги пусти бадан мебошад, ки дар баробари пастшавии фишори шараёни норасоии нафас ва дигари аломатҳо пайдо мешавад. Дар баробари ҷой доштани аломатҳои дар боло зикргардида, дар натиҷаи зиёд будани аломати заҳролудии бадан маъншавии пешоброни низ дида мешавад. Дар натиҷаи сари вақт муайян намудани беморӣ ва ба роҳ мондани табобати дуруст дар 2 ва 3 ҳафтаи бемори давраи шифоёби ба амал меояд, ликин мутаассифона дар баъзе ҳолатҳо бемори ба фавт анҷом меёбад.

Сабаби ба марг анҷоми вобаста ба норасогии фаъолияти узвҳои бадан ва хунравии зиёд мебошад, ки маҳз ҳамин ба сар задани садамаи геморагӣ оварда мерасонад, ки сабаби марг шуда метавонад. Қайд кардан бамаврид аст, ки сироятёби аз ин беморӣ дар байни кормандони соҳаи тандурусти зиёд ба назар мерасад, ки сабабаш тамоси наздик бо беморон мебошад. Сироятёбӣ дар байни одамон боз дар ҳолати риоя накардани қоидаҳои бехатари ҳангоми тоза кардан ва гуронидани ҷасаде, ки аз ин бемори фавтидааст.

Хусусиятҳои морфологии вируси Эбола ба вируси Марбург (Marbutgvirus), шабоҳат дошта аз рӯйи сохтори антигениашон фарқ мекунанд. Ин вирусҳо ба оилаи филовирус (Filoviridae) дохил шуда ба 5 бундиогио ҷудо мешаванд. Бемории гурӯҳи Эбола, ки баренгезандааш вируси рестонӣ мебошад бе пайдоиши аломатҳои сариriи (клиники)-и мансуб ба бемори мегузарад. Эҳтимол меравад, ки манбаҳои табии пайдоиши вируси Эбола аз экваторияи ҷангалзорҳои Африко сарчашма мегирад. Дар бораи хусусияти вируси Эбола инро низ қайд намудан ба маврид аст, ки таъсирпазирии вируси Эбола нисбатан баланд буда аз ҷинс ва синну сол вобастагӣ надорад. Баъди сироят ёфтан аз ин беморӣ дар организм иммунитети нисбатан устувор пайдо шуда ҳолатҳои такроран гирифтор шудан ба ин беморӣ бениҳоят кам ба назар мерасад, то ҳатто бақайд гирифта нашудааст.

Муайян карда шудааст, ки баъди пурра табобат гирифтани бемор аз бемориии Эбола дар баъзе узвҳои бадани инсон вирус боқӣ монда бо пешоб ва аз занҳо бо воситаи шир маконидан то муҳлати 9 моҳ метавонад ихроҷ шавад. Занҳое, ки дар

айёни ҳомиладорӣ ба ин бемори гирифтор шудаанд, вирус метавонад дар пардаи бачадон ва нутфа то охири муҳлати ҳомиладорӣ боқи монад.

Дар минтақаҳое, ки миқдори зиёди ин беморӣ ба қайд гирифта шудааст, муайян карда шудааст, ки дар организми баъзеи истиқоматкунандагон антитела ба вуҷуд омадааст, ки ин шабоҳат аз он медиҳад, ки онҳо бемориро бо таври ноайён гузаронидаанд ва ё ин ки бо аломатҳои ғайритипикӣ бемори хуруҷ намудааст.

Сарчашмаи пайдоиш ва паҳншавии бемории табби хунини Эбола аз тарафи олимон пурра омӯхта нашудааст. Роҳҳои сироятёбии бемории Эбола ҳангоми тамоси наздик бо маводҳои биологии ҳайвонҳои мубталои бемории Эбола инчунин аз одами сироятёфта дар ҳолатҳои бевосита бо хун ва маводҳои биологии бемор дар тамоси наздин шудан, истифода аз асбобҳои тиббие, ки ба пурраги тамиз карда нашудааст ва инчунин шахсе, ки аз ин беморӣ фавтидааст, ҷараён мегирад. Вируси Эбола метавонад ба воситаи пардаи луобии чашм, пардаи луобии ковокии даҳон ва инчунин захмҳои кушодае, ки дар пусти бадин мебароянд ба организми инсон ворид шуда бо хун дар организм бо суръати бениҳоят тез паҳн шавад. Муайян карда шудааст, ки дар ҷасади шахсе, ки аз бемории тибби хунини Эбола фавтид, вирус метавонад то 50 рӯз дар ҳолати фаъол қарор дошта манбаи пайдоиши ин беморӣ гардад. Ҳолатҳои аз маймунҳои намуди Горилла, Шимпанзе, баъзе намуди куршапарак ва ҳамчунин истеъмоли гушти ин ҷонварҳо ва истеъмоли мағзи сари маймун гузаштани вируси Эбола ба одамон ба қайд гирифта шудааст.

Ҳолатҳои ба таври ҳавогию қатраги гузариши бемлории Эбола мушоҳида карда нашудааст. Эҳтимолияти бо воситаи роҳҳои болоии нафас сироят ёфтони он ба қайд гирифта нашудааст.

Ҳангоми ба пуст расидани маводҳои биологии эҳтимолан аз табби хунини Эбола сироятёфта ҳатман атрофи онро бо собуну об шуста, бо маводҳои антисептикӣ безарар гардонидан лозим меояд. Агар пошхӯрии маводҳои биологӣ ба пардаҳои луобӣ расад, онҳоро бо об тоза шуста, бо маҳлулҳои безараргардоние, ки барои чашму пардаҳои луобӣ муқаррар гаштаанд (оби қатрон (дистилат), маҳлули 0,05% перманганати калий ва маҳлули 20% албусид), коркард намудан зарур аст.

Дар равти сару кор бо беморони гирифтори бемории вируси Эбола дар байни кормандони соҳаи тандурусти хатман бояд аз либосҳои яккаратаи муҳофизати истифода шавад.

Маводҳои тадқиқот: Аломатҳои клиники бемории табби хунини Эбола. Давраи ниҳонии (инкубатсионӣ) беморӣ аз 4 то 21 рӯзро ташкил медиҳад (бисёртар аломатхо дар 7-8-ум рӯз пайдо мешавад). Ҳолат ва аломатҳои бемории Эбола ва ба фавти бемор оварада расонидани ин беморӣ аз хусусияти биологӣ ва антигении штамми вируси ҷудокардашуда вобастагии бевосита дорад.

Беморӣ ба таври шиддатнок ҷараён гирифта зуд ба заҳролудшавии ҳамаи организми оварда мерасонад. Бемор аз бемадорӣ, ошуфтагӣ, ҳарорати баланд 38-39° ва дарди сари пуршиддат шикояд намуда, дарди сахт дар мушакҳо ва гулу ҳис карда мешавад, инчунин шикам ба дард даромада шикамравӣ низ мушоҳида мешавад, ки дар баъзе ҳолатҳо ба беобшавии организм оварда мерасонад. Баъдтар бемор ба сулфазани даромада дарди халанда дар қафаси сина пайдо мешавад, бемор қайд менамояд, дар 50% - и бадани ин беморон бусурот медамад ва хунравӣ аз меъдаю рӯда бини, милкҳои дандон ва бачадон пайдо мешавад. Хусусиятҳои функсионалии ҷигар ва гурда паст шуда боиси заҳролудшавии организм мегардад.

Дар бисёр мавридҳо дар ҳолати пайдо шудани хунравӣ наҷот ёфтани беморӣ аз имкон берун мебошад. Баъди зиёда аз 7 то 15 рӯз давом ёфтани беморӣ хавфи фавтидани бемор зиёд мегардад. Хунравии зиёд ва сар заданнии холати садамавӣ (шок) беморро ба ҳалокат оварда мерасонад. Ҳолати фавти беморон аз бемории Эбола 55-80% ро ташкил медихад, фавти сирояти дохилибеморхонагӣ аз бемории мазкур 1%-ро ташкил медихад.

Дар ҳолати фавти бемор безараргардонии бадани ӯ танҳо бо амалиётҳои зарури бо иштироки муттассадии Марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ

дар бар мегирад. Ҷасад дар маводҳои герметикии маҳкам печонида шуда, дар тобути маҳкам ва дар ҳамроҳии эпидемиолог гӯронида мешавад. Дар ҳолатҳои зурурие, ки чок кардани ҷасадро талаб менамояд, ин амалиёт бояд бо машварати марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ гузаронида шавад.

Чорабиниҳои зидди эпидемикӣ: Ҳангоми бақайдгирии ҳар як ҳодисаи табби Эбола (новобаста аз намуд, гумонбарӣ, эҳтимолӣ ва ё тасдиқшуда) кормандони муассисаҳои ҷалбшаванда мувофиқи нақшаи оперативии зиддиэпидемикӣ амал менамоянд. Дар муассисаи тиббӣ қабули беморон дар ҳуҷра қатъ карда мешавад. Корманди тиб бояд мувофиқи нақшаи огоҳкунӣ ҳангоми бақайдгирии бемории ниҳоят хавфноки сироятӣ ба сардорони шуъбаҳои тандурустии маҳаллӣ ва марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳиявӣ ё шаҳрӣ хабарномаи таъҷилӣ фиристад.

а) Нақшаи маҷмуии пешгирии паҳншавии табби хунин Эбола бо назардошти тачрибаи дарёфтшуда тартиб дода мешавад.

- чораҳои ташкилӣ;
- чораҳое, ки барои пешгирии паҳншавии табби хунини Эбола равона карда шудаанд;
- чораҳои зиддиэпидемикӣ ҳангоми бақайдгирии бемории табби хунини Эбола;

б) Нақшаи маҷмуии пешгирии паҳншавии табби хунин бояд бо мақомотҳое, ки барои иҷроиши он ҷалб карда мешавад, мувофиқат карда шавад.

Ҳангоми муоинаи бемор ва иҷрои амалиётҳои тиббӣ кормандони тиб барои риояи чораҳои худмуҳофизатӣ уҳдадор мебошанд. Агар дар бемор нишонаҳои бемориҳои роҳи нафас ва ё қайкунӣ, дарунравӣ, хунравӣ пайдо шавад, кормандони тиб бояд ниқоби махсуси ҷарроҳӣ ва ё ниқобҳои полишдор, ки барои муҳофизат аз бемории сил (HEPA) истифода мешаванд, айнаки махсус ва либоси махсусе, ки корманди тибро аз сироятёбӣ муҳофизат менамояд, истифода шавад. Аёдати бемор аз тарафи кормандони тиб танҳо бо корчомаи махсуси муҳофизатӣ (либоси комплексии зидди тоуни) анҷом дода мешавад. Пеш аз баромадан либоси муҳофизатӣ дар пешайвон кашида мешавад ва дар маҳлули безараркунанда тар карда мешавад.

Натиҷаи тадқиқот:

Истифодаи ҳамаи чораҳои монеагии эҳтиётқорӣ: Чораҳои монеагии эҳтиётқорӣ дар бар мегирад, чораҳои стандартии алоқагӣ ва ҳавогии (ва барои муҳофизати чашм) эҳтиётқориро ва онҳоро ҳама вақт истифода бурдан лозим, вақте ки зарурияти расонидани ёрӣ ба гумонбар ё бемории тасдиқгардидаи Эбола, инчунин ҳангоми алоқаи наздик бо бемори ва гузаронидани ягон амалиёт ба миён меояд. Аз сабаби он, ки на ҳама вақт ҳамаи чораҳои монеагии эҳтиётқорӣ дар муассисаҳои тибби-профилактики дастрасанд, зарурияти гузаронидани талаботҳои минималӣ барои беморони Эбола ба миён меояд, бо иловаи чораҳои эҳтиётқории стандартӣ, алоқагӣ ва инчунин муҳофизати чашм.

Навобаста ба он ки гумонбарӣ ба бемории Эбола ҳаст ё ин ки нест, истифода бурдани чораҳои эҳтиётқории стандартӣ ҳангоми расонидани ёрии тиббӣ ба беморон шарт аст. Муҳофизати рӯй ва беҳдошти дастҳо элементҳои қатъӣ ва асосии чораҳои эҳтиётқорӣ бояд бошанд.

Хулоса: Барангезандаи табби хунини Эбола (Ebola febris haemorrhagica) буда бемории зоонозии шадиди вирусии зудпаҳншавандае мебошад, ки манбаи сарзаниаш табии буда, барангезандаи он вируси Эбола мебошад ва ба гурӯҳи бемориҳои сироятии махсусан, хавфнок ворид карда шудааст, дар натиҷаи гирифтор шудан ба ин бемори эҳтимолан то 80% ба фавт оварда мерасонад. Мутаассифона, дар замони муосир табобати махсус ва эмгузаронӣ бар зидди бемории табби хунини Эбола ба пурраги муқаррар карда нашудааст. Аз рӯйи тадқиқотҳои пай дар пай муайян карда шудааст, ки ба ин намуди бемори одамон ва баъзе намуди маймунҳо ва хукҳои ёбои метавонанд гирифтор шаванд. Дар байни одамон хавфи бештари паҳншавии ин бемори ба қайд гирифта шудааст.

Аввалин маротиба вируси Эбола дар музофоти экватории Судан ва минтақаҳои ҳамсарҳади Зоир дар наздикии дарёи Эбола (ҳоло Ҷумҳурии Демократии Конго) дар соли 1976 ошкор карда, ба қайд гирфта шудааст ки хусусан аз ин сабаб ин намуди вирус ва ин бемори бо номи Эбола номгузори шудааст. Дар соли 1976 дар Судан 284 нафар ба ин бемори мубтало шудаанд, ки аз ин 151 нафари беморшудагон бо фавт анҷом ёфтааст. Дар Зоир бошад 318 нафар беморон ба қайд гирифта шудаанд, ки 280 нафарашон ба асари ин беморӣ ба ҳалокат расидаанд.

Бемори дар натичаи гузаронидани таҳлилҳои лабораторӣ муайян карда мешавад. Дар натичаи сари вақт дарёфт кардан ва ба роҳ мондани табобати дуруст ва сари вақти як фоизи кам ҳам бошад метавон ҳаёти инсонро наҷот дод. Азбаски, бар зидди бемори табобати махсус муайян карда нашудааст, табобати симптоматики вобаста ба аломатҳои бемори ва табобати ёридиҳанда дар байни беморон гузаронида мешавад.

Дар организми нафароне, ки аз бемории Эбола табобат карда шудаанд иммунитети пурра хосил мегардад, ҳолати дуюм бор гирифторшавии ба ин бемори хамаги 5% -ро ташкил медиҳад.

- Омӯзиши нафароне, ки аз бемории Эбола дар Сьерра- Леоне табобат карда шудаанд нишон медихад, ки онҳо аз пастшавии биноиш, беҳолию бемадорӣ, ошуфтаҳоли ва дарди сар шикоят менамуданд.
- Бемории табби хунини Эбола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудааст.
- Хатари сар задани бемори Эбола дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароитҳои иқлими чандон таҳдид намекунад, аммо сар задани намуди воридшудаи он аз эҳтимол дур нест.
- Гузаронидани ваксина дар байни аҳолие, ки хатари сар задани бемории Эбола аз эҳтимол дур нест, мақсади пешгири кардан аст. Дар айни ҳол, корҳои тадқиқоти оиди истифодаи ваксина бар зидди намудҳои вируси Эбола идома дорад.
- Гузаронидани табобати лозима ва саривақти ба даст овардани натиҷаи дилхоҳро нишон дода, дар натиҷа шифоёби ва зинда мондани беморонро нишон медиҳад.
- Дар давлатҳое, ки бемории вируси Эбола паҳн гаштааст аз рӯи нишондодҳои омори 50% ба фавт оварда мерасонад. Дар ҳисоби миёна коэффитсиенти фавт вобаста аз шарту шароити пешгири ва табобат тағйирёфта ба назар мерасад.
- Муайян намудани беморон ва тамосбудагон бо мақсади кам кардан, барҳам додан ва паҳншавии бемори дар байни аҳолӣ.
- Марҳилаи асосии гузаронидани фаҳмондадиҳии пешгирии бемори ин ҳамкории наздик бо аҳоли доштан мебошад.

АДАБИЁТ

1. Эбола геморрагическая лихорадка // Большая медицинская энциклопедия / Б. В. Петровский. — Советская энциклопедия, 1986. — Т. 27 том. — С. 531.
2. Лихорадка Эбола: [арх. 11 августа 2018] = Покровский В. И. Лихорадка Эбола: причины, симптомы, диагностика, лечение.
3. Болезнь, вызванная вирусом Эбола. Информационный бюллетень №103. Всемирная организация здравоохранения (январь 2016).
4. Эбола: как бороться со смертельным вирусом: [арх. 29 июля 2015] // BBC. — 2014. — 10 октября Михаил Щелканов.
5. «Оиди такмил додани системаи бакайдгирии беморихои алохидаи сирояти ва паразити». -№133 аз 20.02.2019 сол.
6. Клинико-эпидемиологические особенности респираторно-синцитиальной вирусной инфекции у детей разного возраста / В.Б. Ровный [и др.] // Журнал инфектологии. – 2013. – Том 5, №2. – С. 76-81.
7. Respiratory syncytial virus infection as a cause of hospitalization in population under 1 year in Colombia / J.G. Pineros [et al.] // Jornal de pediatria. – 2013. – № 83 (6). – P. 544-548.
8. Вирусные заболевание у детей. Клинические рекомендации. МЗ РФ.2017:43.

9. Аноятова Ф. Р. Эпидемиологическая ситуация по гриппу в Республике Таджикистан (2012–2013) / О.Г. Курская, А. М. Шестопалов, Н. Ш. Закирова, С. П. Алиев // Вестник НГУ Серия: Биология, клиническая медицина. 2014. Том 12. Выпуск 1. –С.71-75.
10. Пришляк А.Я. Изменения гематологических, биохимических и ультразвуковых показателей у пациентов с лямблиозом и аскаридозом / А.Я. Пришляк, А.Л. Процик, О.Е. Кондрын и др. // Клиническая инфектология и паразитология. – 2018. – Т. 7. – № 1. – С. 14-20.
11. Медицинская паразитология и паразитарные болезни: учебное пособие / А. Б. Ходжаян [и др.]. — М., 2014. — 448 с.
12. МУ 3.2. Профилактика паразитарных болезней профилактика лямблиоза. [Электронный ресурс]. — Режим доступа: (https://10.rospotrebnadzor.ru/upload/medialibrary/0b5/mu-3.2.1882_04.pdf). — Дата обращения :28.05.2024.
13. МУ 3.2.1882-04 «Профилактика лямблиоза». [Электронный ресурс]. — Режим доступа: (https://40.rospotrebnadzor.ru/center/stats/93301). Дата обращения :28.05.2024.
14. Рамочная программа контроля и профилактики геогельминтозов в Европейском регионе ВОЗ, 2016–2020 гг. [Электронный ресурс]. — Режим доступа: (https://www.who.int/ru/publications/i/item/9789289052160). (дата обращения:28.05.2024).
15. Руководство по качеству питьевой воды: четвертое издание, включающее первое и второе дополнения. [Электронный ресурс]. — Режим доступа: (https://wsportal.org/wp-content/uploads/sites/3/2017/09/9789244548158-rus.pdf). (дата обращения:28.05.2024).
Дар мақола таҳлили маълумоти адабиёт оиди манбаи умедбахши ба даст овардани доруҳои табобатӣ аз ҷинси Inula L. пешниҳод шудааст. Спектри фаъолнокии гуногуни моддаҳои фаъоли биологӣ, ки дар таркиби ашёихоми растании чоқула мавҷуданд, маълумот оварда шудааст. Inula macrophylla L - растании кӯҳӣ ва даштӣ буда, дар минтақаҳои наздикӯҳӣ (дар баландии 1200-1400 м аз сатҳи баҳр) мерӯяд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлили маъхазҳои илмӣ фаъолнокии баланди зиддиомосии омехтаи алланто- ва изоалантолактонҳои чоқула ошкор карда шуд. Ошкор гардид, ки таъсири иммуномодулятории моддаҳои фаъоли чоқула, инчунин аз ҳисоби мавҷудияти полисахаридҳо ва равғанҳои эфирӣ дар растанӣ вобаста аст. Маълумот дар бораи фаъолинокии фармакологӣ ба мо имкон медиҳад, ки чоқулаии калонбаргро ҳамчун растании ояндадор барои ҷорӣ кардани амалияи тибб ва доруозии ватанӣ ҷорӣ намуда, инчунин чоқулаи калонбаргро ба сифати манбаи захиравӣ барои истеҳсолоти ватанӣ тавсия намоем.

Калидвожаҳо: Ҷинси Inula, Inula macrophylla, чоқулаи калонбарг, моддаҳои фаъоли биологӣ, таркиби химиявӣ, фаъолнокии фармакологӣ, маводи доруворӣ, ашёи хоми растании табиӣ.

РОД *INULA L.* КАК ПЕРСПЕКТИВНЫЕ ИСТОЧНИКИ ПОЛУЧЕНИЯ НОВЫХ ЛЕКАРСТВЕННЫХ ПРЕПАРАТОВ (ОБЗОР ЛИТЕРАТУРЫ)

В статье проведен анализ литературных данных о перспективном источнике получения лекарственных препаратов рода Девясила. Подчеркнут разнообразный спектр биологически активных веществ, содержащихся в растительном сырье девясила. Inula macrophylla L. — горное и степное растение, произрастающее в пригорных районах (на высоте 1200–1400 м над уровнем моря). По результату анализа научных источников была обнаружена высокая противоопухолевая активность смеси аланто-и изоалантолактонов девясила. Иммуномодулирующий эффект действующих веществ девясила также связан с присутствием в растении полисахаридов и эфирных масел. Сведения о фармакологической активности позволяют отнести девясил крупнолистный в перспективным растениям для внедрения в отечественную медицинскую и фармацевтическую практику, а также использование девясила крупнолистного в качестве сырьевой базы для производства лекарственных препаратов.

Ключевые слова: Род Inula, Inula macrophylla, девясил крупнолистный, биологически активные вещества, химический состав, фармакологическая активность, лекарственные препараты, дикорастущее растительное сырьё.

GENUS INULA L. AS A PROMISING SOURCE OF NEW MEDICINES (LITERATURE REVIEW)

The article analyzes literary data on the promising source of medicinal preparations of the genus Inula. The diverse spectrum of biologically active substances contained in the plant raw materials of elecampane is emphasized. Inula macrophylla L. - is a mountain and steppe plant growing in mountainous areas (at an altitude of 1200–1400 m above sea level). As a result of the analysis of scientific sources, a high antitumor activity of a mixture of allanto- and isoalantholactones of elecampane was found. The immunomodulatory effect of the active substances of elecampane is also associated with the presence of polysaccharides and essential oils in the plant. Information on the pharmacological activity allows us to classify large-leaved elecampane as a promising plant for introduction into

domestic medical and pharmaceutical practice, as well as the use of large-leaved elecampane as a raw material base for the production of drugs.

Keywords: Genus Inula, Inula macrophylla, large-leaved elecampane, biologically active substances, chemical composition, pharmacological activity, medicinal preparations, wild plant raw materials.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Валиева Мухарама Заварҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail: **mukharamav@mail.ru**. Телефон**: 988-22-66-65**

Юсуфзода Аҳлиддин Ҷаъфаридин **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail: **ahliddin2491 @ mail.ru**. Телефон**: 201-71-97-97**

Раҳимова Малика Ҳалимовна **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фарматсевтӣ, дотсенти кафедраи фармакогнозия. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail: **r.malika@inbox.ru**. Телефон**: 909-09-65-51**

Раҷабзода Сироҷиддин Икром - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ, Институти илмию таҳқиқотӣ, сарходими озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии “Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ”. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail **ikromovich80 @mail.ru.** Телефон: **904-60-04-60**

Саидов Некрӯз Давлатович - Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, номзади илмҳои фарматсевтӣ, мудири кафедраи фармакология ва микробиологияи. **Суроға:** 735320, ноҳияи Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи И.Шариф – 3. Тел.: **(+992) 982484888**. E-mail: **drnekruz@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Валиева Мухарама Заварджоновна*** –Таджикский национальный университет, ассистент кафедры фармацевтической химии и управления и экономики фармации. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. E-mail: **mukharamav@mail.ru**. Телефон**: 988-22-66-65**

Юсуфзода Ахлиддин Джаъфаридин – Таджикский национальный университет, кандидат химических наук, доцент кафедры фармацевтической химии и управления и экономики фармации. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail**: ahliddin2491@ mail.ru**. Телефон: **201-71-97-97**

Рахимова Малика Халимовна **-** Таджикский национальный университет, кандидат фармацевтических наук, доцент кафедры фармакогнозии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **r.malika@inbox.ru**. Телефон**: 909-09-65-51**

Раджабзода Сироджиддин Икром - НИИ, Таджикский национальный университет, доктор химических наук, профессор кафедры органической химии, главный научный сотрудник лаборатории «Химия и технология лекарственных растений». **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ikromovich80@mail.ru**. Тел: **904-60-04-60**

Саидов Некруз Давлатович - Хатлонский государственный медицинский университет, кандидат фармацевтических наук, завидущий кафедрой фармакологии и микробиологии. **Адрес:** 735320, р. Дангара, Республика Таджикистан, ул. И.Шариф – 3. Тел.: **(+992) 982484888**. E-mail: **drnekruz@mail.ru**

Information about authors: ***Valieva Mukharama Zavardzhonovna*** – Tajik National University, Assistant of the Department of Pharmaceutical Chemistry and Management and Economics of Pharmacy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **mukharamav@mail.ru**. Phone: **988-22-66-65**

Yusufzoda Akhliddin Jafaridin – Tajik National University, Candidate of Chemical Sciences, Associate Professor of the Department of Pharmaceutical Chemistry and Management and Economics of Pharmacy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 7. E-mail: **ahliddin2491@ mail.ru.** Phone: **201-71-97-97**

Rakhimova Malika Khalimovna - Tajik National University, Candidate of Pharmaceutical Sciences, Associate Professor of the Department of Pharmacognosy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **r.malika@inbox.ru.** Phone: **909-09-65-51**

Rajabzoda Sirojiddin Ikrom – National University of Tajikistan, Doctor of Chemical Sciences, Professor of the Department of Organic Chemistry, Chief Researcher of the Laboratory of Chemistry and Technology of Medicinal Plants, Research Institute. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ikromovich80 @ mail.ru**. Phone: **904-60-04-60**

Saidov Nekruz Davlatovich - Khatlon State Medical University, candidate of pharmaceutical sciences, head of the department of pharmacology and microbiology. **Address:** 735320, Dangara district, Republic of Tajikistan, I.Sharif street – 3. Tel.: (+992) 982484888. E-mail: **drnekruz@mail.ru**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 18.01.2025
Аз тақриз баргашт: 10.02.2025
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 547.426.61

ТАТУМИ ДАР ТОҶИКИСТОН РӮЯНДА ҲАМЧУН МАНБАИ ОЯНДАДОРИ БАДАСТОРИИ МОДДАҲОИ ФАЪОЛИ БИОЛОГӢ

[1]Ҳабибуллоева Н.Ш.,[1]Юсуфзода А.Ҷ., [2]Раҷабзода С.И., [1]Раҳимова М.Ҳ.,

[1]Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
[2] Институти илмию тадқиқотии ДМТ

Дар давраи мутобиқшавии иқтисодиёт ба шароити бозор мушкилотҳои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунанд. Сохтори сарватҳои табиӣ, ҳаҷми захираҳои онҳо, сифат, дараҷаи азхудкунӣ ва усулҳои истифодаи сарфакорона ба иқтидори иқтисодӣ бевосита таъсири худро мерасонад [1-6].

Оилаи Anacardiaceae Lindl. (оилаи сумахҳо) яке аз нуҳ оилаи қатори Sapindales Dumortier мебошад. Он аз 600 намуд иборат аст, ки ба 70 насл тасниф шудаанд. Аъзоёни оила буттаҳо, дарахтон ва токҳо бо паҳншавии пантропикӣ мебошанд; Бо вуҷуди ин, якчанд намудҳо дар минтақаи муътадили шимолӣ мавҷуданд. Баъзе намудҳоро барои истеҳсоли мева (манго, момбин), баъзе намудҳоро барои тухмии ғизоӣ (писта, чормағзи кашю) мекоранд. Бисёр намудҳо аҳаммияти токсикологӣ доранд, махсусан намояндагони ҷинсҳои Toxicodendron P. Mill., навъҳои дигар дар тибби халқӣ васеъ истифода мешаванд. Дар мақола навъҳои васеъ парваришшавандаи оилаи Anacardiaceae ва ҳамзамон, як растании ин ҷинс - Rhus coriaria (L.) оварда шудааст. Зимнан дар кор метаболитҳои дуюмдараҷа, хосиятҳои фармакологии онҳо ва аҳаммияти фарматсевтии намудҳо баррасӣ мешаванд [7-8].

Арзиши ашёи хоми растаниҳои доругӣ (РД) барои саноати дорусозӣ ва тиб на танҳо аз рӯйи миқдор, балки сифати моддаҳои фаъоли биологӣ (МФБ) дар қисмҳои гуногуни растаниҳо, аз қабили баргҳо, решаҳо, гулҳо ва меваҳо муайян карда мешавад. Намояндагони ҷинсҳои Rhus на танҳо аз ҷиҳати метаболитҳои дуюмдараҷа, балки аз ҳисоби фаъолнокии баланди онҳо низ хеле пуршиддат омӯхта мешаванд. Ин моддаҳо метавонанд ба бадани инсон таъсироти гуногун дошта бошанд, аз ҷумла таъсири зиддиилтиҳобӣ, зиддимикробӣ, зиддивирусӣ, ситотоксикӣ, зиддиварақа, гиполипидемикӣ, оромкунандагӣ ва иммуностимуляторӣ. Аз сабаби зиёд будани моддаҳои дабоғӣ, баргу пустлохи онро барои истеҳсоли рангҳои табиӣ ва ороишдиҳӣ истифода мебаранд [11]. Чуби он аз сабаби ранги олиҷаноби сурху-норинҷӣ доштанаш, маводи ҷолиб барои кандакорӣ мебошад [12]. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нӯшокие, ки бо номи "лимонади ҳиндӣ" ё "сумаква" маъруф аст, омода карда мешавад [13]. Аз меваҳои куфташудаи он матсерат тайёр мекунанд, ки дар ин ҳолат ва аз қираҳои мӯйяхчадор кислотаи себ ҷудо шуда ба нӯшокӣ таъми тунднамр мебахшад. Дар раванди омодасозии дамоба, инчунин таннинҳои талхро ҷудо мегардад.

Меваҳо ин намуди растаниро ҳиндуҳои амрикоӣ низ истеъмол ё барои тайёр кардани полуда (желе) истифода мекарданд [13-16]. Дар Аврупо татумро асосан ҳамчун дарахти ороишӣ истифода мебаранд, ки бо тоҷи курашакл ё чатршакл ва баргҳои тирамоҳии дорои ранги сурх ё норинҷӣ маъмул аст. Татум инчунин пас аз рехтани баргҳо бо шарофати идомаи мевадиҳӣ ва шохакашӣ намуди ороишӣ пайдо мекунад [16].

Экстракти баргҳои татум дар робита ба ҳосилшавии метан аз ҷониби ҳайвоноти кавшакзананда (жвачные животный) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки аз рӯи ақидаи бархе аз донишмандон, дар шароити гармшавии глобалӣ ин мушкили ҷиддӣ аст. Галлотаннинҳо ҳамчун моддаҳое муайян карда шудаанд, ки барои пешгири аз метаногенез дар ҳайвоноти кавшаккунанда маводи муҳим аст [6]. Дар робита ба истифодаи эҳтимолии галлотанин устувории онҳо таҳқиқот гузаронида шудааст. Муқаррар гардидааст, ки ҳангоми хушккунӣ фаъолнокии биологии онҳо кам намегардад [16]. Сабаб он аст, ки галлотаннинҳо моддаҳое мебошанд, ки на танҳо аз

нуқтаи назари фармакологӣ, балки аз нуқтаи назари таҳлилӣ низ ба таври ҷиддӣ омӯхта мешаванд [16-19].

Дар Амрикои Шимолӣ пеш вақтҳо растании Rhus typhina-ро мардуми таҳҷои аз рӯйи хосиятҳои шифобахшаш истифода мебурданд. Қисматҳои гуногуни растаниро дар шакли дамоба ва ҷушоба бархе аз қабилаҳои ҳиндӣ барои бемориҳои гуногун истифода мебурданд [10-12].

Меваашро асосан дар ҳолатҳои камшавии иштихо, энурези шабона, ҳамчун доруи зиддиқайъкунӣ, зиддидиарея ва зиддигелминтӣ истифода мебурданд [11-13].

Пустлохро барои зиёд кардани ширдиҳӣ, суст кардани таваллуди пеш аз муҳлат, инчунин барои бемориҳои дерматологӣ тавсия менамуданд. Решааш барои табобати бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда, инчунин ҳамчун маводидерматологӣ ва хунманъкунанда истифода мешавад. Гулҳоро барои дарди меъда истифода мекарданд [14-15]. Баргҳояшро вобаста аз ҷуъи фаъоли таркибиаш ҳамчун маводи часпанда истифода мебаранд. Узвҳои гуногуни растанӣ дар якҷоягӣ бо дигар растаниҳо барои бемориҳои тарбод, табларза ҳангоми сулфа, сил ва бемориҳои гуногуни шуш истифода мешуданд. Қабилаҳои қадимии Алгонкинҳо, Делавэрҳо, Ирокезҳо, Малеситҳо экстракти меваҳои растаниро барои сабук кардани нишонаҳои диабети қанд истифода мекарданд [13]. Баъзе қабилаҳои Ҳиндустон баргҳорои татумро ҳамчун ивазкунандаи тамоку истифода мебаранд.

Бояд гуфт, ки таркиби моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол дар растанӣ вобаста ба бисёр омилҳо, аз қабили шароити иқлим, навъи хок, вақти ҷамъоварӣ ва усулҳои коркард метавонад фарқ кунад. Илова бар ин, усулҳои муосири ҷудокунӣ ва таҳлил имкон медиҳанд, ки моддаҳои фаъолро самараноктар ҷудо кард ва омӯхт. Ин барои рушди доруҳои гиёҳӣ уфуққои нав мекушояд, ки ин махсусан дар партави таваҷҷуҳи афзоянда ба табобатҳои табиӣ ва алтернативӣ муҳим аст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бисёр моддаҳои фаъоли биологӣ таъсири синергетикӣ доранд, ҳангоме ки омезиши якчанд ҷузъҳо таъсири умумии баданро афзоиш медиҳад [14].

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва муносибсозии ашёи хоми растаниҳои доругӣ на танҳо барои эҷоди доруҳои нав мусоидат мекунад, балки инчунин барои беҳтар фаҳмидани механизмҳои таъсири моддаҳои табиӣ, ки дар навбати худ метавонад ба табобати бехатар ва самараноки бемориҳои гуногун мусоидат кунад.

Нишондиҳандаи асосии сифати ашёи хоми растании доруворӣ аз нуқтаи назари ҳуҷҷатҳои меъёрӣ миқдори моддаҳои фаъоли биологӣ дар он мебошад. Назорати таркиби химиявӣ ва фаъолияти биологии ашёи хоми растаниҳои доругӣ (АХРД), ки барои истифода дар тиб, инчунин барои истифода дар амалияи терапевтӣ умедбахшанд, вазифаи муҳимтарини таҳқиқотчиён мебошад.

Татум (Rhus coriaria L.) мансуби оилаи татумиҳо мебошад. Дар тамоми сатҳи кураи замин тақрибан зиёда аз 250 намуди растаниҳои дарахту бутта ва лианаҳои хазонрез ба авлоди татум (Rhus) мутаалиқ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 намуди ёбои маълум аст (R. coriaria L.) ва аз 8 намуди ба Тоҷикистон воридшуда танҳо 3 намуд паҳн шудааст (R. aromatica Ait., R. javanica L., R. hirta (L.) Sudw). Татум – Rhus cariaria L – (сумах дубильный) дарахти ёбои буда, дар баландии 1000 – 1300 м месабзад [21].

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки дар Тоҷикистон 4 намуди сумах мерӯяд [21].

1. Сумах дубильный - Rhus coriaria L.;
2. Сумах ароматный - Rhus aromatica Ait.
3. Сумах яванский - Rhus javanica L.
4. Сумах коротковолосистый -Rhus hirta (L.) Sudw.



Расми 1. Rhus coriaria L.; (Сумах дубильный - Татум)

Буттаи 2-4 м баландидошта ё дарахти хурд бо тоҷи паҳншуда. Пусти тана ва шохаҳои кӯҳна хокистарранг аст. Навдаҳои соли аввал сабзи сералаф буда, мӯйҳои ғафси рости сафед доранд. Баргҳо паршакли тоқ буда, дарозиашон 10-23 см, бараш 7-9 см; баргчаҳо бошумораи 8 -15, дона, борики тухмшакл, болояш сабзи тира, парешону-пашмакдор ё луч, аз поён серпашм, аз канор дандонҳои калон, паҳлӯӣ дар пояаш мудаввар, қисми охираш дорои пояи фонашакл; баргҳо бо болҳои кӯтоҳ. Тудагулҳо то 10 см дарозӣ ва 5 см бар дошта, хушамонанди мураккаби зичанд. Гулаш панҷузва, хурд, сафед ё сабзи сафедтоб доранд. Гулҳои нарина то 0,2 см қутрдор, дар тудагули нисбатандарозтар ва ковок, вале гулҳои модина дар тудагули зич ва кутоҳ ҷойгиранд. Донакмеваҳо 0,4-0,5 см, қутр дошта, гирдакшакли сурх мебошанд ва баъди пурра пухтан ранги ҷигари мегиранд. Тухмакҳо хурд, то 0,1 см қутрдор, сиёҳтоби сабз ва наскмонанд мешаванд. Дар моҳи июн гул карда, моҳи октябр мевааш мепазад [21].



Расми 2. Rhus aromatica Ait *(Сумах ароматный)*

Бутта то синни тақрибан 45 сола баландиаш аз 2 (3) м зиёд намешавад. Диаметри тоҷ 3-4 м. Ҳамаи қисмҳои растанӣ бӯйи форам доранд. Баргҳои навда 3-3,5 см дарозӣ доранд; баргчаҳо 3-дона, нишаста, дар аввал пашмакдор, баъдан луч ё қариб луч. Гулҳо мураккабу зиччи хӯшашакл, хурд, зарду - норинҷӣ. Донакмеваҳо 0,4-0,5 см қутр дошта, қариб куракшакл, зарду-сурх, ғадудҳои пашмакдор мебошад [21].



Расми 3. Rhus javanica L. (*Сумах яванский)*

Дарахт тахминан то сини 45 сола то 10-11 м қад мекашад. Диаметри тоҷ 10 м паҳн мегардад. Танаи сершумори диаметрашон 20 (30) см. Шохаҳо ва навдаҳои ҷавон луч ва зардчатоб мебошанд. Баргҳо 6 -12 см дарозӣ, 4 - 5 см паҳнӣ доранд, 7 - 13 дона тухмшакл, дар канори арамонанди калон, дар поён баргчаҳои қаҳваранги пашмакдор доранд; думчаҳо болдор, пашмакдор мебошанд. Гулҳо қариб сафед буда, бо тудагулҳои калон 30 - 40 см дарозӣ доранд. Донакмеваҳо диаметри 0,4 - 6 см, мудаввар, пашмакдор, сурх – норанҷӣ мебошанд [21].



Расми 4. Rhus hirta (L.) Sudw (Сумах коротковолосистый)

Дарахти тақрибан 45 - сола баландиаш ба 6 - 8 м мерасад. Тоҷ чатршакл буда, диаметраш 5 - 6 м аст. Танаи дарахт калони диаметраш 15 - 20 сантиметр аст. Шохахои чавон, баргҳои думчадор ва тудагули сермуй доранд. Дарозии баргҳо 40 (50) см буда, дорои баргчаҳои бисёр думчадори бебол; баргчаҳои дарозиаш 10-13 см, нештаршакли

васеъ аз паҳлуҳояш дандонадор мебошад. Гулҳо якҷинса, хурд, сабзранг, дар тудагулҳои зиччи пирамиди мебошанд. Донакмеваҳо то 0,5 см қутр дошта, ҳамвор буда, бо мӯйҳои сурхи зич пӯшида шудааст [21].

Онҳо дар нишебиҳои кушод, хушк ва санглохи оҳаксанг ва кӯҳҳо, инчунин дар ҷангалҳо ва канораҳои камёфт, дар минтақаҳои поёнӣ ва миёнаи кӯҳҳо мерӯянд. Дар минтақаҳои набототии Зарафшон (Сангтуруч), Ҳисору Дарвоз ва Тоҷикистони ҷануби (дар баландии 1000 – 1800 м) вомехурад. Татум дар теппаҳо мерӯяд, ки ин аз қобилияти зуд инкишофи растанӣ мебошад.

Таркиби химиявӣ. Баргҳои татум, шохаҳои ҷавон ва пусти танаи он аз моддаҳои даббоғӣ (13-33%) бой буда, консентратсияи баландтарин дар вақти шукуфтан ба мушоҳида мерасад. Пусти туршии мева дорои миқдори зиёди кислотаҳои себ ва тартар, моддаҳои экстрактивӣ ва равғани эфирӣ (0,01%) мебошад. Дар баргҳо кислотаи галлӣ бештар буда, эфири метили кислотаи галлӣ, миритситрин ва дигар флавоноидҳо, то 15% моддаҳои даббоғӣ, кислотаи аскорбин (112 мг%), витамини К (64,6 мг%) мавҷуданд. Барги татум то 25-33% моддаҳои даббоғӣ дорад, ки 15% он танин аст. Ғайр аз ин дар таркиби онҳо кислотаи озоди галлӣ, равғани эфирии α-пинен, β-кариофиллен, кембрен, тетрасахарид ва эфири метилии кислотаи галлӣ, кислотаи аскорбинӣ, миритситрин ва дигар флавоноидҳо (аз ҷумла гликозидҳои флавон) мавҷуданд. Дар таркиби таннини татум ҷузъе бартарӣ дорад, ки аз 6 боқимондаи галлоили 2-тоаш дигаллойл ва 2-тоаш моногаллойл мебошанд [16-20].

Татум яке аз ашёи хоми растаниҳои доругӣ буда, манбаи саноатӣ барои истеҳсоли моддаҳои фарматсевтӣ мебошад. Аз навдаҳо, шохаҳо ва баргҳои ҷавони он, ки пеш аз пайдоиши мева ҷамъоварӣ шудаанд, моддаҳои даббоғӣ инчунин кислотаи галлӣ, танинҳои доруӣ ва техникӣ ҷудо карда мешаванд.

Баргҳои татум ашёи хоми саноатӣ барои истеҳсоли танин ва доруҳое мебошад, ки дар таркибаш онро доранд. Чунин доруҳоро барои табобати ҷараёнҳои илтиҳобии холигоҳи даҳон ва бинӣ бо маҳлули обии 2% ё обӣ-глитсерин, захмҳо, инчунин ҷароҳатҳо ва сӯхтаҳо тариқи молидан бо маҳлулҳои 3-10% ва малҳам истифода мебаранд. Истифодаи танинро ба дохил дар шакли хока ва таблеткаҳо ҳамчун маводи самараноки детоксикатсия барои заҳролудшавӣ бо намаки металлҳои вазнин ва алкалоидҳо истифода бурдан мумкин аст.

Далелҳо мавҷуданд, ки дар тухмии татум маҷмуи моддаҳо мавҷуданд, ки ба ҷабидашавии карбогидратҳо дар организм таъсири судманд мерасонанд. Экстрактҳои моеъ ва настойкаҳои аз мева омодашуда барои диабети қанд тавсия дода мешавад.

Дар асоси моддаҳои фоиданок, ки аз баргҳои татум гирифта шудаанд, як қатор доруҳо истеҳсол карда мешаванд: [20]

-Танини тиббӣ (ҷавҳар), хока. Часпанда, маводи зидди илтиҳобӣ. Барои илтиҳоби холигоҳи даҳон ва милки даҳон, ҳалқ, бинӣ (махлули обии 1-2% барои шустани 3-5 бор дар як рӯз); барои тарқишҳо (трещинах), захмҳо, ҷароҳат ва сӯхтагӣ (маҳлули 3%, 5%, 10% ё малҳам); барои заҳролудшавӣ (маҳлули 0,5% барои шустани меъда) истифода мешавад.

- Нео-Анузол, суппозиторияҳои зидди бавосир (компонент - танин). Суппозиторияҳо дорои хосиятҳои часпандагӣ, антисептикӣ, зиддиилтиҳобӣ, спазмолитикӣ, хушккунанда мебошанд ва инчунин таъсири бедардсозандаи маҳаллӣ доранд.

- Моеъи Новиков, барои истифодаи беруна (компонент - танин). 4% маҳлули спирти танин. Безараркунанда барои табобати захмҳои хурд, тарқишҳо ва дигар осебҳои пуст истифода мешавад. Дар пуст қабати эластикӣ пайдо карда, сироят ва зарари минбаъдаро пешгирӣ мекунад.

- Таналбин (ҷавҳар), хока. Маводи часпанда.

Он танҳо дар рӯдаҳо таҷзия мешавад, бинобар ин онро ҳамчун маводи зидди дарунравӣ барои бемориҳои рӯда, аз ҷумла этиологияи дизентерия истифода мебаранд. Ҳамчун ёрирасон истифода мешавад.

- Тансал, таблетка (компонент-таналбин). Маводи часпанда, бесирояткунанда. Доруи комбинатсияшуда, ки дорои таъсири зидди илтиҳобӣ, безараркунанда, часпанда, таъсири детоксикатсиони ва комплексидошта мебошад. Он ба бемориҳои илтиҳобии рӯда, ки бо вайроншавии ҳозима ва дарунравӣ ҳамроҳӣ мекунанд, таъсири муассир мерасонад.

- Флакумин, таблеткаҳои 0,02 г (маҷмуи агликонҳои флавонол). Талхарон, спазмолитик. Воситаи натиҷабахш барои табобати комплексии дискинезияи роҳҳои талхагузар. Спазмҳои роҳҳои талагузарро гирифта ва хориҷшавии заҳраро аз ғадудҳои талхабаро мусоидат мекунад.

Талабот ба ашёи хоми татум ба тамоюлоти калон дучор мешавад. Барги татум ба ғайр аз доруворӣ, дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, хусусан дар саноати чармгарӣ низ истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, намудҳои авлоди Rhus дорои хусусиятҳои муайяни фармакологӣ буда, дар таркибашон моддаҳои даббоғӣ, кислотаи галликӣ, равғани эфирӣ дорои α-пинен, β-кариофиллен, камбрен, тетрасахарид ва эфири метилии кислотаи галликӣ, кислотаи аскорбин, миритситрин ва дигар флавоноидҳо мебошанд. Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳо то ҳол таркиби химиявии баъзеии онҳо ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ доир ба навъҳои татум ошкор гардид, ки татум (R. coriaria L), ки дар қаламрави Тоҷикистон мерӯяд растание мебошад, ки дар соҳаи фарматсевтӣ дурнамои хуб доранд. Ашёи хоми онҳоро барои коркарди таёр намудани маводи дорувории растанигӣ истифода бурдан мумкин аст.

Хулоса дар кори мазкур маълумотҳои илмӣ оид ба паҳншавӣ, таркиби химиявӣ ва хосияти фармакологии намудҳои гуногунии растаниҳои ҷинси Rhus вобаста аз мавҷудияти моддаҳои фаъоли биологӣ, ҳамчунин истифодаи ин растаниҳо аз ҷониби халқиятҳои гуногун маълумот пешниҳод гардидааст. Аз ин хотир, дар корҳои минбаъдаи илмӣ оид ба таҳлили фитохимиявии яке аз навъҳои растаниҳои ин ҷинс татум (R. coriaria L) маълумот пешниҳод менамоем.

АДАБИЁТ

1. Кароматов И.Д. Сумах дубильный как лекарственное растение / И.Д. Кароматов, С.С. Восиев // Биология и интегративная медицина. -2017. -№3. -С. 192–203.
2. Запрягаева Ф.Л. Древесная и кустарниковая растительность Таджикистана / Ф.Л. Запрягаева // Сов. Ботаника. – Душанбе. – 1937. -№6.
3. Нуралиев Ю.Н. Лекарственные растения / Ю.Н. Нуралиев. –Душанбе, Маориф, – 1988. – 286с.
4. Попов, И.В. Органические кислоты плодов сумаха пушистого (Rhus typhina L.) /И.В. Попов, В.Н. Леонова, О.И. Попова / Химия растительного сырья. 2023. - №3. -С. 201−209.
5. Ходжиматов М. Дикорастущие лекарственные растения Таджикистан. /М. Ходжиматов. -Душанбе. – 1989. – С.273-275.
6. Карасев М.М. Лекарственное растительное сырье – перспективы использования в современной клинической практике / М.М. Карасев // Современные наукоемкие технологии. – 2014. – № 6. – С. 48-48.
7. Зиявитдинов Ж.Ф., Ощепкова Ю.И., Абдулладжанова Н.Г., Салихов Ш.И. Структура полифенолов листьев сумаха дубильного Rhus coriaria L. // Химия растительного сырья. 2020. -№1. -С. 133–140. DOI: 10.14258/jcprm.2020016316.
8. Попов И.В., Леонова В.Н., Попова О.И. Органические кислоты плодов сумаха пушистого (Rhus typhina L.) // Химия растительного сырья. 2023. №3. С. 201–209. DOI: 10.14258/jcprm.20230311734.
9. Muetzel, S., Becker, K.: Extractability and biologicalactivity of tannins from various tree leaves determined by chemical and biological assays as affected by drying procedure. Anim. Feed Sci. Technol. 2006; 125, -P. 139–149.
10. Takemoto, J. K., Davies, N. M.: Method development for beta-glucogallin and gallic acid analysis: Application to urinary pharmacokinetic studies. J. Pharm. Biomed. Anal. 2011; 54, 812–816.
11. Erichsen-Brown, C.: Medicinal and other uses of North American plants: a historical survey with special reference to the Eastern Indian tribes. 1st ed. Toronto: Breezy Creeks Press 1989; -512 s.
12. Harper-Lore, B., Wilson, M.: Roadside use of native plants. 1st ed.Washington, D. C.: Island Press 1999; -665 s.
13. Moerman, D. E.: Native American Ethnobotany, 5th ed. Portland: Timber Press., Inc., USA 2004; -933 s.
14. McCune, L. M., Johns, T.: Antioxidant activity relates to plant part, life form and growing condition in some diabetes remedies. J. Ethnopharmacol. 2007; 112, -C. 461–469.

15. Ligor, M., Buszewski, B., Application of TLC and OPLC in the determination of pigments from natural products. J Planar Chromatogr. – Modern TLC. 2001; 14, -C.334–337.
16. Moerman, D. E. Native American Food Plants: An Ethnobotanical Dictionary. 1st ed. Portland: Timber Press, Inc. 2010; 455 s. -236.
17. Юсуфзода, А.Ҷ. Усулњои физикию химиявии таҳқиқи лактонҳои сесквитерпеноидии таркиби намудњои Inula / А. Ҷ. Юсуфзода, С.И. Раҷабов, С.М. Мусозода // Илм ва фановарӣ. -Душанбе, -2020. -№4. -С. 186-194.
18. Рахимова, М. Х. Фитохимический анализ корней девясила высокого, одуванчика обыкновенного и цикория обыкновенного с целью применения в комплексной терапии сахарного диабета / М.Х. Рахимова, С.М. Мусозода, А.Д. Юсуфзода //XXVII Российского национального конгресса «Человек и лекарство». – Москва (6-9 апреля 2020). -С.69.
19. Буданцев А.Л. Ресурсоведение лекарственных растений: методич. пос. под ред. Г.П. Яковлева / А.Л. Буданцев, А.П. Харитонова. СПб.: Изд. СПХФА, 2003. -86 с.
20. Попов И.В., Папаяни О.И., Юртаева Е.А., Попова О.И. Биологически активные соединения листьев и плодов сумаха пушистого (Rhus typhina L.) и их роль в проявлении антимикробной активности. Человек и его здоровье. 2024. 24(4): -С.57-64.
21. Флора Таджикской ССР [Текст]. – Ленинград 1981. -Т. 6. – С. 478-480.

ТАТУМИ ДАР ТОҶИКИСТОН РӮЯНДА ҲАМЧУН МАНБАИ ОЯНДАДОРИ БАДАСТОРИИ МОДДАҲОИ ФАЪОЛИ БИОЛОГӢ

Дар мақола шарҳи адабиёти илмӣ оид ба манбаи оянда дори моддаҳои фаъоли биологии татум, ки дар Тоҷикистон мерӯяд, оварда шудааст. Мавҷудияти моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол элементи асосии назорати сифати ашёи хоми растании доругӣ мебошад. Нишондиҳандаи асосии сифати ашёи хоми растании доруворӣ аз нуқтаи назари ҳуҷҷатҳои меъёрӣ миқдори моддаҳои фаъоли биологӣ дар он мебошад. Назорати таркиби химиявӣ ва фаъолияти биологии ашёи хоми растаниҳои доругӣ (АХРД), ки барои истифода дар тиб, инчунин барои истифода дар амалияи терапевтӣ умедбахшанд, вазифаи муҳимтарини таҳқиқотчиён мебошад. Аз ин рӯ, татум ё сумак (лотинӣ Rhus), ки як ҷинси растание мебошад, ки тақрибан 250 намуди буттаҳо ва дарахтони хурди оилаи пистагиё (Anacardiaceae)-ро дар бар мегирад, таваҷҷуҳи зиёд дорад. Як намуди худрӯй (R. coriaria L.) дар Тоҷикистон вомехӯрад ва аз ҳашт намуди индустриалӣ танҳо се намудаш дар кишвар паҳн шудааст: R. aromatica Ait., R. javanica L. ва R. hirta (L.) Sudw. Таҳқиқоти илмии муосир собит кардааст, ки растании татум маводи растанигии доругӣ ва манбаи саноатии истеҳсоли моддаҳои доругӣ мебошад. Аз навдаҳо, шохаҳо ва баргҳои ҷавони он, ки пеш аз пайдо шудани мева ҷамъоварӣ карда мешавад, танинҳо, кислотаи галлӣ, инчунин танинҳои тиббию техникӣ гирифта мешавад.

Калидвожаҳо: Татум, R. coriaria L., R. aromatica Ait., R. javanica L. ва R. hirta (L.) Sudw., моддаҳои фаъоли биологӣ, моддаҳои даббоғӣ, танин, кислотаи галлӣ, маводи доруворӣ.

СУМАХ ДУБИЛЬНЫЙ, ПРОИЗРАСТАЮЩИЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ КАК ПЕРСПЕКТИВНЫЙ ИСТОЧНИК ПОЛУЧЕНИЯ БИОЛОГИЧЕСКИ АКТИВНЫХ ВЕЩЕСТВ

В статье приводится обзор научной литературы о перспективном источнике получения биологически активных веществ сумаха, произрастающего в Таджикистане. Содержание биологически активных веществ является ключевым элементом контроля качества лекарственного растительного сырья. Основным показателем качества лекарственного растительного сырья, с точки зрения нормативных документов, является содержание в нем БАВ. Контроль химического состава и биологической активности ЛРС, разрешенного к применению в медицине, и перспективных для использования в терапевтической практике видов растений является важнейшей задачей исследователей. Следовательно, интерес вызывает сумах, или сумак (лат. *Rhus*), представляет собой род растений, который включает около 250 видов кустарников и небольших деревьев из семейства Анакардиевые (*Anacardiaceae*). В Таджикистане встречается один дикий вид (*R. coriaria L.*), а из восьми завезенных видов в стране распространились лишь три: *R. aromatica Ait., R. javanica L. u R. hirta (L.) Sudw.* Современные научные исследования показали, что сумах дубильный представляет собой лекарственное растительное сырьё и промышленный источник для получения фармацевтических субстанций. Из его молодых побегов, ветвей и листьев, собранных до появления плодов, извлекаются дубильные вещества, галловая кислота, а также медицинский и технический танин.

Ключевые слова: Сумах, R. coriaria L., R. aromatica Ait., R. javanica L. и R. hirta (L.) Sudw., биологически активные вещества, дубильные вещества, танин, галловая кислота, лекарственные препараты.

SUMAC TANNING, GROWING IN TAJIKISTAN AS A PROMISING SOURCE OF OBTAINING BIOLOGICALLY ACTIVE SUBSTANCES

The article provides a review of scientific literature on a promising source of obtaining biologically active substances - sumac growing in Tajikistan. The content of biologically active substances is a key element of quality control of medicinal plant materials. The main indicator of the quality of medicinal plant materials, from the point of view of regulatory documents, is the content of biologically active substances. Control of the

chemical composition and biological activity of medicinal plant materials approved for use in medicine, and plant species promising for use in therapeutic practice is the most important task of researchers. Consequently, sumac, or sumac (lat. Rhus), is of interest, it is a genus of plants that includes about 250 species of shrubs and small trees from the Anacardiaceae family. In Tajikistan, there is one wild species (R. coriaria L.), and of the eight imported species, only three have spread to the country: R. aromatica Ait., R. javanica L. and R. hirta (L.) Sudw. Modern scientific research has shown that sumac is a medicinal plant material and an industrial source for obtaining pharmaceutical substances. Tannins, gallic acid, and medical and technical tannin are extracted from its young shoots, branches and leaves, collected before the fruits appear.

Key words: Sumac, R. coriaria L., R. aromatica Ait., R. javanica L. and R. hirta (L.) Sudw., biologically active substances, tannins, tannin, gallic acid, medicinal preparations.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҳабибуллоева Нафиса Шоҳиддиновна–*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти PhD, кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. Тел**: 901-74-74-74.**
Юсуфзода Аҳлиддин Ҷаъфаридин – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail: **ahliddin2491 @ mail.ru.** Телефон: **201719797**
Раҷабзода Сироҷиддин Икром - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ, сарходими озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии "Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ"-и Институти илмию таҳқиқотӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail **ikromovich80 @mail.ru.** Телефон: **904-60-04-60**
Раҳимова Малика Ҳалимовна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фарматсевтӣ, дотсенти кафедраи фармакогнозия. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail: **r.malika@inbox.ru.** Телефон: **909096551**

Сведения об авторах: ***Хабибуллоева Нафиса Шохиддиновна –*** Таджикский национальный университет, докторант PhD, кафедры фармацевтической химии и управления и экономики фармации фармацевтического факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Тел.: **901-74-74-74.**
Юсуфзода Ахлиддини Джаъфаридин – Таджикский национальный университет, кандидат химических наук, доцент кафедры фармацевтической химии и управления и экономики фармации фармацевтического факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ahliddin2491 @ mail.ru**. Телефон**: 201719797**
Раджабзода Сироджиддин Икром- НИИ, Таджикский национальный университет, доктор химических наук, профессор кафедры органической химии, главный научный сотрудник лаборатории «Химия и технология лекарственных растений». **Адрес:** 734025, ш. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ikromovich80@mail.ru**. Тел: **904-60-04-60**
Рахимова Малика Халимовна - Таджикский национальный университет, кандидат фармацевтических наук, доцент кафедры фармакогнозии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **r.malika@inbox.ru.** Телефон: **909096551**

Information about authors: ***Khabibulloeva Nafisa Shokhiddinovna –*** Tajik National University, PhD student of the Department of Pharmaceutical Chemistry and Management and Economics of Pharmacy of the Faculty of Pharmacy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Tel: **901-74-74-74**
Yusufzoda Ahliddini Jafaridin - Tajik National University Candidate of Chemical Sciences, Associate Professor of the Department of Pharmaceutical Chemistry and Management and Economics of Pharmacy, Faculty of Pharmacy. **Address:** 734025, Dushanbe,Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ahliddin2491 @ mail.ru**. Phone: **201719797**
Rajabzoda Sirojiddin Ikrom – National University of Tajikistan, Doctor of Chemical Sciences, Professor of the Department of Organic Chemistry, Chief Researcher of the Laboratory of Chemistry and Technology of Medicinal Plants, Research Institute. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **ikromovich80 @ mail.ru**. Phone: **904-60-04-60**
Rakhimova Malika Khalimovna - Tajik National University, candidate of pharmaceutical sciences, associate professor of the department of pharmacognosy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **r.malika@inbox.ru.** Phone: **909096551**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 30.01.2025
Аз тақриз баргашт: 19.02.2025
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

УДК: 631.52.7

ОСНОВНЫЕ МЕТОДЫ И НАПРАВЛЕНИЯ СЕЛЕКЦИИ ЗЕРНОВЫХ КОЛОСОВЫХ КУЛЬТУР НА КАЧЕСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Алимуродов А.С.
Таджикский национальный университет

При селекции новых сортов пшеницы технологические свойства зерна имеют важное значение. Они характеризуют ее с точки зрения пригодности как сырья для мукомольной, хлебопекарной и макаронной промышленности.

Селекции на качество в Таджикистане уделяли первостепенное значение. Еще в 1930-е годы прошлого столетия были определены новые задачи этого направления для мягкой пшеницы: селекция на химико-технологические качествах большое содержание белка в зерне при его высоких мукомольно-хлебопекарных качествах. Решение этой задачи было возложено на отдел селекции зерновых и зернобобовых культур в комплексе с лабораторией оценки технологических качеств зерна ГСИСХ.

Целью данной работы является обобщение методов и анализ результатов селекции зерновых колосовых культур на качество.

Качество зерна планируется селекционером уже при подборе родительских форм для скрещивания. Одним из компонентов должен быть сорт с высокими мукомольно-хлебопекарными свойствами.

Исследованиями, проведенными в последние годы, установлено, что наибольшая вероятность получения высококачественного сорта при скрещивании двух сильных сортов, более низкое качество имеют гибриды, полученные от скрещивания высококачественного сорта со средним по силе, или двух средних по этому показателю сортов. При скрещивании сильного сорта с низкокачественным гибриды по качеству находятся, как правило, на уровне средних или слабых пшениц. Однако и в таких скрещиваниях можно выделить формы с высоким качеством зерна на уровне лучшего родителя и даже выше, хотя вероятность их выделения небольшая [1,2].

Качество зерна парных гибридов, полученных от скрещивания с участием низкокачественного сорта, можно повысить, проведя повторное скрещивание с использованием высоко качественного сорта как донора. Наши исследования показали, что однократное насыщение F_1 более качественным родителем повышает качество популяции до уровня высококачественного родителя или близкого к нему и создает лучшие возможности для отбора.

Успех селекции на качество зависит, не только от подбора пар. Большая роль здесь принадлежит методам оценки технологических свойств, позволяющих выявить генетические отличия по признакам качества зерна на разных этапах селекционного процесса, а также научно обоснованной системе поэтапной оценки. (схема 1).

Исследование качества зерна мягкой пшеницы должно в конечном счете ответить на вопрос: как много муки высокого качества может дать создаваемый сорт из определенного объемазерна и каково будет качество хлеба, выпеченного из нее. Сделать это можно путем пробных выпечек хлеба, т. е. прямыми кодами испытания, при наличии достаточного количества зерна-5г.

Схема 1. Оценки качества зерна зерновых колосовых культур

Годы	Питомник	Количество зерна для анализа,г	Вид анализа
1	Получение гибридов F_0	-	-

2	Испытание гибридов F_1	5	Седиментация
3	Испытание гибридов F_2	-	-
4	Селекционный питомник F_3	5	Седиментация
5	Контрольный питомник F_4	1000	Физические свойства зерна. Содержание и качество клейковины. Физические свойства теста. Выпечка хлеба стандартный методом.
6-7	Конкурсное сортоиспытание F_5 -F_6	1000	То же
8	Зональное экологическое сортоиспытание	1000	То же
9	Государственное сортоиспытание	1000	То же

Придавая большое значение оценке зерна на ранних этапах селекции Лошкарёв А.Ф. в 1970 году писал: «Селекционер очень нуждается в ускоренных косвенных методах оценив качества пшеницы, необходимых для массовых анализов в лаборатории по сравнительному изучению, и методов, выполненные на обширном селекционном материалы урожаев нескольких лет, которые показали, что наиболее объективным методом оценки зерна является метод седи. ментации, который основан на способности клейковинных белков набухать в слабых растворах кислот. Установлено, что показатель седиментации (набухаемости) является функцией как количества, так и качества белка. При содержании белка в зерне, равном 18—20% и выше величина осадка определяется главным образом количеством белка. При содержании белка до 14-15%, т.е. на том уровне, на котором ведется селекция в Таджикистане.

В настоящее время показатель седиментации отражает главным образом качество клейковины и физические свойства теста и хорошо коррелирует с основными свойствами зерна. По нашим данным, наиболее высокая положительная зависимость обнаружена между показателями набухаемости и физическими свойствами теста: силой муки при испытании на альвеографе и разжижением теста при испытании на фариноrрафе. Сопряженность между этими признаками в отдельные годы выражается коэффициентом корреляции в пределах 0,766, 0,542 и —0,771, —0,645, соответственно. Отмечена высокая согласованность этих показателей в группе низкокачественного материала, и большой разброс их в группах среднего и высокого качества (схема 2).

В меньшей степени выражена связь между показателем седиментации и такими признаками, как содержание клейковины и объемный выход хлеба. Величина коэффициентов в основном незначительная и сильно варьирует по годам от 0,549 до 0,09 и от 0,456 до 0,042, соответственно. Наши данные согласуются с результатами других исследователей [5,6,7,8,9,10,11].

Эти результаты получены нами при использовании метода седиментации в модификации с применением в качестве реактива 2%-ной уксусной кислоты. Дальнейшие исследования показали, что лучшим вариантом метода является модификация с использованием в качестве реактива смеси 60 %-ной уксусной кислоты и изопропилового спирта, что дает четкую границу осадка из муки разного качества.

Схема 2. Оценки качества зерна мягкой пшеницы в процессе селекции

Годы	Питомник	Количество зерна для анализа, г	Вид анализа
1	Получение гибридов F_0	-	-

2	Испытание гибридов F_1	5	Седиментация белок
3	Испытание гибридов F_2	1-2	Физические свойства зерна. Содержание и качество клейковины, белок. Физические свойства теста на микроприборах
4	Контрольный F_3	500	Седиментация
	Контрольный питомник	200	Выпечка хлеба стандартным методом. Физические свойства зерна. Содержание и качество клейковины, белка. Выпечка хлеба
5-6	Конкурсное сортоиспытание $F_4 – F_5$	1000	Физические свойства зерна. Содержание и качество клейковины.
7	Зональное экологическое испытание	1000	То же

Некоторые ученые указывают на связь натуры зерна, массы 1000 зерен, стекловидные, крупные, выровненные зерна и его формы с выходом муки. О степени зависимости этих свойств единого мнения нет, но большинство исследователей отмечают их надежными в оценке мукомольных свойств зерна. Учитывать эти признаки необходимо.

Наиболее важным признаком физических свойств зерна является его консистенция, которая характеризуется в основном стекловидностью. Считается, что стекловидное зерно при помоле дает более высокий выход крупок, а следовательно, и муки высших сортов. Ряд ученых указывает на высокую положительную корреляцию между стекловидностью и содержанием в зерне белка и клейковины. Но такая зависимость не всегда имеет место. При изучении связи между стекловидностью зерна и содержанием клейковины в условиях Таджикистане нами получены невысокие коэффициенты корреляции от 0,486 до 0,601, что хорошо согласуется с данными, полученными А.А. Созиновым в условиях Украины [12,13,14,15,16,17,18,19,20] Следует также отметить, что стекловидность зерна сильно варьирует в зависимости от погодных условий в период созревания и уборки пшеницы, когда выпадающие осадки и даже росы могут резко снизить этот показатель.

В связи с этим были предложены новые подходы к изучению консистенции зерна. Большое значение при этом придается твердости, и характеру измельчения его. Исследованиями установлены большие различия в структуре эндосперма твердозерных и мучнистых пшениц, показано, что структурные особенности зерна являются важным сортовым признаком, который необходимо приниматьво внимание в селекционной работе при оценке сортов. Предложено несколько методов оценки структурно-механических свойств, основанных главным образом на определении прочности зерна при его дроблении с использованием тестера Брабендера, а также по дисперсности продукта измельчения зерна. Для оценки и классификации селекционного материала по консистенции эндосперма заслуживает внимания метод определения. Применение его позволяет оценить мукомольные свойства зерна на ранних стадиях селекции.

Самыми важными признаками технологических свойств пшеницы является содержание в зерне белка, клейковины и их качество. Все остальные свойства муки в той или иной мере являются их функцией.

Высокая наследуемость и наличие экспресс-методов их определения позволяют характеризовать зерно по этим признакам уже с первых этапов селекции. Определение содержания клейковины в лаборатории проводится на шведском приборе «Глютоматик» при наличии 20г зерна, по принятой нами методике. Фирмой рекомендован пятиминутный режим отмывания 2%-ным солевым раствором. Проведенное нами испытание прибора показало, что пяти минут недостаточно для полного отмывания клейковины водопроводной водой. По иодной пробе установлено наличие крахмала в промывной воде даже при десятиминутном режиме, особенно у сортов с упругой клейковиной. В связи с этим принят пятнадцатиминутный режим. Содержание и качество клейковины при этом идентичны показателям, полученным по методике.

Обязательным в системе оценки качества зерна, мягкой пшеницы является испытание физических свойств теста. Осуществляется оно на альвеографе и фаринографе с использованием в зависимости от стадии изучения материала макро или микровариантов этих приборов. Сравнительное изучение показателей физических свойств теста шест.и сортов озимой пшеницы с разным качеством при испытании их на макро- и микроприборах показало совпадение показателей силы муки, несмотря на различие в абсолютных величинах. При испытании теста на альвеографе с микромесилкой имеет место некоторое снижение силы муки практически у всех сортов, но эта разница математически не доказана. Во всех случаях дифференциация сортов по силе муки была очень четкой. Эти данные, а также высокая корреляция между сравниваемыми показателями (0,785) при высоком уровне достоверности позволяют использовать микромесидку альвеографа для оценки селекционного материала пшеницы.

При использовании микрофаринографа о качестве сортов следует судить по валориметрической оценке, величина которой лучше согласуется с этим показателем при испытании на фаринографе, и позволяет довольно четко выявить .различия физических свойств теста сильных, средних и слабых сортов. По разжижению теста микрофарнограф дает несколько завышенную оценку по сравнению с фаринографом, а дифференция сортов по этому показателю выражена менее четко. Определение хлебопекарных качеств в зависимости от стадии изучения селекционного материала осуществляется по 50-граммовой навеске муки методом пробной выпечки, где влияние всех свойств муки суммируется и в конечной оценке макаронных свойств зерна. На первых этапах селекции, начиная с F_3, зерно получает оценку по форме, выполненности, цвету, стекловидности и цвету лепешки.

Нашими исследованиями установлена положительная зависимость (0,502) между показателями цвета лепешки и цветом макарон, что позволило широко применять этот косвенный метод для оценки селекционного материала по малым пробам зерна. В четвертом поколении наряду со стекловидностью и цветом лепешки определяется масса 1000 зерен, содержание и качество клейковины. На более поздних этапах оценка зерна проводится по комплексу признаков прямыми методами исследования макаронных свойств твердых пшениц.

Определение качества зерна твердых пшениц имеет свои особенности. Основными показателями качества этих пшениц является цвет и качество макарон. Изучение селекционного материала осуществляется по схеме 3.

Схема 3. Оценки качества зерна твёрдой пшеницы

Годы	Питомник	Количества зерна для анализа,г	Вид анализа
1-2	Получение простых и сложных гибридов F_0	-	-
3	Испытание гибридов F_1	-	-

4	Испытание гибридов F_2	-	-
5	Селекционный питомник F_3	10-15	Форма, цвет и стекловидность зерна, цвет, лепешки.
6	Контрольный питомник F_4	100-150	Масса 1000 зерен стекловидность содержание и качество клейковины в муке, цвет лепешки
7-8	Конкурсное сортоиспытание F_5 -F_6	1000	Физические свойства зерна. Содержание и качество клейковины в крупе, макаронные свойства.

Оценка технологических свойств зерна связана с необходимостью определения многих признаков, так как каждый в отдельности не может выразить качество пшеницы в целом. При селекции учитываются такие признаки, как натура, масса зерен, стекловиднасть, содержание и качество клейковины, физические свойства теста, качество хлеба Физические свойства зерна выявляются при сравнительно несложном анализе и имеют определенное значение, поскольку в какой-то мере отражают его мукомольные достоинства.

Большой интерес вызывает уровень изменчивости некоторых важных биохимических показателей в зависимости от генотипических особенностей сортообразцов пшеницы и от года их репродукции. Полученные результаты показывают, что изменчивость варьирует в следующих пределах: содержание белка - от 11,1 до 15,8%, содержание крахмала - от 67,1 до 74%, содержание клейковины - от 23,2 до 38,4%. Это значит, что уровень изменчивости этих показателей в зависимости от генотипа изученных растений существенно высокий.

Однако следует отметить, что в зависимости от года репродукции степень изменчивости данных показателей была незначительна, по сравнению с генотипической изменчивостью изученных растений. При этом даже некоторые отдельные сорта, по отдельным биохимическим показателям проявили стабильность. Так, сорт Навруз и к - 1705 - по содержанию белка в зерне, Линии №13 и к - 1714 - по содержанию крахмала в зерне, сорт Икбол - по содержанию клейковины.

Методикаи таҳқиқот: Таҷрибаҳо дар донишҷӯёни курси 1-уми тахассуси биология ва филологияи Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шудааст. таҳқиқи экологӣ, гигиенӣ бошад дар якҷоягӣ бо озмоишгоҳи санитарӣ – эпидемиологии ноҳияи мазкур дар даврахои 2021-2024 гузаронида шудааст. Интихоб намунаи ҳавои атмосферӣ тавассути усули аспиратсия дар қабати нисбатан пасти атмосфери то 2м аз сатҳи замин гузаронида шуд. Ин чунин бо усули анъанавӣ нишондиҳандаҳои метрологӣ – фишор, ҳарорат намнокии ҳаво суръат ба самти шамол муайян карда шуд. Дар таҳқиқотҳо инчунин аз усулҳои маъмули Айзенк, Спилбергер, Ханин, шохиси Руфе, Баевский истифода карда шудааст.

Натиҷаи таҳқиқот: ҳангоми баҳодиҳи ба кори дил чунин натиҷаҳо ба даст оварда шуд. Нишон дода шуд, ки новобаста аз ҷойи истиқомат тағйироти биологӣ дар кори дили донишҷӯёни тахассуси мушоҳида карда карда нашуд. Дар донишҷӯёни филолог бошад тағйирот на онқадар назаррас дар кори дил онҳо мушоҳида шудааст, ки ба ҳисоби миёна ба 0,75±0,02 сония баробар аст (расми 1).



Расми 1. Динамикаи интизории риёзӣ РД дар донишҷуёни биолог ва филолог

Писарон, духтарон. Дар хатти ординат ҷавоб бо сония дар хатти абссис ихтисосҳо. Биологҳо, филологҳо


Дар раванди мутобиқшавӣ ба ҷараёни таълим, қонуниятҳои муайянро, ки ба таъсири омилҳои ногувори экологии ҳарорати баланд +43^{0}С ба амал меояд мушоҳида кардан мумкин аст. Масъалан, дар донишҷуёне, ки ҳарорати баланд таъсир мерасонад, тағйиротро дар семестри дуюм дидан мумкин аст. Хусусан ин тағйирот дар писарони биолог мушоҳида мешавад. Тағйирёбии максималиро бошад дар писарони филолог ва духтаронӣ биолог дидан мумкин аст. Агар дар семестри якум дар ҳарорати нисбатан муътадил +30^{0}С. Нишондиҳандаҳо дар духтарони биолог чунин мешаванд: 0,75±0,024с дар писарони филолог бошад ин нишондиҳанда ба 0,75±0,02с.баробар аст Дар семестри дуюм бошад ин нишондиҳанда нисбатан зиёд мешаванд. Ва дар ҷавонони филолог то ба 0,66±0,023с дар духтарони биолог бошад ба 0,66±0,02с баробар аст (P< 0,05). Дар духтарони ҳарду гурӯҳи назоратӣ дар семестри дуюм зиёдшавии нишондиҳандаҳоро дидан мумкин аст. Дар биологҳо аз 0,73±0,03с. то 0,73±0,02 сония дар филологҳо бошад мутаносибан то ба 0,81±0,03с ва 0,77±0,02с мешаванд.

Аз руйи ин нишондод ба хулоса омадан мумкин аст, ки таъсири умумӣ дар донишҷӯёне, ки дар даврахои гуногуни тағйирёбии ҳарорат қарор доранд. Дар семестри якум зудии кори дил нисбатан ба меъёр наздик ё миёна мушоҳида мешавад. Дар семестри дуюм бошад дар донишҷӯписарони филолог, ки дар ҳарорати баланд фаъолият доштанд, зудии кори дил нисбатан баланд мешавад. Дар донишҷӯдухтарон бошад таъсири умумии танзим дар аввал ва охири соли таҳсил зудии кори дил нисбатан ба меъёр наздик ё миёна мушоҳида карда мешавад. Фақат дар донишҷӯдухтарони биолог дар семестри дуюм зудии кори дил нисбатан баланд мешавад.

Семестри дуюм дар донишҷӯёне, ки дар маркази асосии таҳқиқ қарор доштанд. Новобаста аз ҷинс шиддатнокии меҳнат ҳамчун қаноатбахш ҳисобида мешавад. Ҳамзамон, дар донишҷӯёне, ки ба гурӯҳи назоратӣ дохил буданд шиддатнокии меҳнат нисбатан паст мешавад, ки ҳамчун «хуб» арзёбӣ карда мешавад.

Мода (Мо) – ҳаҷми умуми аҳамиятдоштаи масофаи байни кашишхурии дил, ки бисёртар дида мешавад меноманд. Бинобар ин (Мо) аҳаммияти миёнаи давомнокии фосилаи байни кашишхӯрии дил, ки дараҷаи эҳтимолияти системаи функсионалии гардиши хун (гирехи синуси)-ро нишон медиҳад дар бар мегирад. Муайян карда шудааст, ки дар семестри якум дар донишҷӯписарон ва духтарон новобаста аз мавзеи зисташон нисбатан кам ва давомнок зиёдшавии Мо-ро нисбат ба семестри дуюм дидан

мумкин аст. Дар донишҷӯ писароне, ки таҳти таъсири баланди ҳарорат қарор доштанд. Мо дар семестри якум ба 0,73±0,02с., дар дуюм ба 0,75±0,03с. (P < 0, 05) дар гурӯҳи назоратӣ бошад аз 0,70±0,04с. то ба 0,78±0,03с. баробар мешавад. Дар донишҷӯписарони биолог бошад фарқияти боэътимод дида намешавад. Дар донишҷӯдухтарони биолог, ки дар мавзеи ногувори экологӣ зиндагӣ мекунанд. Мо дар семестри якум ба 0,73±0,021с. ва дар семестри дуюм бошад ба 0,68±0,02с. дар назоратӣ бошад мутаносибан ба 0,72±0,03с. ва 0,81±0,03с. баробар аст (P < 0,05). Чунин ҳодисаро дар донишҷӯдухтарони филолог низ дидан мумкин аст (расми 2).



Расми 2. Динамикаи (Мо) дар донишҷӯён. Ишораҳо мисли расми 1.


Баландшавии тонуси симпатикӣ танзими системаи дилу- рагҳо ва пастшавии дараҷаи таъсири парасимпатикро дар донишҷӯёне, ки дар мавзеи ҳолати экологиаш ногувор шаҳодат зиндагӣ мекунанд мушоҳида мешавад. Дар донишҷӯёне, ки дар мавзеи экологии муътадил зиндагӣ мекунанд, ҳолати баръаксро мушоҳида кардан мумкин аст, яъне дараҷаи таъсири симпатикӣ паст гашта тонуси асаби парасимпатикӣ баланд мешавад.

Мавҷи мода (ММо) теъдоди фосилаи байни кашишхӯрии дил аз муътадил гаштани таъсирии умумии қисми симпатикии системаи асаби вегетативӣ дарак медиҳад. Агар аз рӯйи аҳаммияти мавҷи мода гирем, дар бисёрии донишҷӯён типи танзими дараҷаи эйтония рост меояд [11].

Ба истиснои донишҷӯписарони филолог ва донишҷӯдухтарони биолог, ки типи танзим бо аҳамияти амплитудаи мода рост меояд, ки дараҷаи симпатикотония доранд. Аз рӯи ин нишондод аз доимияти вегетативӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст. Яъне дар семестри якум дар ҳарду гурӯҳи донишҷӯён новобаста аз ҷойи зист доимияти вегетативӣ нигоҳ дошта мешавад.


Дар раванди таълим дараҷаи амплитудаи мода зиёд мешавад, эҳтимолияти фарқкунанда дар он донишҷӯписароне мушоҳида мешавад, ки АМо ба ҳисоби миёна ба 41,2±3,69% дар биологҳо дар семестри якум ба 31,0±3,28% баробар аст.

Баландшавии мавҷи мода аз тамоюл ба шиддатнокии механизмҳои мутобиқшавии донишҷӯписарон дарак медиҳад. Дар ин ҳолат фаъолияти миёнаи системаи асаби симпатикӣ мушоҳида мешавад (расми 3).



Расми 3. Динамикаи мавҷи (Мо) дар писарон.
Дар хаттиординат фоизнокӣ.
Дар хатти абссис ихтисосҳо

Ин динамикаи доираи эҳтимолият, ки дар ин даврaҳо камшавии бо эътимод аз 0,25±0,03с. дар семестри якум то 0,17±0,03с. дар семестри дуюмро тасдиқ мекунад (расми 4.).




Расми 4. Динамикаи паҳноии вариатсия дар писарон.
Дар хатти ординат иҷроиш бо сония.
Дар хатти абссис ихтисосҳо

Қайд кардан ба маврид асти доираи эҳтимолият на фақат ба мавҷи майлкунии масофаи байни R-R-ро нишон медиҳад, инчунин таъсири умумии танзими ритми системаи вегетативии асабро низ инъикос мекунад.

Коэффитсиенти вариатсия (КВ) аз рӯи маънои физиологяш аз майлкунии миёнаи квадрати фарқ намекунад, ки нишондиҳандаҳои меъёрии зудии набз мебошад. Ин вариатсия устувории танзимро дар донишҷӯписарони биолог, ки дар мавзеи асосӣ зиндагӣ мекунанд. Дар семестри якум нисбатан паст буда ба 12,3±1,46% баробар аст. Дар семестри дуюм бошад нисбатан баланд шуда ба 17,5±1,56% (P < 0, 05) баробар

аст. Дар донишҷӯписарони биолог мавзеи назоратӣ фарқият дида намешавад. Дар донишҷӯписарони филолог, ки дар мавзеи ногуворӣ экологӣ зиндагӣ мекунанд КВ дар семестри якум нисбат ба семестри дуюм баландтар мебошад. Мувофиқан ба 128,5±2,26% ва 15,9±1,36% (P < 0, 05) баробар аст. Дар назоратӣ низ чунин ҳолат мушоҳида мешавад (расми 5).



Расми 5. Динамикаи паҳноии вариатсия дар писарон.
Дар хатти ординат ичроиш бо сония.
Дар хатти абссис ихтисосҳо

Дар донишҷӯдухтарон вобаста аз мавзеи зист ва майли омӯзиши фарқияти мушоҳида карда намешавад. Эътимоднокии майлкуниро дар донишҷӯдухтарони филолог, ки дар мавзеи назоратӣ зиндагӣ мекунанд дидан мумкин аст. Масалан, агар дар духтарони филолог дар семестри якум КВ ба 13,5±1,39% дар семестри дуюм нисбатан то ба 21,8±2,22% баланд мешавад.

Муҳокима

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар ҳарду гурӯҳи таҷрибавӣ ягон фарқияти аёнро ба амал наовард, ки аз интихоби якхела дарак медиҳад. Дараҷаи истироби рефлекторнокӣ бошад, дар донишҷӯписарони филолог нисбат ба донишҷӯписарони биолог баланд мебошад. Дар духтарони филолог бошад баръакс дараҷаи истироб нисбат ба донишҷӯдухтарони биолог паст мебошад. Мутобиқшавӣ дар раванди таълим новобаста аз ҷинс баландшавии дараҷаи реактивнокии истиробро муайян мекунад.

Вобаста аз мавзеи зист фарқиятро дар доиҷӯёни биолог дидан мумкин аст, ки дараҷаи истироб дар семестри якум нисбат ба семестри дуюм баланд мебошад. Дар донишҷӯёни филолог бошад фарқият дида намешавад. Дар семестри дуюм мутобиқшавии равонӣ амали мегардадад, ки ин пастшавии реактивнокии истиробро ба амал меорад. Дараҷаи реактивнокии истироб дар донишҷӯдухтарони биолог нисбат ба донишҷӯдухтарони филолог фарқ мекунад.

Дар ҷараёни таълим дараҷаи мавҷи мода зиёд мешавад, фарқият бошад фақат дар донишҷӯписарон дида мешавад. Коэффитсиенти вариатсионӣ бошад аз рӯи маҷмуи физиологӣ аз майлкунии миёнаи квадратӣ фарқ намекунад, новобаста ба ин ҳамчун нишондиҳандаи меъёрии зудии набз боқӣ мемонад.

Дар духтарон бошад вобаста аз мавзеи зист ва майл ба таҳсил фарқиятро дар филологҳое, ки дар мавзеи назоратӣ зиндагӣ мекунанд дидан мумкин аст. Аз рӯи нишондоди коэффитсиенти вариатсия оид ба танзимкунии устувор баҳо дода мумкин аст. Дар донишҷӯён, ки новобаста аз майли омӯзиш, мавзеи зист ва ҷинс, раванди гузаришро дар системаи танзимкунии кори дил мушоҳида намудан мумкин аст.

Баландшавии тонуси симпатикӣ танзими системаи дилу-рагҳо ва пастшавии дараҷаи таъсири парасимпатикро дар донишҷӯёне, ки дар мавзеи ҳолати экологиаш ногувор зиндагӣ мекунанд мушоҳида мешавад. Дар донишҷӯёне, ки дар мавзеи экологии муътадил зиндагӣ мекунанд, ҳолати баръаксро мушоҳида кардан мумкин аст, яъне дараҷаи таъсири симпатикӣ паст гашта тонуси асаби парасимпатикӣ баланд мешавад.

АДАБИЁТ

1. Агаджанян Н.А. Формирование оптимального функционального уровня неспецифичной резистентности в период адаптации студентов к условиям ВУЗа / Н.А. Агаджанян., Т.В. Ионова., М.Ф.Сауткин. Физиология человека. - 1994. -Т. 20. -ЖЗ. - С. 144-150.
2. Агаджанян Н. А. Образ жизни и здоровье студентов / Н. А. Агаджанян - М., -1995, -350с.
3. Агаджанян Н. А. Образ жизни и здоровье студентов / Н. А Агаджанян., В. В. Пономарева, Н. В. Ермакова.: Материалы I Всероссийской науч. конф. 21 — 23 ноября 1995. -М., -1995. - С. 5-9.
4. Вейн А. М. Вегето-сосудистая дистония / А. М. Вейн., А. Д. Соловьева., А. О. Колосова. — М., -1981. -210с.
5. Иванов Г.Г. Характеристика состояния здоровья студентов за годы обучения в Вузе / В.Н.Воронцов. Традиционные и нетрадиционные методы оздоровления детей. Тезисы Международной научно-практической конференции. -1996. - С.4.
6. Слепушкин И.М. Динамика работоспособности студентов старших курсов медицинского вуза в течение учебного дня / Ю.А. Литвинова, Г. А. Глущенка и др. Гигиена детей и подростков. - 1997. - Вып.4. - С.71-74.
7. Устоев Б.Р. Таъсири раванди таълим ба њолати функсионалии организми донишљўён /М.Б.Устоев., Б.Р.Тамриз. Ављи зуњал -№1. Душанбе, -2021. -С.73-76.
8. Устоев М.Б. Функциональные изменения резервных свойств организма студентов при кредитной и дистанционной формах обучения /М.Б. Устоев, Б.Р. Устоев., Б.Р.Тамриз // Наука и инновация -№2. –Душанбе -2021. –С.96-102.
9. Юревиц А.Ж. Адаптация к профессиональной деятельности / А.Ж. Юревиц, В.С.Аверьянов, О.В. Виноградова и др // Физиология трудовой деятельности (Основы современной физиологии) / Под ред. Медведева В.И.СП6., -1993. -С. 209.
10. Beisel W./Pediat. Pulmnol. - 1996.- Suppl. 13.-P.156-157.
11. Psychological stress. Ed. by H. Appley and R. Trumbull, N.Y., -1967. -C.36-45.

ОМӮЗИШИ МУҚОИСАВИИ МУТОБИҚШАВИИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ВОБАСТА БА ҲОЛАТИ ФИЗИОЛОГӢ

Дар мақолаи макур, маълумотҳои мухтассар оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни ихтисоси биология ва филология ба шароитҳои гуногун оварда шудааст. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар ҳарду гурӯҳи таҷрибавӣ ягон фарқияти айёнро ба амал наовард, ки аз интихоби якхела дарак медиҳад. Дараҷаи изтироби рефлекторнокӣ дар донишҷӯписарони филолог бошад, баръакс дараҷаи изтироб нисбат ба донишҷӯдухтарони биолог паст мебошад. Мутобиқшавӣ дар раванди таълим новобаста аз ҷинс баландшавии дараҷаи реактивнокии изтиробро муайян мекунад. Вобаста аз мавзеи зист фарқиятро дар доничӯёни биолог дидан мумкин аст, ки дараҷаи изтироб дар семестри якум нисбат ба семестри дуюм баланд аст. Дар донишҷуёни филолог бошад фарқият дида намешавад. Дар семестри дуюм мутобиқшавии равонӣ амали мегардад, ки ин пастшавии реактивнокии изтиробро ба амал меорад. Дараҷаи реактивнокии изтироб дар донишҷӯдухтарони биолог нисбат ба донишҷӯдухтарони филолог фарқ мекунад.Дар ҷараёни таълим дараҷаи мавҷи мода зиёд мешавад, фарқият бошад фақат дар донишҷӯписарон дида мешавад. Коэффитсиенти вариатсионӣ бошад аз рӯйи маҷмуи физиологӣ аз майлкунии миёнаи квадратӣ фарқ намекунад, новобаста ба ин ҳамчун нишондиҳандаи меъёрии зудии набз боқӣ мемонад.

Калидвожаҳо: мутобиқшавӣ, изтироб, реактивнокӣ, вариатсия, коэффитсиент, эътимоднокӣ, семестер, дараҷа.

СРАВНИТЕЛЬНОЕ ИЗУЧЕНИЕ АДАПТАЦИИ СТУДЕНТОВ-ПЕРВОКУРСНИКОВ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ФИЗИОЛОГИЧЕСКОГО СОСТОЯНИЯ

В данной статье представлены краткие сведения об адаптации студентов биологической и филологической специальностей в различных условиях. Опыты показали, что у обеих экспериментальных групп не наблюдается отчетливых отличий, что говорит об одиноковом выборе профессии. Степень рефлекторной тревожности у студентов-филологов, наоборот, ниже студентов-биологов. Адаптация в процессе учебы независимо от пола приводит к увеличению уровня тревожности. В зависимости от места жительства различение наблюдается у студентов-биологов, степень тревожности увеличивается в первом семестре, по сравнению со вторым семестром. У студентов-филологов не наблюдается различий. Во втором семестре происходит психологическая адаптация, которая приводит к снижению реактивной тревожности. Степень реактивной тревожности

у студентов-биологов, по сравнению со студентами филологами, отличается. В процессе обучения степень (амплитуда) тревожности может увеличиваться, различие наблюдается только у студентов. Коэффициенты вариации не отличаются от средней квадратической. Независимо от этого сохраняются как показатель нормы увеличивается частота пульса.

Ключевые слова: адаптация, тревожность, реактивность, вариация, коэфициент, надёжност семестер, степень.

COMPARATIVE STUDY OF THE ADAPTATION OF FIRST-YEAR STUDENTS DEPENDING ON THEIR PHYSIOLOGICAL STATE

This article provides brief information on the adaptation of students of biological and philological specialties in various conditions. Experiments have shown that in both experimental groups there is no more distinct difference, which indicates a lonely choice of profession. On the contrary, the degree of reflex anxiety among philology students is lower than among biology students. Adaptation in the learning process, regardless of gender, will lead to an increase in anxiety levels. Depending on the place of residence, a distinction is observed among biology students, the degree of anxiety increases in the first semester compared to the second semester. There is no difference among students of philology. In the second semester, psychological adaptation will take place, which will lead to a decrease in reactive anxiety. The degree of reactive anxiety among female biology students differs from that of female philologists. During the learning process, the degree of modi amplitude increases, the difference is observed only among students. The coefficient of variation does not differ from the quadratic mean. Regardless of this, the pulse rate increases as an indicator of the norm.

Keywords adaptatsion anxiety reactivity variation coefficient reliability semester degree

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Сангалиев Бобоҷон Шодиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи биология ва биотехнология. **Суроға:** *735320, н. Дангара, кӯчаи Марказӣ, 25.* Телефон: **901-51-58-53**

Устоев Мирзо Бобоҷонович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти ба номи академик Сафаров Ҳ.М. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **93517-22-32**. E-mail: **ustoev1954 @mail.ru**

Сведения об авторах: ***Сангалиев Бобоҷон Шодиевич*** **-** Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры биологии и биотехнологии**. Адрес:** 735320, р. Дангара, ул. Маркази, 25. Телефон: **901-51-58-53**

Устоев Мирзо Бабаджанович – Таджикский национальный университет, доктор биологических наук, профессор кафедры физиологии человека и животных им. академика Сафарова Х.М. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93517-22-32**. E-mail: **ustoev 1954 @mail.ru**

Information about authors: ***Sangaliev Bobojon Shodievich*** - Dangara State University, assistant at the Department of Biology and Biotechnology,. **Address:** 735320, r. Dangara, st. Markazi, 25. Phone: **901-51-58-53**. Phone: **901-51-58-53.**

Ustoev Mirzo Babadchanovich– Tajik national university, doctor of biological sciences, professor of the department of human and animal physiology, named after Academician Safarov Kh.M. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. Phone: **93517-22-32**. E-mail: **ustoev 1954 @mail.ru**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ:581.1

ХУСУСИЯТҲОИ ФИТОСЕНОЛОГИИ БОДОМ

Саидов Б.З., Худойқулов Б. С.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Яке аз масъалаҳои муҳим таъсири омилҳои табии ва антропогенӣ тақозо медиҳад, ки тарзи истифодабарии захираҳои табииро ҷидан мавриди омӯзиш қарор диҳем. Усулҳои муосир нигоҳдории муносибатҳои байни ҷамъият ва табиатро дар пешрафти илму техника, дарёфт намудааст. Тадқиқоти ҳамаҷонибаи боҳам вобастаи тағйироти муҳити зист ва тараққиёти энергетика, саноат, нақлиётро тадқиқ намоем. Бинобар ин, пешгӯйиҳои экологиро бо мақсади ҳифз, идоракунии табиат ва некуаҳволии одамонро дар назар дошта бошем мубрамтарин ҳалли масъалаҳои ҳифзи табиат мебошад.

Истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ, афзоиши аҳолӣ, тараққиёти саноат муҳити зистро дучори тағйирот гардонида боиси хориҷшавии гази карбон дар атмосфера мегардад. Тағйир ёфтани иқлим, ифлосшавӣ, захролудшавии об, эрозияи замин ва партовҳои истеҳсолот ба вайроншавии сатҳи замин оварда мерасонад. То ҳол истифодабарии заминҳои ҳосилхез барои сохтмони корхонаҳои саноатӣ ва роҳҳои захира намудани миқдори об дар обанборҳо барои истгоҳҳои баркӣ бартараф нагардидааст. Яке аз сабабҳои асосии камшавии ҳосилхезии заминҳо ва олами наботот сохтмони корхонаҳои саноатӣ ба шумор меравад. Дар чунин ҳолат табиат ва равандҳои ҳаётгузаронӣ, инчунин ба саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонад. Дар сурати тадбирҳои лозимӣ нааденшидан оқибатҳои ҷиддии ҳалокатовар дар назар аст. Ин омилҳо ба олами наботот ва ҷамоаҳои алоҳидаи минтақаи омӯзиш низ таъсир мусбат расонидааст. Сабаби пурра муайян набудани ҳолати фитосенологии бодом дар шароити иқлими Тоҷикистони Ҷанубӣ масъалаи мубрам ба ҳисоб рафта, омӯзиш ва паҳлуҳои сенопопулятсияҳои бодомзорро мавриди омӯзиш қарор додем. Маводҳо оид ба фиотсенология дар мақолаҳои илмии муаллифони соҳҳа оварда шудааст [1,2,3,6,7,8,9] аммо, дар мақолаҳои мазкур ҳолати фитосенологияи бодом ба пуррагӣ иникос нагардидааст. Солҳои охир аз сабаби зиёдшавии таъсири омили антропогенӣ ба олами наботот, аз ҷумла ҷангалзорҳои бодом таназзул ёфтааст. Самаранок истифодабарии заминҳои обию лалмӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии хок, яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Тоҷикистони Ҷанубӣ дар байни қаторкӯҳҳои Ҳисор (аз шимол), Ҳазратишоҳ (аз шарқ), Боботоғ ва дарёҳои Панҷу Ому (аз ҷануб) воқеъ гардидааст. Аз ҷиҳати геологӣ ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубӣ пастии давраи мезозой аст, ки ҳоло тадриҷан баланд шуда истодааст. Релефи ин ноҳия аз қаторкӯҳҳои паст ва хамиҳои калон иборат мебошад, ки бо ҳамин хусусият аз дигар ноҳияҳои табиӣ фарқ мекунад. Қаторкӯҳҳои асосӣ - Туюнтоғ, Боботоғ, Оқтоғ, Қаратоғ, Тераклитоғ, Ҷилантоғ ва таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ аз ҷинсҳои таҳшин (оҳак, рег, гил, конгломерат) иборат мебошанд.

Дар фасли тобистон ҳарорати ҳаво гарм ва хушк буда, зимистон нисбатан гарму намнок аст. Дар моҳи июл ҳарорати миёнаи ҳаво дар водиҳо 28^0C-30^0C баробар мешавад. Миёнаҳои фасли тобистон ҳарорати ҳаво дар деҳаи Айвоҷи ноҳияи Шаҳритус аз 43^0C - 44^0C ва сатҳи баландтаринаш то 48^0C мерасад. Ҳарорати миёнаи моҳи январ бошад дар водиҳо мусбат (1^0C-2^0C), вале ҳангоми вазидани шамолҳои сард ҳарорати ҳаво аз -25^0C то 30^0C мерасад. Дар доманакӯҳҳо миқдори боришот барои парвариши боғу токзорҳои лалмӣ кифоя мебошад. Миқдори боришоти солона тақрибан аз 400 то 600 мм дар як сол мушоҳида карда шудааст. Хокҳо дар минтақаи тадқиқоти зина ба зина ҷойгирифааст, ки аз типҳои зерин: хокистарранги муқарарӣ , хокистарранги карбонатӣ , хокистарранги обёришаванда, шур, баландкӯҳи дашту маргзорӣ , маргзорию ботлоқӣ иборат аст [4,5].

Ҷамоаи набототи Тоҷикистони Ҷанубӣ хело гуногунранг мебошад. Дар ин минтақа типҳои набототи зерин: биёбон, нимсаванна, ҷангалҳои хушкидӯст,

арчазорҳо, туғайзорҳо ва марғзору даштҳо ба таври васеъ паҳн шудааст [1,7]. Минтақаи омӯзиши дар наздикиҳои маҳаллаҳои аҳолинишин, чарогоҳҳо ҷой дорад, ки аз таъсири омилҳои табии ва антропогенӣ 10-15% наботот осеб дидааст. Тадқиқоти илмӣ аз рӯи методҳои мактабҳои геоботаникии Русия ва Тоҷикистон бо истифодаи методикаи олимони соҳа [3,6,7,10] иҷро гардидааст. Дар корҳои амалии саҳроӣ барои ҳар як ҷамоаи наботот навиштаҷотҳои геоботаникӣ гузаронида, ҳолати онҳоро муайян намудем. Аз рӯи мавҷудияти шароити экологӣ, бодом асосан дар таркиби экосистемаи ҷангалҳои ксерофилӣ мутобиқ шудааст. Дар таркиби типи набототи шибляк дар масофаи баландиҳои аз 800 то 2500 метр аз сатҳи баҳр паҳншуда месабзад. Шароити оптималии паҳншавии бодом дар баландиҳои аз 900 то 1700 метр аз сатҳи баҳр мебошад. Мониторинги таркиби он нишон дод, ки дар ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубӣ бодомзорҳо бо писта, туғ ва фарки регел якҷоя месабзанд [2,3]. Дар таркиби алафзорвш низ растаниҳои хушкидуст эфемеру эфемероидҳо: *Anisantha tectorum, Taeniatherum crientalis, Bromus oxyodon, Vilpia muiros, Phleum paniculatum, Aegilopa triuneialis Carex pachistylis, Papaver somniferum* ва ғфйраҳо.

Мувофиқи таҳлили адабиётҳо ва мушоҳидаҳои гузаронидашуда бодом дар Тоҷикистони Ҷанубӣ дар ҳудуди қаторкӯҳҳои Рангон-Тоғ, Сарсарак, Чал-Тоғ, кӯҳҳои Қаро-Тоғи назди Панҷ, Теракли-Тоғ, Ак-Тоғ, Арук-Тоғ, Ғозималик, Табакчӣ , Хоҷа-Қозиён, Боботоғ нисбатан ба дигар минтақаҳои Тоҷикистон васеъ паҳн гардида ҷамоаҳои худро ташкил намудааст. Бояд қайд намоем, ки ғайр аз минтақаи Бадахшон дар тамоми минтақаҳои геоботаникӣ парвариши бодом хеле хуб ба назар мерасад. [1,2,3]

Дар олами набототи Тоҷикистон бодом ба дохили типҳои зерин: набототи нимсаванна, арчазорҳо, ҷангалҳои ксерофилӣ ва базе ҳолатҳо дар сарҳади поёнии паҳншавии ҷангалҳои мезофилӣ мутобиқ шуда, вориди онҳо шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки аз ҷиҳати хусусиятҳояш бодом асосан хоси ҷангалҳои хушкидӯст мебошад [1, 6,7].

Бодом-*Amygdalus* дар таркиби бешазорҳои камдарахти ксерофилӣ ва қисми шимолӣ зиёдтар нашъунамо мекунад. Дар натиҷаи тадқиқот, дар таркиби бодомзорҳо-Amygdalus дар минтақаи омӯзиш 250 намуди растанӣ ва 18 ҷамоа (ассотсиатсия) ба қайд гирифта шудааст. Дар ҷадвали 1 тавсифи баъзе аз ҷамоаҳо (ассотсиатсия) дар давраи омӯзиш ба қайд гирифта шудааст.

Ҷадвали 1. Тавсифи типологии бодомзорҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ

№	Гурӯҳи типологӣ	Баландӣ аз сатҳи баҳр, м	Паҳншавӣ ва хокҳо	Гурӯҳи ҷамоаҳо (ассотсиатсия)
1	Бодомзори ҳақиқӣ (дар нимсаваннаҳо)	900-1700	Хокистарранги карбонатӣ обшусташуда	1.Бо ҳукмронии ҷав. 2. Бо ҳукмронии юған. 3. Бо ҳукмронии камол. 4. Бодомзор дар санглоқҳо.
2	Бо нишонаҳои ҷангалзорҳои паҳнбарг	1000-1800 (2000)	Хокҳои карбонатии шусташуда	5. Гуногунхушаю ҷав-дор бо дарахту бутта-ҳои паҳнбарг. 6.Юғанзор бо ҳукмронии дарахтони паҳнбарг. **7**. Гуногуналафу гуногунбутта. 8. Бо пачитник.
3	Бо нишонаҳои	1800-2200	Хокистарранги карбонатӣ	9.Ҷави ёбои бо иштироки арча.

	арчазорҳои термофилӣ			10.Юғанзор бо иштироки арча.

Натиҷаҳои дар ҷадвали 1 овардашуда нишон медиҳад, ки бодомзорҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ дар баландии аз 900 метр то 1700 метр аз сатҳи баҳр дар хокҳои хокистарранги шусташуда ва ҷамоаи растаниҳои нимсаванна паҳн шудааст. Сарҳади паҳншавии бодом нисбат ба баландӣ аз сатҳи баҳр боло (аз 1000 то 2000 метр) ҷамоаҳои бо бодом омехташуда тағйир меёбанд, яъне ба ҷои растаниҳои нимсаванна дар аввал намояндагони ҷангалзори паҳнбарг ва баландтар аз он арчаи зарафшонӣ иваз мешавад.

Бодомзор бо ҳукмронии юған-*Amygdalus bucharica* + *Prangos pabularia, Bromus oxiodon.* Ин гуна типи наботот дар кӯҳи Октов, Тераклитов, Хоҷа-Мумин ва инчунин дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор дар баландиҳои 1400-1800м паҳн шудааст. Бодомзорҳои эфемерӣ -юғанӣ дорои хокҳои навъи хокистарранги карбонатӣ мебошанд. Қабати якумро дар ҷамоа бодомзорҳо ташкил намудааст. Қабати дуюм ҷамоа бошад аз юған-*Prangos pabularia* иборат мебошад. Ғайр аз бодом типи набототи дигар ба монанди дулона, заранги регел аз буттаҳо, ки қабати дуюмро ишғол мекунанд хучи қӯқандӣ мавҷуд мебошанд. Ҳолати экологии ҷамоаи мазкур хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

Дар қабати поёнӣ дар дохили ҷамоа бо баландии 10-20см эфемерҳо: *egilops triunciatis, Bromus oxyodon, B.danthoniae, Anisanha testorum, Arenaria leptoclados, Vilpia persica, Bromus oxiodon, B. danthoniae, Anisantha tectorum* ва ғайра фаровон аст. Пушиши рӯи хок аз ҳисоби растаниҳо 50-55% -ро дар ташкил менамояд. Дар таркиби ҷамоа асосан растаниҳои рӯшноидӯст васеъ паҳн гардидаанд.

Бодом бо ҳукмронии ҷави ёбоӣ - *Amygdalus bucharica* + *Hordeum bulbosum, Bromus oxiodon.* Ин ҷамоа дар муқоиса бо ҷамоаҳои қаблӣ камтар ба қайд гирифта шудааст. Намуди мазкур дар гирду атрофи кӯҳи Сарсарак дар баландии 1100-1200м дар минтақаи серсанг ба мушоҳида мерасад. Нишебиҳои ҷанубу шарқиро, ки аз хокҳои регдори хокистарранги шусташуда иборатанд, бодомзорҳо ишғол намудаанд [1,2].

Дар қабати аввал бодом бо дарозии на бештар аз 3-4м ва пӯшиши 30-40%-и рӯи хок ҳукмрон мебошанд. Алафзори ҷамоа аз ду қабат иборат мебошад. Паҳншавии растаниҳо дар дохили ҷамоа якхел баробар мебошад. Дар сатҳи болоии қабати аввал, ки 60-70 см *Hordeum bulbosum, Poa bulbosa, Verbuscum songoricum* иборат буда, сатҳи поёнӣ бошад бо пояҳои дарозиаш 25-30см ва эфемерҳо: *Crepis pulchra, Bromus danthonice, Boxyodon, Callipeitti cucularis, Alyssum desertonum, Galium tenuissimum, Filago arvensis, Vulpia mayros, Avena tricholla* ва ғайра ба амал меорад. Ҳолати экологии ҷамоа хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

Бодом бо эфемерҳо - *Amygdalus bucharica* + *Hordeum bulbosum, Bromus oxiodon* + *Elytrigia trichophora, Anisantha tectorum, Arenaria leptoclados, Bromus oxyodon.* Ҷамоа дар қаторкӯҳои Ҳисор, Боботоғ ва Рангонтоғ ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳама ҳолатҳо, ҷамоаҳои он аз 1200-1400 метр баланди аз сатҳи баҳр вомехӯранд. Асосан дар хокҳои хокистарранги обшусташудаи карбонатӣ ва таркибаш таназзулёфтаи серсангу қум паҳн шудааст. Қабати якум ва дуюми ҷамоаи бодомзорҳо баландии 20-30см-ро ташкил намуда, дар дохили онҳо растаниҳои эфемерӣ бартарияти хуб дорад: *Anisantha tectorum, Taeniatherum crientalis, Bromus oxyodon, Vilpia muiros, Phleum paniculatum, Aegilopa triuneialis.* Қабати ҷамоаро алафҳои хеле гуногун ташкил медиҳад. Дар умум шумораи намудҳо дар ҷамоа 40-намудро ташкил медиҳад.

Бодом бо ҳукмронии камол - *Amygdalus bucharica* + *Ferula foetydissima, Aegilops triusialis, Poa bulbosa.* Ингуна ҷамоа (ассотсиатсия) дар гирду атрофи кӯҳҳои Сарсарак, Арук-Тоғ, Қара-Тоғ дар баландиҳои 800-1200 метр аз сатҳи баҳр паҳн шудааст. Таркиби алафзор дар ҷамоа аз ду қабат иборат буда, дар дохили он 35 намуди растанӣ мавҷуд аст.

Растаниҳои таркиби ҷамоа якхела паҳн шудааст. Дар зинаи болои набототи ин ҷамоа бодом ҳукмрон мебошад. Пушиши рӯи хок дар ҷамоа ба ҳисоби миёна 45-55%-ро ташкил медиҳад. Дар зинаи дуюм намудҳои зерин аз қабили *Ferula foetydissim* мавҷуд буда, таркиб ва ҳолати ҷамоаи мазкур хуб ва бетағйир боқӣ мемонад. Аз дигар намояндаҳои растаниҳои алафӣ ба монанди: *Polygonum parviflorum, Lactuca seriola, Incarvillea olgae, Astragalus sieversianus, Lindelofia macrostyla* мавҷуд мебошад. Ҳолати экологии ва инкишофёбии растаниҳои ин ҷамоа хеле хуб ба назар мерасанд. Дар ҷамоа шусташавии хок аввали фасли баҳор аз ҳисоби оби борон мунтаззам ба назар мерасад.

Бодомзори гуногуналаф - *Amygdalus bucharica, Scaligeria alioides, Inula grandis, Eremostachys hissarica, Phlomus bucharica.* Мавзеъҳои бодхӯрдашуда ё қисматҳои поёнии нишебиҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ бо хокҳои санглох ва хушк дар баландии 900-1400м аз сатҳи баҳр паҳн шудааст. Дар дохили ҷамоаи мазкур 44 намуди растаниҳои гуногун муайян карда шуд. Дар чунин ҷамоаҳо бодом бо туғ ва баъзе намудҳои хучҳо қабати аввалро ташкил медиҳанд, ки баландии пояи онҳо 1,5-3,2 м буда, аксар вақт ин қабатро растаниҳои ксерофитӣ ташкил намудаанд. Дар дохили ҷамоа намудҳои зерин: *Avena trichophylla, Aegilops triunciatis, Bromus oxyodon, Anisanha testorum, Arenaria leptoclados, Vilpia persica, Poa bulbosa* ва ғайраҳо ҳукмрон мебошанд. Умуман, вазъи ҷамоа аз таъсири омилҳои антропогенӣ хуб ба роҳ монда нашудааст. Дар ҷамоа осеб дидани баргу пояи растаниҳо аз ҳисоби тарзи нодуруст чаронидани чорво ва ҳашаротҳо, алалхусус малаххои гуногун ба назар мерасанд.

Бодомзорҳо дар таркиби ҷангалҳои паҳнбарг. Бодомзорҳо ҷамоаҳои хоси аз сатҳи баҳр дар баландиҳои 1200 - 1800 метр ҷойгир мебошанд. Ингуна ҷамоа асосан хосси қаторкӯҳҳои Ҳисор, Қаротегин, Вахш, Пётри-I ва инчунин Тоҷикистони Ҷанубӣ мебошад. Ҷамоаи бодомзор бо ҳамроҳии намояндаҳои ҷангалзорҳои паҳнбарг рӯи хокро пӯшонидаанд, ки 50 - 70% - ро ташкил медиҳанд. Дар дохили ин ҷамоа бодом бо фарқи регел, туркистонӣ , чормағз, махлабкаҳ, олуча, дулона, ангури ёбоӣ баъзан тлёх низ мавҷуд мебошад. Дар минтақаҳои осебдидаи ҷангалҳои паҳнбарг бодом ҷамоаҳоро ба амал меорад. Дар ин ҷамоа миқдори эфемерҳо нисбат ба бодомзори таркиби арчазорҳо бисёр аст. Барои ин гурӯҳи ҷамоаҳои (ассотситсия) зерин**:** бодомзор бо ҳукмронии юған, ҷави ёбоӣ, бодомзор бо ҳукмронии экзохорда ва хуч, бодомзори гуногунбутта, бодомзор ва фарқи туркистонии хос буда вомехӯранд.

Бодомзор бо ҳукмронии юған ва иштироки фарқи туркистонӣ *Amygdalus bucharica, + Prangos pabularia, Bromus oxiodon.* Дар қаламрави Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ дар баландии аз сатҳи баҳр 1000-1800 метр васеъ паҳн шудааст. Дар дохили ҷамоаи мазкур 55 - намуди растанӣ муайян карда шудааст. Дар баъзе ҳолатҳо бодом дар дохили зарангзорҳо (Acer turkestanicum) паҳн шуда, ҷамоаи ҷангалро - *Poa nemoralis, Agrostis canina, Piptatherum pamiroalaicum бо хуч ва ирғай Rosa ecae, Berberis integerrima* ташкил медиҳанд. Дар қисми поёнии минтақа юғанзор бо ҷамоаи садбаргҳо *Rosa divina, R. kokanica*, бо арчаҳои ягона, заранг, нок, олуболу *Acer regelii, Pyrus tadshikistanica, Cerasus verrucosa* ба таври васеъ паҳн гардидаанд.



Расми 1. Бодомзор бо иштироки фарқи туркистонӣ

Дар ҷамоаҳои тадқиқоти аз қабили бодомзор бо хукмронии юған ва тлёх, юған ва хуч, ношпотӣ ва юған, юған ва садда, калофака, караганаи туркистонӣ ва буттаҳои гуногун аз ҷумла тригонеллаи Липский ва ғайраҳо ба қайд гирифта шуд.

Давраи инкишоф ва рушду нумуи тамоми ҷамоаҳои бодоми бухороӣ вобаста ба шароити иқлимӣ ва агрометеорологи охирҳои моҳи феврал оғоз мегарданд. Дар моҳи июл давраи инкишофи онҳо ба пуррагӣ қатъ мегардад.

Бодомзорҳо бо иштироки арчазори термофилӣ . Ҷамоаҳои бодом хоси баландиҳои 1800-2200 метр аз сатҳи баҳр буда қисми асосии набототи ҷамоаро қаторкӯҳҳои Ҳисор, Қаротегин, Вахш, Пётри-I ва инчунин Тоҷикистони Ҷанубӣ ташкил медиҳанд. Ҷамоаҳои бодомзорҳо бо ҳамроҳии арчаи зарафшонӣ , фарқи Регел, фарқи туркистонӣ, дулона, ангури ёбоӣ баъзан тлёх мавҷуд мебошад. Бодомзор дар якҷояги бо растаниҳои юған, ҷави ёбоӣ ва ғумай ҷамоаро ба амал меоранд. Таркиби ассотсиатсияро нисбати дигар намудҳо арчаи зарафшонӣ ташкил медиҳад.

Бодомзор бо ҳукмронии юған ва иштироки арчаи зарафшонӣ - *Amygdalus bucharica + Prangos pabularia +Juniperus seravschanica.* Ин типи набототи дар қаторкӯҳи Ҳисор, Сарсарак, Ғозималик дар сатҳи баландии 1800-2000 м ба таври васеъ паҳн гардидааст, ки пӯшиши рӯйи хок аз ҳисоби растаниҳо 30-40%-ро ташкил медиҳад. Хокҳои бодомзорҳо навъи хокистарранги карбонатиро доро мебошанд.

Қабати якумро дар ҷамоа бодом ба амал меорад. Вале дар баъзе ҳолатҳо ду доминант дида мешавад, ки қисми асосиро арчазорҳо ташкил медиҳанд. Қабати дуюми ҷамоа қисман аз юған- *Prangos pabularia* иборат мебошад. Ғайр аз бодом боз дулона, фарқи Регел ва аз буттаҳо бошад, хучи қӯқандӣ қабати дуюмро ишғол мекунад. Дар таркиби ҷамоа эфемеру эфемероидҳо низ мавҷуданд. Пӯшиши умумии рӯи хок аз ҳисоби растаниҳо 60-65%-ро ташкил менамоянд.

Бодом бо ҳукмронии ҷави ёбоӣ ва иштироки арчаи зарафшонӣ - *Amygdalus bucharica + Hordeum bulbosum, Bromus oxiodon+ Juniperus seravschanica.* Ҷамоаи мазкур дар гирду атрофи кӯҳи Сарсарак, қаторкӯҳҳои Дарвоз, Қаротегин, Пётри-I дар минтақаи серсангу сангреза бо баландии 1800-2000 м воқеъ буда ба қайд гирифта шудааст расми -2.



Расми 2. Бодомзор бо иштироки арчаи зарафшонӣ

Нишебиҳои ҷанубию шарқӣ ва хокҳои регдори хокистарранги эрозияшудаи ин минтақаро бодомзорҳо ишғол намудаанд. Дар қабати аввал бодоми бухороӣ бо дарозии на бештар аз 2-4 м ва пушиши рӯи хок 35-45% ҳукмрон мебошанд. Алафзори ҷамоа аз ду қабат иборат мебошад. Дар сатҳи болоии қабати аввал, ки 55-65 см баланд *Hordeum bulbosum, Poa bulbosa, Verbuscum songoricum* ва дар сатҳи поёнӣ бошад бо дарозии 25-30 см баландии пояҳо аз эфемерҳо ва ғайра иборат мебошанд.

Дар умум таркиби экосистемае, ки бодоми бухороӣ ташкил медиҳад солҳои охир аз таъсири омилҳои антропогенӣ тағйирёбии иқлим зиёд ба назар мерасанд. Ҳолати бодомзорҳои назди маҳаллаҳои аҳолинишин 35-40% буда дар сатҳи паст ва дар дуртар аз маҳаллаҳои аҳолинишин ҳолати бодомзорҳо қаноатбахш ба қайд гирифта шудааст. Сабаби асосии таназзулёбии бодомзорҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ кушодани заминҳои нав, сохтумони корхона, биноҳо ва чаронидани бенизоми чорво ба ҳисоб мераванд.

АДАБИЁТ

1. Буланов С.А. Стадии развития гигантских оврагов в Таджикистане // Закономерности проявления эрозии и русловых процессов в различных природных условиях, М., 1987. – С.178 - 179.
2. Волощук М.Д., Джемелинский А.А. Линейная эрозия почв и совершенствование приемов борьбы с оврагами в Молдавии // Водная эрозия почв и борьба с ней, - Кишинев, 1977. - С.202 - 209.
3. Гуссак В.Б. Факторы и внутренние последствия поверхностных смывов красноземов в условиях влажных субтропиков Грузии // Эрозия почв. - М.АНСССР, 1937. - С.44 - 55.
4. Гончаров Н.Ф. Очерк растительности Центрального Таджикистана / Н.Ф. Гончаров. – М.-Л.: АН СССР, 1936. – 229 с.
5. Запрягаева В.И. Дикорастущие плодовые Таджикистана / В.И. Запрягаева. - М., -Л:. Наука, 1964. – 695 с.
6. Запрягаева В.И. Лесные ресурсы Памиро-Алая / В.И. Запрягаева – Л.: Наука, 1976. – 595 с.
7. Коровин Е.П. Растительность Средней Азии и Южного Казахстана / Е.П. Коровин. – Ташкент: АН УзССР, 1962. – Кн.2. – 547 с.
8. Заславский М.Н. Эрозия почв и земледелия на склонах // Кишинев: Карта Молдавеняскэ, 1966, - С.294.
9. Кутеминский В.Я. Почвы Таджикистана. Условия почвообразования и география почв / В. Я. Кутеминский Р.С. Леонтьева. –Душанбе, Ирфон, 1966. - Вып.1. -221 с.
10. Рожков А.Г., Гайворон Т.Д. Овражная эрозия и освоение оврагов в СССР //Сб.: Эрозия почв и повышения их плодородия в странах - членов СЭВ. - М.,1989, - С. 55 - 60.

11. Степанов Г.М., Лес как фактор защиты почв от эрозии // Борьба с эрозией почв в СССР. М.: АН СССР, 1938. - С.27 - 34.
12. Сафаров Н.М. Флора и растительность Южного Памиро-Алая /Н.М. Сафаров. –Душанбе, Дониш - 2015. – 335 с.
13. Сидоренко Г.Т. Растительный покров Юго-Западного Таджикистана / Г.Т. Сидоренко // Деп. ГИТИ, Душанбе, 1993. – 277 с.
14. Сидоренко Г.Т. Пастбищно-геоботанические районы Таджикистана. Южно-Таджикистанский район / Г.Т. Сидоренко // Пастбища и сенокосы Таджикистана. – Душанбе, Дониш - 1977. – С.242-245.
15. Сатторов Р.Б. Растительность Каратегинского хребта и вопросы ее картографирования на основе материалов космических съемок: авт. дисс. канд. биол. наук: 05.00.03 / Р.Б. Сатторов. – Душанбе, 1995. – 24 с.
16. Саидов Б.З. Аҳаммияти бодом дар минтақаҳои таназзулёфтаи ҳангалзорҳои Тоҷикистон / Б.З. Саидов, Ҷ.Шоева // Илм ва фановарӣ. –Душанбе, 2023. №2. -263с.

ХУСУСИЯТҲОИ ФИТОСЕНОЛОГИИ БОДОМ

Дар мақолаи мазкур муаллифон маводҳо оиди хусусиятҳои фитосенологии бодом, ки солҳои 2021-2023 дар шароити иқлими Тоҷикистони ҷанубӣ мониторинг гузаронида шудааст, пешниҳод намудаанд. Яке аз масъалаҳои муҳим таъсири омилҳои табии ва антропогенӣ тақозо медиҳад, ки тарзи истифодабарии захираҳои табииро ҷидан мавриди омӯзиш қарор диҳем. Усулҳои муосир нигоҳдории муносибатҳои байни ҷамъият ва табиатро дар пешрафти илму техника, дарёфт намудааст. Тадқиқоти ҳамаҷонибаи боҳам вобастаи тағйироти муҳити зист ва тараққиёти энергетика, саноат, нақлиётро тадқиқ намоем. Бинобар ин, пешгӯйиҳои экологиро бо мақсади ҳифз, идоракунии табиат мубрамтарин ҳалли масъалаҳои ҳифзи табиат мебошад. Тағйир ёфтани иқлим, ифлосшавӣ, захролудшавии об, эрозияи замин ва партовҳои истеҳсолот ба вайроншавии сатҳи замин оварда мерасонад. Яке аз сабабҳои асосии камшавии ҳосилхезии заминҳо ва олами наботот сохтмони корхонаҳои саноатӣ ба шумор меравад. Мувофиқи маълумотҳои бадастовардаи муаллифон ба хулосае омаданд, ки тағйир ёфтани иқлим, ифлосшавӣ, захролудшавии об, эрозияи замин ва партовҳои истеҳсолот ба вайроншавии сатҳи замин оварда мерасонад. Дар натиҷаи ҳамин истеҳсоли бодом низ бо тағйиротҳо дучор мешавад.

Калидвожаҳо: фитосенология, ҷамоаи наботот, Тоҷикистони ҷанубӣ, бодоми бухороӣ, ҷангалҳо, наботот, омилҳои табии, захираҳои табии, ифлосшавӣ, захролудшавии об, эрозияи замин, усулҳои муосир.

ФИТОЦЕНОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ МИНДАЛЯ

В данной статье авторы представили материалы по фитоценологическим особенностям миндаля, мониторинг которых проводился в 2021-2023 годах в климатических условиях Южного Таджикистана. Одним из важных вопросов является влияние природных и антропогенных факторов, что требует тщательного изучения способов использования природных ресурсов. Современные методы сохранения взаимоотношений человека и природы были найдены в ходе развития науки и техники. Мы провели комплексное исследование взаимозависимости изменения окружающей среды и развития энергетики, промышленности и транспорта. Поэтому экологическое прогнозирование в целях охраны и управления природой является наиболее актуальным решением проблем охраны природы. Изменение климата, загрязнение окружающей среды, заражение воды, эрозия почвы и промышленные отходы приводят к деградации земель. Одной из основных причин снижения плодородия почв и растительного мира является строительство промышленных предприятий. По полученным данным авторы пришли к выводу, что изменение климата, загрязнение воды, эрозия земель и производственные отходы приводят к разрушению поверхности земли. В результате этого производство миндаля также претерпевает изменения.

Ключевые слова: фитоценология, растительное сообщество, Южный Таджикистан, бухарский миндаль, леса, растения, природные факторы, природные ресурсы, загрязнение, заражение воды, эрозия почвы, современные методы.

PHYTOCENOLOGICAL FEATURES OF ALMONDS

In this article, the authors presented materials on the phytocenological characteristics of almonds, the monitoring of which was carried out in 2021-2023 in the climatic conditions of Southern Tajikistan. One of the important issues is the influence of natural and anthropogenic factors, which requires a thorough study of the ways of using natural resources. Modern methods of preserving the relationship between man and nature were found in the course of the development of science and technology. We conducted a comprehensive study of the interdependence of environmental change and the development of energy, industry and transport. Therefore, environmental forecasting for the purpose of protecting and managing nature is the most urgent solution to environmental problems. Climate change, environmental pollution, water contamination, soil erosion and industrial waste lead to land degradation. One of the main reasons for the decline in soil fertility and flora is the construction of industrial enterprises. Based on the data obtained, the authors concluded that climate change,

water pollution, land erosion and industrial waste lead to the destruction of the earth's surface. As a result, almond production is also undergoing changes.

Keywords: phytocenology, plant community, Southern Tajikistan, Bukhara almond, forests, plants, natural factors, natural resources, pollution, water contamination, soil erosion, modern methods.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Саидов Баракатулло Зубайдуллоевич*** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба Шириншоҳ Шоҳтемур, докторант Ph.D. **Суроға:** ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Карамов 7/3. Телефон: **900-06-19-97.** E-mail: **saidov-barakatullo@mail.ru**
Худойқулов Бахтовар Субҳонович – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба Шириншоҳ Шоҳтемур, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи хоҷагии ҷангал ва бунёди чаманзори факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзӣ. **Суроға:** ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Карамов, 7/3. Телефон: **934-13-16-46**

Сведения об авторах: ***Саидов Баракатулло Зубайдуллоевич*** – Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шахтемура, докторант Ph.D. **Адрес:** город Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Карамова 7/3. Телефон: **900-06-19-97**. E-mail: **saidov-barakatullo@mail.ru**
Худойқулов Бахтовар Субҳонович – Таджикский аграрний университет им. Шириншох Шахтемура, кандидат сельскохостественных наук, доцент кафедры лесного хозяйства и создания газонов факультета садоводства и сельскохозяйственной биотехнологии. **Адрес:** город Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Карамова, 7/3. Телефон: **934-13-16-46**

Information about authors: ***Saidov Barakatullo Zubaydulloevich*** – Tajik Agrarian University named after Shirinshhoh Shahtemur, Ph.D. student. **Address:** Dushanbe, Republic of Tajikistan, Karamov str., 7/3. Phone: 900-06-19-97. E-mail: **saidov-barakatullo@mail.ru**
Khudoykulov Bakhtovar Subjonovich – Tajik Agrarian University named after Shirinshhoh Shahtemur, Candidate of Agricultural Sciences, Associate Professor of the Department of Forestry and Lawn Creation, Faculty of Horticulture and Agricultural Biotechnology. **Address:** Dushanbe, Republic of Tajikistan, Karamov str., 7/3. Phone: **934-13-16-46**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 581.13: 633.192

ТАҲҚИҚИ МОРФОБИОЛОГӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ МУТОБИҚШАВИИ КВИНОА (*CHENOPODIUM QUINOA WILLD.*) ДАР ШАРОИТИ ИҚЛИМИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳамидзода Х.Н., Мирзоев Қ.А., Яқубова М.М., Ҷураева М.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иқлими Тоҷикистон имкон медиҳад, ки механизмҳои мутобиқшавии навъҳои ояндадори зироатҳо дар минтақаҳо гуногуни Тоҷикистон, парвариш карда шаванд.

Омӯзиши зироатҳои ғаладонагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокӣ, дараҷаи тезпазӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти он вазифаи аввалиндараҷа мебошад.

Раванди ҷаҳонишавӣ ва шомил шудани Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо тақозо менамояд, ки навъҳои навъи дар оянда баровардамешуда ба талаботи рӯзафзуни замон ҳаматарафа ҷавобгӯ бошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои расидан ба ин мақсад ва таъмини устувори даромаднокии соҳа, навъҳои навъи ихтироъшаванда бояд ҳосилнокии баланд дошта бошанд.

Квиноа, ё киноа (*Chenopodium quinoa Willd.*) зироати псевдокалла аз оилаи Amaranthaceae аз авлоди Chenopodium мебошад.

Таснифи илмӣ: Олам: Растани (Plantae), Шуъба: Пушидатухм (Magnoliophyta), Синф: Дупалагиҳо (Magnoliopsida), Тартиб: Мехчагулҳо (Caryophyllales), Оила: Амарантиҳо (Amaranthaceae), Авлод: Шуракиҳо (Chenopodium), Намуд: Квиноа ё киноа (Quinoa), Навъ: Титикак, Шураи шолӣ, Шаҷара: Ames – 13727, Ames – 13742.

Дар айни замон майдони кишти квиноа торафт васеъ мешавад. Квиноа дар Иёлоти Муттаҳиди Амрико, Канада, Италия, Шветсия, Ҳиндустон, Эквадор, Русия парвариш карда мешавад, аммо минтақаҳои калонтарини кишт то ҳол дар Перу ва Боливия мебошанд [4–10]. Дар Осиёи марказӣ аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимон ва муҳаққиқон нисбат ба ин зироати муҷизанок таваҷҷуҳ зоҳир намуда дар корҳои илмӣ таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор дорад.

Аммо бояд гуфт, ки қариб тамоми маҳсулоти квиноа дар дасти деҳқонону кишоварзони хурд қарор дорад.

Потенсиали мутобиқшавии растанӣ имкон медиҳад, ки квиноа дар доираи васеи шароити агроэкологӣ парвариш карда шавад. Ин растанӣ қобилияти баланди экологӣ дорад, ба омилҳои номусоид (хушкӣ, ҳарорати паст, рӯшноӣ, шӯршавӣ) тобовар буда ва амалан ба бемориҳо устуворӣ доранд [3].

Объекти таҳқиқот

Барои ҳалли масъалаи гузошташуда ба сифати объекти таҳқиқот навъ ва шаҷараи киноаи *Chenopodium quinoa Willd* истифода шуданд: навъи Титикак, Шураи шолӣ, шаҷараҳои Ames – 13727, Ames – 13742 аз маводҳои Маркази миллии ҷумҳуриявии сарчашмаҳои генетики ТАҲСН (лутфан М. Пулодов пешниҳод намуданд) гирифта шуданд. Дар омӯзиши мутобиқатии нишондиҳандаҳои морфо — физиологии C_3 растаниҳо квиноа (*Chenopodium quinoa*) қарор дорад.

Квиноа растании яксолаи алафӣ буда, баландии он вобаста ба намуд ва навъҳои растанӣ, инчунин аз шароити нашъунамо (хусусиятҳои иқлимии минтақа, ҳосилхезии хок ва ғ.) аз 0,6 то 3,0 м фарқ мекунад [2–4].

Системаи решаи квиноа реша поя буда, решаи асосии хеле шохадор аст. Реша метавонад ба хок то чуқурии 1,8 м ворид шавад, ки ин имкон медиҳад, растанӣ дар минтақаи хушк нашъунамо ёбад ва ба шамолҳои сахт тоб оварад.

Растаниҳо пояи рости ғафс доранд, ки шакли мудаввар ё силиндрӣ доранд. Поя аксар вақт, навдаҳои паҳлӯиро ташкил медиҳанд.

Барг – аз лавҳачаи баргӣ ва думча иборат аст. Баргҳо полиморфизми аён доранд: ромбмонанд, делтамонанд ё секунҷамонанд мешаванд. Думчаҳо дар қисми боло аз

чуқурҳо ва аз антосианинҳо бой мебошанд. Баргҳое, ки аз пояи тартиби якум дароз мешаванд, дарозтар ва аз шохаҳо нисбатан кӯтоҳтаранд. Дар аксари мавридҳо лавҳачаи баргӣ ҳамвор буда, каме мавҷнок мебошад. Баргҳои ҷавон бо қабати оҳарӣ пӯшонида шудаанд, ки аз мӯйҳои везикулярии андозаи 1,4 мм иборатанд. Онҳо сафед, гулобӣ ё сурхи баланд буда, ба баргҳо, инчунин навдаҳо ба навдаи ҷавон паҳн шудааст. Баъзан баргҳо ҷилодор мешаванд. Лавҳачаи баргӣ ҳатто дар як растанӣ полиморфӣ мебошад. Поёнаш алмосшакл ё секунҷа, болоӣ нештармонанд ё секунҷаи андозаи хурд доранд. Канори барг дандондор (аз 2 то 20 дандоначаҳо) мебошад. Баргҳои боло метавонанд дандоначаҳо надошта бошанд. Дарозии баргҳои болоӣ 10 см, бараш 2 см, дар баргҳои поёнӣ мутаносибан 15 см ва 12 см мебошад. Аксарияти баргҳо се рагҳои асосие доранд, ки шоха мезананд.

Баргҳо дар пояи сабз бонавбат ҷойгир шудаанд. Ҳангоме, ки растанӣ пухта мерасад, вобаста ба навъ зард ё сурх мешавад. Ин баргҳо ғафсу мустаҳкам мебошанд. Баргҳои растании квиноа аз оксалати калтсий бой мебошанд, ки дар рӯйи баргҳо як навъ «хока» - ро ташкил медиҳанд. Оксалатҳо ба растанӣ имкон медиҳанд, ки намиро аз муҳити атроф беҳтар ҷаббида ва нигоҳ дошта, онро аз сардӣ муҳофизат кунанд. Ин раванд ҳамчун қобилияти гигроскопии барг маълум аст.

Хӯшагули ҷорӯбмонанд - аз меҳварҳои сершумори қаторҳои дуюм ва сеюм иборат мебошад, ки ба онҳо гулҳои хурд дар кӯракҳо ҷамъ шуда, пайваст гардидааст. Агар кӯракҳо дар меҳвари тартиби дуюм нишинанд, он гоҳ хӯшагул амарантмонанд ҳисобида мешавад, ки он шакли дарозрӯя дорад. Агар кӯракҳо дар меҳвари дараҷаи сеюм нишинанд, хӯшагул шакли кистамонандро пайдо мекунад. Вай нисбатан калонтар ва аз дигар шаклҳо бартарӣ дорад [18]. Дарозии меҳварҳои қатори сеюми хӯшагули хӯшамонанд аз 3 то 5 см буда, дар тамоми дарозии онҳо кӯракҳо мавҷуданд, ки аз 20 ва ё зиёда гулҳои ҷойгиршуда иборатанд.

Кӯракҳо шакли куррашакл доранд, андозаи онҳо аз дарозии меҳвари асосӣ ва паҳншавии гулҳо вобаста аст. Дарозии хӯшагулҳо ба чунин қисмҳо тақсим мешавад: кӯтоҳ – 15 см, миёна ва дароз – то 70 см. Баъзан кӯракҳои хӯшагулҳои амарантмонанд хеле дароз мешаванд. Андозаи кӯракҳои кӯррамонанди хӯшагули хӯшамонанд дар шаклҳои худрӯй на бештар аз 5 мм, дар шаклҳои кишт аз 8 то 20 мм дарозӣ доранд. Хӯшагул метавонад ранги сафед, сурх, арғувонӣ, зард, норинҷӣ ва сиёҳ дар тобишҳои гуногун мебошанд. Дарозии гул аз 30 то 80 см ва диаметри он аз 5 то 30 см мебошад. Дар ҷорӯбак бошад аз 100 то 3000 тухмиро пайдо кардан мумкин аст. Дар навъҳои серҳосил бошад, дар як ҷорӯбак то 500 г дона ҷамъоварӣ кардан мумкин аст.

Гулҳо – майда буда, аз гулпӯши одӣ ва косашакл иборат мебошад. Баргакҳо, аз ҷумла 5 адад, дар пойгоҳ омехта карда шудаанд, ки бо пардаи сафед дар канори кунҷҳо ва бо муякҳои везикулярӣ дар қад – қади қил бурида шудаанд. Онҳо метавонанд дуҷинса ё модина бошанд. Гулҳои дуҷинса дар қисми болоии кӯрак ва модинаҳо бошанд дар қисми поёнӣ ё паҳлугӣ ҷойгир шудаанд. Мутаносиби байни онҳо номуайян аст. Андозаи гулҳои дуҷинса нисбат ба андозаи гулҳои модина калонтаранд. Андротсей аз 5 гардбарг бо риштаҳои кӯтоҳу хамида дар пойгоҳ омехта ҷойгир шудааст. Гинетсей хурд буда, тухмдонаш эллипсоидмонанд мебошад. Гулҳои модина аз баргакҳо ва гинетсей иборатанд. Андозаи баргчаҳо аз 2 то 5 мм буда, гинетсей бошад аз 1 то 3 мм мешавад.

Мева – тухмӣ мебошад, ки бо рӯйпӯшаки тухмӣ пӯшонида шудааст. Ранги онҳо бо ранги растанӣ муайян карда мешавад: сурх, арғувонӣ ва тобишҳои гуногун дорад. Дар меваҳои пухтарасида хӯшагули он ситорашакл мешавад. Спермодерма ранги тухмро – сафед, зард, гулобӣ, қаҳваранг, норанҷӣ, сурх ва сиёҳ буданашро муайян мекунад.

Дар таркиби он сапонинҳо мавҷуданд, ки ба тухмҳо таъми талх медиҳанд. Дар зери перисперма қабати тунуки эндосперма мавҷуд аст. Ҷанин қисми зиёди тухмиро ишғол мекунад. Меваи квиноа чормағзи хурди яктухми кушоданашаванда буда, шакли мудаввар-ҳамвор буда, диаметраш аз 1,7 то 2,2 мм мебошад. Ранги мева метавонад сафед, зард, сурх ё сиёҳ бошад [2–8–9–17].

Нашъунамои Квиноа ин давраи ҳаёти фаъолонае мебошад, ки бо давраҳои алоҳидаи гузариши физиологӣ ошкор карда мешаванд [13–19]. Давомнокии марҳилаҳо вобаста ба як қатор омилҳои берунӣ ва дохилӣ метавонад аз ҳамдигар хеле фарқ кунанд. Давомнокии давраи ақибмонии нашъунамои тухмиро бо мавҷуд набудани гормонҳои нашъунамо ё зиёд будани он, инкишофи физиологии ҷанин, нарасидани об, оксиген, нарасидани ҳарорати оптималӣ ва як қатор сабабҳои дигар шарҳ додан мумкин аст. Рушди ин давра аз ҷониби моддаҳои гормоналӣ идора карда мешавад, синтези фаъоли моддаҳои пластикӣ ва энергетикӣ дар он мегузарад ва инчунин механизмҳои ибтидоӣ, ки бо ташаккули КДН ва КРН, синтези ферментҳои нав ва фитогормонҳо алоқаманданд, ба амал меояд [5].

Хусусияти фарқкунандаи квиноа суръати пасти афзоиши он дар марҳилаҳои аввали рушд мебошад. Нашъунамои тухмӣ ва сабзиши ниҳолҳо дар моҳи аввал барои квиноа хеле муҳим аст. Омӯзиши сабабҳои сустинкишофёбӣ ва инкишоф дар ибтидои онтогенези растанӣ муҳим буда, дар ин давра ба квиноа ҳассосияти зиёд ба тағйирёбии ҳарорати мавсими баҳор, хушксолӣ ва бемориҳо хос аст.

Афзоиш ва раванди фотосинтез бо ҳам зич алоқаманд мебошад [6–11–12]. Аз ин рӯ, омӯзиши дастгоҳи фотосинтетикие, ки ташаккули метаболитҳои фотосинтетикиро маҳдуд мекунанд, равандҳои сабзиши ниҳолҳоро дар моҳи аввали растаниҳо таъмин намуда, ба онҳо таъсир расонида, барои тезондани давраи аввали инкишоф ёрӣ мерасонанд.

Мушоҳидаҳои фенологии муҳаққиқон [14] нишон доданд, ки марҳилаи пухтарасӣ дар навъҳои квиноа пас аз кишт 95 – 130 рӯз давом мекунад. Давраи аз нешзанӣ то гулкунӣ то 50% шукуфтани гарддонҳо дар ҳамаи гурӯҳҳои пухтагӣ 51 – 55 рӯз, давомнокии гулкунӣ 50% то гулкунии пурра 21 – 25 рӯзро дар бар мегирад. Тафовути назаррас аз давраи гулкунӣ то пухта расидани пурра барои навъҳои тезпазак 22 – 23 рӯз ва барои навъҳои дерпазак 46 – 47 рӯз (барвақтпазак – 95 – 100 рӯз, миёнапазак – 110 – 130 рӯз, дерпазак 130 рӯз ва аз ин ҳам зиёд) ба назар мерасад.

Арзиши асосии навъҳои мушаххас ҳосилнокии он мебошад. Натиҷаҳои баҳодиҳии ҳосилнокии квиноа нишон дод, ки навъҳои тезпазак назар ба навъҳои миёна ва дерпаз камҳосил мебошанд. Ҳосили ғалла аз 15,8 то 23,0 ва 31,4 с/га – ро ташкил медиҳад.

Омӯзиши ҷамъоварии навъҳои квиноа имкон дод, ки дараҷаи тағйирёбии аломатҳои морфологӣ муайян карда шавад, ки ин пеш аз ҳама ба тағйирёбии давомнокии марҳилаҳои алоҳидаи инкишоф, мавсими кишт, баландии растанӣ, ҳосилнокӣ ва ғайра таъсир мерасонад.

Талаботи квиноа ба шароити хок ва иқлим. Квиноа дар заминҳои камғизо тобовар буда, барои ҳосили баланд тавсия дода мешавад, ки онро дар заминҳои намнок бо миқдори зиёди моддаҳои органикӣ, нишебии муътадил ва миқдори миёнаи ғизоӣ парвариш карда мешавад. Квиноа хоки бетарафро афзалтар медонад, гарчанде ки он одатан дар хокҳои нишондиҳандаҳои гидрогениаш (pH то 9) ва туршӣ (pH то 4,5) парвариш карда мешавад.

Навъҳо ва экотипҳои гуногуни квиноа ба шароити гуногуни иқлим мутобиқ карда шудаанд.

Ҳарорати оптималии парвариши квиноа 18-20 ^{0}C буда, вале бояд қайд кард, ки квиноа метавонад ба ҳарорати аз +39 то - 8 ^{0}C тобовар бошад [3–8–15].

Квиноа обро самаранок истифода мебарад, гарчанде ки он растании C_3 аст. Вай механизмҳои физиологие дорад, ки имкон медиҳад, аз нарасоии намӣ раҳо ёбад, инчунин ба нарасидани намии хок тобоварӣ нишон диҳад.

Арзиши ғизоии квиноа. Квиноа пайдоиши қадимӣ дорад. Дар тамаддуни Инка, квиноа дар баробари ҷуворимакка ва картошка яке аз се ғизои асосии ҳиндуҳо буд. Мардуми Инка онро "донаи тиллоӣ" меномиданд.

Арзиши ғизоии квиноа асосан аз сабаби сафедаи баландсифати он, махсусан аз аминокислотаҳои муҳим бой буда, инчунин миқдори карбогидратҳои он эътироф шудааст, ки индекси гликемикии паст ва сифати ғизоӣ ва функсионалии беҳтарро дар

муқоиса бо донаҳои ғалладона ба монанди ҷуворимакка, сули, гандум ва биринҷ таъмин мекунад [2–4].

Миқдори аминокислотаҳои муҳим дар квиноа (100 г сафеда): изолейтсин - 4,9, лейтсин - 6,6, лизин - 6, метионин - 5,3, фенилаланин - 6,9, треонин - 3,7, триптофан - 0,9, валин - 4,5 баробар аст.

Квиноа аз витаминҳо ва минералҳо бой мебошад. Масалан, витамини B_1 24%, витамини B_2 17,7%, холин 14%, витамини B_5 15,4%, витамини B_6 24,4%, витамини B_9 46%, витамини Е 16,3%, калий - 22,5%, магний - 49,3%, фосфор - 57,1%, оҳан - 25,4%, марганетс - 101,7%, мис - 59%, селен - 15,5%, руҳ - 25,8% [2–4–16].

Дар қабати берунии тухмии квиноа ҷузъҳои ғайриғизоӣ - сапонинҳо мавҷуданд, ки одатан ҳангоми коркарди дони он барои бартараф кардани таъми талх корбарӣ карда мешаванд. Коркарди сапонинҳо ба таркиби витамини квиноа таъсир намерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон растании квиноа ҳамчун зироати ояндадор ҷиҳати ворид намудан ба қаторӣ ғаладонагиҳо зери таваҷуҳи олимон қарор гирифта аст. Барои омӯзиш ба сифати объектҳои таҳқиқоти навъ ва шаҷараи квиноаи *Chenopodium quinoa Willd* истифода шуданд: навъи Титикак, Шураи шолӣ, шаҷараҳои Ames – 13727, Ames – 13742 аз маводҳои Маркази миллии ҷумҳуриявии сарчашмаҳои генетики ТАҲСН (лутфан М. Пулодов пешниҳод намуданд) гирифта шуданд. Ҳамзамон омӯзиши хусусиятҳои физиологӣ–биохимиявии квиноа шурӯъ аз соли 2017 дар таваҷуҳи олимони кафедраи биохимияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои биология, профессор академики АМИТ Якубова М.М., доктори илмҳои биология, профессор Юлдошев Ҳ., номзади илмҳои биология, дотсент Ҳамидзода Х.Н. ва ассистенти кафедра Мирзоев Қ.А. қарор дорад. Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур таҳқиқот оид ба муайян кардани нишондиҳандаи физиологӣ-биохимиявӣ ба таҳаммулпазирии шӯрии растании квиноа оварда шудааст [10].

Усули таҳқиқот - Тухмиҳоро дар косачаҳои петри бо филтри дучанда ба миқдори 50 дона дар ҳар як косача дар се марҳила рӯёнида шуданд. Сабзониданро дар торикӣ ҳангоми ҳарорати 25+1°С ва намнокии 70% гузаронидем. Фоизи рӯйёиидан ва энергияи нешзании тухмиҳоро дар давоми 5 шабонарӯз ба қайд гирифта шуд. Тухмиҳои сабзидашударо ҳисобида дарозии решаҳо муайян кардашуд, ки дарозии он ба 1 см ё бештар аз он мерасиданд. Барои баҳо додан ба нашъунамои ниҳолҳо дарозии реша дар рӯзҳои 1 – 5 - уми нашъунамо чен карда шуданд. Ҳангоми омӯзиши таъсири шӯрӣ, маҳлулҳои NaCl дар консентратсияи 50, 100, 150, 200 ва 300Мм истифода мешуданд. Нашъунамои тухмӣ дар термостат гузаронида шуд, ки дар он ҳарорат барои ҳар як намунаи квиноа дар 25^0С нигоҳ дошта мешавад [1].

Муҳокимаи натиҷаҳо Парвариши растанӣ дар шароити кишт дар таҷрибаҳои саҳрои омилҳои гунонуни номувофиқ метавонанд ба сабзиши тухм таъсири манфӣ расонанд; якбора тағйирёбии ҳарорат, намнокӣ ё ин ки хушкидани қабати болои хок ва ғ., ки дар охир метавонанд сабзиши тухмро паст гардонанд. Бовуҷуди ин хусусиятҳои биологии генотипро баҳисоб гирифтан лозим аст, ки метавонад шароити махсуси парваришро талаб намояд. Шароити мувофиқи устувор дар шароити озмоишгоҳ имконпазир аст. Вобаста ба ин омухтани нешзании тухми навъҳои квиноа дар шароити озмоишгоҳӣ пешниҳод шудааст.

Ҳангоми омӯзиш ба шӯрӣ устувории навъҳо дар ин марҳала хусусан дар якум шабонарӯзи парвариш баъзе нумӯъ дар иштироки 50-100 мМ NaCl қайд шуданд, баъдан ин фарқият то сатҳи назорат паст гардид. Ҳангоми минбаъд зиёдшавии консентратсияи NaCl, фоизи сабзиши тухм дар муқоиса бо назорат паст шуд.

Дар доираи нишондиҳандаи 100 – 150 мМ аз 4 навъи квиноа шаҷара Ames – 13742 ва навъи Титикака худро устувор нишон доданд. Ҳатто зимни консентрасияи 200 мМ NaCl нешзании тухми навъи Титикак, шаҷараи Ames – 13742 ва Шураи шолӣ (Рисовая лебеда) 52 – 58%-ро ташкил доданд, аммо дар 300 мМ NaCl якбора сабзиш камшуд, ҳатто дар навъҳои устувор.

Мусалам аст, ки энергияи сабзиши тухми квиноа ва таъсир ба ин нишондоди шӯрӣ санҷида шавад, динамикаи сабзиши онҳоро ҳам дар варианти назорати ва ҳам дар иштироки консентратсияҳои гуногуни NaCl дида баромадан лозим аст.


Ҳангоми шӯрӣ аз рӯи консентрасияи 100 мМ ионҳои хлор ба таври аён фарқ мекунанд. Маълум гардид, ки баландшавии сатҳи шӯрӣ аз 100 то 200 мМ NaCl консентратсияи ионҳои хлор дар тухмпаллаҳо меафзояд. Ҳангоми консентратсияи максималӣ 200 мМ NaCl минбаъда зиёдшавии ионҳои хлор дар тухмпаллаҳои шаҷараи Ames 13742 ва навъи Титикака 3 – 4 маротиба зиёдтар аз таносуб ба назорат, мувофиқан ба амал омад. Умуман дар бузургиҳои доими ҳам дар меъёр ва ҳам дар фони шӯрӣ, навъҳои чудошуда, асосан қобилияти пурқуввати ҷамъкунии ионҳои маскунро зоҳир мекунанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Таъсири нишондиҳандаҳои ионҳои хлор ба сураъти сабзиши навъ ва шаҷараҳои генотипҳои киноа (*Chenopodium quinoa Willd*)

Навъ ва шаҷара	NaCl, мм			
	0	100	150	200
Титикака	23,1	41,6	82,3	90,9
Шураи шолӣ	11,9	24,2	54,2	70,3
Ames - 13727	9,0	25,0	32,0	52,7
Ames - 13742	24,3	47,8	78,1	96,2

Мутобиқатии баланди навъҳои квиноа ба қобилияти мутаносиб ниҳоят ифодаёфта ба захирашавии хлорид дар бофтаҳои тухмпалла мувофиқат мекунад. Маълумотҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки санҷиши навъҳои квиноа ба шӯрӣ дар шароити озмоишгоҳи баҳодиҳии таъсири бевоситаи ионҳо шӯриро дар нешзании тухм имконпазир мегардонад. Аз ин лиҳоз, нишондиҳандаи қобилияти нешзанӣ дар таъсири шӯрӣ бо дараҷаи шӯриустувор навъҳо тавсиф мешавад, ҳачунин ин имконият медиҳад, ки дар кадом сатҳи шӯрӣ навъ ё шаҷараҳои устувори
нишон дода шавад, ошкор гарданд. Устувории нешзании квиноа ба шӯрӣ аз ҳисоби бошиддат ҷаббидашавӣ, аз муҳит ва захиракунии ионҳои хлор дар бофтаҳои намакхӯрда мебошад ва инчунин эҳтимолан натрий ба сифати зиддиионӣ [2–9] фаъолият дорад.

Барои он ки энергияи сабзиши генотипҳои квиноа ва таъсир ба нишондоди шӯрӣ санҷида шавад, динамикаи сабзиши онҳоро ҳам дар варианти назорати ва ҳам дар иштироки консентратсияҳои гуногуни NaCl дида баромадан лозим шуд (диаграммаи 1).



Диаграммаи 1. Динамикаи сураъти сабзиш ба дараҷаи шӯриустувории навъ ва шаҷараҳои квиноа (*Chenopodium quinoa Willd*).

Натиҷаи омӯзиш нишон дод, ки зимни санҷиши ба шӯрӣ устувории генотипҳо дар ин марҳала хусусан дар чорум шабонарӯзи парвариш ва баъзе нумӯъ дар иштироки 100-150 мМ NaCl қайд шуданд, баъдан ин фарқият то сатҳи назорат тағйир ёфт. Ҳангоми минбаъда зиёдшавии консентратсияи NaCl, фоизи сабзиши тухм дар муқоиса бо назорат (дар 200 мМ) паст гардид.

Ҳамин тавр норасоии об дар бофтаҳо, натиҷаи таъсири осмотикии шӯрӣ буда, истифодаи нитрогенро ҳангоми синтези пайвастаҳои узвӣ ва оксидшавии қандро суст мегардонад, дегидрататсияи сафедаҳоро ба вуҷуд меорад, ки дар охир ба ҳамаи равандҳои физиологию биохимиявии растаниҳо таъсири манфӣ мерасонад [2–9–10].

Омӯзиши натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои ҷорикунии навъҳои ниҳоят устувори квиноа дар киштукори истеҳсолӣ ҳамчун асос хизмат намоянд.

АДАБИЁТ

1. Азимов М.Л. Некоторые биохимические особенности устойчивых к NaCl растений картофеля in vitro и in vivo [Текст]: дисс. … канд. биол. наук / М.Л. Азимов. – Душанбе. 2013. – 100 с.
2. Бустинса Кабала Леонор Сегунда Биохимическая характеристика культуры кинуа (Chenopodium quinoa Willd) и ее промышленное использование. – Москва, 2000. – С. 147.
3. Воршева А.В. Влияние азотных удобрений на урожайность и структуру урожая квиноа / А.В. Воршева, О.В. Кухаренкова // В сборнике: Материалы Международной научной конференции молодых учёных и специалистов, посвящённой 135-летию со дня рождения А.Н. Костякова. Сборник статей. 2022. - С. 165-170.
4. Егорова С.В. Квиноа-растительный продукт будущего / С.В. Егорова и др. //ADVANCED SCIENCE. – 2018. – С. 256.
5. Кононков П.Ф., Гинс В.К., Гинс М.С. Амарант – перспективная культура XXI века [Текст] / П.Ф. Кононков, В.К. Гинс, М.С. Гинс // М.: Издательский дом Евгения Федорова, 1997. – 160 с.
6. Крупнов В. А. Производство квиноа в Перу [Текст] / В. А. Крупнов // Успехи современной науки. - 2017. - Т. 2, № 5. - С. 147-150.
7. Куренкова Е.М. Мировой рынок киноа. В сборнике: / Е.М. Куренкова, О.В. Кухаренкова // Агробиотехнология-2021. Сборник статей Международной научной конференции. Москва, 2021. С. 901-905.
8. Кухаренкова О.В. Продуктивность новой для России крупяной культуры – квиноа (Chenopodium Quinoa) в агроклиматических условиях Подмосковья / О.В. Кухаренкова, Е.М. Куренкова // В сборнике: Доклады ТСХА. Материалы международной научной конференции. 2018. -С. 96-99.
9. Мирзоев Қ.А. Хусусиятҳои мубодилаи оби растении квиноа дар шароити Тоҷикистони марказӣ / Қ.А. Мирзоев, Х.Н. Ҳамидов, Ҳ. Юлдошев // Илм ва фановарии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе - 2020. -№3. -С. 261-270.
10. Мирзоев К.А. Физиолого – биохимические основы интродукции Квиноа – (Ch.QUINOA WILLD) в условиях Таджикистана / К.А. Мирзоев, Х.Н. Хамидов, Х. Юлдошев, М.М. Якубова // Известия НАНТ. Отделение биологических наук. –Душанбе. – 2023. –С.45-54.
11. Наливайко Д.С. Исследование химического состава зерна киноа, реализуемого в уральском регионе [Текст] / Д. С. Наливайко, Н. Ю. Меркулова // Технология и товароведение инновационных пищевых продуктов. - 2015. - Т. 31, -№ 2. - С. 63-65.
12. Покровского А.А. Химический состав пищевых продуктов [Текст] / Под ред. А.А. Покровского // М.: Пищ. пром – сть, 1976, – 228 с.
13. Полевой В.В. Физиология растений [Текст] / В.В. Полевой // Высшая школа, М.: 1989. – 464 с.
14. Рязанцева А. О. К вопросу об использовании семян киноа в технологии мясных продуктов комбинированного состава [Текст] / А.О. Рязанцева, Е. Е. Курчаева, Н.А. Каширина // Технологии и товароведение сельскохозяйственной продукции 2017. - Т. 9, -№ 2. - С. 80-87.
15. Хамидов Х.Н. Морфофизиологические особенности инновационной культуры квиноа (Chenopodium quinoa Willd) в разных климатических условиях выращивания в центральном Таджикистане / Х.Н. Хамидов, Қ.А. Мирзоев, Х. Юлдашев // Наука и инновация. –Душанбе, – 2019. -№ 4. -С. 211-217
16. Arbizu Carlos. Morfoliga de la guinoa. Programa de investigationes in cultivos, 1988. -P. 9-15.
17. [Электронный ресурс] http://d-collection-shop.ru/2017/12/16/kinoa-quinoa-zernovaya-lebeda/
18. Characterization of quinoa starch [Text] / W. A. Atwell, B. M. Patrick, L. A. Johnson [et al.] // Cereal Chemistry. - 1983. -Vol. 60, № 1. - P. 9-11.
19. Zhu, F. Isolation, composition, structure, properties, modifications, and uses of yam starch [Text] / F. Zhu // Comprehensive Reviews in Food Science and Food Safety. - 2015. - Vol. 14, -№4. - P. 357-386. [Электронный ресурс] https://doi.org/10.1111/1541-4337.12134.

ТАҲҚИҚИ МОРФОБИОЛОГӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ МУТОБИҚШАВИИ КВИНОА (*CHENOPODIUM QUINOA WILLD.*) ДАР ШАРОИТИ ИҚЛИМИИ ТОҶИКИСТОН

Квиноа (Chenopodium quinoa willd.)растании яксола, аз оилаи (Chenopodium) мебошад. Дар мақола таҳқиқот оид ба муайян кардани нишондиҳандаи физиологӣ-биохимиявӣ ба таҳаммулпазирии шӯрии растании квиноа оварда шудааст. Ҳангоми омӯзиш ба шӯрӣ устувории навъҳо дар ин марҳала хусусан дар якум шабонарӯзи парвариш баъзе нумуъ дар иштироки 50-100 мМ NaCl қайд шуданд, баъдан ин фарқият то сатҳи назорат паст гардид. Ҳангоми минбаъд зиёдшавии консентратсияи NaCl, фоизи сабзиши тухм дар муқоиса бо назорат паст гардид. Дар доираи нишондиҳандаи 100 – 150 мМ аз 4 навъи Квиноа шаҷара Ames – 13742 ва навъи Титикака худро устувор нишон доданд. Ҳатто зимни консентратсияи 200 мМ NaCl нешзании тухми навъи Титикака, шаҷараи Ames – 13742 ва Шураи шолӣ (Рисовая лебеда) 52 – 58%-ро ташкил доданд, аммо дар 300 мМ NaCl якбора сабзиш камшуд, ҳатто дар навъҳои устувор. Устувории генотипҳо дар ин марҳала хусусан дар чорум шабонарӯзи парвариш ва баъзе нумуъ дар иштироки 100-150 мМ NaCl қайд шуданд, баъдан ин фарқият то сатҳи назорат тағйир ёфт.

Калидвожаҳо: квиноа, морфология, физиология, биохимия, шӯрӣ, мутобиқат, титикака, шураи шолӣ, шаҷара, навъ, устуворӣ, консентратсия, осмос, сафедаҳо, оксидшавӣ, қандҳо.

МОРФОБИОЛОГИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ И МЕХАНИЗМЫ АДАПТАЦИИ КВИНОА (*CHENOPODIUM QUINOA WILLD.*) В КЛИМАТИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

Квиноа (Chenopodium quinoa Willd.)-однолетнее растение, вид рода марь (Chenopodium). В данной статье приведены исследования, проведенные по выявлению физиолого-биохимического показателя на солеустойчивость растения квиноа. При изучении устойчивости сортов к бульону на этом этапе, особенно в первые сутки выращивания, отмечалось некоторое прорастание с участием 50-100 мМ NaCl, затем эта разница снижалась до контрольного уровня. При дальнейшем увеличении концентрации NaCl процент прорастания семян снижался, по сравнению с контролем. В пределах показателя 100-150 мМ 4 сорта киноа shajara Ames – 13742 и Titicaca показали себя стабильными. Даже при концентрации NaCl 200 мМ укусы семян сорта Титикак, гречихи Эймс – 13742 и Рисовая лебеда составляли 52-58%, но при 300 мМ NaCl резко снижалась всхожесть даже у устойчивых сортов. Стабильность генотипов на этом этапе была отмечена, особенно на четвертом суточном цикле культивирования и некоторых проростках при участии 100-150 мМ NaCl, впоследствии эта разница изменялась до контрольного уровня.

Ключевые слова: квиноа, морфология, физиология, биохимия, соленый, адаптация, титикака, рисовая лебеда, линия, вид, устойчивость, концентрация, осмос, белки, окисление, сахаров.

MORPHOBIOLOGICAL STUDIES AND MECHANISMS OF ADAPTATION OF QUINOA (CHENOPODIUM QUINOA WILLD.) IN THE CLIMATIC CONDITIONS OF TAJIKISTAN

Quinoa (Chenopodium quinoa Willd.) is an annual plant, a species of the genus Mar (Chenopodium). This article presents a study on the identification of a physiological and biochemical indicator for the salt tolerance of a quinoa plant. When studying the resistance of varieties to broth at this stage, especially on the first day of cultivation, there was some germination involving 50-100 mM NaCl, then this difference decreased to the control level. With a further increase in NaCl concentration, the percentage of seed germination decreased compared to the control. Within the range of 100-150 mM, 4 quinoa varieties shajara Ames – 13742 and Titicaca proved to be stable. Even at a NaCl concentration of 200 mM, the bites of Titicaca seeds, Ames – 13742 buckwheat and Rice quinoa accounted for 52-58%, but at 300 mM NaCl, germination sharply decreased even in resistant varieties. The stability of genotypes at this stage was noted, especially on the fourth daily cycle of cultivation and some seedlings with the participation of 100-150 mM NaCl, subsequently this difference changed to the control level.

Keywords: quinoa, morphology, physiology, biochemistry, salty, adaptation, titicaca, rice quinoa, line, type, stability, concentration, osmosis, proteins, oxidation, sugars.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳамидзода Хайриддин Нор*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои биология, дотсенти кафедраи биохимияи факултети биология. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **homidov-h@mail.ru** Телефон: **+992918471304**

Мирзоев Қобил Айниддинович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи биохимия. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **900117085**

Якубова Муҳиба Муҳсиновна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики АМИТ, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи биохимияи факултети биология. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E.mail: **awst2001@mail.ru.** Телефон: **+992935051009.**

Ҷураева Майсара Ҳакимовна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи физиологияи патологӣ ва анатомияи патологӣ бо тибби судии факултети тиббӣ. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **homidov-h@mail.ru** Телефон: **+992888877113**

Сведения об авторе: ***Хамидзода Хайриддин Нор*** – Таджикский национальный университет, кандидат биологических наук, доцент кафедры биохимии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: homidov-h@mail.ru Телефон: **+992918471304**

Мирзоев Кобил Айниддинович – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры биохимии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. **Адрес:** проспект Рудаки, 17. Телефон: **900117085**
Якубова Мухиба Мухсиновна – Таджикский национальный университет, академик НАНТ, доктор биологических наук, профессор кафедры биохимии биологического факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: awst2001@mail.ru**.** Телефон. **+992935051009**
Љураева Майсара Њакимовна – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры паталогической физиологии и анатомической патологии с судебной медициной медициского факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: homidov-h@mail.ru Телефон: **+992888877113**

Information about authors: ***Khamidzoda Khamiddin Nor*** - Tajik National University, Candidate of Biological Sciences, Senior Lecturer of the Department of Biochemistry. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. E-mail: homidov-h@mail.ru **Phone: +992918471304**
Mirzoyev Kobil - Tajik National University, Assistant of the Department of Biochemistry. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **900117085**
Yakubova Mukhiba Mukhsinovna – Tajik National University, academician of NAST, d.b.s., Professor of the Department of Biochemistry, Faculty of Biology. **Address:** 734025, Dushanbe,Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E.mail: awst2001@mail.ru**.** Phone: **+992935051009**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ:574(575.3)

ЭКОЛОГИЯИ ГАМБУСКҲОИ ВИЗВИЗАКИ АВЛОДИ CARABUS

Шоев М.Ҷ., Қодиров А.Ҳ., Қодиров Ш.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Гамбӯсакҳои Carabidae, яке аз оилаҳои калонтарин ва сершумори сахтболҳо мебошанд. Шумораи намудҳои оилаи мазкур, дар ҷаҳон аз рӯйи ҳисобҳои гуногун аз 25 то 50 ҳазор буда, шумораи намудҳои кашфшуда сол то сол меафзояд, аз ҷумла зиёда аз се ҳазор намуд аллакай дар Русия ва давлатҳои ҳамсоя маълум карда шудааст, ки аксар вақт фарқ карданашон душвор аст, бинобар ин барои ташхис аломатҳои зиёде истифода мешаванд: ранг, шакли бадан, сохти берунӣ, сохтори рӯи баданаш, андоза, сохтори узвҳои таносул ва ва ғайраҳо ба назар гирифта мешаванд.

Аксарияти онҳо аз қабили эврибионтҳо мебошанд, ки дар аксарияти минтақаҳои Тоҷикистон мушоҳида мешаванд. Аксари намудҳои ин оила, дар ҳамаи минтақаҳо мушоҳида мешаванд, яъне онҳо дар нимбиёбонҳо, биёбонҳо, адирҳо ва кӯҳҳо то субалпика интишор ёфтаанд. Бояд қайд намуд, ки бештари намудҳои ин оила ба гурӯҳи ҳашароти герпетобионт дохил мешаванд [14,15].

Аз ҷумла, баъзе аз намудҳои ин оила, визвизакон Carabidae бо таври дарандагӣ зист намуда, дар нест кардани ҳашароти зараррасон саҳми бузург доранд. Махсусан онҳо дар кам кардани шумораи зараррасонҳо ба монанди кирминаи Elateridae, сиёҳбаданҳо -Tenebrionidae, нимболсахтон - Hemiptera ва гамбускҳои колороди саҳми чашмрас доранд. Гамбускони *Calasoma denticolle* ва *C. auropunctatum,* ки дар агросенозҳо вомехӯранд як зумра ҳашароти зараррасонро нест мекунанд. Дар баробари ин як қатор визвизакҳо ба монанди намудҳои авлоди *Amara, Harpalus, Ophonus* аз ҳисоби растаниҳо ғизо мегиранд, яъне онҳо фитофаг низ мебошанд ва ба растаниҳои зироатӣ зарари ҷиддӣ мерасонанд. Масалан намуди *Zebrus tenebrioides* ба растаниҳои хӯшадор осеби ҷиддӣ мерасонад. Аксарияти намудҳо биотопҳои намнокро бо ҳарорати нисбатан паст афзалтар медонанд. Чунин хусусият махсусан барои дарандаҳои полифаг хос аст. Дар байни фитофагҳо ҳиссаи намудҳои мезоксерофилҳо хеле зиёд аст, зеро ин намудҳо мисли дигар фитофагҳо аз ҳисоби бофтаи растаниҳо норасоии намии организмро ҷуброн карда метавонанд. Дар байни намудҳои муфтхӯр шумораи зиёди намудҳое мавҷуданд, ки ба нарасидани намӣ ва ҳарорати баланд тобоваранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки визвизакҳои авлоди *Carabus* аз ҳама диқатҷалбкунанда мебошанд. Ин авлод дар ҷаҳон ва махсусан, дар Россия хеле хуб омӯхта шудааст. Карабусҳо хеле бузург буда ва рангин мебошанд. Аз ин рӯ, яке аз объекти колексионерҳо ба ҳисоб мераванд. Дар Осиёи Марказӣ ин авлоди гамбускҳо аз тарафи олим О.Л. Крижановский [2,3] хело муфассал омӯхта шудааст. Аммо, ин авлод дар Тоҷикистон махсус омӯхта нашудааст. Маълумотҳо роҷеъ ба ин гурӯҳ дар асарҳои энтомологҳо [1,3,4] дарҷ гардидааст. Ҳачунин татқиқотҳо нисбати гамбускони герпетобионт аз тарафи устодони кафедра низ гузаронида шудааст [5,6,7,8]. Ин намудҳо дар ҷараёни таҳқиқот, дар мавзеҳои гуногуни қаторкӯҳҳои Ҳисору – Дарвоз ҷамъоварӣ карда шуд. Аксарияти онҳо ба ҷумлаи гамбускҳои камёфт ва нодир ба шумор мераванд, ки чандин намуди он дар Китоби Сурхи Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Ба камшавии шумораи ин гамбускон ва ҳатто нестшавии онҳо, пеш аз ҳама омилҳои антропогенӣ таъсир мерасонад. Ҳаминро ба инобат гирифта, дар поён роҷеъ ба хусусиятҳои биоэкологии якчанд намуди гамбускҳои авлоди карабус *Carabus* ва баъзе аз намудҳои авлоди *Calosoma, Amara*, *Ophonus, Eocarterus* ва *Ditomus* маълумот медиҳем.

Carabus stschurowskii Sols. Ин намуди гамбуски визвизак ранги сиёҳи ҷилодиҳанда дорад, вале дар баробари ин фардҳое ёфт мешавад, ки рангашон тираи бӯр мебошад. Дарозии бадани ин гамбуск аз 18 то 26 мм мерасад. Макони зисти ин

гамбуск ҷангалзорҳои қаторкуҳои Ҳисору – Дарвоз мебошад. Онҳо дар баландии 1200 – 3000 метр аз сатҳи баҳр интишор ёфтаанд [6]. Гамбуск аввалҳои фасли баҳорон фаъол шуда ба ғизогирӣ шуруъ мекунанд. Мо ин намудро бештар аз қаторкӯҳҳои Ҳисор ва Петри 1 ҷамъоварӣ намудаем. Гамбуск дар ҳолатҳои гармии рӯз фаъол мешаванд ва ба ғизогирӣ шуруъ мекунад. Ғизои ин гамбуск асосан хазонҳои зери растаниҳои паҳнбарги ҷангалзорҳо ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки намуди мазкур ба ду зернамуди дигар тақсим мешавад.

C. stschurowskii stschurowskii Sols. Ин гамбуск одатан ранги сиёҳ дорад, ки дар қисмати сар ва пешсина нуқтаҳои хурд дида мешавад ва ҷулдболҳояш бориканд. Андозаи гамбускон ба 20-25мм баробар аст. Гамбуски мазкур бо шумораи зиёд дар зери хазонҳои барги дарахтони чормағз ва фарк вомехӯрад. Бештар ин намуд, дар қаторкӯҳҳои Ҳисор вомехӯрад, ки охирҳои моҳи март фаъол шуда то саршавии фасли тирамоҳ мушоҳида мешаванд. Мо ин намудро бо шумораи хело зиёд аз зери дарахтони чормағзҳои дараи Такоб ҷамъоварӣ намудаем [5]. Ин намуд асосан дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор дида мешавад. Ҳангоми мондани домҳои энтомологӣ бо шумораи зиёд ба силиндрҳо меафтанд, ки ин зиёд будани шумораи онҳоро нишон медиҳад. Ғизои асосии гамбускон хазонҳои пусидаи зери дарахтони паҳнбарг ва растаниҳои хушкшуда ба шумор мераванд.

C. lineellus Haury. Ин намуд низ зери дарахтони фарки қаторкӯҳи Пётри 1 бештар вомехӯрад. Бештар охирҳои моҳи март фаъол мешаванд, ки дар тасмаи растаниҳои паҳнбарг мушоҳида мешавад. Тибқи маълумотҳои мо ва адабиётҳои соҳави (Крыжановский, 1965) [2] намуди мазкур бештар дар зери хазонҳои барги дарахти фарк вомехӯрад. Гамбуск бештар, дар нимаи дуюми рӯз фаъол мебошад, ки ин ҳолат ба ғизогирии онҳо вобаста мебошад. Онҳо асосан дар рӯшноӣ тезҳаракат мебошанд. Фаъолнокии гамбускон аввалҳои фасли баҳор мушоҳида мешавд. Мо ин намуди гамбускро, ки асасан дар зери хазонҳою растаниҳои хушкшуда зист мекунанд, ба ҷумлаи гамбускони герпетобионт мансуб медонем.

C. theanus Reitt. Гамбуски мазкур низ ранги сиёҳ дошта, каме ҷилодиҳанда мебошад. Андозаи баданаш аз 19 - 23мм мешавад, ки ба монанди дигар намуди гамбускони ин авлод муйлабҳои дароз доранд. Гамбуски зерин, бештар дар қаторкӯҳи Ҳисору – Дарвоз мушоҳида мешавад. Ин намуди гамбуск, дар ҳамаи тасмаҳои растанигӣ вомехӯрад. Гамбускон баромадҳои харсангон ва растаниҳои баланқади эфемериро меписандан, ки ғизогириашон дар ин мавзеҳо бештар аст [6,10]. Онҳо зери хазонҳои пӯсидаи растаниҳои баланқади эфемерӣ мушоҳида мешаванд. Фаъолнокии гамбускон, дар аввали моҳи апрел сар мешавад ва то охирҳои моҳи октябр идома мекунад. Бештар гамбускони болиғ ва кирминаашон аз ҳисоби хазонҳои пӯсида ғизо мегиранд, ки дар гардиши биологии моддаҳо фаъолона иштирок мекунанд. Ин намуди гамбускон фаъолнокии парвозашон ва ғизогириашон аз аввалҳои моҳи апрел оғоз шуда, то охирҳои моҳи моҳи октябр идома меёбад.

C. kaufmanni Sols. Ин гамбуск ҳам ранги сиёҳ дошта, дарозии баданаш 17 – 22 мм мешавад ва пойҳои гамбуск хело дароз аст. Мо ин гамбускро дар қаторкӯҳи Пётри 1, танҳо зери хазонҳои дарахти чормағз мушоҳида намудем. Бояд қайд намуд, ки гамбуски номбурда дар қисматҳои серрутубат вомехӯрад. Гамбуски мазкурро, дар зери хазонҳои дигар намуди дарахтон мушоҳида накардаем. Тибқи адабиётҳо Крыжановский (1965) [2] низ, ин намудро танҳо зери дарахти чормағз мушоҳида намудааст. Кирмина ва ҳашароти болиғ бо таври дарандагӣ зист мекунанд, ки ҳашаротҳои нисбатан кучакро туъмаи худ мекунанд. Гамбускон ҳангоми гарм шудани ҳаво фаъол мешаванд ва ба ғизогирӣ шуруъ мекунад.

C. staudingeri Yangib. Бадани гамбуск борики дарозруя мебошад. Муйлабҳои нисбатан ғафс доранд. Теппаи сараш чиндори нуқтадор аст. Қисмати пешсина 1,1 - 1,2 маротиба дароз аст нисбат ба дарозиаш. Сатҳи болоии баданаш чиндор аст ва каме барҷаста мебошад. Ҷулдболҳо 1,8 -1,95 маротиба дарозаст нисбати васеъгиаш**.** Гамбуск ранги сиёҳи баланд дошта аз паҳлуҳояш ҷилои кабут медиҳад. Андозаи ин гамбуск 23 -31мм мешавад. Ин намуди гамбуск, дар Тоҷикистон хело васеъ паҳн

шудааст. Намуди мазкур, дар қаторкӯҳҳои Ҳисор, дар ҳамаи тасмаҳои растанигӣ баробар паҳн шудааст. Мо ин гамбускро бештар, аз зери растаниҳои арча ва фарк ҷамъоварӣ намудаем, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо ин растаниҳоро меписанданд. Гамбускон дар зери хазонҳо ва растаниҳои хушкшуда зист мекунанд, ки ғизои асосиашон хазонҳои пусида ва растаниҳои хушк ба ҳисоб меравад. Давраи фаъоли гамбускон аввали моҳи апрел то охирҳои фасли тирамоҳ ба ҳисоб меравад [7]. Бештар ҳангоми баромадани офтоб ва ғуруб парвоз мекунанд, ва дар ҳамин ҳолатҳо ҷуфти мешаванд. Тарзи зисти ин гамбускон шаҳодати он аст, ки онҳо гепетобионтҳои ҳақиқи ба шумор мераванд.

C. midas Reitt. Гамбуск ранги нофармони кабут дорад, ки ҷилодиҳанда аст. Дарозии баданаш 25 – 30 мм мешавад ва ҷулдболҳои барҷаста дорад, ки қисмати пешинааш нисбати дигар намудҳои ин авлод бориктар мешавад. Гамбуски зерин бештар, дар қисмати ҷанубии қаторкуҳҳои Ҳисор, Пётри 1, Қаротегин ва Ҳазратишо вомехӯрад [6,7,11]. Онҳо асосан зери дарахти арчаро меписанданд, ки дар зери ин дарахт бештар мушоҳида мешаванд. Ин гамбуск, бешар охири моҳи март фаъол мешавад ва то моҳҳои октябр – ноябр парвоз мекунанд. Ин намуд даранда низ мебошад, ки ҷонварони кучакро ҳамчун ғизо истеъмол мекунад. Гамбуски мазкур на танҳо аз дигар ҳашарот, балки дигар ҷонварони кучаки бесутунмуҳраро шикор мекунад. Ин гамбуск, бештар дар соатҳои гармии рӯз серҳаракат мебошад ва дар ҳамин ҳолатҳо ҷуфти шуда тухм мегузоранд.

C. banghaasi Reitt. Ин намуди гамбуск ранги сиёҳ дошта, ҷилои металӣ медиҳад, ки дар ҷангазорҳои Ҳисору – Дарвоз вомехӯрад. Андозаи бадани гамбускон 20 – 21,4мм мебошад, ки ранги баданашон сиёҳи баланд мебошад. Асосан ин гамбуск даранда буда аз ҳисоби дигар ҳашаротҳо ғизо мегирад. Гамбускҳо дар мавзеҳои сердарахти нишебиҳои шимолӣ кӯҳ мушоҳида мешаванд, яъне онҳо ба ҷумлаи мезофилҳо ворид мешаванд. Ҷои зисти ин гамбускон, зери баргу растаниҳои хушкшуда ва дарахтони афтидаи хушкшуда мебошад [5,6]. Фаъолнокии гамбускон фасли баҳор шурӯъ шуда ва тамоми тобистон мушоҳида мешавад. Мо гамбуски мазкурро, дар зери сангтудаҳо ва зери сангҳои атрофи заминҳои наздиҳавлигӣ ҷамъоварӣ намудем. Дар соатҳои гармии рӯз фаъол шуда ҷуфти мешаванд. Гамбускон пас аз ҷуфти шудан, пас аз 10-12 рӯз тухм мегузоранд, ки аз тухм кирминаҳо баромада ба ғизогирӣ шуруъ мекунанд. Асосан кирминаҳо дар зери похсаҳо, санг ва хасу хошок мушоҳида мешаванд, ки хело серҳаракат мебошанд.

C. fedtschenkoi Sols. Дарозии ин гамбуск ба 25,5 - 30мм мерасад. Қисмати пешона ҳамвор аст, чакаҳои сараш дорои нуқтачаҳо мебошад. Қисмати пешсина 1,2 - 1,3 маротиба васеъ аст нисбати дарозиаш. Ҷулдболҳо дар аввал каме борик шуруъ шуда, сипас васеъ шуда дар охир каме боз бориктар мешаванд [3].

Гамбуски мазкур дар ҳудуди ҷумҳурии Тоҷикистон ва Узбекистон ба қайд гирифта шудааст. Ин намуди гамбуск дар водиҳо ва адирҳое, ки баландиаш то 1600 метр аз сатҳи баҳр мерасад мушоҳида мешавад. Гамбуски номбурда хело барвақт, дар моҳи феврал ва апрел фаъол мешавад. Кирмина ва гамбуски ин намуд бо тарзи дарандагӣ зист мекунад, ки аз ҳисоби кирминаҳои дигар ҳашаротҳо ғизо мегирад. Гамбуск бештар дар биотопҳои регзори теппаҳои ҷануби Тоҷикистон вомехӯрад.

C. fedtschenkoi kondarensis Kryzh. Ин гамбуск андозаи миёна дорад, ки ранги тирашакл дорад. Қисмати пешсина 1,19 – 1,23 маротиба аз дарозиаш васътар аст. Паҳлуҳои бадан чинхурдаҳои кундалангӣ дорад. Ҷулдболи гамбуск бориктар аз дарозиаш 1,75 – 1,78 маротиба нистаб ба паҳноиаш аст, ки дорои нуқтаҳои зиёд мебошад [3]. Ин гамбуск дар ин авлод ягона намуде мебошад, ки дар биотопҳои гуногун вомехӯрад. Бештар дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор вомехӯрад [6]. Мо ин гамбускро дар ҳамаи биотопҳо зери хазонҳои растаниҳои паҳнбарг мушоҳида намудаем. Гамбуск бо шумораи хело зиёд вомехӯрад, ки инро мо дар хело зиёд будани шумарааш шарҳ медиҳем. Онҳо аз ҳисоби хазонҳои пусида ва растаниҳои пусидаи зери дарахтон ғизо мегиранд. Давраи кирминагиашон зери похсаҳои дарахтони паҳнбарг

ва тарқишҳои замини зери дарахтон мегузарад. Гамбускони болиғ дар гули растаниҳо ва дарахтони паҳнбарг мушоҳида мешавад.

C. sogdianus Sem. Дарозии бадани ин гамбуск ба 23,5мм мерасад. Бадани дарозруя дорад ва хело серҳаракат мебошад. Дандончаи зерманаҳ тез буда каме кутоҳ аст, нисбат ба теғаҳои паҳлуи. Пешона чинхурдаи хурди нуқтадор аст, чакаҳо ҳамвор мебошад. Пешсина барҷаста аст ва 1,25 маротиба васеъ аст нисбат ба дарозиаш. Ҷулдболҳо низ барҷаста буда дарози овалӣ мебошанд. Сатҳи бадан нуқтадор аст. Ранги баданаш сиёҳи ҷилодор аст. Гамбуски номбурда дар биотопҳои регзори кӯҳ вомехӯрад. Гамбускро дар ҷануби қторкуҳи Ҳисор низ, дар болооби дарёчаи Тупаланг ба қайд гирифтаанд. Популятсияи ин намуд, хело камшумор аст ва дар мавзеҳои алоҳида вомехӯрад. Ин намуди визвизак дарранда мебошад, ки аз ҳисоби ҷонварони кучак ғизо мегирад. Фаъолнокии гамбускҳо дар моҳи май оғоз меёбад. Кирминаи он дар зери сангҳо ва похсаҳо мушоҳида мешавад [3.8].

Colosoma sycophanta L. Андозаи ин гамбуск 24 – 35мм мешавад, ки ҷулдболҳои он ранги баланди сабз дорад ва ҷилодиҳанда мебошад. Зимистонро дар марҳилаи болиғ ё зоча, дар қабати хок мегузаронад. Дар аввали моҳи май гамбускҳои болиғ фаъол мегарданд ва бо тарзи дарандагӣ зиндагӣ мекунанд. Одатан гамбускҳо кирминаи шапалакҳоро шикор мекунанд. Аз ин рӯ, ин намуд ба гурӯҳи ҳашароти фоидаовар дохил карда шудааст. Гамбускҳо бештар дар ҷангалзорҳои тасмаи растаниҳои паҳнбарг ва ҷангалҳои соҳили дарёҳои кӯҳӣ мушоҳида мешаванд. Гамбускон бештари вақт, дар кундаю шохаи дарахтон вохӯрда ҳашаротҳои осебрасонро нест мекунанд. Мутаассифона, даҳсолаҳои охир татқиқотҳои мо нишон доданд, ки шумораи фардҳои ин намуд хело сахт коҳиш ёфтааст. Солҳои пешин дар дараи Такоб, махсусан дар пойгоҳи таҷрибавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шумораи гамбускон хеле зиёд ба назар мерасид. Дар ҳар дарахт се – чор фарди он мушоҳида мешуд, аммо таи солҳои охир қариб, дар колексие, ки устодон ва донишҷӯён ҷамъоварӣ менамоянд, ягон фард мушоҳида намешавад. Ҳамаи инро ба назар гирифта, ин намуди фоидаоварро ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид намудаанд [5,6,7].

Amara aenea Dog. Ин намуд асосан, дар тасмаи растаниҳои мезофилии қаторкӯҳҳои Ҳисор вомехӯрад. Онҳо бо шумораи зиёд, дар ҷойҳои намнок, зери хазонҳои баргҳои пусидаи дарахтони чормағз ва хазонҳои дарахтони фарк вомехӯранд. Татқиқотҳои мо нишон дод, ки ин намуд бештар, дар қаторкӯҳи Ҳисор вомехӯрад, ки охирҳои моҳи март фаъол шуда то саршавии фасли тирамоҳ мушоҳида мешаванд [6]. Мо ин намудро бо шумораи хело зиёд аз зери дарахтони чормағзҳои дараи Такоб ҷамъоварӣ намудаем. Гамбуски мазкур низ, ба ҷумлаи гамбускони герпетобионт мансуб мебошад. Ин намуд ба мисли намуди дар боло зикр гардида, бештар дар ҷангалзорҳои тасмаи растаниҳои паҳнбарг ва ҷангалҳои соҳили дарёҳои кӯҳи мушоҳида мешаванд. Кирминаҳои ин авлод хурд ва миёна буда, даранда мебошанд, ки бештар баргхӯракҳоро ҳамчун ғизо истифода мебаранд. Дар мавзеҳои гуногун зист карда метавонанд [11.12].

Ophonus chlorisana Sols. Ин намуди гамбуск ареали паҳншавиаш хело васеъ мебошад, ки аз мавзеҳои сангзори биёбонҳо то тасмаҳои растанигии субалпикаи қаторкуҳҳои Ҳисору – Дарвоз васеъ паҳн гардидааст [6]. Гамбускон бо шумораи хело зиёд паҳн гаштаанд, ки ин аз парвози зиёди онҳо шаҳодат медиҳад. Мо ин намудро бештар, дар зери дарахтони арча мушоҳида намудем. Ҳангоми гарм омадани фасли сол, аз аввалҳои моҳи март парвозро шуруъ мекунанд ва то моҳи ноябр идома мекунад. Парвозашон рӯзона хело хуб мушоҳида мешавад. Ғизои ин гамбускон низ боқимондаҳои растаниҳои пӯсида ва растаниҳои хушк мебошад. Инкишофи марҳилаҳои гуногуни ҳашарот, дар қисмати болои замин ва зери хазонҳо мегузарад, ки онҳоро низ ба ҷумлаи гамбускони герпетобионт мансуб медонанд. Кирминаи ин намуд хурд ва миёна буда, аксарияташ фитофаг буда, тухмиҳои киштшуда ва нешзадаро ҳамчун ғизо истифода мебаранд. Ҳамзамон аз ҳисоби растаниҳои дарахти ва бутагӣ ғизо мегиранд [11]. Гамбускони ин авлод ба хушаҳои гандум низ осеб

мерасонанд. Ин гамбуск ҳангоми обшавии барфҳо, охири моҳи март фаъол мешавад ва то моҳҳои октябр – ноябр фаъол мебошанд.

Ophonus rufipes Deg. Ин намуди транспалеарктикӣ буда, асосан дар водиҳо ва қаторкуҳҳои Ҳисор бо шумораи на он қадар зиёд вомехӯрад, ки бештар, дар мавзеҳои киштшаванда ба қайд гирифта шудааст. Гамбуски мазкур асосан, дар зери хазонҳои рехтаи растаниҳо, хазонҳои пусида ва ҷойҳои намнокии зиёд дошта вомехӯрад. Ин намуд, бештар аз ҳисоби боқимондаҳои растаниҳои хушкшуда ғизо мегирад. Гамбуски *Ophonus rufipes* - ҳам, ба ҷумлаи гамбускони герпетобионт мансуб мебошад. Ин намуди гамбуск ба мисли намудҳои дар боло зикр гардида, дар ҷангалзорҳои тасмаи растаниҳои паҳнбарг ва зери хазонҳои пусида мушоҳида мешаванд. Дар дараи Такоб, [5] ин намуд бештар, дар наздикиҳои заминҳои корами аҳолинишин ба қайд гирифта шуд. Фаъолнокии гамбускон, аввали фасли баҳор ҳангоми гарм шудани ҳарорати ҳаво оғоз шуда, то охирҳои фасли тирамоҳ идома меёбад. Парвози фаъоли гамбускони герпетобионт, ин ба гарм омадани фасли сол вобастагии калон дорад.

Eocarterus chodscenticus Ball. Ин гамбускон дар минтақаҳои алоҳидаи дарахтони чормағзор ва фаркзор мушоҳида мешавад. Мо ин намудро дар қаторкуҳҳои Ҳисору – Дарвоз бештар дар зери хазонҳои дарахтони фарк ба қайд гирифтем. Давраи фаъоли ин гамбукон пас аз соатҳои нисфирӯзи мебошад. Онҳо дар қабатҳои пусидаи хазонҳо зери растаниҳои хушкшуда зист мекунанд. Дар минтақаҳои кӯҳии зери харсангҳо ва дарахтони чормағ низ вомехӯранд. Парвози ин намуди гамбускон аввали моҳи апрел оғоз шуда то охири фасли тирамоҳ идома меёбад. Дар баландиҳои аз 2000 то 2500 метр дида мешаванд, ки дар қабатҳои хок зист мекунанд [7,9].

Гамбускон дар соатҳои гармии рӯз ҷуфти мешаванд ва пас аз якчанд рӯз тухм мегузоранд, ки аз тухм кирминаҳо баромада ба ғизогирӣ шуруъ мекунанд. Ин намудро низ бо сабаби инкишофи марҳилаҳои афзоишёбиаш, дар қабатҳои болоии хок ва зери хазонҳои пусида, ба намуди гамбускони герпетобионт мансуб медонанд.

Ditomus semicylindricus Pioch. Бештар вақт ин гамбусконро дар зери хазонҳои дарахти чормағз, дар қаторкуҳҳои Ҳисор мушоҳида намудан мумкин аст. Намуди хело васеъ паҳншуда ба шумор меравад, ки шумораи зиёд дорад. Дар аксари тасмаҳои растанигӣ васеъ паҳн гардидааст. Ин намуди гамбускон парвозашон аввали моҳи май оғоз мешавад ва то охири моҳи октябр идома мекунад. Мо ин намудро дар қаторкуҳҳои Ҳисор бештар, дар зери хазонҳои дарахтони чормағз ва растаниҳои хушкшуда ба қайд гирифтем. Ғизои ин намуди гамбускон асосан хазонҳои хушк ва боқимондаҳои растанигӣ мебошад. Аммо гамбусконе, ки дар дохили хок зист мекунанд, аз ҳисоби узвҳои зеризаминии растаниҳо ва боқимондаҳои растанигӣ ғизо мегиранд, ки ба сабзиши растаниҳо таъсири манфӣ мерасонанд [15]. Фаъолшавии парвозашон дар нимаи аввали рӯз ва вақти ҳарорати паст шудани ҳаво мебошад, ки инро ҳангоми парвози гамбускон мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, гамбускони визвизак аз авлоди (Carabus) дар тасмаи растаниҳои паҳнбаргӣ дараи Варзоб, ҳамчун гамбускҳои герпетобионт омӯхта шуд. Маълумотҳо роҷеъ ба биология, экология ва тарзи зисти онҳо ошкор карда шуд. Ҳамчунин фаъолнокии гамбускон дар фаслҳои сол аниқ карда шуд. Саҳми ин гамбускон, дар нест намудани ҳашаротҳои осебрасон низ таҳқиқ карда шуд. Дар баробари омӯзиши авлоди (Carabus), боз як қатор гамбускҳои визвизак ба монанди намудҳои авлоди *Amara, Harpalus, Ophonus,* ки аз ҳисоби растаниҳои гуногуни кишоварзӣ ва дарахту буттаҳо ғизо мегиранд, яъне онҳо фитофаг низ мебошанд ва ба растаниҳои зироатӣ зарари ҷиддӣ мерасонанд, омӯзиш гузаронида шудааст.

АДАБИЁТ

1. Бей-Биенко. Смена местообитаний наземными организмами как биологический принцип / Бей-Биенко // Ж. «Общ. Би-гия» XXVII. -№1. 1966.
2. Крыжановский О.Л. Состав и происхождение наземной фауны Средней Азии / О.Л. Крыжановский Изд. Наука. -Москва – Ленинград, 1965. -419с.
3. Крыжановский О.Л. Жужелицы Средней Азии / О.Л. Крыжановский. -Москва – Ленинград. Академии наук СССР. 1953. -135с.

4. Лопатин И.К. Энтомофауна и экологические группировки насекомых широколиственных лесов Гиссаро-Дарваза. Труды факультета естественных наук, – Сталинабад. -Т.17. -Вып.3. 1958. -С. 31-37.
5. Мардкович В.Г. Население жуков-герпетобионтов в микроландшафтах Барбинской степи / В.Г. Мардкович // Зооолог. Журнал, том XIV. 1964., -Вып. 5.
6. Кадыров А.Х. Насекомые – вредители древесно-кустарниковой растительности Таджикистана / А.Х. Кадыров. -Душанбе: «Панорама», 1992, -120 с.
7. Шоев М.Дж. К познанию жуков-герпетобионтов лесного пояса Гиссаро – Дарваза / М.Дж. Шоев, К.С. Исозода, Э.Н. Боймуродов // ТНУ Наука и инновация, серия биологических наук. -№ 2. Душанбе – 2021. –С. 256-164.
8. Шоев М.Дж. Распределение жуков-герпетобионтов внутри биотопов / М.Дж. Шоев, К.С. Исозода, О. Тошев // Мат-лы международной конф. «Актуальные вопросы охраны биоразнобразия» Башкирский государ-нный университет. г. Уфа – 2022.
9. Исоев К.С. Население жуков пластинчатоусых пояса чернолесья ущелья Такоб / К.С. Исоев// Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии «Дастовардҳои биологияи муосир дар Тоҷикистон». -С. 54-55. Душанбе, – 2017.
10. Шоев М.Дж. Распределение некоторых групп жесткокрылых по биотопам в ущелье Такоб / М.Дж. Шоев, Х.Р. Дадабоев // Мачалаи «Кишоварз» - ДДАТ ба номи Ш. Шотемур. -№ 3 (79), 2018. -С. 33-36.
11. Ильинский А.И. Определитель вредителей леса / А.И. Ильинский. –Москва, – 1962. -390 с.
12. Исоев К.С. Характер распространения жуков-навозников по биотопам / К.С. Исоев, М.Дж. Шоев. ХГУ. – Учёные записки, -№ 4 (51). 2019. -С. 53-57.
13. Исоев К.С. Материалы по видам четырех родов пластинчатоусых (Scarabaeidae) и их распространению в Таджикистане / К.С. Исоев, М.Дж. Шоев, А.Х. Кадыров, Х.Р.Дадабаев // Научный журнал. Вестник Таджикского национального университета, -№ 1/6 (191), 2015г. -С.122 – 125.
14. Шоев М.Дж. Особенности жизни некоторых видов семейство Carabaidae / М.Дж. Шоев, К.С. Исоев // Материалы республиканской научно-теоретической конференции, посвященной 80-летю памяти Заслуженного деятеля науки и техники РТ, Академика ТАСХН, д.б.н., профессора Х.М. Сафарова. “Физиологические механизмы адабтатции организма к различным условиям среды”. –Душанбе, - 30-мая 2017 г. -С. 89 – 91.
15. Шоев М.Дж. Фенологическое изменение жуков - герпетобионтов ущелья Такоб / М.Ҷ. Шоев, А.Х. Кадыров // Фишурдаи маърузаи конференсияи ҷумҳуриявии илмию - назариявии ҳайати профессорону-устодони ДМТ. 2019. -С. 133.

ЭКОЛОГИЯИ ГАМБУСКҲОИ ВИЗВИЗАКИ АВЛОДИ (CARABUS)

Дар ин мақола, дар бораи паҳншавӣ, биология, экология ва тарзи зисти гамбускҳои визвизак (Carabus) - ҳо, ки дар биотопҳои гуногуни минтақаи ҷангал зист мекунанд, маълумот дода шудааст. Дар баробари ин, дар бораи тарзи зист, муҳлати фаъолшавӣ ва ҳамчун танзимгари шумораи ҳашароти зараровар маълумот дода мешавад. Аҳаммияти гамбускҳои визвизак (Carabus), ҳамчун ҳашароти даранда, ки ҳашароти зарарнокро нест мекунанд, нишон дода, дар бораи намудҳои фоиданоки визвиакҳо (Carabus), ки зери хавфи нобудшавӣ қарор доранд, маълумот дода шудааст. Инкишофёбии марҳилаҳои гуногуни ҳашарот, дар қисмати болои замин ва зери хазонҳо мегузарад, ки онҳоро низ ба ҷумлаи гамбускони герпетобионт мансуб медонанд нишон дода шудааст. Инчунин, фаъолшавии парвози гамбускон, дар нимаи аввали рӯз ва вақти ҳарорати паст шудани ҳаво мебошад, ки инро ҳангоми парвози гамбускон мушоҳида намудан мумкин аст, дарҷ гардидааст. Ҳамчунин фаъолнокии гамбускони герпетобионт, дар фаслҳои сол аниқ карда шудааст. Маълумотҳо роҷеъ ба биология, экология ва тарзи зисти онҳо ошкор карда шуд. Ҳамчунин фаъолнокии гамбускон дар фаслҳои сол аниқ карда шуд. Саҳми ин гамбускон, дар нест намудани ҳашаротҳои осебрасон низ таҳқиқ карда шуд. Дар баробари омӯзиши авлоди (Carabus), боз як қатор гамбускҳои визвизак ба монанди намудҳои авлоди *Amara, Harpalus, Ophonus,* ки аз ҳисоби растаниҳои гуногуни кишоварзӣ ва дарахту буттаҳо ғизо мегиранд, яъне онҳо фитофаг низ мебошанд ва ба растаниҳои зироатӣ зарари ҷиддӣ мерасонанд, омӯзиш гузаронида шудааст.

Калидвожаҳо. Carabus, биология, экология, паҳншавӣ, эврobионт, биотоп, герпетобионт, омӯзиш, маълумот, рӯз, растаниҳо, дарахт, буттаҳо, ғизо.

ЭКОЛОГИЯ ЖУКОВ-ЖУЖЕЛИЦ РОДА (CARABUS)

В данной статье приводятся сведения о распространении биологии и экологии жуков-жужелиц (Carabus), живущих в различных биотопах лесной зоне. Наряду с этим приводятся данные об образе жизни, сезонах активности и регуляторе численности вредных насекомых. Также указано значение жужелиц (Carabus) как хищников, истребляющих вредных насекомых, и указываются данные о охраняемых полезных видах Carabus, которые находятся под угрозой исчезновения. Показано развитие различных стадий насекомых, как надземных, так и поземных, которые также считаются жуками-

герпетобионтами. Также отмечено, что лёт жуков наиболее активен в ранние послеполуденные часы и при понижении температуры воздуха, что можно наблюдать во время лёта жуков. А также, активность жуков-герпетобионтов определяется по сезонами года.

Ключевые слова: Carabus, биология, экология, распространение, эвробионт, биотоп, герпетобионт, обучение, информация, день, растения, деревья, кустарники, еда.

ECOLOGY OF GROUND BEETLES OF THE GENUS (CARABUS)

This article provides information about the distribution of biology and ecology of carabid beetles Carabus living in various biotopes of the forest zone. Along with this, data are provided on the lifestyle, seasons of activity and as a regulator of the number of harmful insects. It also indicates the importance of carabids as predators, exterminating harmful insects, and provides data on protected beneficial species of Carabus, which are under threat of extinction. The development of various stages of insects, both aboveground and underground, which are also considered herpetobiont beetles, is shown. It is also noted that the flight of beetles is most active in the early afternoon hours and when the air temperature drops, which can be observed during the flight of beetles. Also, the activity of herpetobiont beetles is determined by the seasons of the year.

Key words: Carabus, biology, ecology, distribution, eurobiont, biotope herpetobiont, learning, information, day, plants, trees, shrubs, food..

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шоев Муҳаммадҷон Ҷумаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи зологияи факултети биология. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: **917-17-40-17. E-mail: Shoev.1969@mail.ru**

Қодиров Абдусалом Ҳафизович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи зологияи факултети биология. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: **+917-36-39-53.**

Доруев Файзулло Яқубович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи зологияи факултети биология. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: **908-58-10-92.**

Қодиров Шамшод Қиёмиддинович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти соли хониши 1-уми кафедраи зологияи факултети биология. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел: + 555 - 000-533**

Сведения об авторах: ***Шоев Мухаммаджон Джумаевич*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат биологических наук, доцент кафедры зоологии биологического факультета. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Тел: **917-17-40-17.** E-mail*:* **Shoev.1969@mail.ru**

Кадыров Абдусалом Хафизович **–** Таджикский национальный университет, доктор биологических наук, профессор кафедры зоологии биологического факультета. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Тел: **917-36-39-53.**

Доруев Файзулло Якубджонович **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры зоологии биологического факультета. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Тел: **908-58-10-92.**

Кадиров Шамшод Киямиддинович **-** Таджикский национальный университет, магистр 1-го курса кафедры зоологии биологического факультета. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. **Тел: + 555 - 000-533**

Information about authors: ***Shoev Muchammadjon Jumaevich*** — Tajik National University, candidate of biological sciences, associate professor of the Department of Zoology of the Faculty of Biology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **917-17-40-17.** E-mail: **Shoev.1969@mail.ru**

Kadyrov Abdusalom Khafizovich **–** Tajik National University, Doctor of Biological Sciences, Professor of the Department of Zoology, Faculty of Biology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Tel: **917-36-39-53**

Doruyev Fayzullo Yakubdzhanovich **–** Tajik National University, Assistant of the Department of Zoology, Faculty of Biology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Tel.: **908-58-10-92.**

Kadirov Shamshod Kiymiddinovich – 1-st year master of the Department of Zoology, Faculty of Biology, Tajik National University. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. **Phone: + 555 - 000-533**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 633.51:633.511

ТАЪМИНИ САБЗИШИ УСТУВОР КАФОЛАТИ ҲОСИЛНОКИИ БАЛАНДИ ПАХТА

Раҳмонов Х.М., [1]Ҳайдаров З.Ё.[2]
Филиали Институти зироаткории АИКТ дар вилояти Хатлон,
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур

Ташаккули комплекси кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияи минтақаҳои водигии ҷумҳурӣ аз бисёр ҷиҳат ба интенсификатсияи соҳаи асосии растанипарварии он дар заминҳои обӣ-пахтапарварӣ, алоқаманд мебошад. Пахтапарварӣ дар шаҳру ноҳияҳои дар водӣ ҷойгиршудаи ҷумҳурӣ соҳаи асосӣ, муҳим ва стратегӣ буда, нақши конструктивиро дар фаро гирифтани аҳолӣ бо шуғл, шаклгирии буҷаи оилаҳои дар ин самт фаъолияткунанда, буҷаи хоҷагиҳои деҳқонию дигар шаклҳои хоҷагидорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ дошта, заминаи рушди дигар бахшҳои растанипарварӣ мебошад.

Ҳафизов А.А. (2022) қайд менамояд, ки: “Пахта дар қиёс ба тамоми маҳсулоти саноатии хоҷагии қишлоқ арзишнок буда, рӯз то рӯз талабот ба он (муаллиф нахи пахтаро дар назар дорад) дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ меафзояд. Бо назардошти ин истеҳсоли мунтазами пахта метавонад боиси рушди устувори самтҳои мухталифи хоҷагии халқ гардад” [1, с.6-8]. Муаллифони дигар Холов Б.Ҳ. ва Ҳайдаров З.Ё. (2023) менависанд, ки: “Пахта зироати стратегӣ дар сохтори растанипарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маҳсулоти аз он истеҳсолшуда хусусияти содиротӣ ва воридотивазкунандагӣ дошта, муҳимтарин ашёи хом барои корхонаҳои саноати сабук мебошад. Дар шароити минтақаҳои водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон зироати асосии дар заминҳои обӣ парваришёбанда буда, ҷустуҷӯи роҳҳои илмию амалии баланд бардоштани ҳосилнокии он, бидуни паст кардани ҳосилхезии хок вазифаи муҳими илмӣ ва истеҳсолот ҳисобида мешавад” [2, с.23-29].

Ниъматов М.М., Яҳёев Т.Қ. (2024) раванди тухмипарварии ибтидоии зироати пахтаро дар шароити Тоҷикистони Марказӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки: “Пахтакорӣ яке аз самтҳои муҳими иқтисодиёти кишвар буда, пахта зироати сердаромади соҳаи кишоварзӣ баҳисоб рафта, баланд бардоштани ҳосилнокии он вазифаи асосии соҳаи кишоварзӣ мебошад” [3, с.12-14]. Бо назардошти аз нигоҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва хоҷагидорӣ муҳим будани истеҳсоли пахта, баланд бардоштани ҳосилнокии он дар масоҳати майдон ва дар ин замина зиёд намудани истеҳсоли умумии нах муҳим дониста шуда, зарурияти танзими омилҳои асосии ба ҳосилнокӣ таъсиррасонро дар низоми парвариш, талаб менамояд.

Оид ба муҳимияти зиёд намудани истеҳсоли умумии пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри XX олимону мутахассисони соҳа Домуллоҷонов Ҳ.Д., Сангинов Б., Рашидов Ҳ.И., Ҷумонқулов Ҳ.Ҷ., Раҳматҷонов У.Р., Ҷумъаев М.Ҷ., Сушениса Б.А., Ҷаъфаров М.И., Коваленко В.Г., Казлова Л.Н., Раҳматуллоев У., Шатков Н.А., Холбоев Х., Мордовин И.Е. ва диг. дар мақолаву тавсияҳои илмии хеш қайд карда буданд.

Махсусан, ҳамин гурӯҳи муаллифон дар китобчаи “Тавсияҳо доир ба рӯёнидани ҳосили баланди пахта дар ҶСС Тоҷикистон” соли 1984 қайд карда буданд, ки тӯли панҷсолаи ёздаҳуми истеҳсолӣ (давраи истеҳсолӣ дар Ҳокимияти Шӯравӣ ба пафсолаҳо ҷудо шуда буд) истеҳсоли пахта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мунтазам 910-920 ҳазор тоннаро ташкил намуда, аз ин бояд 315-320 ҳазор тоннаашро ҳосили пахтаи маҳиннах ташкил намояд [4, с.3-5].

Ҳамин муаллифон минбаъд ҷиҳати расидан ба ҳадафи истеҳсолӣ маҷмӯйи чорабиниҳои технологиро ба истеҳсолотчиён пешкаш карда, иҷрои ҳатмии онро тақозо намуда, истеҳсолотчиёнро барои татбиқи он сафарбар намудаанд. Ин боис гардида буд, ки тули солҳои 80-90-уми асри XX истеҳсоли пахта дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба ҳадди кулминатсионӣ расида, дар солҳои алоҳида бештар аз 1,0 млн тоннаро ташкил додааст.

Сушениса Б.А., Медведовская Л.Е., Абдулхаев Х.А. (1987) низ қайд кардаанд, ки дар барномаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ИҶШС таъкид гардидааст, ки тӯли солҳои 1986-1990 ва минбаъд то соли 2000 истеҳсоли умумии пахта дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба 9,1-9,4 млн тонна расонида шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамасола бештар аз 920 ҳазор тонна пахта истеҳсол карда шавад [5, с.3-15]. Ин муаллифон дар асоси таҳқиқотҳои Устенко Г.П. [6], Шатилов И.С. [7] ва Каюмов М.К. [8], ки бо зироатҳои мухталифи кишоварзӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, низоми тарҳрезии ҳосилро пешкаш намудаанд, тавсия медиҳанд, ки тарҳрезӣ намудани ҳосили пахта дар асоси татбиқи амалии ҳама унсурҳои ба ҳосил таъсиррасон, тавассути барномаи пешакӣ тарҳрезишуда ҳалли раванди баланд бардоштани ҳосилнокии пахта дар масоҳати майдонҳои кишт мебошад.

Сушениса Б.А., Медведовская Л.Е., Абдулхаев Х.А. (1987) қайд мекунанд, ки асоси ба даст овардани ҳосили баланди пахта дар майдон ин истифодаи максималии рӯшноии офтоб, ҳарорат, намнокӣ ва ҳосилхезии хок ҳангоми парвариш мебошад. Самаранок истифода кардани ин унсурҳоро тавассути таъмини унсурҳои минбаъд баҳсшаванда дар майдон, таъмин намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, ташаккули ҳосили умумии пахта аз унсурҳои зиёде вобаста буда, баланд бардоштани ҳосилнокии пахта дар масоҳати майдон аслан ба таъмини дурусти се унсур: - ҷойгиркунии миқдори муайяни ниҳолҳо дар масоҳати майдон, саривақт шакл гирифтани миқдори лозимаи кӯракҳо дар як растанӣ ва вазни миёнаи ҳосили як кӯрак, алоқаманд мебошад. Дар қадами аввал ташаккули ин се унсур дар пахтапарварӣ аз дуруст интихб намудани навъи парваришёбанда ва дастрас намудани тухмии он вобаста буда, дар қадамҳои минбаъда ба маҳорати касбии пахтапарвар рапт дорад, то тавонад иқтидори биологии навъро тавассути таъмини унсурҳои таъсиргузор зиҳир намояд.

Аксар олимон ва мутахассисони соҳа дар он андешаанд, ки агар ин унсурҳо саривақт ва дуруст дар майдони кишти пахта таъмин карда шаванд, ҳосилнокии баланди майдонҳои кишти пахта кафолат дода мешавад ва дар ин маврид таҳқиқотчиёни зиёде маълумот ҳам додаанд. Масалан, Ниъматов М.М. ва Яҳёев Т.Қ. [3, с.12-14] ду навъи пахтаи намуди G. hirsutum L. (Шарора-1020 ва Дӯстӣ-ИЗ)-ро бо зичии 150, 200 ва 250 ҳаз. растанӣ дар 1 га мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулоса мерасанд, ки бо зиёд шудани миқдори растаниҳо таносубан ҳосилнокии ҳарду навъи омӯхташуда зина ба зина коҳиш меёбад. Дар навъи Дӯстӣ-ИЗ ҳангоми 150 ҳаз. рас./га будан ҳосилнокӣ ба 38,6 с/га, ҳангоми 200 ҳаз. рас./га ба 30,4 с/га, ҳангоми ба 250 ҳаз. рас./га баробар гардидани зичии ниҳолҳо ҳосилнокӣ ба 28,2 с/га баробар мегардад. Ҳамин гуна, таносуби камшавии ҳосилнокӣ вобаста ба афзоиши зичии ниҳолҳо дар навъи Шарора-1020 мутаносибан аз рӯйи 39,2, 34,4 ва 29,6 с/га ба қайд гирифта шудааст.

Аз ин натиҷа ба хулоса расидан мумкин аст, ки бо назардошти хусусияти навъии навъҳои дар истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон парваришёбанда, афзун намудани зичии ниҳолҳо то ҳадди бештар аз 150 ҳазор рас./га дар навъҳои пахтаи миёнанах, боиси таназзули ҳосилнокии пахта мегардад. Ин гуна хусусиятҳои навъиро ба инобат гирифта, миқдори ниҳолҳоро дар масоҳати майдон танзим намуда, дар ин замина ташаккули миқдори лозимаи унсурҳои дигари таъсиргузорро танзим кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Барои таъмини бонизоми унсурҳои баррасишуда, пайдарпайӣ ва бо низом иҷро намудани чорабиниҳои агротехникӣ дар парвариши пахта муҳим баҳогузорӣ мешавад. Аммо тӯли солҳои охир, танҳо аз ҳисоби дуруст омода нашудани майдон барои кишти чигит ва пеш аз муҳлат гузаронидани кишт, ки дар минтақаҳои пахтапарварӣ ҷумҳурӣ дар солҳои охир ба расмият даромадааст, ҳамасола ҳудуди 37-38 %-и майдони кишти пахта дар ҷумҳурӣ такроран кишт карда мешавад ва ё ин

миқдор майдон бо зичии лозимаи растанӣ таъмин нагардида, ҳосилнокии дилхоҳ намедиҳанд.

Зеро таъмини дурусти зичии ниҳолҳо дар майдон омили бисёр муҳими афзоишдиҳии ҳосил дониста шуда, аз тарафи олимони соҳа Шлейхер А.И. [10], Хакимов Х.Х., Баракаев М.Б. [11], Умаров К., Садиков Ш., Закиров Т. [12, с.23-24], Ҳафизов А.А., Ҳайдаров З.Ё. [13, с.125-129], Ҳафизов А.А., Ҳайдаров З.Ё., Сиадов Б.И. [2017, с.105-112], Ҳафизов А.А., Ҳайдаров З.Ё., Садирова С.С., Қаҳҳоров Р.Ш. [15, с.57-60], Ҳафизов А.А., Ҳайдаров З.Ё., Музафаров Д.М., Саидов Ф.М., Қаҳоров Р.Ш. [16, с.221-224] ва диг. бисёр таъкид гардидааст, ки зичии оптималии ниҳолҳои пахта вобаста ба хусусияти навъӣ дар майдон таъмин карда шавад.

Барои расидан ба ҳадафи таъмини дурусти зичии ниҳолҳо коркарди пеш аз кишти хокро ба дараҷаи баланди агротехникӣ амалӣ намудан лозим аст. Дуруст амалӣ нагардидани тадбирҳои агротехникӣ, махсусан маҷмуи чорабиниҳои агротехникии то замони кишт амалишаванда боис ба он мегардад, ки чигит аз замин сарак сабзида баромада, зичии номукаммали ниҳолҳо таъмин гардад.

Тадбири муҳимму самарабахши агротехникӣ, ки саривақт сабзида баромадани майсаҳои солими пахтаро таъмин намуда, пайдо шудани сафолакро дар маёдон пешгирӣ менамояд, ин дурст ва аз рӯйи талаботҳои агротехнологӣ коркард кардани хок (майдон) пеш аз кишт мебошад. Пеш аз кишт дуруст коркард кардани хок имкон медиҳад, ки намиғунҷоиши хок афзун гардида, сабзиши ниҳолҳо бидуни обмонии иловагӣ таъмин карда шавад. Дар низоми пахтапарварӣ бидуни обмонӣ баровардани чигит аз замин имкон медиҳад, ки растаниҳо васеъ ва чуқур дар хок реша ронда, хусусияти устувориашон ба гармои тобистон зиёд гардад.

Хусусияти пеш аз кишт хуб тайёр шудани хок аз ҳолати амалишавии коркарди асосии хок-шудгори чаппагардони тирамоҳӣ ва маҷмуи дигар чорабиниҳои дар тирамоҳ амалишаванда сахт вобаста мебошад. Замини барои кишти пахта пешбинишуда, ки дар тирамоҳ шудгори чаппагардон карда шуда, вобаста ба минтақаҳои иқлимӣ дар онҳо обмонии захиравӣ гузаронида шудааст, ҳангоми коркарди пеш аз кишт, хок тезтар нарм гардида ба кишт омода мегардад. Бо назардошти дар тирамоҳ обёрӣ шудани замин ва дар он амалӣ гардидани раванди обмонии захиравӣ, хок дар ҳарорати нисбатан паст хушк шуда, дар он сафолак пайдо намешавад, бо назардошти ин имкони коркарди он дар баҳор осон мегардад.

Ҳангоми дар баҳор амалӣ намудани коркарди асосии хок-шудгори чаппагардон, майдони кишт ба кулӯххои сахт мубаддал гардида, раванди майда кардани кулӯххо хароҷоти иловагиро талаб менамояд ва ин раванд низ наметавонад барои мукаммал омода шудани хок ба кишт кӯмак расонда, сабзиши саросарии растаниҳоро дар майдон таъмин намояд. Бо назардошти ин тавсия мешавад, ки коркарди асосии хок-шудгори чаппагардон дар киштзори пахта, дар шароити заминҳои кӯҳна обёришавандаи водии Вахш ҳатман дар тирамоҳ гузаронида шуда, аз рӯйи имконият обмонии захиравӣ амалӣ карда шавад.

Бо назардошти дар минтақаҳои пахтапарварии водии Вахш раванди шӯршавии хок нисбатан босуръат амалӣ гардидан, тавсия мешавад, ки ба таври ҳатмӣ дар заминҳои шӯрии миёна ва баланд дошта, обшӯйкунии тирамоҳӣ гузаронида шавад. Ин обшӯйкунӣ ташаккули намакҳоро дар қабати шудгоршавандаи хок танзим намуда, дар ин замина сабзиши саросарии чигит ва тухмии дигар зироатҳои киштшавандаи кишоварзиро дар марҳилаи аввали инкишоф таъмин менамояд, ки ба мақсади кор мебошад. Зеро аксар зироатҳои кишоварзӣ, хоса пахта, дар марҳилаи аввали афзоиши худ ба шӯрии хок ҳассосияти баланд нишон медиҳанд.

Мутаассифона тули солҳои охир бинобар сабаби кашол ёфтани давраи ҷамъоварии ҳосил ва дар тирамоҳ гузаронида нашудани коркарди асосии хок дар киштзорҳои пахтаи ҷумҳурӣ, обшӯйкунии хокҳои шӯршуда дар тирамоҳ имконнопазир гардидааст. Бо назардошти ин зарурияти дар фасли баҳор гузаронидани обшӯйкунии хок ба амал меояд, ки ҳангоми дар ин мавсим амалӣ кардан, хусусияти мелиоративию физикавии хок бад шуда, сафолакҳои гуногунандоза

ба амал меоянд. Ҳангоми саривақт пешгирӣ накардани сафолакбандӣ, ғафсии қабати сафолакҳо ба 4-5 см ва зиёда аз он баробар гардида, боиси сахт зиён дидани чигит ва наврустаҳои пахта мегардад, ки дар натиҷа зичии дурусти ниҳолҳо дар майдон таъмин нагардида, ин ноустувории миқдори ниҳолҳо сабаби асосии камҳосилӣ дар майдонҳои кишт гардидааст.

Ҳангоми сафолакбандии хок дар киштзори пахта тавсия мешавад, ки дар муддати як-ду рӯз сафолак шикаста шавад, тибқи тавсияи олимон дар хокҳои гилии таркиби механикиашон вазнин ин амалро дар давом чанд соати аввали пайдошавии сафолак, амалӣ кардан лозим аст. Ҳангоми сафолакбандӣ дар майдонҳое, ки чигит ҳоло насабзидааст заминро аз сару бар барана задан мумкин аст, аммо дар майдонҳои қисман сабзида зарурияти истифодаи культиваторҳои гуногунандоза пеш меояд. Дар ин миён сифати коркарди пеш аз кишти хок ба ҳолати мелиоративию физикавии хок таъсиргузор буда, ба раванди сафолакбандӣ ва сабзиши минбаъдаи растаниҳо таъсири амиқи худро мегузорад.

Таҷрибаи дар заминҳои кӯҳна обёришавандаи водии Вахш гузоранидаи мо нишон дод, ки намудҳои гуногуни коркарди пеш аз кишти хок ба сабзиши ниҳолҳои пахта таъсири амиқи худро гузоштанд. Ҳангоми пеш аз кишт бо култиватор ва барана коркард кардани хок ба ҳисоби миёна дар 1 метри тулонӣ 10,0 растанӣ сабзида баромада, дар варианти чизел ва баранакунӣ ин нишондод ба 16,1 растанӣ ва дар варианти дукарат гузаронидани баранаи вазнини маҳаллӣ миқдори сабзиши растаниҳо дар 1 м.т. ба 21,5 дона баробар гардид, вақте ки меъёри кишт дар ҳар се варианти омӯзишӣ шакли якхеларо дошт. Бо назардошти ин тавсия дода мешавад, ки коркарди пеш аз кишти заминҳои кӯҳна обёришавандаи водии Вахш барои кишти пахта тавассути баранаҳои вазнини маҳаллӣ дар ду марҳила коркард карда шаванд.

Ҳамин тавр, омилҳои зиёде ба ташаккулёбии миқдори растаниҳои пахта дар масоҳати майдон таъсири худро гузошта, тавассути тағйир додани миқдори он ҳамчун унсури асосии ташаккулдиҳандаи ҳосил, ба ҳаҷми ҳосил дар майдон таъсри худро мегузоранд. Яке аз ин омилҳо замони амалӣ намудани ягонакунии ниҳолҳои пахта дар майдон мебошад. Бо мақсади дақиқ намудани таъсири ин омил мо дар шароити заминҳои кӯҳна обёришавандаи водии Вахш таъсири муҳлати ягонакуниро ба ҳосилнокии навъи пахтаи 748-В мавриди омӯзиш қарор додем. Омӯзиш аз 4 варианти зер иборат буд:

- бидуни ягонакунӣ-варианти назоратӣ;
- ягонакунӣ ҳангоми 2-баргагии ғайриҳақиқӣ;
- ягонакунӣ ҳангоми 1-2-баргагии ҳақиқӣ;
- ягонакунӣ ҳангоми 3-4-баргагии ҳақиқӣ.

Таҷрибаҳои саҳроӣ дар заминҳои кишоварзии хоҷагии деҳқонии ба номи С.Назарови шаҳри Бохтар, дар 3 карат такрорёбӣ, тӯли солҳои 2015-2019 амалӣ карда шуд. Бари фарогирии 1 қитъаи таҳқиқотӣ аз 8 ҷӯяк (8 х 0,60 =4,80 м) бо дарозии 20 м иборат буда, масоҳати 1 қитъа ба 96,0 м^2 баробар гардид. Бо назардошти 4 варианти омӯзишӣ ва 3 карат такрорёбӣ, масоҳати майдони таҳқиқотӣ ба 1152,0 м^2 баробар гардида, бо назардошти роҳравҳои муҳофизатӣ, масоҳати майдони омӯзишӣ ба 1350,0 м^2 баробар гардид.

Дар тамоми вариантҳои омӯзишӣ агротехникаи парвариш якхела нигоҳ дошта шуда, фақат муҳлати ягонакунӣ вобаста ба вариантҳо тағйир дода шуд. Зичии ниҳолҳо, ғизодиҳӣ обмонӣ ва дигар чорабиниҳои агротехникӣ дар майдон якхела амалӣ карда шуда, варианти назоратӣ то охир ягона карда нашуд. Таҷрибаҳои саҳроӣ дар асоси Дастури таҷрибаҳои саҳроии Доспехов Б.А. [17] амалӣ карда шуда, агротехникаи парвариш дар асоси тавсияҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон [18] татбиқ гардид.

Натиҷаи таҳқиқоти бисёрсола нишон дод, ки танҳо тағйир додани муҳлати ягонакунӣ бевосита ба сабзишу инкишофи ниҳоли пахта таъсири худро мерасонидааст. Зери таъсири муҳлати ягонакунӣ дар ташаккули қади растаниҳо

тағйироти назаррас ба амал омад. Бо назардоши ин мо дар 2 давра, дар санаи 4-уми июн ва 4-уми июли ҳар соли таҳқиқотӣ, баландии пояи асосии ниҳоли пахтаро вобаста ба вариантҳои таҳқиқотӣ ҳисоб кардем.

Дар ҳар як вариант ва такрорёбӣ баландии пояи 25 растании омӯзишӣ, ҳисоб карда шуд. Дар давраи аввали ҳисобкуниҳо фарқияти баландии пояи асосӣ вобаста ба вариантҳо нисбатан кам ба қайд гирифта шуда, дар ҳадии 9,8-13,0 см нигоҳ дошта шуд, ки камтарини он дар варианти назоратӣ-бидуни ягонакунӣ ва бештарини он дар варианти 1-уми таҳқиқӣ-ягонакунӣ дар давраи 2-баргагии ғайриҳақиқӣ ба қайд гирифта шуд. Аммо, дар давраи дуюми ҳисобкуниҳо ин нишондод афзун гардид, ки натиҷаи ҳисобкуниҳои он дар ҷадвали 1 оварда шудааст.


Ҷадвали 1. Таъсири муҳлати ягонакунӣ ба баландии пояи асосӣ дар санаи 4-уми июл, см (2015-2019)

Давраи ягонакунӣ	Такрорёбиҳо			∑	Ҳисоби миёна	± нисбат ба St.
	I	II	III			
бидуни ягона-кунӣ-St.	67,9±0,19	63,8±0,25	64,5±0,17	196,2	65,4±1,27	-
2-баргагии ғайриҳақиқӣ	84,1±0,21	82,3±0,39	83,7±0,19	250,1	83,4±0,55	+18,0
1-2-баргагии ҳақиқӣ	75,8±0,37	74,9±0,41	76,9±0,28	227,6	75,9±0,58	+10,5
3-4-баргагии ҳақиқӣ	71,2±0,52	69,1±0,36	70,3±0,49	210,6	70,2±0,61	+4,8

Ҳангоми ягонакунӣ дар давраи 2 баргагии ғайриҳақиқӣ баландии миёнаи пояи асосии растаниҳо дар санаи 4-уми июл ба 83,4 см баробар гардида, нисбат ба варианти назоратӣ ба миқдори 18,0 см зиёдтар буда, дар солҳои алоҳида ва такрорёбиҳои алоҳида ин нишондод то ҳадди 87,6 см тағйир ёфт. Дар ду варианти минбаъда, зери таъсири ба таъхир афтидани давраи ягонакунӣ қади миёнаи растаниҳо то ҳадди 75,9-70,2 см-ро ташкил намуд, ки дар варианти 3 нисбат ба варианти назоратӣ 10,5 см ва дар варианти 4 нисбат ба варианти назоратӣ баландии пояи асоси растаниҳо 4,8 см-ро ташкил дод. Аз ин тартиб ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба таъхир афтидани замони ягонакунӣ бевосита ба раванди қадкашии ниҳолҳои пахта таъсири худро мерасонад ва дар ин замина ба шаклгирии ҳосил низ таъсир худро мегузорад.

Ҳамин тавр, дар баробари танзими зичии ниҳолҳо танзими қадкашии растаниҳо дар навъи пахтаи 748-В унсури муҳими танзимкунандаи шаклгирии унсурҳои ҳосил дониста мешавад. Зеро унсурҳои ҳосил дар ин навъи пахта қариб бевосита дар пояи асосӣ нишаста, дар он навдаҳои ҳосилдеҳ шакл намегирад.

Бо назардошти ин растаниҳои қадбаланд миқдори бештари унсурҳои ҳосил, махсусан кӯракро пайдо менамоянд. Танҳо аз ҳисоби ба таъхир афтодани давраи ягонакунӣ қади ниҳолҳои пахта дар варианти ягонакунӣ дар давраи пайдошавии 3-4 баргаги ҳақиқӣ нисбат ба давраи 2-баргагии ғайриҳақиқӣ ба миқдори 13,2 см камтар гардид ва дар варианти 2-баргагии ҳақиқӣ ин нишондод ба 7,3 см баробар гардида, ин тағйирёбӣ бевосита ба шаклгирии элементҳои ҳосил дар як растанӣ ва дар маҷмуъ дар кулли масоҳати майдон таъсири худро гузошт. Ин таъсиргузорӣ бевосита ба ҳосилнокӣ низ таъсир расонид, расми 1.



Расми 1. Таъсири муҳлати ягонакунӣ ба ҳосилнокии пахтаи навъи 748-В

Бо назардошти таъсири омилҳои дигари агротехникаи парвариш дар солҳои омӯзишии мо ҳосилнокии пахта дар майдончаи таҳқиқотӣ қонеъкунанда набуд, аммо зери таъсири муҳлати ягонакунӣ ин нишондод ба миқдори аз 3,5 с/га дар варианти ягонакунии дерӣ то 10,4 с/га дар варианти ягонакунии барвақтӣ, нисбат ба варианти бидуни ягонакунӣ тағйирот пайдо намуд.

Сабаби аслии кам будани ҳосилнокии пахтаи маҳиннахи навъи 748-В дар ҳамаи вариантҳои омӯзишӣ ин кам гардидани таваққуҳи пахтапарварон ба парвариши пахтаи маҳиннах буда, истеҳсолотчиён дар парвариши пахтаи маҳиннах ба раванди ғизодиҳӣ таваққуҳи зиёд зоҳир намекунанд. Бо назардошти он, ки ҳадафи таҳқиқоти мо танҳо муайян намудани таъсири муҳлати ягонакунӣ ба шаклгирии ҳосил буд ва таҳқиқотҳо бевосита дар майдони истеҳсолии хоҷагии деҳқонии ба номи С.Назарови шаҳри Бохтар гузаронида шуд, мо ба раванди зиёд намудани миқдори ғизо дар парвариши пахта таваққуҳ зоҳир нанамудем.

Хулоса, ҳангоми саривақт (дар давраи 2-баргагии ғайриҳақиқӣ) гузаронидани ягонакунӣ ҳосилнокии пахтаи навъи 748-В ба 24,0 с/га баробар гардид, ки нисбат ба варианти назоратӣ-бидуни ягонакунӣ 10,4 с/га ва нисбат ба варианти ягонакунии дерӣ (ягонакунӣ ҳангоми 3-4 баргагии ҳақиқӣ) 6,9 с/га зиёдтар буд. Аз ин таҳқиқот натиҷа гирифта мешавад, ки бо сифат коркард кардани хок пеш аз кишт, дар муҳлати муайяншуда гузаронидани кишти чигит, дар вақташ шикастани сафолакҳои пайдошуда дар майдон, таъмин намудани сабзиши дурусти ниҳолҳо ва барвақт гузаронидани ягонакунии ниҳолҳои пахта, асоси таъмини ҳосили баланд дар кишти пахтаи маҳиннах мебошад.

АДАБИЁТ

1. Ҳафизов А.А. Ҳосилнокии муқоисавии навъҳои пахтаи миёнанах ҳангоми шароити якхелаи парвариш дар ноҳияи Данғара / А.А. Ҳафизов. Кишоварз -№3 (96). -Душанбе, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, 2022. -С.6-8.
2. Холов Б.Ҳ. Тағйирёбии давраи нумуи пахта вобаста ба истифодаи намуд ва меъёри ғизо / Б.Ҳ. Холов, З.Ё. Ҳайдаров Кишоварз -№2 (99). -Душанбе, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, 2023. – С. 23-29.
3. Ниъматов М.М. Селексия ва тухмипарварии ибтидоии пахтаи миёнанах дар шароити Тоҷикистони Марказӣ / М.М. Ниъматов, Т.Қ. Яҳёев // Маводи конф. илмии ҷум. “Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, 2018-2028. –Душенбе: “Ганҷи хирад”, 2024. –С.12-14.

4. Тавсияҳо доир ба рӯёнидани ҳосили баланди пахта дар РСС Тоҷикистон. –Душанбе: Саруправленияи илми хоҷагии қишлоқ ва пропагандаи ВХҚ РСС Тоҷикистон, 1984. – 78 с.
5. Сушеница Б.А., Медведовская Л.Е., Абдулхаев Х.А. Программирование урожая хлопка в условиях Гиссарской долины Таджикистана / Сбор. науч. трудов ТНИИЗ "Программирование урожая хлопка в Таджикистане". –Душанбе, 1986. –С. 3-15.
6. Устенко Г.П. Агробиологические основы метода оптимального программирования урожаев. В кн.: Программирование урожаев сельскохозяйственных культур / Г.П.Устенко. – Кишинев, 1976.
7. Шатилов И.С. Методика исследованний при постановке балансовых полевых опытов / И.С. Шатилов. –М.: Колос, 1975.
8. Каюмов М.К. Справочник по программированию урожаев / М.К. Каюмов–М.: Россельхозиздат, 1977.
9. Шредер Р.Р. Опыты с густотой посадки хлопчатника в 1912 г / Р.Р. Шредер. «Изв. Туркестанской с.-х. опытной станции», ѓВып. VШ. -Ташкент, 1915.
10. Шлейхер А.И. Густота стояния растений хлопчатника. В сб. «Агротехнические мероприятия по повышению урожайности хлопчатника в 1932 г.». -Москва-Ташкент, 1932.
11. Хакимов Х.Х., Баракаев М.Б. Густота стояния и урожай / Хлопководство, 1974. -№ 5.
12. Умаров К., Садыков Ш., Закиров Т. Оптимальная схема размещения растений сорта С-6037 / Хлопководство, 1985. -№ 2. - С. 23-24.
13. Ҳафизов А.А., Ҳайдаров З.Ё. Таъсири зичии ниҳолҳо ба ҳосилнокии навъҳои пахтаи миёнанах дар шароити водии Ҳисор / Актуальные проблемы агропромышленного комплекса РТ // Матер. науч. прак. конф., посвященной 70-летию агрономического факультета ТАУ и 80- летию г. Душанбе. – Душанбе, ТАУ, - 2004. – С. 125-129.
14. Ҳафизов А.А., Ҳайдаров З.Ё., Сиадов Б.И. Маҳсулнокии навъҳои нав ва ояндадори пахтаи намуди G. hirzutum L. вобаста ба тағйирёбии зичии ниҳолҳо дар шароити ноҳияи Фархор. Маҷмуи мақолаҳои илмӣ//Мав. конф. умумидониш. илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва аспирантону донишҷӯён, бахшида ба «20-солагии Ваҳдати миллӣ». –Данғара, 2017. – С. 105-112.
15. Ҳафизов А.А., Ҳайдаров З.Ё., Садирова С.С., Қаххоров Р.Ш. Маҳсулнокии навъҳои нав ва ояндадори пахтаи намуди G. hirzutum L. вобаста ба тағйирёбии зичии ниҳолҳо дар шароити ноҳияи Фархор // Маҷмуи мақолаҳои илмӣ Мав. конф. илмӣ-ам. ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Истифодаи самараноки омилҳои биоиқлимӣ дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ». –Душанбе, 2018. – С. 57-60.
16. Ҳафизов А.А., Ҳайдаров З.Ё., Музафаров Д.М., Саидов Ф.М., Қаҳоров Р.Ш. Таъсири зичии ниҳолҳо ба маҳсулнокии навъҳои пахтаи миёнанах дар шароити ноҳияи Фархор. Маҷмуи мақолаҳои илмӣ // Мав. конф. илмӣ-ам. ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Технологияи инноватсионии нигоҳдорӣ ва коркард, логистикаи меваю сабзавот: нигоҳе ба оянда». –Душанбе, 2019. –С. 221-224.
17. Доспехов Б.А. Методика полевого опыта / Б.А. Доспехов. - М.: Агропромиздат, 1985. -351 с.
18. Рекомендации по выращиванию высоких урожаев хлопка в Таджикистане. -Душанбе: МСХ Тадж. ССР. – 1983. – 79 с.

ТАЪМИНИ САБЗИШИ УСТУВОР КАФОЛАТИ ҲОСИЛНОКИИ БАЛАНДИ ПАХТА

Дар мақолаи мазкур натиҷаи таъсири муҳлати ягонакунии ниҳолҳои пахтаи маҳиннах дар 4 вариант: -бидуни ягонакунӣ-варианти назоратӣ, -ягонакунӣ ҳангоми 2-баргагии ғайриҳақиқӣ, -ягонакунӣ ҳангоми 1-2-баргагии ҳақиқӣ, -ягонакунӣ ҳангоми 3-4-баргакии ҳақиқӣ ба ҳосилноки пахтаи навъи 748-В дар шароити заминҳои куҳна обёришавандаи водии Вахш, хоҷагии деҳқонии ба номи С.Назарови шаҳри Бохтар баҳогузорӣ гардидааст. Маълум карда шудааст, ки муҳлати ягонакунӣ пеш аз ҳама ба қадкашии ниҳоли пахта таъсири назарраси худро гузошта, дар ин замина ба пайдошавию шаклгирии унсурҳои ҳосил ва минбаъд ба ҳосилнокӣ таъсир мерасонидааст. Ҳангоми ягонакунӣ дар давраи 2 баргагии ғайриҳақиқӣ баландии миёнаи пояи асосии растаниҳо (санаи 4-уми июл) ба 83,4 см баробар гардид, ки нисбат ба варианти назоратӣ 18,0 см ва нисбат ба 2 варианти дигар мутаносибан 10,5 ва 4,8 см зиёдтар буд. Ҳангоми саривақт гузаронидани ягонакунӣ ҳосилнокии пахтаи навъи 748-В ба 24,0 с/га баробар гардид, ки нисбат ба варианти назоратӣ 10,4 с/га ва нисбат ба варианти ягонакунии дерӣ 6,9 с/га зиёдтар буд. Ҳамин тавр, хулоса мешавад, ки бо сифат коркард кардани хок пеш аз кишт, дар вақташ гузаронидани кишт, саривақт шикастани сафолак, таъмин намудани сабзиши дурусти ниҳолҳо ва барвақт гузаронидани ягонакунӣ, асоси таъмини ҳосили баланд дар кишти пахтаи маҳиннах мебошад.

Калидвожаҳо: пахта, сафолакшиканӣ, ягонакунӣ, коркарди хок, баландии пояи асосӣ, унсурҳои ҳосил, ҳосилнокӣ.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧИВОГО РОСТА-ЗАЛОГ ВЫСОКОГО УРОЖАЯ ХУЛОПЧАТНИКА

В данной статье приведены результаты изучения влияния срока прореживания растений хлопчатника в 4 вариантах: -без прореживания-контрольной вариант, -прореживание при семядольных листьях, -прореживание при появлении 1-2-настоящего листа, -прореживание при 3-4-настоящих листьях на урожайность тонковолокнистого хлопчатника, сорта 748-В. Опыты проводились в условиях староорошаемых земель Вахшской долины, фермерского хозяйства им. С. Назарова, город Бохтар.

Доказано, что период прореживания оказывает существенное влияние на прирост главного стебля растений хлопчатника, это в основам влияет на формирование элементов урожая, а в конечном итоге, влияет на уровень урожайности. При прореживании в период семядольных листьев высота главного стебля растений - 4-июля, была равна 83,4 см, что на 18,0 см выше контрольного варианта и на 10,5 и 4,8 см выше остальных 2 вариантов, соответственно. При прореживании в период семядольных листьев урожайность хлопка-сырца сорта 748-В составила 24,0 ц/га, что на 10,4 ц/га больше чем у контрольного варианта, и на 6,9 ц/га больше, чем у позднего варианта прореживания. Из приведенного материала следует, что высококачественная предпосевная обработка и посев хлопчатника в оптимальные сроки, своевременная борьба с почвенной коркой обеспечивают получение дружных всходов. Раннее завершение прореживания – основное условие хорошего урожая хлопка.

Ключевые слова: хлопчатник, борьба с почвенной коркой, прореживание, обработка почвы, высота главного стебля, плодоэлемент, урожайность.

ENSURING SUSTAINABLE GROWTH IS THE KEY TO HIGH COTTON YIELD

This article presents the results of a study of the effect of the term of thinning of cotton plants in 4 variants: - without thinning - control variant, - thinning at cotyledon leaves, - thinning at the appearance of 1-2 true leaves, - thinning at 3-4 true leaves on the yield of fine-fiber cotton variety 748-B. The experiments were conducted in the conditions of old irrigated lands of the Vakhsh Valley, the farm named after S. Nazarov, Bokhtar district. It was proven that the period of thinning has a significant impact on the growth of the main stem of cotton plants, in this basis it affects the formation of crop elements, and ultimately affects the level of productivity. When thinning during the period of cotyledon leaves, the height of the main stem of the plants (on July 4) was 83.4 cm, which is 18.0 cm higher than the control variant and 10.5 and 4.8 cm higher than the other 2 variants, respectively. When thinning during the period of cotyledon leaves, the yield of raw cotton of the 748-B variety was 24.0 c/ha, which is 10.4 c/ha more than the control variant, and 6.9 c/ha more than the late thinning variant. It follows from the above material that high-quality pre-sowing treatment and sowing of cotton at the optimal time, timely control of soil crust ensure obtaining shoots. Early completion of thinning is the main condition for a good cotton harvest.

Keywords: cotton, soil crust control, thinning, soil cultivation, corcardi hock, main stem height, harvest element, yield.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҳмонов Холмурод Маҳмадалиевич***- Институти зироаткории АИКТ дар вилояти Хатлон, мудири озмоишгоҳи тухмипарварии ибтидоии пахтаи филиали ш.Бохтар. **Суроға:** 735140, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи А.Қаҳоров, 67. Тел.: **+992919379290**
Ҳайдаров Зикриёхон Ёқубович – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварӣ. **Суроға:** 734013, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, х.Рӯдакӣ, 146. Телефон: **+9925138424**. E-mail: **rais-1275@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Рахмонов Холмурод Махмадалиевич***- филиала Иститута земледелия ТАСХН в Хатлонской области, заведующий лабораторией первичного семеноводства хлопчатника. **Адрес:** 735140, г. Бохтар, Республика Таджикистан, ул. А.Кахорова, 67. Тел.: **+992919379290**
Хайдаров Зикриёхон Ёкубович – Таджикский аграрный университет имени Ш.Шотемура, кандидат сельскохозяйтвенных наук, доцент кафедры хлопководства, генетики, селекции и семеноводства. **Адрес:** 734013, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 146. Тел.: **+9925138424**. E-mail: **rais-1275@mail.ru**

Information about authors: ***Rahmonov Kholmurod Mahmadalievich*** - Institute of Agriculture of the Tajikistan Academy of Agricultural Sciences in Khatlon region, head of the laboratory of primary seed production of cotton of the branch. **Address:** 735140, Tajikistan, Bokhtar city, Kahorova A. street, 67. Tel.: **+992919379290**.
Haidarov Zikriyokhon Yakubovich - Tajik Agrarian University named after Sh. Shohtemur, Associate Professor of the Department of Cotton, Genetics, Breeding and Seed Production. **Address:** 734013, Dushanbe, Tajikistan. Rudaki avenue, 146. Phone: **+992 513 84 24**. E-mail: **rais-1275@mail.ru**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 619:616.98:579.852.13-085.23

ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДАСОЗИИ ВАКСИНА БАР ЗИДДИ СИЯҲРОНИ ЧОРВО

Пулотзода Ф.Х., Астанақулова Г.М., Абдулхолова Ш.А., Аҳмадов Н.А.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мукаддима. Сияҳрони чорво - ҳамчун бемории хатарноки чорвои калон ва хурди шохдор дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн шуда дар байни бемориҳои сирояти ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ин бемори новобаста аз шароити иқлим ва мавқеи ҷуғрофи дар тамоми кишварҳои дунё паҳн гардидааст. Сияҳрони чорво асосан ба шакли осебҳои шадиди мушакҳо, некроз ва инфилтратсияи серозӣ-геморрагии бофтаҳо зоҳир мешавад [1, 5].

Барангезандаи қаросони чорво *Clostridium chauvoei*-бактерияи анаэробии қавӣ мебошад, ки шакли чубчаи спорадори полиморфиро дорад. Спораҳои ин бактерияи анаэробӣ муддати тулонӣ дар хок боқӣ монда, хатари сирояти ҳайвоноти ҷавонро ба вуҷуд меорад [4,7].

Пешгири ва табобатӣ қаросони чорвои калон ва хурди шохдор масъалаи муҳим мебошад, зеро сироят ва хуручи ин бемори ба соҳаи чорводорӣ зарари калони иқтисодӣ мерасонад. Сияҳрони чорво бештар дар шароити саҳро вақте, ки чорво ба муддати тулонӣ нигоҳ дошта мешаванд, хуруҷ мекунад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар дар ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон ба қайд гирифта мешавад [6,3,9].

Дар кишварӣ мо дар солҳои охир хуручи қаросон хеле зиёд ба қайд гирифта мешавад ва ваксинопрофилактика ягона роҳи боэътимоди бартарфсозӣ ва пешгирии ин беморӣ мебошад [2,8].

Бо назардошти он, ки ширкатҳои гуногуни хориҷӣ ва институтҳои илмии ватанӣ ваксинаҳои гуногунро бар зидди сияҳрони чорвои калон ва хурди шохдор ба истифодабарандагон пешкаш намудаанд, мукаммалсозии раванди технологии омодасозии мавод, ки ҳосили баланди массаи бактерияҳоро таъмин мекунад, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади асосии мақолаи илмӣ таҳияи технологияи истеҳсоли ваксинаи моновалентӣ бар зидди сияҳрони чорво дар асоси мукамалсозии муҳити ғизоӣ мебошад.

Мавод ва усулҳо

Таҳқиқотҳо дар заминаи маҷмааи биотехнологии ҶДММ «АГРОВЕТ», Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнология АИКТ ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи муштараки Россия ва Тоҷикистон “БИОРТ” гузаронида шудааст.

Парвариши штамми истеҳсоли бо риояи қоидаҳои асептикӣ зина ба зина амалӣ карда шуданд. Даври якуми парвариш дар пробиркаҳо зери равғани фарматсевтӣ дар муҳити ғизоии гушту пептонӣ, дар муддати 24-48 соат, зери ҳарорати 37^0C гузаронида шуд. Даври дуюм дар зарфшишаҳои лабораторияи ғунҷоишон 0,5 мл дар муҳити ғизоии казеин-пептон ва экстракти ҷигар дар ҳарорати 37°C ба муддати 24 соат гузаронида шуд. Даври сеюм дар зарфшишаҳои ҳаҷмашон 12 л ва зинаи ниҳои дар биореактори БИОР 650 амали карда шуд. Тозаги ва санҷиши морфологӣ бо усули микроскопӣ ва консентратсияи бактерияҳо мувофиқи стандарти ғилзатнокии оптикии Л.А. Тарасевич муайян карда шуданд.

Парвариши истеҳсоли дар биореактори дорои системаҳои мукаммалӣ назоратӣ ва танзими параметрҳои асосӣ: ҳарорати парвариш, pH-и муҳити ғизоӣ, суръати омехташавӣ дар ҳарорати 37 ± 1^0C гузаронида шудаанд. Барои фароҳам овардани муҳити анаэробӣ гази нитрогени аз ҷиҳати кимиёвӣ тоза истифода намудем ва танзими pH-ро дар ҳудуди 6,8-7,2 бо истифодаи маҳлули 25% аммиак таъмин намудем.


Хусусиятҳои бехатарӣ, реактогенӣ ва иммуногении силсилаи таҷрибавии ваксинаро дар ҳайвоноти лабораторӣ гузаронида шуданд.

Натиҷа ва муҳокимаи таҳқиқот

Штамми парваришёфтаи сияҳрони чорво барои хукчаҳои баҳрӣ марговар мебошад. Бактерияҳои парвариши *C.chauvoei* R_{15} ҳангоми ба дохили мушак ворид кардани миқдори 0,1-0,2 $см^3$ дар давоми 20-48 соат боиси марги хукчаҳои баҳрии вазнаш 350-450 г мегардад.

Штамми истеҳсолии *C.chauvoei* R_{15} бактерияҳои чубчашакли, ҳаракаткунандаи грам-мусбат бо паҳлуҳои мудаввар, андозаи 0,4х0,8 - 2х8 мкм, як-як ва ё дар занҷирҳои кӯтоҳ ҷойгир шудаанд. Спораҳо дар маркази бактерия ё озод ҷойгир шудаанд, шакли спораҳо байзашакл буда, капсулаҳо намесозанд. Ҳангоми парвариш дар муҳити ғизоии Китта-Таросси хирашавии маҳлул пас аз 16-20 соат ба амал меояд, ва газхориҷкунии нисбатан суст дорад.

Пас аз 24 - 48 соати афзоиш, тадриҷан равшаншавии муҳити ғизоӣ ва таҳшиншавӣ ба амал меояд, ки ҳангоми такон додани зарф ба суспензияи якхела табдил меёбад. Дар нақшаи ферментативӣ штамм *C.chauvoei* R_{15} суст фаъол аст, ширро оҳиста коагулятсия мекунад, глюкоза, фруктоза, галактоза, мальтоза, саҳароза, лактозаро таҷзия мекунад.



Расми 1. Морфологияи штамми истеҳсолии бактерияи C.chauvoei R_{15} ҳангоми рангкуни бо усули Грамм

Муътадил ҷамъ шудани титрҳои баланди экзотаксинҳо ҳангоми парвариши умкӣ шарти ҳатмии ба даст овардани ваксинаҳои самарабахши зидди сияҳрони чорво мебошад. Миқдори токсинҳои истеҳсолшуда асосан ба сифат ва таркиби химиявии воситаҳои ғизои вобаста аст. Ҳангоми парвариши штамми *C.chauvoei*, ки дар шакли анабактерияҳо истифода мешуданд, компонентҳо барои зиёд кардани миқдори максималии массаи бактерияҳо ва суст кардани споратсияи бактерияҳо истифода карда мешаванд.

Гузариш аз муҳити ғайристандартии ғизо дар асоси гӯшт ва ҷигар ба воситаҳое, ки аз гидролизатҳои казеин тайёр карда шудаанд, имконият медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти таъиншуда якчанд маротиба зиёд карда шавад. Таркиби муҳити ғизоӣ дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Таркиби муҳити ғизоӣ барои парвариши C.chauvoei

№ м. ғизоӣ	Таркиби муҳити ғизоӣ	Миқдори умуми, г/л
Муҳити ғизои нимсинтетикӣ		
1	Гӯшт пептон	40
	K_2HPO_4	2,3
	KH_2PO_4	1,7
	$MgSO_4$	0,6
	$FeSO_4$	0,02
Муҳитҳои ғизоӣ мукаммалкардашуда		

2	Гидролизати казеин	20
	Гушт пептон	20
	Экстракти дрожжи	3,0
	Глюкоза	5
	Натрий хлор	5
	Крахмали ҳалшаванда	1
	Агар-агар	0,5
3	Шӯрбои Хоттингер	30
	Экстракти ҷигарӣ	30
	Гидролизати казеин	30
	K_2HPO_4	3,2
	KH_2PO_4	1,2
	$MgSO_4$	0,6
	Глюкоза	20
4	Шӯрбои Хоттингер	20
	Экстракти ҷигар	30
	Гидролизати казеин	30
	Пептон	0,5
	Натрий хлор	0,5
	Глюкоза	10

Барои тайёр кардани ҳар як серияи нави ваксинаи моноваленти ампулаи нави штамми истеҳсоли истифода шудааст. Ампулаҳо дар шароити асептикӣ дар ламинар бокс кушода ба он маҳлули физиологӣ барои ҳосил кардани суспензия ворид кардем. Парвариши *C.chauvoei* дар зарфи 0,5 дм^3 дар муҳити ғизоии зери равған бо ҳарорати 37^{0}С ба муддати 24 соат дар термостат гузаронда шуд. Маводи парваришаванда дар ҳаҷми 4 см^3 бо консентратсияи 6,0 10^9 КОЕ/см^3 ба муҳити ғизоӣ ворид карда шуд.

Суспензияи микроорганизмҳо дар шишаҳо, хуб омехта кардашуда ва бо ёрии вакууми суст, ба шишаи 16 дм^3 бо муҳити ғизоии ҳаҷмаш 7,5 дм^3 дар зери равған ворид карда шуда, ҳамзамон пас аз 6 соати парвариш ба ҳар зарфшишаҳо 300 см^3 маҳлули 40%-и глюкоза илова карда шуданд. Мувофиқи стандарти ғилзатнокии оптикӣ консентратсияи *C.chauvoei* R_{15} дар зарфшишаҳо ба 9 миллиард ҳуҷайра дар см^3 баробар буд.

Парвариши саноатӣ дар реакторҳои иқтидори 300 дм^3 бо таъмини нитрогени тозаи химиявӣ 0,2 - 0,3 дм^3 ба 1 дм^3 муҳити реактор гузаронида шуд. Парвариш дар ибтидои давраи статсионарии нашъунамо, вақте ки консентрасияи микроорганизмҳо ба зиёд шудан майл накарданд, катъ карда шуд.

Муайян кардани консентратсияи массаи бактериявӣ бо истифода аз намунаи ғализии байналхалқии № 10 (ГИСК ба номи Л.А. Тарасевич) ва муайян кардани ФЭК анҷом дода шуд. Тозагии маводи парваришёфта бо усули Грам ранг кардашуда баҳо дода шуданд. Ғайри фаъол кунии антигенҳо ва токсинҳо бо формалин гузаронида шуд, ҳамчун адювант гели гидроксиди алюминий истифода шуд.

Парвариши саноатии штаммҳои *C.chauvoei* R_{15} дар таносуби 10:1, консентратсияи на камтар аз 9,2х10^9 ҳуҷайра/см^3 гузаронида шуд. Раванд ва натиҷаҳои парвариши истеҳсолӣ дар ҷадвали 2 ва 3 дарҷ гардида аст.

Ҷадвали 2. Натиҷаҳои парвариш ва динамикаи ҳосилшавии биомассаи штамм C. chauvoei R_{15} дар биореактор

№м.ғизоӣ	Вақти гирифтани намуна, соат	рН муҳити ғизоӣ	Консентратсия, ҳуҷайра/см^3	Иловаҳо	Ҳарорат ^{0}С	Суръати омехтакунӣ

Муҳити ғизоӣ нимсинтетики						
1	0	7,55	0,5	+12л глюкоза	37 – 38	150 – 180
	4	7,16	2	+6л глюкоза		
	8	6,83	3	+200мл NH_4OH		
	12	6,55	4,5	+300мл NH_4OH		
	16	6,47	6	+400мл NH_4OH		
	18	6,89	8	+200мл NH_4OH		
	22	6,71	9,5	+300мл NH_4OH		
	24	7,0	12	+100мл NH_4OH		
Муҳитҳои ғизоӣ мукаммалкардашуда 1						
2	0	7,59	0,7	+12л глюкоза	37 – 38	150 – 180
	4	7,11	1	+6л глюкоза		
	8	6,95	4	+300мл NH_4OH		
	12	6,78	5,5	+400мл NH_4OH		
	16	6,82	7	+300мл NH_4OH		
	18	6,93	11,5	+200мл NH_4OH		
	22	7,24	14	+100мл NH_4OH		
	24	7,12	16			

Ҷадвали 3. Натиҷаҳои парвариш ва динамикаи ҳосилшавии биомассаи штамм C.chauvoei R_{15} дар биореактор

№м.ғизоӣ	Вақти гирифтани намуна, соат	pH муҳити ғизоӣ	Консентратсия, ҳуҷайра/$см^3$	Иловаҳо	Ҳарорат ^0C	Суръати омехтакунӣ
Муҳитҳои ғизоӣ мукаммалкардашуда 2						
3	0	7,51	0,4	+12л глюкоза	37 – 38	150 – 180
	4	7,34	1	+6л глюкоза		
	8	7,22	2,5	+200мл NH_4OH		
	12	6,68	6	+400мл NH_4OH		
	16	6,84	12	+300мл NH_4OH		

	18	6,67	15	+300мл NH_4OH		
	22	6,40	17	+400мл NH_4OH		
	24	6,79	18	+300мл NH_4OH		
Муҳитҳои ғизоӣ мукаммалкардашуда 3						
4	0	7,50	0,4	+12л глюкоза	37 – 38	150 – 180
	4	7,27	1,5	+6л глюкоза		
	8	6,81	3	+300мл NH_4OH		
	12	6,74	6,5	+300мл NH_4OH		
	16	6,53	8	+400мл NH_4OH		
	18	6,75	9	+400мл NH_4OH		
	22	6,90	11	+300мл NH_4OH		
	24	6,92	14	+200мл NH_4OH		

Ҳар 2-4 соат аз биореактор барои муайян кардани pH, консентратсияи оптикии ҳуҷайраҳо ва тозагӣ намунаҳо гирифта мешуданд.

Сатҳи pH пас аз 4 соати парвариш каме паст шуд, бо ворид кардани аммиак ба реактор pH-ро оптимизатсия намудем. Дар марҳилаи афзоиши экспоненсиалӣ каме паст шудани pH ва дар марҳилаи статсионарии камшавии pH ба қайд гирифта нашудааст.

Натиҷаи парвариши штамми ваксинагӣ дар маводи ғизоии нимсинтетикӣ ва мукаммалкардашудаи № 1, № 2, № 3 нишон дод, ки намунаҳои гирифташуда аз ҷиҳати морфологӣ, хосиятҳои парваришӣ ва биохимиявии бактерияҳо мувофиқи талаботи истеҳсолӣ буданд..

Бо истифодаи формалин дар консентратсияи ниҳоии 0,3% ба муддати 7 рӯз бактерияҳо инактиватсия карда шуданд. Тавассути гидроксиди алюминий маҳлул адсорбсия карда шуда, барои омоданамудани силсилаҳои таҷрибавии ваксинаҳо истифода шуданд. Аз ҳар як намунаи парваришкардашуда силсилаи таҷрибавии ваксинаҳои алоҳида тайёр карда шуданд. Консентратсияи бактерияҳо дар ҳама ваксинаҳо ба $2,0x10^9$ ҳ/$см^3$ баробар буд.

Назорати силсилаи таҷрибавии ваксинаҳо барои бехатарӣ дар 8 сар мушҳои сафеди вазнашон 16-18 грамм ва 8 сар хукчаҳои баҳрии вазнашон 400-450 грамм омӯхта шуданд. Ваксинаҳо ба мушҳои сафед ва хукчаҳо ба зери пуст ба миқдори 0,5 ва 2,0 мл ворид карданд.

Маводи иммунопрфилактики безарар ҳисобида мешавад, агар ҳайвоноти лабораторӣ воякуби кардашуда муддҳати 10 шабонарӯз зинда ва аз ҷиҳати клиникӣ солим монданд. Пас аз воякуби кардан дар муҳлати муайян кардашуда ҳайвоноти лабораториро назорат карда, ягон тағйироти умумии клиникӣ ва физиологӣ ба қайд гирифта нашуд.

Фаъолияти иммуногении силсилаи таҷрибавии ваксина дар 5 гуруҳи хукчаҳои баҳри вазнашон 400-450 грамм, ки ҳар гурӯҳ 5 сар ҳайвонро ташкил медод, ҷудо карда шуд. Ба чор гурӯҳ намунаи ваксинаи омода карда шуда ва ба гурӯҳи панҷум ҳамчун назорат маҳлули физиологӣ гузаронида шуданд.

Баъд аз 20 шабонарӯзи иммунизатсия ҳамаи гуруҳои ҳайвонот бо штаммҳои спораи хушк дар вояи 20 Dlm барои хукчаҳои баҳри сироят карда шуданд ва пас аз 10 шаборӯз натиҷгири карда шуданд.

Ваксинаи моноваленти махсусан самаранок ҳисобида мешавад, агар пас аз ворид кардани токсинҳо ба гурӯҳҳои таҷрибавӣ на кам аз 4 сар аз 5 сар хукчаҳои баҳри зинда монда бошанд, дар ҳоле ки аз 5 сар хукчаҳои баҳри дар гурӯҳи назоратӣ ҳадди аққал 4 сар мефавтанд. Натиҷаҳои таҷриба дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Ҷадвали 4. Натиҷаҳои муайян кардани фаъолияти иммуногении ваксинаҳо

	Гурӯҳи ҳайвонот	Миқдори сар	Вояи ваксина мл	Вояи токсин Dlm	Натиҷаҳои назорати			
					Фавт		Зинда	
					гол.	%	гол.	%
	Серии №1	5	0,5	0,3	0	0	5	100
	Серии №2	5	0,5	0,3	0	0	5	100
	Серии №3	5	0,5	0,3	0	0	5	100
	Серии №4	5	0,5	0,3	0	0	5	100
	Назоратӣ	5	-	0,3	5	100	0	0

Маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳад, силсилаи таҷрибавии ваксинаҳои № 1, 2, 3, 4 зидди сияҳрони чорво, ки аз штамми *C.chauvoei* омода карда шудаанд, самаранок мебошад.

Барои муайян кардани шиддатнокии иммунитете, ки пас аз истифодаи ваксина ташаккул ёфтааст, хукчаҳои баҳриро бо вояи пеш аз титршудаи штамми *Clostridium chauvoei* R_{15} бо миқдори 20 Ld_{50} сироят намудем. Аввалин сироят 14 рӯз пас аз эмкунии такрории хукчаҳои баҳрӣ бо ваксинаи алоқаманд ва 30 рӯз пас аз ваксина бо моноваксин гузаронида шуд. Натиҷаҳо пас аз 5 рӯз сабт карда шуданд. Натиҷаҳои таҷриба дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Тавре ки аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда дида мешавад, пас аз 14 рӯз ҳарду ваксина ҳифзи хукчаҳои иммунизатсияшударо аз сирояти штаммҳои вируленти патогени қаросонро бо 100% марги ҳайвоноти назоратӣ таъмин менамояд, ки ин боиси он мегардад, вояи ҷузъи имконпазир ба ваксина дохил карда шудааст.

Ҷадвали 4. Натиҷаҳои фаъолияти иммуногении компоненти Clostridium chauvoei

	Гурӯҳи ҳайвонот	Воя	Миқдори ҳайвоноти сироятшуда	Шумораи ҳайвоноти зинда	%-и ҳайвоноти зиндамонда
	Ваксинаи моноваленти	0,4	5	3	100
	Ваксинаи асотсиатсия карда шуда	1,0 1,0	5	3	100
	назоратӣ	-	5	0	0

Натиҷаи таҷрибаҳое, ки барои омӯзиши самаранокии пешгирии мушаххаси сияҳрони чорво тавассути иммунизатсия бо ваксинаи моноваленти ғайрифаъолшудаи дар ҳайвоноти лабораторӣ гузаронида шуданд, нишон медиҳад, ки дукарата истифодаи ваксина имкон медиҳад, ки иммунитети пуршиддат зоҳир шавад.

Хулоса. Хатти технологии истеҳсоли ваксинаи моноваленти бар зидди сияҳрони чорво дар асоси коркарди муҳити ғизоӣ ба роҳ монда шуда, методҳои назоратӣ ва

дастурамалӣ истифодаи он таҳия карда шудааст. Самаранокии силсилаи таҷрибавии ваксинаи моновалентии зидди сияҳрони чорво дар ҳайвоноти лабораторӣ омӯхта шуда самаранокии баланди он ба қайд гирифта шуд.

АДАБИЁТ

1. Астанақулова Г.М., С.Ф. Сайдализода, З.С. Қиёмзода Назарзода Н.Н. Алиев К. Тарзи ҳосил намудани картошкаи бе вирус дар шароити *IN VITRO* Шаҳодатномаи № 1219. - Душанбе, 2021.
2. Астанакулова Г.М. Водный гомеостаз и уровень про-и антиокислительных систем растений *Salanum tuberosum L* при засухе / Б.М. Сабуров, З.С. Киёмзода, С.Ф. Сайдализода, Г.М. Астанакулова, К Алиев // Наука и инновация Таджикского национального университета. - Душанбе. - 2021. - №1. - С. 140-149.
3. Девришов Д.А. Клостридиозы овец и их контроль / Д.А. Девришов, Ф.Х.Пулотов // Ветеринария. Москва, 2019. -№5. – С. 27-30.
4. Девришов Д.А. Специфическая профилактика клостридиозов животных, Илм ва фановарї. -№3.2023, -С.150-156.
5. Капустин А.В. Разработка метода контроля иммуногенной активности ассоциированной вакцины против клостридиозов крупного рогатого скота / А.В. Капустин, А.И. Лаишевцев, О.Д. Скляров, Н.С. Абросимова // RJOAS. – № 3(63), – 2017, – С. 170-175.
6. Пулотов Ф.Х. Совершенствование технологии изготовления поливалентной вакцины против клостридиозов животных / Ф.Х. Пулотов., Д.А. Девришов, И.А. Исматов // Проблемы биологии продуктивных животных. -№1. 2020 - С. 34-43.
7. Пулотов Ф.Х. Технологические и иммунобиологические аспекты производства вакцины против эмфизематозного карбункула / Д.А. Девришов, Ф.Х.Пулотов // Ветеринария, зоотехния и биотехнология. 2019. -№1. -С. 60-65.
8. Пулотов Ф.Х. Совершенствование технологии изготовления поливалентной вакцины против клостридиозов животных: автореферат дисс. кандидат биологических наук / Ф.Х. Пулотов. – Москва, – 2020. –19 с.
9. Ahsani M.R.Genotyping of isolates of Clostridium perfringens from vaccinated and unvaccinated sheep / M.R. Ahsani, M.S. Bafti, A.K. Esmailizadeh, M.R. Mohammadabadi// Small Ruminant Research, – Vol. 95, Issue 1, – 2011, – P. 65-69.
10. Lewis C.J., Control of important clostridial diseases of sheep // Veterinary Clinics of North America. – 2011. – Vol. 27. – Issue 1. – P. 121-126.
11. Pulotov F.H. Development of polyvalent toxoid Clostridium perfringens against anaerobic enterotoxaemia in young cattle and small ruminants. E3S Web of Conferences/ 282, 04009, 2021.
12. Кузнецов В.В. Полиамины при стрессе: биологическая роль, метаболизм и регуляция / В.В. Кузнецов, Н.Л. Радюкина, Н.И. Шевякова // Физиология растений. 2006. -Т. 53. -С. 658-684.
13. Сайдализода С.Ф. Эндогенная регуляция устойчивости растений картофеля к стрессу [Текст] / С.Ф. Сайдализода, З.С. Киёмова, Г.М. Астанакулова, К.А. Алиев // Материалы международной научно-практической конференции: Сб. науч. тр. факультета агрономии, агрохимии и экологии / Под ред. В.А. Федо-това. – 2019. – С. 261-266.
14. Шевякова Н.И. Пролин при стрессе: биологическая роль, метаболизм, регуляция / Н.И. Шевякова, В.В. Кузнецов // Физиология растений. 1999. -Т. 46. - С. 234–243.

ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДАСОЗИИ ВАКСИНА БАР ЗИДДИ СИЯҲРОНИ ЧОРВО

Мақолаи илмӣ дар мавзуи технологияи омодасозии ваксина бар зидди сияҳрони чорво навишта шудааст. Дар натиҷаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ хатти технологии истеҳсоли ваксинаи моноваленти бар зидди сияҳрони чорво дар асоси коркарди муҳити ғизоӣ мукаммалкардашуда, дараҷаи баланди ҳосилшавии биомасса дар муҳити ғизоии мукаммалкарда шудаи №2 бадастомада ба $18x10^9$ ҳуҷайра /см^3 баробар шудааст. Хусусиятҳои биологии силсилаи таҷрибавии ваксинаи моноваленти бар зидди сияҳрони чорво ҳайвоноти лабораторӣ омӯхта шуда самаранокии баланди он ба қайд гирифта шудааст. Хатти технологии истеҳсоли ваксинаи моноваленти бар зидди сияҳрони чорво дар асоси коркарди муҳити ғизоӣ ба роҳ монда шуда, методҳои назоратӣ ва дастурамалӣ истифодаи он таҳия карда шудааст. Самаранокии силсилаи таҷрибавии ваксинаи моновалентии зидди сияҳрони чорво дар ҳайвоноти лабораторӣ омӯхта шуда самаранокии баланди он ба қайд гирифта шуд

Калидвожаҳо: технология, сияҳрони чорво, ҳайвоноти лабораторӣ, самаранокӣ, ваксина.

ТЕХНОЛОГИЯ ИЗГОТОВЛЕНИЯ ВАКЦИНЫ ПРОТИВ ЭМФИЗЕМАТОЗНОГО КАРБУНКУЛА

Научная статья написана на тему технологии изготовления вакцины против эмфизематозного карбункула. В результате научно-исследовательской работы разработана технологическая линия производства моновалентной вакцины против эмфизематозного карбункула крупного рогатого скота, основанной на переработке улучшенной питательной среды, получена высокая степень биомассы $18x10^9$ клеток./см^3 на улучшенной питательной среде №2. На лабораторных животных изучены биологические свойства опытной серии моновалентной вакцины против эмфизематозного карбункула крупного рогатого скота и зафиксирована ее высокая эффективность. Создана технологическая линия по

производству моновалентной вакцины против чумы крупного рогатого скота на основе переработки питательной среды, разработаны методы контроля и инструкция по ее применению. Эффективность экспериментальной серии моновалентных вакцин против чумы крупного рогатого скота была изучена на лабораторных животных и зафиксирована ее высокая эффективность.

Ключевые слова: технология, животноводство, лабораторные животные, эффективность, вакцина.

TECHNOLOGY FOR MANUFACTURING A VACCINE AGAINST EMPHYSEMATOUS CARBUNCLE

The scientific article was written on the topic of the technology of preparing a vaccine against animal rabies. As a result of the scientific-research work, the technological line of production of monovalent vaccine against cattle rust based on the processing of improved nutrient medium, the high degree of biomass production in the improved nutrient medium No.2 was obtained equal to $18x10^9$ cells/cm^3. The biological properties of the experimental series of monovalent vaccine against cattle rabies were studied in laboratory animals and its high efficiency was recorded. A technological line for the production of a monovalent vaccine against cattle distemper based on the processing of a nutrient medium has been established, and control methods and instructions for its use have been developed. The effectiveness of an experimental series of a monovalent vaccine against cattle distemper has been studied in laboratory animals, and its high effectiveness has been recorded.

Keywords: technology, animal husbandry, laboratory animals, efficiency, vaccine.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Пулотзода Фаридун Ҳайтали*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои биологї, муаллими калони кафедраи биотехнология. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 915 17 16 66**, E-mail: **fariddun.pulotov@mail.ru**

Астанаќулова Гурдофарид Маҳрамшоҳевна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои биологї, ассистенти кафедраи биотехнология. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 917844464.** E-mail: **gurdofarid.mahramshoh@mail.ru**

Абдулхолова Шаҳзода Аҳадовна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои биологї, магистри кафедраи биотехнология. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 929167090**

Аҳмадов Нусратулло Азизулоевич - Институти масоили амнияти биологї ва биотехнологияи АИКТ, номзади илмҳои биологї, ходими калони илмӣ. **Суроға:** ш. Душанбе, кӯч. Гипрозем, 61. Телефон: **+992 985 313149,** E-mail: **nusratullo.73@mail.ru**

Сведения об авторах: Пулотзода Фаридун Ҳайтали - Таджикский национальный университет, кандидат биологических наук, старший преподаватель кафедры биотехнологии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992915171666**, E-mail: **fariddun.pulotov@mail.ru**

Астанакулова Гурдофарид Махрамшоевна - Таджикский национальный университет, кандидат биологических наук, старший преподаватель кафедры биотехнологии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 917844464.** E-mail: **gurdofarid.mahramshoh@mail.ru**

Абдулхолова Шахзода Ахадовна - Таджикский национальный университет, кандидат биологических наук, старший преподаватель кафедры биотехнологии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 929167090**

Ахмадов Нусратулло Азизулоевич - Институт проблем биологической безопасности и биотехнологии, кандидат биологических наук, старший научный сотрудник. **Адрес:** город Душанбе, улица Гипрозем, 61.Телефон: **+992-985313149**, E-mail: **nusratullo.73@mail.ru**

Information about the authors: ***Pulotzoda Faridun Haytali*** - Tajik National University, Candidate of biological sciences, Senior lecturer of the Department of Biotechnology. **Address**: 734025, Dushanbe, Tajikistan, 17 Rudaki Ave. Phone: **+992 915 17 16 66**, E-mail: **fariddun.pulotov@mail.ru**

Astanaqulova Gurdofarid Mahramshohevna - Tajik National University, Candidate of biological sciences, assistant of the Department of Biotechnology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17, Phone: **+992 917844464,** e-mail: **gurdofarid.mahramshoh@mail.ru**

Abdulkholova Shahzoda Ahadovna - Tajik National University, Master of Department of Biotechnology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17, Phone: **+992 929167090**

Akhmadov Nusratullo Azizuloevich - Institute of biological and biotechnological safety issues, candidate of biological sciences, senior scientist. **Address:** Dushanbe, Giprozem St., 61. Phone: **+992 985 313149.** E-mail: **nusratullo.73@mail.ru**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 21.12.2024
Аз тақриз баргашт: 14.01.2025
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 572.8

МАҲСУЛНОКИИ НАВЪҲОИ МАҲАЛЛӢ ВА ВОРИДОТИИ СЕБ ДАР ШАРОИТИ ВОДИИ ҲИСОР

Намозов А. К., Наботов Р. С.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Институти Зироатакории АИКТ

Водии Ҳисор барои парвариш намудани дарахтони мевадиҳанда шароити мусоид дорад. Боғдорӣ яке аз соҳаҳои асосии муҳимми кишоварзӣ ба буда, дар таъмин намудани амнияти озуқаворӣ мавқеи намоёнро дорад. Меваҷот дар баробари маҳсулоти ғизоӣ будан, инчунин, маводи табобатӣ низ мебошад. Рушди соҳаи боғдорӣ вобаста ба афзоиши аҳолӣ дар ҷумҳурӣ масъалаи мубрами рӯз мебошад, чунки талаботи аҳолӣ ҳамасола аз ҳисоби меваҷоту сабзавот, умуман, маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш ёфта истодаанд.

Таҳияи технологияҳои парвариши дарахтони мевадиҳандаи маҳсулнокиашон баланд вобаста ба минтақаҳои боғдории Тоҷикистон масъалаи муҳим буда, омӯхтани онҳо шарт ва зарур мебошад. Танҳо бо ҳамин восита дар таъмини талаботи аҳолӣ бо меваҷоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва амнияти озуқавории мамлакат мусоидат карда метавонем. Дар баробари ин, навъҳои маҳаллӣ ва воридотии дарахтони мевадиҳандаро бо роҳи парвариш дар шароити муайян водиҳо омӯхтан ва ба истеҳсолот навъҳои пурмаҳсулро тавсия намудан шарт ва зарур мебошад.

Дар натиҷаи аҳаммият надодан ба захираҳои генетикӣ ва бунёд намудани коллексияҳои навъҳои нодири дарахтони мевадиҳанда боиси аз байн рафтани навъу намунаҳои нодири дарахтони мевадиҳанда гаштааст. Айни замон бисёр мушкилиҳое ба чашм мерасанд, ки таъсири бевоситаи худро ба нигоҳдории захираҳои генетикии дарахтони мевадиҳанда мерасонанд. Бинобар ин, кишоварзони мамлакат барои омӯхтан, пайдо кардану ҳифз намудани навъу шаклҳои ёбоию маҳаллии набототи кишвар ба таври лозимӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Истифодаи гуногуншаклии навъҳои маҳаллии себ ва воридотӣ дар истеҳсолот ва ҳифзу захираҳои генетикӣ яке аз манбаҳои асосӣ ҳангоми ба вуҷуд овардани навъҳои нав барои бунёди боғҳои интенсивӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд нақши асосиро дар истеҳсоли навъҳои нав, интихоби ҷуфти волидайн, ки дорои маҷмуи хусусиятҳои арзишноканд, мебозанд. Шароити Тоҷикистон ба гуногуншаклии дарахтони мевадиҳанда, хусусан, ба намудҳои гуногуни себ мусоид мебошад.

Муҳиммияти омӯхтани навъҳои маҳаллии себ дар муқоиса бо навъҳои воридшуда имкон медиҳад, ки навъу шаклҳое себе муайян карда шаванд, ки дорои хусусиятҳои баланди арзишманд бошанд ва манбаи аломатҳои пурқимат барои соҳаи селексия ва ғани гардонидани навъҳои пурмаҳсули себ дар мамлакат истифода шаванд.

Мақсади таҳқиқот баҳодиҳии ҳамаҷонибаи агробиологӣ, ҷудо намудани навъҳои беҳтарини себҳои маҳаллӣ ва воридотӣ барои истифодабарӣ дар самти корҳои селексионӣ, зиёд кардани навъу хелҳои гуногуни боғдории ҷумҳурӣ, бунёди боғҳои интенсивӣ ва роҳҳои ҳифз намудани захираҳои генетикии навъҳои маҳаллии себ дар шароити водии Ҳисорро дар бар мегирад.

Усулҳои таҳқиқоти озмоишӣ, озмоишӣ-саҳроӣ ва саҳроӣ бо истифода аз усулҳои маъмули селексионӣ ва навъшиносӣ дар таҳқиқоти мазкур истифода гардиданд. Таҷрибаҳои саҳроӣ мувофиқи методикаи маъмултарини Б.А. Доспехов [1985] гузаронида шуданд.

Ҳангоми нашъунамои дарахтони мевадиҳандаи себ мушоҳидаҳои фенологӣ бо таҳлил намудани аломатҳои гузариши давраҳои онҳо, нишондиҳандаҳои биометрии растаниҳо, муайян кардани сатҳи барг, баҳодиҳӣ ба маҳсулнокии навъҳои маҳаллӣ ва

воридотии себ дар давраи пухтарасии ҳосил, баҳодиҳии равандҳои физиологӣ ва таркиби биохимиявии меваҳои себ вобаста ба тавсияномаю дастурамалҳои методӣ истифода карда шуданд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бо истифодаи интихоби навъҳои маҳаллии сермаҳсул ва навъҳои воридотии себ бо мақсади бунёд намудани боғҳои интенсивии саноатӣ дар шароити водии Ҳисор мебошад. Дар оянда ҳангоми бунёд кардани боғҳо дар дигар минтақаҳои кишвар ин усул истифодабурда шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он мебошад, ки дигар хоҷагиҳои кооперативӣ-тиҷоратӣ, фермерӣ, ки ба парвариши дарахтони мевадиҳанда машғуланд, метавонанд аз маводҳои пешниҳодшуда истифода намоянд.

Водии Ҳисор барои инкишофи соҳаи боғдорӣ мусоид мебошад. Ин води маркази тамаддуни кишоварзӣ буда, мардумаш анъанаҳои қадимаи деҳқониро доранд. Дар шароити хоку иқлими водии Ҳисор парвариши дарахтони мевадиҳанда, ба монанди себ, биҳӣ, нок, навъҳои гуногуни олуча ва гелос, намудҳои шафтолу, хурмои шарқӣ ва ангур ба таври хуб ба роҳ монда шудаанд. Шароити иқлими водии Ҳисор имконият медиҳад, ки меваҳои болаззат истеҳсол карда шаванд. Истеҳсоли меваҷот асосан барои таъмини аҳолӣ бо мева, барои таъмини корхонаҳои саноатӣ ва қисман, барои содирот равона мегарданд.

Омӯхтани шароити хоку иқлими водии Ҳисор барои гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ зарур буда, таъсири он ба маҳсулнокӣ ва сифати маҳсулот мусоидат менамояд. Хусусиятҳои морфологию биологии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор бо мақсади ба даст овардани ҳосили баланду хушсифат ва тобовар ба зараррасонҳо бомавриду саривақтӣ мебошад. Дар баробари ин, талаботи аҳолии мамлакат ба маводди ғизоӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст, ҳамчунин, ин водӣ ба шаҳри Душанбе наздик буда, аҳолии шаҳри Душанбе ва корхонаҳои саноатии коркардро бо меваҷоти хушсифат қисман таъмин менамояд. Бинобар ин, гузаронидани корҳои илмию таҳқиқоти дар навъҳои маҳаллӣ ва навъҳои воридотии себ барои корҳои селексионӣ, тобоварӣ ба омилҳои абиотикию биотикӣ яке аз омилҳои асосӣ дар баланд бардоштани маҳсулнокии растаниҳои мевадиҳанда ба ҳисоб меравад.

Дар водии Ҳисор пастшавии назарраси ҳарорати ҳадди ақали ҳаво дар ҳама баландиҳо то 26-30˚С имконпазир мебошад. Дар поён, хунукиҳо кӯтоҳмуддатанд, дар боло онҳо устувортаранд. Шумораи рӯзҳои бориши барф 30-90 фоизи давомнокии давраи сарморо ташкил медиҳад. Заминҳои обии водии Ҳисор, асосан барои кишти пахта, зироатҳои сабзавотию картошка ва дигар зироатҳои кишоварзӣ истифода бурда мешаванд ва аксаран истифода бурдани заминҳои кӯҳсор ва доманакӯҳҳо барои тараққӣ додани соҳаи боғдорӣ ояндаи калон доранд.

Хокҳои водии Ҳисор ба гурӯҳи хокҳои хокистарранги марғзорӣ мансуб буда, ҳосилхезиашон миёна мебошанд. Мувофиқи маълумоти Кутеминский В.Я., Леонтева Р.П. [1966], хокҳои хокистарранг гумуснокии н кам дошта, то 2,14% мерасад. Қабати карбонатнокиаш каме баланд буда, сохтори хокаш нисбатан ковок мебошад. Ин гуна хокҳо дар баландии 600-1000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошанд.

Дар қабати болоӣ ё шудгоршавандаи хок миқдори гумус 1,95%, нитрогени дастрас 17,9 мг/кг, фосфор 14,5 мг/кг, калийи ивазшаванда 112 мг/кг мавҷуд мебошанд. Аз рӯйи хосиятҳои физикавӣ хоки қитъаи таҷрибавӣ барои парвариши навъҳои гуногуни себ комилан мувофиқ мебошад. Ҳарорати миёнаи солона 13,6˚С, ҷамъи ҳарорати фаъол 4700-4900˚С нишондиҳандаҳои иқлимро тавсиф мекунанд. Давраи бехунукӣ 225-230 рӯз, боришот 600-630 мм. Умуман, шароити хоку иқлими водии Ҳисор барои парвариши дарахтони мевадиҳанда, аз ҷумла навъҳои гуногуни себ, ҳосили баланд ва таъми аъло медиҳанд, хеле мусоид мебошад.

Дар минтақаҳои кӯҳию доманакӯҳӣ ва пасткӯҳӣ хокҳои хокистарранги муқаррарӣ зинаи болотари дуюмро ба вуҷуд овардаанд. Болотар аз онҳо сарҳади хокҳои хокистарранги равшан ё сафедчатоб, дар баландиҳои 500-700 м баланд аз сатҳи

баҳр дар қисми ҷанубу ғарбии Тоҷикистон паҳн гардидаанд [Агроклиматические ресурсы Таджикской ССР, 1977].

Хусусияти физикии қабатҳои шудгорию зеришудгорӣ ва шароити иқлими водии Ҳисор барои парвариши дарахтони мевадиҳанда мусоид мебошад.

Дар истеҳсоли ҳосили меваҷот ва таъмин намудани талаботи растаниҳо бо моддаҳои ғизоӣ, пеш аз ҳама тақсимоти муътадили ғизо дар давраи нашъунамои онҳо аҳамияти муҳим дорад. Ҳосилнокии тамоми растаниҳо аз таъмин будани онҳо бо об, гармӣ, равшанӣ, ғизо, ҳаво ва ҷараёни фотосинтез вобастагӣ доранд. Ҳар қадаре, ки растаниҳо ба омилҳои ҳаётӣ таъмин бошанд, ҳамон қадар растаниҳо хуб нашъунамо карда, ҳосили баланду хушсифат ба вуҷуд меоваранд.

Аз ҷиҳати таркиби моддаҳои фаъол дар хок миқдори тахминии нуриҳои нитрогенӣ 60 кг, нуриҳои фосфорӣ аз 60 то 90 кг ва нуриҳои калийгӣ зиёдтар аз 90 кг-ро дар як гектар ташкил менамояд [Берлянд, Крючев, 1967].

Нарасидани моддаҳои ғизоӣ ба таври умум, боиси паст шудани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот, ҳамчунин сабаби дер пухтарасии ҳосил мегардад. Дар шароити истеҳсолӣ таъмин кардани сабзишу инкишофи растаниҳо, тақсими дурусти майдони ғизогирӣ ва реҷаи истифодаи нуриҳо аҳаммияти калон доранд. Маҳсулнокии растанӣ аз реҷаи дуруст истифода бурдани нуриҳо, майдони ғизогирӣ, таъмини об ва равшанӣ, ҷараёни шадиди фотосинтез иборат мебошад.

Шароити водии Ҳисор барои бунёди боғ мусоид буда, бо истифодаи нуриҳо дар асоси тадбирҳои агротехникӣ ҳосили баланду хушсифати маҳсулотро ба даст овардан имконпазир мебошад.

Таҳқиқот давоми солҳои 2014-2018 тариқи ҷустуҷу ва дарёфту интихоб кардани навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор гузаронида шудааст. Дар ин асос, барномаи таҳқиқотӣ тартиб дода шуда, баҳодиҳии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шуданд.

Объекти таҳқиқот аз 5 навъи маҳаллӣ (Гулсеб, Тирамоҳӣ, Шакарсеб, Чарсаксеб, Рауфӣ) ва 6 навъи воридотӣ (Фуджӣ, Старкримсон, Голден Делишес, Ренети Симиренко, Айдаред, Розмарини сафед – назоратӣ) иборат буд, ки барои санҷиши муқоисавӣ ва баҳо додан зери таҳқиқот қарор дода шуданд.

Интихоби навъҳои себ бо дарназардошти аломатҳои арзишнок доштанашон ва зери омӯзиш қарор надоштани онҳо дар раванди тағйирёбии босуръати иқлим, муайян карда шуданд.

Объекти таҳқиқот баҳодиҳии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор мебошад.

Мушоҳидаҳои фенологӣ гуфта, дар дарвари нашъунамои растаниҳо назорат ва бақайдгирии фарорасии давраҳои нашъунамои растаниҳоро меноманд. Аз оғози сабзиш то пухтарасии ҳосил давраҳои нашъунаморо ба қайд мегиранд. Дар ин асос назорат ва бақайдгирии фарорасии давраҳои нашъунамои растаниҳо бояд ба назар гирифта шаванд. Давраҳои нашъунамои растаниҳоро бояд марҳила ба марҳила назорат баранд ва ба қайд гиранд.

Барои муайян кардани қонуниятҳои гузариши марҳилаҳои асосии фенологии навъҳои себ маҷмӯи ҳарорати фаъол дар давоми сол муайян карда шуд, ки раванди гузаштани марҳилаҳои фенологии оғоз ва анҷоми нашвро муайян мекунад. Давоми солҳои 2014-2018 муқаррар карда шуд, ки ба ҳисоби миёна ҳарорати ҳаво вобаста ба шароити сол 15,1°С-ро ташкил дод. Дар шароити водии Ҳисор дар як сол миқдори солонаи ҳарорати фаъол зиёда аз +10°С дар ҳудуди 4750°С тағйир меёбад.

Рушду инкишофи растаниҳо бидуни низоми муайяни ҳарорат ғайриимкон мебошанд. Тамоми равандҳои физиологии растаниҳо ба ҳарорат вобастагӣ доранд. Давраҳои инкишофи растаниҳо аз ҳарорати ҳаво вобаста буда, ҳангоми норасоии он ба таври муваққатӣ дигаргун гаштани давраҳои инкишофи растаниҳо ба амал меоянд ва дар натиҷа сабаи коҳиш ёфтани равандҳои физиологӣ мегарданд.

Оғози марҳилаи фенологӣ аз давраи варамкунии муғҷа ва пайдо шудани нуқтаи сабзиш, ки ҳарорати муътадили миёнаи шабонарӯзии ҳаво зиёда аз 5°С ба қайд

гирифта шудааст. Дароз шудани рӯзҳо ва ҳарорати баланди мусбӣ дар моҳҳои май-июн ва сентябр-октябр ба назар мерасад ва аз дараҷаи миёнаи бисёрсола 260°С зиёд мебошад. Ҳамин тавр, оғози нашъунамои навъҳои себ пас аз фарорасии ҳарорати мусбии +5°С дар охири моҳи феврал ва аввали моҳи март оғоз ёфтанд. Мушоҳидаи фенологӣ «кушодашавии муғҷаҳои нашвӣ» дар ҷамъи ҳарорати фаъоли 200-250°С ба қайд гирифта шуд.

Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда марҳилаи фенологии дарахтони мевадиҳандаи себ аз ҳолати оромӣ баромадани навъҳои себ вобаста ба шароити иқлим ва ҷойгиршавии онҳо дар минтақаҳои гуногун муайян гардид. Давоми солҳои 2014-2018 муҳлатҳои миёнаи марҳилаи фенологӣ даҳрӯзаи дуюм ва сеюми моҳи март ва даҳрӯзаи якуми моҳи апрел мушоҳида гардид, ки ин ба шароити хоку иқлими минатқа ва ҳарорат алоқаманд буд. Таҷрибаҳо собит намуданд, ки ҳарорати ҳаво дар моҳи марти соли 2018 нисбат ба солҳои (2014-2017) минбаъда гармтар буд, ки ҳарорати миёнаи ҳаво дар давоми сол 15,6°С ва ҳарорати максималии ҳаво ба ҳисоби миёна ба +27,4°С дар моҳи июл рост омад (ҷадвали 1).

Дар солҳои гузаронидаи таҳқиқот ҳарорати фасли зимистон ба ҳисоби миёна 1,97-4,33˚С, фасли баҳор 14,6˚-16,3˚С, фасли тобистон 25,8˚-26,7˚С ва дар фасли тирамоҳ аз 14,6˚С то 16,7˚С-ро ташкил намуд.

Ҷадвали 1. ҳарорати миёнаи ҳаво вобаста ба фасли сол дар солҳои таҳқиқот, ˚С

Солҳои таҳқиқот	Фаслҳои сол				Солона
	Зимистон	Баҳор	Тобистон	Тирамоҳ	
2014	4,33	15,6	26,7	15,6	15,6
2015	3,53	15,3	26,1	15,3	15,1
2016	2,2	16,3	26,5	14,6	14,9
2017	1,97	14,6	25,8	14,8	14,3
2018	3,97	16,1	26	15,7	15,5
Ҳисоби миёна	3,2	15,6	26,2	15,4	15,1

Аз ҷадвали 1 дида мешавад, ки дар фасли баҳору тобистон ва тирамоҳ ҳарорати ҳаво зиёдтар аз +10˚С-ро ташкил намудааст, ки он шароити мусоид барои нашъунамои хуби дарахтони мевадиҳанда мебошад.

Ҳарорати нисбатан хунук дар фасли зимистон мушоҳида гардидааст, ҳамчунин, зимистони нисбатан хунук соли 2017 мушоҳида гардид, ки ба ҳисоби миёна дар се моҳи фасли зимистон ба 1,97˚˚С баробар буд. Баҳори соли 2018 нисбати дигар солҳо гармтар буд ва ҳарорати миёнаи ҳаво ба ҳисоби миёна дар се моҳи фасли баҳор (март, апрел, май) 16,1˚С-ро ташкил мекард. Аз ҳама ҳавои гарм фасли тобистон ба мушоҳида расид. Гармтарин тобистон соли 2014 ба мушоҳида расид, ки ба ҳисоби миёна 26,7˚С-ро ташкил намудааст.

Оғози нашъунамои навъҳои себ соли 2017 ба назар расид, яъне каме дертар ба амал омаданд, ин ҳам бошад дар охири моҳи март оғоз ёфтанд, ки 8 рӯз дертар нисбати соли 2014 буд.

Муайян гардид, ки марҳилаи фенологии кушодашавии муғҷаҳои нашвӣ дар навъҳои омӯзишии себ дар шароити водии Ҳисор дар даҳаи якум ва дуюми моҳи март ба амал омад, ки дар он вақт ҷамъи ҳарорати фаъол 168°С-192°С-ро вобаста ба сол дар бар гирифтааст.

Ҷамъи ҳарорати фаъол ҳангоми гузариш ба+5°С дар шароити водии Ҳисор дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.Маҷмуи ҳарорати фаъол барои гузариши марҳилаҳои фенологии навъҳои себ дар шароити водии Ҳисор, ба ҳисоби миёна, давоми солҳои 2014-2018


Солҳои таҳқиқот	Нишондодҳо	Марҳилаҳои фенологии рушд				
		Оғози нашъунамо	Кушодашавии муғҷаҳои нашвӣ	Гулкунӣ	Пухта расидани мева	Хазонрез
2014	Санаи миёнаи оғозёбӣ (рӯз, моҳ)	19.03	02.04	14.04	10.09	16.10
	Маҷмуи ҳарорати фаъол, °С	90	192	610	3640	4532
2015	Санаи миёнаи оғозёбӣ (рӯз, моҳ)	23.03	08.04	18.04	14.09	20.10
	Маҷмуи ҳарорати фаъол, °С	87	173	530	3480	4270
2016	Санаи миёнаи оғозёбӣ (рӯз, моҳ)	25.03	11.04	21.04	17.09	21.10
	Маҷмуи ҳарорати фаъол, °С	84	167	504	3390	4146
2017	Санаи миёнаи оғозёбӣ (рӯз, моҳ)	28.03	14.04	25. 04	19.09	27.10
	Маҷмуи ҳарорати фаъол, °С	80	161	585	3345	4171
2018	Санаи миёнаи оғозёбӣ (рӯз, моҳ)	22.03	15.04	17.04	12.09	21.10
	Маҷмуи ҳарорати фаъол, °С	82	181	524	3470	4257

Ҳамин тавр, аввали моҳи марти соли 2014 ҳарорати максималии ҳаво ба назар расид, ки он ба + 22,5°С баробар буд ва ҳарорати миёнаи ҳамин давра нисбат ба ҳарорати миёнаи бисёрсола аз 8,5°С баландтар буд. Соли 2015 бошад дар миёнаи моҳи март ҳарорати баландтарини шабонарӯзӣ мушоҳида гардид, ки он +18,5°С-ро ташкил дод. Нишондодҳои соли 2016 бошад нисбати дигар солҳо каме пасттар буд. Дар ин солҳо ҳарорати баландтари ҳаво дар дуюм даҳаи моҳи март ба 24,8°С расид, вале ҳарорати миёнаи ҳаво 7,2°С аз меъёр баланд буд.

Ҳангоми омӯзиши хусусиятҳои биологию морфологии дарахтони мевадиҳандаи себ ҷараёни марҳилаи фенологӣ дар навъҳои мавриди санҷиш қарордодаи себ маълум гардид, ки пас аз гузашти 5-7 рӯзи ҳарорати мусбат ба +5°С дар ҳама навъҳои себ

марҳилаи нашъунамо оғоз ёфтанд. Дар ҳама навъҳои себ пайдарпайии оғози нашъунамо нигоҳ дошта шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, маҳсулнокии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор аз якдигар фарқкунанда буданд. Ҳосилнокии нисбатан баландро аз навъи “Тирамоҳӣ” гирифта шуд, ки ба ҳисоби миёна дар солҳои таҳқиқот 18,3 тоннаро ташкил менамояд. Аз навъҳои воридотӣ бошад навъи “Стар кримсон” бартарӣ нишон дод, ки ба ҳисоби миёна аз як гектар 18 тоннаро ташкил дод.



Диаграммаи 1. Ҳосилнокии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор

Чи хеле, ки аз диаграммаи 1 дида мешавад навъи маҳаллии “Рауфӣ” аз навъҳои воридотии “Айдаред”, “Ренети Симиренко дар давоми солҳои таҳқиқот ҳосилнокиаш нисбатан паст буд, дар ҳоле ки дар навъҳои маҳаллии “Тирамоҳӣ” 18,3 т/га, “Чарсаксеб” 18,0 т/га, аз навъҳои воридотии “Фуҷӣ” 16,7 т/га, “Стар кримсон” 18,0 т/га, “Голден Делишес” 17,3 т/га ба қайд гирифта шуд.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар шароити водии Ҳисор бо мақсади муайян намудани маҳсулнокӣ ва баҳодиҳии агробиологии навъҳои себ натиҷагирӣ карда шуда, дар натиҷа чунин хулосаҳо бароварда шуд:

- Дар асоси ҳаматарафа баҳодиҳии навъҳои себ аз рӯйи хусусиятҳои истеҳсолию биологӣ, манбаъҳои хусусиятҳои аз ҷатиҳати истеҳсолӣ арзишнок оид ба истифода намудани онҳо дар корҳои селексионӣ бо мақсади бунёди боғҳои саноатии Ҷумҳури Тоҷикистон муайян карда шуд;
- Дар шароити хоку иқлими водии Ҳисор барои зиёд намудани навъҳои себ навъҳои маҳаллии “Тирамоҳӣ”, “Чарсаксеб”, навъҳои воридотии “Фуҷӣ”, “Голден Делишес” тавсия карда мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Авдеев В.И. К вопросу о происхождении местного сортимента яблони Таджикистана / В.И. Авдеев //Известия АН Тадж. ССР. Отд. биол. наук. Вып.1. – Душанбе, 1986. – С. 40-46.
2. Агроклиматические ресурсы Таджикской ССР, часть 1. – Л., 1976.
3. Гулов С. М. Мевапарварӣ / С.М. Гулов, В.С. Мадаминов, В.Г. Силвандер. -Душанбе, 2007. -160 с.
4. Гулов С.М. Боғпарварӣ / С.М.Гулов, Т.Пирзода Ф.У, Урунов., В.Г.Силвандер. -Душанбе, 2015, -276 с.
5. Назиров Х.Н. Местные сорта яблони Таджикистана / Х.Н. Назиров. -Душанбе: ЭР-ГРАФ, 2011, -104 с.
6. Файзулло У. Саидалӣ Гулов. Боғдории Тоҷикистон. -Душанбе, 2018, -336 с.

7. Иванова Е.В. Морфологические особенности видов рода Malus (l.) Mill. при интродукции в условиях Белгородской области / Е.В.Иванова, В.Н. Сорокопудов // Современные проблемы науки и образования. – 2014. – № 3.
8. Исаев С.И. Селекция и новые сорта яблони / С.И. Исаев. – М.: Колос, 1986. -557 с.
9. Исаев С.И., Уразаева М.В. Новые клоновые подвои плодовых культур в Казахстане / С.И.Исаев, М.В.Уразаева. Научные труды СКЗНИИИиВ. -Том 10. 2016. -С. 91-95.
10. Кушниренко М.Д. Водный режим и засухоустойчивость плодовых растений / М.Д. Кушниренко. – Кишинев: Штиинца, 1962. – 48 с.
11. Кушниренко М.Д. Физиология водообмена и засухоустойчивости растений / М.Д. Кушниренко, С. Н. Печерская. – Кишинев: Штиинца, 1991 – 306 с.
12. Калмыкова О.Г. Современные элементы повышения урожайности яблоневого сада в условиях Нижнего Поволжья Научный журнал КубГАУ, -№97(03), 2014. -С. 1-13.
13. Назиров Х.Н. Яблоня Сиверса Центрального Таджикистана и использование ее в селекции // Проблемы селекции семечковых культур в связи с интенсификацией садоводства. – Мичуринск, 1988. – С. 22-23.
14. Назиров Х.Н. Устойчивость к болезням формы яблони Сиверса // Проблемы интенсификации садовдства (3-4 марта 1989 г.). Тезизы докл. к третьей областной научной конференции молодых ученых. – Мичуринск, 1989. – С. 144-146.
15. Назиров Х.Н. Местные сорта яблони Таджикистана / Х.Н. Назиров // Садоводство, 1990, -№ 12. – С. 16-18

МАҲСУЛНОКИИ НАВЪҲОИ МАҲАЛЛӢ ВА ВОРИДОТИИ СЕБ ДАР ШАРОИТИ ВОДИИ ҲИСОР

Дар мақола маҳсулнокӣ ва баҳодиҳии агробиологии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор оварда шудааст. Ҳангоми омӯзиш маълум гардид, ки дар шароити водии Ҳисор навъҳои маҳаллии “Тирамоҳӣ”, “Чарсаксеб” ва навъҳои воридотии “Стар кримсон” ва “Голден делишес” нисбати дигар навъҳо бартарӣ доштанд. Ҳосилнокии навъҳои себ дар давоми солҳои таҳқиқот ба ҳисоби миёна 12,3-18,3 т/га-ро ташкил дод. Натиҷаи ҳосилнокии навъҳо нишон дод, ки дар гурӯҳи навъҳои маҳаллӣ ва воридотӣ навъҳои ҳам серҳосил ва ҳам паст муайян карда шудаанд. Ин аз он шаҳодат медихад, ки ҳосилнокии навъҳоро хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъ бо таносуби муайяни таъсири омилҳои дигар муайян мекунанд. Дар натиҷаи аҳамият надодан ба захираҳои генетикӣ ва бунёд намудани коллексияҳои навъҳои нодири дарахтони мевадиҳанда боиси аз байн рафтани навъу намунаҳои нодири дарахтони мевадиҳанда гаштааст. Айни замон бисёр мушкилиҳое ба чашм мерасанд, ки таъсири бевоситаи худро ба нигоҳдории захираҳои генетикии дарахтони мевадиҳанда мерасонанд. Бинобар ин, кишоварзони мамлакат барои омӯхтан, пайдо кардану ҳифз намудани навъу шаклҳои ёбоию маҳаллии набототи кишвар ба таври лозимӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Калидвожаҳо: навъ, маҳаллӣ, воридотӣ, маҳсулнокӣ, баҳодиҳии агробиологӣ, шароит, боғдорӣ, мева.

ПРОДУКТИВНОСТЬ МЕСТНЫХ И ИНТРОДУКЦИОННЫХ СОРТОВ ЯБЛОК В УСЛОВИЯХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

В статье представлена продуктивность и агробиологическая оценка местных и интродукционых сортов яблок в условиях Гиссарской долины. Выяснилось, что в условиях долины местные сорта “Тирамохи”, “Чарсаксеб” и интродукционные их разновидности “Стар кримсон” и “Голден делишес” имели преимущество перед другими сортами. Урожайность сортов яблок за годы исследований составила в среднем 12,3-18,3 т/га. Результаты урожайности показали, что местные и интродукционные сорта определены как высокопродуктивные, так и низкопродуктивные. Это свидетельствует о том, что урожайность сортов определяется биологическими и хозяйственными характеристиками сорта с определенным соотношением влияния других факторов. В результате пренебрежения генетическими ресурсами и создания коллекций редких сортов плодовых деревьев исчезли редкие сорта и образцы плодовых деревьев. В настоящее время существует множество проблем, которые напрямую влияют на сохранение генетических ресурсов плодовых деревьев. Поэтому фермеры страны должны приложить соответствующие усилия для изучения, обнаружения и защиты диких и местных видов и форм растений страны.

Ключевые слова: сорт, местные, интродукция, продуктивность, агробиологическая оценка, условия, садоводство, фрукты.

PRODUCTIVITY OF LOCAL AND IMPORTED APPLE VARIETIES IN THE CONDITIONS OF THE HISSAR VALLEY

The article presents the productivity and agrobiological assessment of local and introduced varieties of apples in the conditions of the Gissar Valley. It turned out that in the conditions of the valley, local varieties “Tiramohi”, “Charsakseb” and their introduced varieties “Star Crimson” and “Golden Delicious” had an advantage over other varieties. The yield of apple varieties over the years of research averaged 12.3-18.3 t/ha. Yield results showed that local and introduced varieties were identified as both high-yielding and low-yielding.

This indicates that the yield of varieties is determined by the biological and economic characteristics of the variety with a certain balance of the influence of other factors. As a result of neglecting genetic resources and creating collections of rare varieties of fruit trees, rare varieties and specimens of fruit trees have disappeared. Currently, many problems are visible that directly affect the preservation of genetic resources of fruit trees. Therefore, the country's farmers should make appropriate efforts to study, find and protect wild and local varieties and forms of the country's plants.

Keywords: variety, local, introduction, productivity, agrobiological assessment, agrobiologist, conditions, horticulture, fruit.

Маълумот дар бораи муалифон: ***Намозов Амонулло Каримхонович*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ, муаллими калони кафедраи биология ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735360, шаҳри Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафарова, 16. Email: **amonullo.2015@mail.ru**. Тел: **938586969**

Наботов Рамазан Сайфуллоевич – Институти Зироатакории АИКТ, докторант PhD, курси 3. **Суроға:** 735022, ш. Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи Дӯстӣ. Tel.: **(+992) 988 65 73 72**

Сведения об авторах: ***Намозов Амонулло Каримхонович*** –Кулябский государственный университет имена Абуабдуллаха Рудаки, кандидат сельскохозяйственных наук, старший преподаватель кафедры биологии и методики ее преподавания. **Адрес:** 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Email: **amonullo.2015@mail.ru** Тел. **938586969**

Наботов Рамазан Сайфуллоевич - Академия сельскохозяйственных наук Таджикистана, докторант PhD, 3 го курса. **Адрес:** 735022, г. Гиссар, Республика Таджикистан, г. Шарора, ул. Дусти. Тел.: **(+992) 988 65 73 72**

Information about authors: ***Namozov Amonullo Krimkhonovich*** – Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki, candidate of agricultural sciences, senior lecturer. **Address:** 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S. Safarov street, 16. Email: **amonullo.2015@mail.ru Tel. 938586969**

Nabotov Ramazan Saifulloevich - Agricultural Institute of AICT, 3rd year PhD. **Address:** 735022, Gisar highway, Republic of Tajikistan, Sharora city, Dusti street. Tel.: **(+992) 988 65 73 72**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ:591.1

МУТОБИҚШАВИИ (АККЛИМАТИЗАТСИЯИ) САНҶОБИ МУҚАРРАРӢ (*SCIURUS VULGARIS* LINNAEUS, 1758) ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

Набиев Л.С.,[1] Атоева И. Р.,[2] Бобоев Ҷ.А.[3]
Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловский,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷаҳон оилаи санҷобшаклҳо аз 48 авлод иборат буда, 280 намудро дар бар мегиранд. Мувофиқи маълумоти адабиёт дар Тоҷикистон 5 намуди ин оила, ки ба 3 авлод ҷудо мешаванд, маълум карда шудааст: хармуши борикангушт (*Spermophilopsis leptodactylus* Lichtenstein, 1823); хармуши зард (*Spermophilus (Colobotis) fulvus* Lichtenstein, 1823); хармуши тиёншонӣ (*Spermophilus (Colobotis) relictus* Kashkarov, 1923); суғури сурх (*Marmota caudate Geoffrou*, 1843) ва суғури Мензбир (*Marmota menzbieri* Kashkarov, 1925) [1-2-3-4]. Санҷоби муқаррарӣ (*Sciurus vulgaris*) дар тамоми қитъаҳои олам, ғайр аз Австралия, Мадагаскар, ҳудудҳои Америкаи Ҷанубӣ ва Шимолу Ғарби Африқо маскан гирифтааст. Санҷобҳо дар Европа маскан гирифта, аз Ирландия то Скандинавия, дар қисмати зиёди кишварҳои ИДМ, дар Осиёи Хурд, қисман дар Сурия ва Эрон, дар Хитойи Шимолӣ паҳн гардидаанд. Ҳамчунин, ин ҷонварон дар Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, ҷазираҳои Тринидад ва Тобаго сокин гардидаанд [1]. Санҷобҳо дар бешаҳои гуногун аз шимол то тропика васеъ паҳн гардидаанд. Қисмати зиёди умри онҳо дар дарахтҳо бо ҷаҳидан аз навда ба навдаи дигари дарахт мегузарад. Ҳамчунин, ин хояндагон дар ҳамсоягӣ бо инсон дар канори заминҳои кишт ва хиёбонҳо маскан мегиранд.

Аз оғози солҳои 50 – уми асри гузашта бо мақсади акклиматизатсия ва қисман реакклиматизатсияи ин намуд якчанд маротиба дар кӯҳҳои Қавқоз, Қрим ва Тиён – Шон, дар ҷазираҳои ҷангалии марказӣ паҳн карда шудаанд [2].

Дар солҳои 1951 209 фарди санҷоби муқаррарӣ аз Қазоқистон ба Қирғизистон ворид карда шуд. Онҳо дар ҷангалҳои арҷазори Терскии Ала-Тов, минбаъд дар қаторкӯҳҳои Нарин ва дигар мавзеъҳои ҷангалии ин ҷумҳурӣ то баланди 3200 м. аз сатҳи баҳр васеъ паҳн карда шуданд. Инчунин, онҳо дар шаҳрҳо ва қисман дар қитъаҳои боғӣ низ сукунат мекунанд [3-9].

Бори аввал ба Тоҷикистон дар ш. Душанбе дар боғи Ботаникӣ (Боғи Ирам) аз Ҷумҳурии Қирғизистон (мамнуъгоҳи Иссик-кул) дар соли 2005, 5 фарди санҷоби муқаррарӣ оварда шуд, ки онҳо аз ду фарди нарина ва се фарди модина иборатанд [5].

Шакли зоҳирии санҷоби муқаррарӣ – аз думи бо муина зич пӯшидашуда, бадани дарозрӯя кӯтоҳ хусусияти осон шинохташаванда дорад. Пойҳои қафояш нисбат ба пойҳои пеш дарозтар намудор аст, панҷаи ангушти чорум нисбат ба дигар ангуштҳо дарозтар аст. Гӯшҳояш ба таври муқаррарӣ калон, баъзан аз боло ба муқалам шабоҳат дорад.



1. Акс аз Боғи Ирами шаҳри Душанбе



2. Акс аз Боғи Ирами шаҳри Душанбе

Дарозии бадан 18–28 см, дарозии думаш 16–30 см, ранги тахтапӯшташ хокистарранги якранг, хокистраранги қаҳвагӣ, сиёҳи хокистарранг буда, гуногунрангии он ба макони ҷойгиршавии ҷуғрофии он вобастагӣ дорад. Дар шароити Тоҷикистон санҷоби муқаррарӣ қисми зиёди вақти худро бо тарзи ҳаёти рӯзона дар дарахтон мегузаронад. Инчунин, дар макони зисташ баъзан ҳолатҳо дар якҷоягӣ ва гурӯҳ- гурӯҳ шуда, умр ба сар мебаранд.

Ғизогирӣ – тибқи маълумоти гирдовардаи мо дар силсилаи ғизои санҷоби муқаррарӣ дар шароити шаҳри Душанбе ва гирду атрофи он зиёда аз 24 намуди растаниҳоро дарбар мегирад, ки дар ҷадвали №1 аз онҳо 20 намудашон нишон дода шудаанд, аз ҷумла чормағз, ҷалғузаи булут, тухми дарахтони сӯзанбарг, арча, санавбар, чалғӯза ва ғайра, ки аз ин ҳо ғизо мегирад.

Ҷадвали 1. Номгӯйи растаниҳо

	Номи растаниҳо	**Номи лотинӣ**	**ғизо**	**Қис-растанӣ**
1	Чормағзи юнонӣ	*Juglans regia L.*	+	Мағз
2	Чормағзи хокистарранг	*Juglans cinerea L.*	+	Мағз
3	Чормағзи сиёҳ	*Juglans nigra L.*	+	Мағз
4	Сидраи ҳимолойӣ	*Cedrus deodara (D. Don)G. Don*	+	Мағз
5	Сидраи лубнонӣ	*Cedrus libani Loud.*	+	Мағз
6	Санавбари муқаррарӣ	*Pinus silvestrus L.*	+	Мағз - муғча
7	Санавбари Паллас	*Pinus pallasiana Lamb.*	+	Мағз - муғча
8	Санавбари калабрӣ	*Pinus brutia* Ten.	+	Мағз
9	Сарви ботлоқӣ	*Taxodium distichum. (L.)Rich.*	+	Мағз
10	Булути кастонабарг	*Quercus* castaneifolia C.A. Mey.	+	Мағз- муғча
11	Бодоми бухороӣ	*Amygdalus bucharica Korsh.*	+	Мағз
12	Зардолуи оддӣ	*Armeniaca vulgarus Lam.*	+	Мева- магз
13	Олучаи ёзидагӣ	*Prunus divaricate Ledeb.*	+	Мева - барг
14	Малинаи муқаррарӣ	*Rubus idaeus L.*	+	Мева
15	Ноки муқаррарӣ	*Pyrus communis L.*	+	Мева
16	Себи хонагӣ	*Malus domestica Borkh.*	+	Мева
17	Ангури боғӣ	*Vitis vinifera L.*	+	Мева
18	Магнолияи калонкул	*Magnolia grandiflora L.*	+	Мева
19	Аққоқи абрешимӣ	*Albizia julibrissin Durazz.*	+	Барг
20	Хучи галлӣ	*Rosa gallica L.*	+	Мева

Ба ғайр аз растаниҳо ин намуди хоянда аз гамбускҳои гуногун, қурбоққаҳо, чуҷаҳои парандаҳо низ ғизо мегиранд. Дар мавриди камҳосилӣ ва оғози баҳор аз ғунчаи дарахтон, гулсангҳо, ғурамеваҳо, навниҳолҳо, решаи дарахтон ва растаниҳои алафӣ ғизо мегиранд.

Наслдиҳӣ – ин намуди хояндагон бениҳоят сернасланд ва дар мавсим то 2 маротиба насл мегузоранд. Давраи афзоши он дар моҳҳои январ ва феврал оғоз ёфта, моҳҳои июл – август ба охир мерасад. Дар солҳои барои афзоишашон мувофиқ ва вобаста ба макони хуби сукунаташон то 3 маротиба насл медиҳанд.

Корҳои таҳқиқотии мо нишон дод, ки дар шароити шаҳри Душанбе ва гирду атрофи он низ ин намуд ду маротиба насл медиҳад ва наслнокиаш аз ареали сукунат, миқдори ғизо вобасатагӣ дорад. Дар давраи ҷуфтшавӣ дар атрофи фарди модина аз 3 то 6 фардҳои нарина гирд меоянд. Онҳо бо шиддат ба рақобат гузашта рақибро метарсонанд. Санҷоби модина барои насл якчанд лонаи алоҳида месозад. Бордоршави санҷоб мувофиқи маълумотҳои адабиётҳо [4] ва мушоҳидаҳои мо аз 35 то 38 рӯз тул мекашад ва аз 2 то 6 фард мезояд. Ҳангоми таҳдиди хатар модинаҳо фардҳои навзодро аз як ҷой ба ҷойи дигар мекӯчонанд.

Бачаҳо нотавон таваллуд мешаванд, дар чоррӯзаги тақрибан ҳафт грамм вазн доранд, дар синни тақрибан се-чор ҳафта онҳо рӯшноиро мебинанд, 36-рӯзаги ба шохаҳо мебароянд, 40-рӯза аллакай, ба гирифтани ғизои худ шуруъ мекунанд.

Санҷоб шири модарро то думоҳа гирифтан лозим аст. Дар моҳи панҷум тағирёбии дандонҳо ба охир мерасад. Камолоти ҷинсӣ дар синни 5-12 моҳагӣ ба амал меояд. Наслноки дуюмбораи санҷоб ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Агар бори дуюм бордори дошта бошад, пас, ба гуфтаи баъзе муаллифон нисбат ба аввал хеле сермаҳсултар аст. Ин ба таври таҷрибавӣ низ исбот шудааст. Аммо, танҳо 50% ҳайвонот дубора тавлид мекунанд (Строганова Л.А., 1958).

Душманони санҷоби муқаррарӣ – дар мавзеъҳои гуногуни шаҳри Душанбе ва гирду атрофи он ҳангоми омӯзиши ин намуд, муайян гардид, ки бештар ба насл ва фардҳои болиғӣ ин намуд зарар мерасонанд. Ин намудҳои ҳайвонот аз он ҷумла гурбаи хонаги ва паррандагони соҳибчангол (бум лочин шоҳин) таъсири манфӣ мерасонанд.

Инчунин, маълум гардид, ки популятсияи ин намуд аз таъсири омилҳои антропогенӣ низ нобуд мегарданд. Дар бисёр давлатҳо санҷобро барои пуст ва муинаш шикор мекунад. Дар Тоҷикистон ягон бор шикори ин намуд ба қайд гирифта нашудаст зеро ин намуд, ҳамчун намуди аклиматзиса кунанда ва хеле шумораи кам дорад ва на он қадр паҳн шуда мебошад.

Бемори - Санҷоби муқарари интиқолдиҳандаи табиии бемори ангезандаи туляремия, эризипелоид ва як қатор бемориҳои гельминтӣ буда, инчунин мизбони канаҳои иксодидӣ мебошад, ки ангезандаи энсефалит доранд [18].

Кучиш - Тибқи маълумоҳои адабиёт санҷоб аз як минтака ба минтақаи дигар кучиш мекунанд. Баъзан онҳо дар натичаи хушксолӣ ва сухторҳои ҷангал, вале бештар аз нокомии зироати асосии хӯрокворӣ - тухмии дарахтони сузанбарг ва чормагз ба амал меоянд.

Аз як минтақа ба дигар минтақа рафтан дар охири тобистон ва аввали тирамоҳ сурат мегирад. Бештари вақт, санҷобҳо ба минтақаи дигари ҷангал муҳоҷир мешаванд; вале гоҳо муҳочиратҳои дуру дароз - то 250-300 километр мекунанд. Дар вақти муҳочират он ба ҷангал-тундра ва тундра даромада, дар районҳои даштӣ пайдо мешавад, аз дарёхо ва ҳатто, халиҷахои баҳрӣ шино мекунад, ба ҷазираҳо медарояд, қуллаҳои урёни кӯҳҳоро убур мекунад ва ҳатто ба маҳаллаҳои аҳолинишин медарояд. Дар баробари ин, бисёр ҳайвонот ғарк мешаванд, аз гуруснагӣ, хунукӣ ва аз шикори даррандагон мемиранд.


Ба ғайр аз кучиши оммавӣ, санҷоб бо муҳоҷирати мавсимӣ тавсиф мешавад, ки бо камолоти пайвастаи ғизо ва гузариши ҳайвоноти ҷавон ба тарзи ҳаёти мустақил алоқамандand. Фардҳои нав ба болиғ дар моҳҳои август—сентябр ва октябр—ноябр ҷойгир шуда, баъзан аз участкаҳои (минтақаҳои) лона 70—350 километр дуртар

ҳаракат мекунанд. Агар ғизо набошад, кучиши мавсимӣ метавонад ба муҳоҷират табдил ёбад. Дар ин ҳолат, як қисми фардҳои калон дар ҷои худ мемонанд; аз ғизои муқаррарии худ ба хӯрокҳои камкалория бо миқдори зиёди наҳҳо (гулчаҳо, лишаҳо, сӯзанҳои санавбар, пусти навдаҳои ҷавон) мегузаранд. Дар минтақаи ки санҷоби муқарари дар Тоҷикистон зиндаги мекунад ягон бор кучиши он ба қайд гирифта нашудааст.

Аҳаммияти иқтисодӣ - Одамон ин ҳайвонро кайҳо боз мешиносанд. Бесабаб нест, ки пашми санҷоб қиматбаҳо дониста мешавад: дар фасли зимистон дар як сантиметри мураббаъ пусти пушт то 10000 муй ва дар шикам то 3000 мӯй мавчуд аст. Дар ауксионҳои ҷахонӣ аз навъҳои маъмултарини ашьёи хоми санҷоб ба савдо гузошта мешавад. Ва дар Аврупои Ғарбӣ гӯшти санҷобро барои табобати чорвои бемор истифода мебурданд. Бисёр навъҳои санҷоб манбаи муҳимми пуст буда, равғани онҳо ба мақсадҳои техникӣ ва табобатӣ истифода дар тиб бисёр истифода бурда мешавад.

Думи санҷоб муҳим аст. Хусусан дар кишварҳои Осиё. Дар Аврупо ва Амрико аз мӯйҳои терминалии дум шеткаҳои баландсифат ва сувинерҳо гаронбаҳои санъат сохта мешаванд.

Паҳншавӣ - Санҷоби муқаррарӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе (боғи Ирам, боғи Садриддин Айнӣ, боғи Ғалаба, наздики Академияи милии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, маҳаллаи Сариосиё ва гирду атрофи шаҳр то дараи Кондараи ноҳияи Варзоб) паҳн гардидааст (харитаи 1).



1. Харитаи паҳншавии санҷоби мукаррарӣ

Шумора – таҳқиқоти мо нишон дод, ки санҷоби муқаррарӣ дар шароити шаҳри Душанбе ва гирду атрофи он ба хуби мутобиқат пайдо карда, афзоиш мекунад. Аз солҳои 2005 ки шумораи он 5 фардро дар бар мегирифт то соли 2024 хеле шумораш зиёд гардида, айни замон шумораи санҷобҳо дар шаҳри Душанбе ва гирду атрофи он аз 500 то 3000 фардро ташкил мекунад. Ба ҳисоб гири санҷоби муқаррари аз рӯйи методи транксети ба ҳисоб гирифта шуд ин чунин ба таври анкете пур куни гузаронида шудаст. Маълум гардид ки шумораи санҷоби муқаррари нисбат бадигр минтақи паҳншуда дар ду боғи шаҳр зичи он зиёд аст. Мо дар боғи Ирам 853 фард ба қайд гирифтем дар боғи Садриддин Айни бошад. 1235 фард ба қайд гирифта шуд ҳисобот ҳар як моҳ як маротиба гузаронида мешуд. Инчунин, дар дигар минтақаҳо ба қайд гирифта шуда аммо шумораи дақиқи он муайн карда нашудааст.


Ҷадвали 1. Саршумори санҷоби муқаррарӣ дар солҳои гуногун

	2010	2012	2013	2014	2016	2018	2020	2022	2024
Январ	15	12	20	9	22	15	23	34	12
Феврал	10	6	15	10	11	16	21	22	14
Март	12	5	16	11	15	16	23	25	15
Апрел	8	8	15	16	13	9	13	18	45
Май	5	11	8	12	22	12	23	29	23
Июн	10	17	7	11	9	12	19	14	15
Июл	6	7	10	7	7	7	7	25	32
Август	8	10	17	15	21	15	19	33	15
Сентябр	4	8	8	10	8	8	8	27	10
Октябр	9	9	9	14	9	9	9	42	37
Ноябр	12	18	22	17	19	16	23	44	18
Декабр	22	16	20	6	18	16	23	34	28

Ҷадвали 2. Саршумори санҷоби муқаррари дар солҳои гуногун. Дар боғи Садриддин Айни

	2022				2023				2024
Январ	15	16	20	9	22	15	23	34	12
Феврал	10	6	15	10	11	16	21	22	14
Март	12	5	16	11	15	16	23	25	15
Апрел	8	8	15	16	13	9	13	18	45
Май	5	11	8	12	22	12	23	29	23
Июн	10	17	7	11	9	12	19	14	15
Июл	6	7	10	7	7	7	7	25	32
Август	8	10	17	15	21	15	19	33	15
Сентябр	4	8	8	10	8	8	8	27	10
Октябр	9	9	9	5	9	9	9	42	37
Ноябр	130	18	22	17	19	16	23	44	18
Декабр	156	16	20	6	18	16	23	34	28

Ҳамин тариқ, ареали санҷоби муқаррарӣ *Sciurus vulgaris*, дар ш. Душанбе ва гирду атрофи он ба тафсил васеъ гардида, дар солҳои охир шумораи устуворро ташкил намудааст (харитаи 2) [10].



2. **Харитаи паҳншавии санҷоби муқаррарӣ дар шаҳри Душанбе**

Сарфи назар аз ин омӯзиши хусусиятҳои биоэкологии санҷоби муқаррарӣ мароқангезии зиёдро дар худ ифода намуда, мониторинги доимиро тақозо менамояд.

Дар ҳудуди Осиёи марказӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои кӯҳистонӣ ба шумор рафта ба қисмати шимолии иқлими субтропикӣ ҷудо мешавад. Қисми зиёди онро талу теппаҳо ва дашту биёбонҳои наздикӯҳӣ ташкил дода, чунин шароит ва иқлим барои инкишофу афзоиши намудҳои гуногуни олами ширхурон аз ҷумла хойяндагон санҷоби муқаррари, ки барои мутобиқшави ва ҳамчун намуди барои зебогӣ ба боғи Ирам оварда шудаст ва дар шароити табии Тоҷикистон мутобиқ шуда афзоиш ва паҳн гардида истодааст.

Дуруст аст, ки санҷоб анборҳои худро зуд фаромуш мекунад ва дар фасли зимистон тасодуфан онҳоро пайдо мекунад, ки аз он дигар ҳайвонот — паррандаҳо, хояндагони хурд, ҳатто хуки вахшӣ ва хирс истифода мебаранд. Як қисми захираи Санҷоби муқаррари дар фасли баҳор сабзида, ба барқарор намудани ҷангал мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки ин намудро дар ҷангалҳои дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мутобиқ карда ва барои сабзондан ва барқарор куни ҷангалҳо шояд саҳми худро гузошто бошад.

Ҳамчун намуди мутобиқшаванда санҷоби муқаррарӣ ба рӯйхати намудҳои ширхӯрони дар ҳудуди Ҷумҳури Тоҷикистон сукунатдошта бояд ворид карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Виноградов Б.С. Фауна СССР, определитель грызунов / Б.С. Виноградов. -М.,1941. - 241с.
2. Виноградов Б.С. Грызуны фауна СССР / Б.С. Виноградов и И.М. Громов. -М., 1952. - 297с.
3. Громов И. М. Млекопитающие, Фауна СССР / И. М. Громов. 1963. -639с.
4. Громов И. М Ербаева Фауна Росс. Зайц- грызуны 1995. -520с.
5. Набиев Л. С. Расселение обыкновенной белки в. г Душанбе Международной конфренции «Экологичские особенности биологического разнообразия» 2019. г Душанбе.
6. Огнев С.И. Звери СССР и прилежащих стран, грызуны / С.И. Огнев. Том 4. -М., Л., 1940. -615с.
7. Россолимо О. Л., Павлинов И. Я., Крускоп С. В., Лисовский А. А. Разнообразие млекопитающих часть 2. –Москва, 2004. – 218 с.
8. Соколов В.Е. Систематика млекопитающих / В.Е. Соколов. 1977. -496 с.
9. Челпакова, А.Т. Давлетбаков, Л.А. Кустарёва Б. Животный мир Кыргызстана / «Аль Салам», 2011. — 264 с.

10. Саидов А.С. Чужеродные виды млекопитающих Таджикистана / А.С. Саидов Л.С. Набиев. «Млекопитающие в меняющемся мире Актуальные проблемы териологии» совещания 14-18 марта 2022 г. -Москва, 2022, -С. 301.
11. Набиев Л.С. Грызуны ущелья Кондара / Л.С. Набиев // Материалы Международной конференции «Экологические особенности биологического разнообразия» 2021. -Душанбе.
12. Афанасьев Ю.Г. Белка-телеутка, фауна наземных позвоночных / Ю.Г. Афанасьев. - Воронеж, изд. ВНИИЖП, 1963. - 437 с.
13. Граков Н.Н. Акклиматизация и биотехния в управлении популяцией / Н.Н. Граков. - Киров, 2001. - 87 с.
14. Кирис И.Д. Закономерности и причины изменения численности белки в СССР / И.Д. Кирис // Труды ВНИО. - М., 1947. - Вып. 7. - 365 с.
15. Граков Н.Н. Акклиматизация и биотехния в управлении популяцией / Н.Н. Граков. - Киров, 2001. - 87 с.
16. Виноградов Б.С., Павловский Е.Н., Флеров К.К. 1935. Звери Таджикистан, их жизнь и значение для человека. -М., -Л.: Изд. АН СССР. -276с.
17. Кирис И.Д. Белка. - М.: изд. Лесная промышленность, 1973. - 424с.
18. Кирис И.Д. Белка. - М.: изд. Лесная промышленность, 1973. - 424с.
19. Кирис И.Д. Кормовые ресурсы белки / Труды ВНИИЖП. - М., 1969. - 258 с.
20. Кирис И.Д. Болезни белки / И.Д. Кирис. Труды ВНИИЖП. - Воронеж, 1967. - 262 с.
21. Кирис И.Д. Закономерности и причины изменения численности белки в СССР / И.Д. Кирис. Труды ВНИО. - М., 1947. - Вып. 7. - 365 с.
22. Кирис И.Д. Численность белки и мероприятия по увеличению ее запасов и промысла / И.Д. Кирис. Труды ВНИИЖП. - Вып. 19. - Воронеж, 1962. -253 с.

МУТОБИҚШАВИИ (АККЛИМАТИЗАТСИЯИ) САНҶОБИ МУҚАРРАРӢ (*SCIURUS VULGARIS* LINNAEUS, 1758) ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур маълумот оид ба таърихи омӯзиши санҷоби муқаррарӣ (*Sciurus vulgaris* Linnaeus, 1758), мутобиққунӣ ва паҳншавии ин намуд маълумот гирд оварда шудааст. Дар ҷаҳон 280 намуди оилаи санҷобшаклҳо ба қайд гирифта шудааст, ки онҳоба 48 авлод мансубият доранд. Мувофиқи маълумоти адабиёт дар Тоҷикистон 5 намуд аз оилаи мазкур, ки ба 3 авлод ҷудо мешаванд, вомехӯранд: *Spermophilopsis leptodactylus* Lichtenstein, 1823; *Spermophilus (Colobotis) fulvus* Lichtenstein, 1823; *Spermophilus (Colobotis) relictus* Kashkarov, 1923; *Marmota caudate Geoffrou*, 1843; *Marmota menzbieri* Kashkarov, 1925; *Sciurus vulgaris* Linnaeus, 1758). Санҷоби муқаррарӣ (*Sciurus vulgaris* Linnaeus, 1758) дар тамоми қитъаҳои олам, ғайр аз Австралия, Мадагаскар ҳудудҳои Америкаи Ҷанубӣ ва Шимолу Ғарби Африқо маскан гирифтааст. Дар ҳудуди Осиёи марказӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои кӯҳистонӣ ба шумор рафта ба қисмати шимолии иқлими субтропикӣ ҷудо мешавад. Қисми зиёди онро талу теппаҳо ва дашту биёбонҳои наздикӯҳӣ ташкил дода, чунин шароит ва иқлим барои инкишофу афзоиши намудҳои гуногуни олами ширхӯрон аз ҷумла хойяндагон санҷоби муқаррари, ки барои мутобиқшави ва ҳамчун намуди барои зебогӣ ба боғи Ирам оварда шудаст ва дар шароити табии Тоҷикистон мутобиқ шуда афзоиш ва паҳн гардида истодааст.

***Калидвожаҳо*:** ширхӯрон, хояндаҳо, таърихи омӯзиш, санҷоби муқаррарӣ, ғизогирӣ, шакли зоҳирӣ, наслдиҳӣ, шумора, паҳншавӣ.

АДАПТАЦИЯ (АККЛИМАТИЗАЦИЯ) БЕЛКА ОБЫКНОВЕННАЯ (SCIURUS VULGARIS LINNAEUS, 1758) В УСЛОВИЯХ ТАДЖКИСТАНА

В статье содержатся сведения об истории изучения белки обыкновенной (Sciurus vulgaris Linnaeus, 1758), адаптации и распространения этого вида. В мире зарегистрировано 280 видов семейства беличьих, принадлежащих к 48 родам. По литературным данным, в Таджикистане насчитывается 5 видов этого семейства, которые разделены на 3 рода: *Spermophilopsis leptodactylus* Lichtenstein, 1823; *Spermophilus (Colobotis) fulvus* Lichtenstein, 1823; *Spermophilus (Colobotis) relictus* Kashkarov, 1923; *Marmota caudate Geoffrou*, 1843; *Marmota menzbieri* Kashkarov, 1925; *Sciurus vulgaris* Linnaeus, 1758). Белка обыкновенная (Sciurus vulgaris Linnaeus, 1758) встречается на всех континентах мира, кроме Австралии, Мадагаскара, Южной Америки и Северо-Западной Африки. Республика Таджикистан относится к горным странам Центральной Азии и расположена в северной части субтропического климата. Большую ее часть составляют холмы, равнины и пустыни вблизи гор. Такие условия и климат идеально подходят для развития и роста различных видов млекопитающих, в том числе грызунов, которые были завезены в парк «Ирам» для адаптации и как вид для красоты, и приспособились к природным условиям Таджикистана, разрастаясь и распространяясь.

Ключевые слова: млекопитающие, грызуны, история изучения, белка обыкновенная, питание, внешний вид, размножение, численность, распространение.

THE ADAPTATION (ACCLIMATIZATION) OF THE SCIURUS VULGARIS LINNAEUS, 1758) IN THE CONDITIONS OF TAJKISTAN

This article contains information on the history of the study of the common squirrel (Sciurus vulgaris Linnaeus, 1758), adaptation and distribution of this species. In the world, 280 species of the family of squirrels have been registered, which belong to 48 genera. According to literature information, there are 5 species from this family in Tajikistan, which are divided into 3 genera: *Spermophilopsis leptodactylus* Lichtenstein, 1823; *Spermophilus (Colobotis) fulvus* Lichtenstein, 1823; *Spermophilus (Colobotis) relictus* Kashkarov, 1923; *Marmota caudate Geoffrou*, 1843; *Marmota menzbieri* Kashkarov, 1925; *Sciurus vulgaris* Linnaeus, 1758. Common squirrel (Sciurus vulgaris Linnaeus, 1758) is found in all continents of the world, except for Australia, Madagascar, South America and North-West Africa. The Republic of Tajikistan is one of the mountainous countries of Central Asia and is located in the northern part of the subtropical climate. Most of it consists of hills, plains and deserts near the mountains. Such conditions and climate are ideal for the development and growth of various species of mammals, including rodents, which were brought to the Iram Park for adaptation and as a species for beauty, and adapted to the natural conditions of Tajikistan, growing and spreading....

Keywords: mammals, rodents, study history, common squirrel, feeding, appearance, reproduction, number, distribution.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Набиев Лоиқ Сангалиевич*** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ходими илмии Институти зоология ва паразитология ба номи Е.Н. Павловский. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, п-я 70. Телефон (**992) 933 33 3237**. E-mail: **loik8383@mail.ru**
Атоева Изофат Раҳимовна– Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, магистри курси 2-юми Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловскийи АМИТ, **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, п-я 70. Телефон: **918-65-62-67.**
Бобоев Ҷурабой Абдусаломович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ботаника ва дендрология. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-26-01-85.**

Сведение об авторах: ***Набиев Лоик Сангалиевич*** – Институт зоологии и паразитологии имени Е.Н. Павловского НАНТ, научный сотрудник. **Адрес**: 734025, город Душанбе, Республики Таджикистан, п-я 70. Телефон **(992)933333237**. E-mail: **loik8383@mail.ru**
Атоева Изофат Рахимовна – Институт зоологии и паразитологии имени Е.Н. Павловский НАНТ, магистр 2–го курса. **Адрес**: 734025, город Душанбе, Республики Таджикистан, п-я 70. Телефон: **(992) 918-65-62-67.**
Бобоев Джурабой Абдусаломович – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры ботаники и дендрологии. **Адрес**: 734025, город Душанбе, Республики Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-26-01-85.**

Information about authors: ***Loik Sangalievich Nabiev*** – Institute of Zoology and Parasitology named after E.N. Pavlovsk NAST, research fellow. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, post office 70. Phone: **(992) 93333 3237**. E-mail: **loik8383@mail.ru**
Atoeva Izofat Rakhimovna – Institute of Zoology and Parasitology named after. E.N. Pavlovsky NAST, 2nd year master. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, post office 70. Phone: **(992) 918-65-62-67**
Boboev Juraboy Abdusalomovich - Tajik National University, assistant of the department of botany and dendrology. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. Phone: **918-26-01-85**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ:581.1

МИҚДОРИ ГЛЮКОЗА, ФРУКТОЗА ВА САХАРОЗА ДАР БАРГИ РАСТАНИИ ПАХТА ДАР ҲОЛАТИ НОРАСИИ НАМИИ ХОК

Каримзода И.С.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»

Муҳиммият: Карбогидратҳо ҳамчун субстрати мубодилаи роҳи нафас ва ҳамчун, манбаи асосии энергетикӣ дар ҳаёти ҳуҷайра маълум гашта ва дар организми растанӣ нақши асосиро мебозанд. Бинобар ин, муҳаққиқон ҳамеша ба омӯзиши мубодилаи карбогидратҳо таваҷҷӯҳи ҷиддӣ медиҳанд [1, 2].

Омӯхтани хосиятҳои протопластро махсусан қайд мекунем, зеро дар бисьёр мавридҳо тадқиқотчиён бе таҳлили он хусусиятҳои процессҳои физиологию биохимиявӣ, ки қобилияти растаниро барои муборизаи зидди хушксолӣ муайян мекунанд, танҳо бо роли протоплазма қаноат мекунанд. Омӯзиши хосиятҳои организми растанӣ бешубҳа бояд дар сатҳҳои гуногуни дониш, яъне дар сатҳи молекулавӣ, зерҳуҷайравӣ, ҳуҷайравӣ, бофтаӣ, организмӣ ва ҳатто популятсия гузаронида шавад. Аммо омӯзиши проблемаҳои режими об, тобоварӣ ба гармӣ ва хушксолӣ дар сатҳи аҳолӣ ҳоло сар мешавад [3, 4, 5, 6].

Маълум гаштааст аст, ки ҷамъшавии дохилиҳуҷайравии қандҳои ҳалшавандаи молекулаи паст дар растаниҳо дар посух ба стрессҳои абиотикӣ, аз ҷумла гипотермия рӯх медиҳад [7,8].

Ҷамъшавии қандҳо ҳангоми таъсири гипотермия аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун раванди дорои аҳаммияти муҳофизатӣ-мутобиқсозӣ баррасӣ карда мешавад. Дар солҳои охир фарзияи вокуниши ғайримушаххаси растаниҳо ба стрессорҳо эътироф карда шуд, ки дар интенсификатсияи равандҳои оксидкунии дохилиҳуҷайра бо иштироки шаклҳои фаъоли оксиген (АФК) ва стресси оксидкунӣ ифода меебад [9].

Гумон меравад, ки қандҳо дар ҳуҷайра вазифаҳои метаболитикӣ, энергетикӣ, криопротекторӣ ва осморегуляторӣ ичро мекунанд [10].

Тавре, ки дар системаи моделии тавлидкунандаи он нишон дода шудааст, хосиятҳои протектории карбогидратҳои пастмолекулярӣ (сахароза, фруктоза, глюкоза, манноза, маннита) аз қобилияти онҳо барои гирифтани радикали гидроксилӣ вобаста аст, ки бо ин роҳ зарари биомолекулаҳои ин радикалро пешгирӣ мекунад [11].

Пастшавии шиддатнокии фотосинтез ва синтези сахароза ва баланд шудани миқдори гексоз метавонад ба баланд шудани фишори осмотикӣ ва пайдоиши қувваҳои назарраси нигоҳдории об дар ҳуҷайраҳои баргҳо оварда мерасонад [12,13].

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки зери таъсири омилҳои гуногун таркиби сифатии маҳсулоти фотосинтез тағйироти ҷиддӣ намебинад. Аммо фарқиятҳои назаррас метавонанд дар таносуби миқдори маҳсулоти даври барқарорсозии пентозофосфат ба амал оянд. Суръат ва таносуби фотосинтез ва фотодиҳӣ дар растаниҳои C_3 ба ин гуногунрангӣ таъсири назаррас мерасонад, яке аз намояндагони онҳо пахта мебошад. Ин дар навбати худ таркиби сифатӣ ва миқдории маҳсулоти барвақтӣ ва ниҳоӣ, суръат ва самти метаболизатсияи CO_2-и дар фотосинтез ҷаббидашударо, алахусус дар шароити шадиди афзоиши растаниҳо муайян мекунад.

Нишон дода шудааст, ки тағйироти шиддати фотосинтези баргҳои пахта бо тағйироти фаъолияти на танҳо РБФКО, балки ферментҳои калидии марҳилаи барқарорсозии давраи Калвин РФИ ВА ФРК алоқаманд аст ва бо суръати ташаккули маҳсулоти реаксияи карбоксилятсия 3 – ФГК мувофиқат мекунад [14].

Мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ҳама марҳилаҳои рӯшди генеративӣ дар шароити норасоии намӣ дар хок, миқдори умумии нитроген ва миқдори крахмал дар баргҳо хеле коҳиш ёфтааст. Синтези сахароза ва баланд шудани миқдори гексоз дар вақти паст шудани шиддатнокии раванди фотосинтез метавонад ба баланд шудани фишори осмотикӣ ва пайдоиши қувваҳои назарраси нигоҳдории об дар ҳуҷайраҳои

баргҳо оварда расонад. Миқдори умумии крахмал ва карбогидратҳои ҳалшаванда дар бофтаи растанӣ асосан аз шиддати раванди фотосинтез ва фаъолияти узвҳои истифодакунанда муайян карда мешавад, он ҳангоми шиддати пасти фотосинтез афзоиши пурзӯр кам мешавад, ҳангоми сабзиши охирон ва баланд шудан, ҳангоми фиксатсияи CO_2, фотосинтез зиёд мешавад.

Татбиқи функсияи фотосинтетикии барг, ки бо рушди онтогенетикии тамоми растанӣ вобаста аст, нишондиҳандаи муҳими ҳолати физиологии он мебошад. Дар айни замон, маълум аст, ки функсияи фотосинтетикии барг метавонад дар татбиқи барномаи генетикии рӯшд ва ташаккули фенотип нақши муҳим бозад. Дар робита ба ин, таҳқиқи метаболизми фотосинтетикии карбон ҳангоми таъсири омили стресс имкон медиҳад, ки таъмини фотосинтетикии раванди маҳсулот дар шароити мушаххаси экологӣ ошкор карда шавад. Маълум аст, ки шиддатнокии фотосинтез ва хусусияти мубодилаи фотосинтетикии карбон ҳам аз маҷмӯи омилҳои беруна ва ҳам аз хусусиятҳои генотипии растаниҳо вобаста аст. Барои ошкор кардани механизмҳои ин равандҳо усулҳо ва усулҳои гуногун истифода мешаванд ва яке аз равишҳои мавҷуда таъсири растаниҳо ба хушксолии хок мебошад. Маълум аст, ки дар шароити хушксолии хок дар растаниҳо бисер равандҳои метаболизм тағйир меёбанд (Тарчевский, 1980). Дар ин ҳолат дараҷаи мутобиқшавӣ ҳосилнокии растаниҳоро муайян мекунад. Дар баробари ин, барои мутобиқ шудан, таҳдиди назарраси бисёр равандҳои физиологӣ, аз ҷумла фотосинтез зарур аст.[15.16].

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Ба сифати объекти таҳқиқот растании миёнанахи пахта (Gossypium hirsutum L.) навъҳои Меҳргон, Гулистон, Зарнигор ва хати Л-15 ба кор бурда шуданд, ки қитъаҳои таҷрибавии Пажӯҳишгоҳи ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе) кишт карда шудаанд.

Таҷрибаҳо асосан дар марҳилаҳои аз оғози гулкунӣ то ҳосилнокии оммавӣ гузаронида шуданд, зеро ин давра ба норасоии об ҳассостарин аст ва растаниҳо бештар ба фишори об дучор мешаванд [17].

Барои муайян кардани қанди ҳалшаванда баргҳои пахтаро дар буғи этанол ҷӯшонидаанд. Сипас намунаҳоро дар термостат дар ҳарорати +65...+70С хушк карданд. Намунаҳои хушкшударо ба хока табдил доданд ва 10 г ин мавод барои муайян кардани миқдори глюкоза дар як намуна истифода шуд. Ин усул ба қобилияти қандҳо барои кам кардани ионҳои мисии дувалентӣ асос ёфтааст, ки миқдори онҳо бо усули йодометрӣ муайян карда шудааст [18].

Натиҷаи тадқиқот ва муҳокимаи онҳо. Карбогидратҳо дар организми растанӣ ҳангоми фотосинтез ҳамчун маҳсулоти устувори универсалӣ ҳангоми фаъолияти цикли редуксионии пентозофосфатҳои Калвин ва С3-ростанӣ, инчунин тавассути роҳи Хатч-Слэк ва С4-растанӣ синтез карда мешаванд. Мувофиқи тадқиқотҳои омӯхташуда, то 80-85% моддаи хушки растаниҳо аз карбогидратҳо иборат мебошад.

Асоси омӯзиши мо миқдори қанди ҳалшаванда дар баргҳои растании пахта дар ду шароит, ки муқобили ҳам мебошанд яъне ҳолати муътадили растани ва норасоии намии хок дар марҳилаи генеративии рӯшд мебошад.

Мақсади омӯхтани мубодилаи карбогидрат дар навъҳои пахта дар шароити гуногуни ғизодиҳи растаниҳо, инчунин микронуриҳо парвариш карда шуданд. Барои муайян кардани хусусиятҳои тагйирёбии таркиби карбогидратҳо дар баргҳои растани ва репродуктивии пахта дар фазаҳои гулкуни ва пӯхтарасии ғузаҳо намунаҳо гирифта шуданд.

Мувофиқи усулҳои тадқиқоти намунаҳо пеш аз баромадани офтоб гирифташуда, баъд бо буғ кушта шуданд ва пас аз коркарди мувофиқ таҳлил карда шуданд. Миқдори карбогидрат дар барги пахта ба шароити ғизодиҳӣ ва ҳолати физиологии растаниҳо вобаста аст.

Чи тавре дар (ҷадвали 1) натиҷаи маълумот оид ба таъсири хушкии хок ба ҷузъҳои алоҳидаи қандҳои ҳалшаванда дар баргҳои навъҳои пахта ва хатҳои омӯхташуда дар марҳилаи гулкунӣ шаҳр дода шудааст. Зиёда аз 90% қанди умумиро

сахароза ва глюкоза ташкил медиҳанд, дар ҳоле ки вазни сахароза нисбат ба глюкоза 8-10% зиёд буд. Аз миқдори умумии қандҳои коҳишдиҳандаи фруктоза танҳо 10-13% -ро ташкил медиҳад.

Карбогидратҳои ҳалшаванда дар таркиби баргҳо дар шароити норасоии намии хок тағйироти назаррас ба вуҷуд овард. Зиёдшавии таркиби карбогидратҳои ҳалшаванда дар шароити норасоии намии хок мушоҳида карда шуд. Асоси таркиби карбогидратҳо ин зиёд шудани миқдори глюкоза ва сахароза ба амал омад. Бештар ин дар ҳолати норасии хушкии хок дар марҳилаи гулкуни дар навъи Меҳргон зиёд буда аз ҳама камтар дар хати Л-15 ба назар мерасид. Миқдори фруктоза дар байни миқдори умумии қандҳои редуксионӣ камтар мушоҳида карда мешуд, гарчанде дар давраи норасии хушки хок зиёдшавии таркиби он ба назар мерасид.

Дар марҳилаи пухтарасии куракҳо низ зиёд шудани миқдори глюкоза ва сахароза мушоҳида карда мешуд (ҷадвали 2). Дар ҳолати куракҳо пухта мерасанд ва растаниҳо пир мешаванд ва ин табиист, ки ҷараёни қандҳои ҳалшаванда дар марҳилаи кушодашавии ғӯза зиёд мешавад ва бештар дар навъи Зарнигор нибати навъи Меҳргон зиёд буда, дар хати Л-15 камтар ба назар мерасад. Ин тадриҷан дар баргҳо ба кам шудани миқдори карбогиратҳо, инчунин миқдори умумии ҳамаи кандҳои халшаванда шаҳодат медиҳад.

Дар шароити фишори об, миқдори нисбатан баланди қанди ҳалшаванда дар баргҳои растании пахта зоҳиран бо он шарҳ дода мешавад, ки дар вақти хушкии замин, ба зиёдшавии крахмал оварда мерасонад ва дар навбати худ, боиси зиёд шудани миқдори қанди коҳишдиҳанда мегардад, ки ин ба фаъолияти ферментҳои гидролитикӣ, ки полисахаридҳоро деполимеризатсия мебошад.

Ҷадвали 1. Норасоии хушкии хок дар баргҳои пахта ба миқдори қанди ҳалшаванда дар марҳилаи гулкуни (мг/г вазни хушк)

Навъ, хат	Қандҳои барқароршаванда	Фруктоза	Глюкоза	Саха-роза	Қанди умумии ҳалшаванда
Назорат (78-80% от ППВ)					
Меҳргон	36.9	5.5	31.3	40.5	77.4
Гулистон	35.9	5.7	30.2	38.4	74.3
Зарнигор	34.6	4.6	29.8	40.6	74.8
Л-15	34.4	4.2	30.2	40.8	75.2
Таҷриба (54-56% от ППВ)					
Меҳргон	44.4	7.2	35.2	45.6	88.0
Гулистон	41.8	6.8	35.1	42.4	84.2
Зарнигор	40.5	7.0	31.5	43.5	84.0
Л-15	39.3	5.9	33.4	43.1	82.4
$НСР_{05}$ = 0.06					

Ҷадвали 2. Норасоии хушкии хок дар баргҳои пахта ба миқдори қанди ҳалшаванда дар марҳилаи кушодашавии ғӯзаҳо (мг/г вазни хушк)

Навъ, хат	Барқарорсозии қандҳо	Фруктоза	Глюкоза	Саха-роза	Қанди умумии ҳалшаванда
Назорат (78-80% от ППВ)					

Мехргон	38.4	9.0	27.4	34.8	73.2
Гулистон	36.2	9.2	26.9	35.5	70.7
Зарнигор	38.5	6.3	32.2	36.0	74.5
Л-15	36.8	6.1	30.7	35.1	71.9
Тачриба (54-56% от ППВ)					
Гулистон	48.8	9.7	38.1	48.7	95.5
Мехргон	49.2	9.6	39.6	46.6	95.8
Зарнигор	44.7	7.1	36.6	42.3	85.0
Л-15	41.6	6.7	35.9	39.2	81.8
$НСР_{05}$ = 0.08					

Хулоса. Дар ҳолати норасоии намии хок, тағир додани суръат ва самти процессҳои ферментативӣ боиси тағйирёбии сифатӣ ва миқдори дар таркиби карбогидратҳо ва моддаҳои нитрогендор дар баргҳо мегардад. Дар зери таъсири норасоии намии хок қанди коҳишдиҳанда ҷамъ мешавад. Дар шароити норасоии об миқдори умумии нитроген ва сафедаи хом кам мешавад.

Шиддати фотосинтези воқеӣ ва эҳтимолӣ бо норасоии миқдори об, махсусан дар нимаи рӯз ба таври назаррас коҳиш меёбад. Норасои намии дурудароз дар хок боиси тағйироти назарраси суръат ва самти мубодилаи карбон – ^{14}C дар вақти фотосинтез мегардад: дар хати Л-15 ва навъи Зарнигор, Гулистон ба таври назаррас зиёдшавии радиоактивии карбогидратҳо ва андаке тезшавии дохилшавии ^{14}C ба маҳсулоти патроатсионии карбоксӣ ва ГЭП ба мушоҳида мерасад. Дар баробари ин дар махсули аввали цикли пентозфосфатҳои редуксивӣ кам шудани радиоактивӣ ошкор карда шуд. Дар айни замон таносуби маҳсулоти роҳҳои алтернативии фикси CO_2 ва сикли редуксионии пентозофосфати Калвин тағйир меёбад.

Мо боварӣ дорем, ки баъзе карбогидратҳо ва сафедаҳо метавонанд дар робита ба баъзе ферментҳо таъсири муҳофизатӣ синтез кунанд. Ҳуҷайраҳо дар шароити муайян метавонанд баъзе ферментҳо ё изоферментҳоро синтез кунанд, ки ба деградатсия камтар ҳассосанд, метавонанд ферментҳои бо ултраструктураи ҳуҷайраҳо алоқаманд бошанд. Дар ҳуҷайраҳо нигоҳ доштани сохтори мембранаи солим махсусан муҳим аст, зеро он дар истеҳсоли энергия ва нигоҳ доштани сохтори қисмҳо, пешгирии таъсири мутақобилаи номатлуб байни мундариҷаи қисмҳои гуногун нақш мебозад.

Нишондиҳандаҳои таркиби норасоии об, норасоии боқимондаи об, таносуби крахмал ба таркиби қанди ҳалшаванда, дарозии решаи асосӣ, зичии хоси сатҳи барг ва консентратсияи афшураи ҳуҷайра метавонанд, ҳамчун аломатҳои санҷишӣ (нишондиҳандаҳо) барои арзёбии дараҷаи устувории пахта ба хушкии хок истифода шаванд.

АДАБИЁТ

1. Њамрабаева З.М. Температурная зависимость АТ Фазной активности хлоропластов хлопчатника и арабидопсиса / З.М. Њамрабаева, М.М. Якубова. // Материалы Республиканской конференции. Душанбе: Дониш, 2007. С.139-143.
2. Медведев С.С. Физиология растений / С.С. Медведев. -СПб. университет. 2004. -336 с.
3. Колпиков Д.И. О некоторых особенностях реагирования на засуху растений в условиях фитоценозов засушливой степи.-В кн.;Физиология устойчивости растений.М.,Изд-во АН СССР,1960.
4. Колпиков Д.И Экспериментально-геоботаническое изучение формирования засухоустойчивых степеных фитоценозов и агроцензов.- Труды Красноярск, мед. ин-та,1966, вип 64, с.3.
5. Горшкова А.А Биология степных пастбищных растений Забайкалья. М., 1966, “Наука”.
6. Бейдеман И.К. Основные направления в изучении водного обмена у растений в природе / И.К. Бейдеман. –В кн.; Водный обмен в основных типах растительности СССР. –Новосибирск: Наука, 1975, -С.3.
7. Туманов И.И. Физиология закаливания и зимостойкости растений / И.И. Туманов - М.: Наука, 1979. - 350 с.

8. Levitt J. Response of plants to Environmental stresses - Chilling, Freezing and High Temperature stresses.1980. Academic Press, New-York, -479 p.
9. Мерзляк М.Н. Активированный кислород и окислительные процессы в мембранах растительной клетки//Итогы науки и техники ВИНИТИ. Сер. Физиология растений. Т. 6. -М., 1989, -168 с.
10. Колупаев Ю.В. Особенности метаболизма и защитные функции углеводов растения в условиях стрессов / Ю.В. Колупаев, Т.И. Трунова //Физиол. и биохим. культ. растений. 1992. -Т.24. -С.523-533.
11. Аверьянов А.А. Взаимодействие сахаров с гидроксильным радикалом в связи с фунгитоксичностью выделений листьев / А.А. Аверьянов, В.П. Лапикова // Биохимия. 1989, Т.54. - С.1646-1651.
12. Альтергот В.Ф. Действие повышенной температуры на растение в эксперименте и природе 40-е Тимирязевское чтение / В.Ф. Альтергот. -М.: Наука, 1981. -56с.
13. Мокроносов А.Т. Онтогенетический аспект фотосинтеза. - М.: Наука, 1981. - 195 с.
14. Бабаджанова М.А. Исследование процессов регенерации и карбоксилирования акцептора CO_2 в связи с фотосинтетической продуктивностью растений: автореф. дис….докт. биол. наук.- Душанбе. 1990.- 40 с.
15. Абдуллаев А. Фотосинтетический метаболизм углерода у хлопчатника / А. Абдуллаев З.Н.Абдурахманова, Б.Б. Джумаев. -Душанбе, 2001. - 94 с.
16. Тарчевский М.А. Содержание пигментов как показатель мощности развития фотосинтетического аппарата у пшеницы / М.А. Тарчевский, Ю.Е. Андрианова //Физиол. раст., 1980. Т. 27, Вып. 2, 341 с.
17. Эргашев А. Влияние высоких экстремальных температур на физи-олого-биохимические процессы и продуктивность хлопчатника / А.Эргашев // Обзорная информация. НПИЦентр Минэкономвнешсвязи РТ.-Душанбе, 1997. - 55 с.
18. Кирюхин В.В. Методика физиолого-биохимических исследований картофеля / В.В. Кирюхин, У.А. Лодычина, А.В. Парфенова. НИИ КХ, Госагропром РСФС.Р. 1996. -С.25-30.
19. Ҳамидов Х.Н. Омӯзиши хусусиятҳои морфофизиологии генотипҳои пахта / Х.Н.Ҳамидов. - Душанбе, №3. 2022. –С.310-316.
20. Ҳотамов М.Т. Ҳосилнокии пахтаи миёнанах вобаста аз таъсири намуди нурӣ дар шароити хокҳои хокистарранги Тоҷикистони Марказӣ (шарҳ) / М.Т.Ҳотамов. -Душанбе, -№4. 2022. –С.186-189.

МИҚДОРИ ГЛЮКОЗА ФРУКТОЗА ВА САХАРОЗА ДАР БАРГИ РАСТАНИИ ПАХТА ДАР ҲОЛАТИ НОРАСИИ НАМИИ ХОК

Миқдори карбогидрат дар барги пахта ба шароити гизодихӣ ва холати физиологии растанихо вобаста аст. Мувофики натиҷаҳои омухташаванда мо миқдори умумии карбогидратҳоро дар барги пахта дар тамоми шароити норасоии намии хок аз марҳилаи гулкуни ва пухтарасии куракҳо намунахо гирифта шуданд, ки ба зиёдшавии карбогидратҳо оварда мерасонад. Дар шароити фишори об, миқдори нисбатан баланди қанди ҳалшаванда дар баргҳои растании пахта зоҳиран бо он шарҳ дода мешавад, ки дар вақти хушкии замин, ба зиёдшавии крахмал оварда мерасонад ва дар навбати худ, боиси зиёд шудани миқдори қанди коҳишдиҳанда мегардад, ки ин ба фаъолияти ферментҳои гидролитикӣ, ки полисахаридҳоро деполимеризатсия мебошад. Норасои намии дурудароз дар хок боиси тағйироти назарраси суръат ва самти мубодилаи карбон – ^{14}C дар вақти фотосинтез мегардад: дар хати Л-15 ва навъи Зарнигор, Гулистон ба таври назаррас зиёдшавии радиоактивии карбогидратҳо ва андаке тезшавии дохилшавии ^{14}C ба маҳсулоти патроатсионии карбоксӣ ва ГЭП ба мушоҳида мерасад. Инчунин ҷараёни қандҳои ҳалшаванда дар марҳилаи кушодашавии ғӯза зиёд мешавад ва тадричан дар баргҳо ба кам шудани миқдори карбогиратҳо, инчунин микдори умумии ҳамаи қандҳои ҳалшаванда шаҳодат медиҳад.

Калидвожаҳо: пахта, хушки, мутобиқшави, норасоии об, ҳосилноки, ғӯза, глюкоза, сахароза, фотосинтез, гулкунӣ.

СОДЕРЖАНИЕ ГЛЮКОЗЫ, ФРУКТОЗЫ И САХАРОЗЫ В ЛИСТЬЯХ ХЛОПКА ПРИ ДЕФИЦИТЕ ВЛАГИ ПОЧВЫ

Количество углеводов в листьях хлопчатника зависит от условий питания и физиологического состояния растений. По результатам исследования нами было измерено общее количество углеводов в листьях хлопчатника при всех условиях дефицита почвенной влаги, отбирая пробы в фазах цветения и созревания коробочек, что приводит к увеличению содержания углеводов. В условиях водного стресса относительно высокое содержание растворимых сахаров в листьях хлопчатника, по-видимому, объясняется тем, что во время засухи в почве происходит увеличение содержания крахмала, что в свою очередь приводит к увеличению содержания восстанавливающих сахаров, что обусловлено активностью гидролитических ферментов, деполимеризующих полисахариды. Длительный дефицит влаги в почве приводит к существенным изменениям скорости и направления обмена углерода-14С в процессе фотосинтеза: у линии Л-15 и сортов Зарнигор, Гулистан наблюдается значительное увеличение радиоактивности углеводов и некоторое ускорение включения 14С в карбоксильные продукты патрокации и ГЭП. Кроме того, поток растворимых сахаров увеличивается на этапе раскрытия почек и постепенно в листьях, что указывает на снижение количества углеводов, а также общего количества всех растворимых сахаров.

Ключевые слова: хлопок, засуха, адаптация, дефицит воды, урожайность, початок, глюкоза, сахароза, фотосинтез, цветение.

THE CONTENT OF GLUCOSE, FRUCTOSE, AND SUCROSE IN COTTON LEAVES UNDER SOIL MOISTURE DEFICIENCY CONDITIONS

The carbohydrate content in plants depends on both nutritional conditions and their physiological state. According to our research results, we assessed the total carbohydrate content in cotton leaves under various soil moisture deficiency conditions during the flowering and boll maturation stages. It was found that moisture deficiency contributes to an increase in carbohydrate accumulation. Under water stress conditions, the relatively high concentration of soluble sugars in cotton leaves can be explained by the fact that soil dryness leads to starch accumulation, which in turn increases the amount of reducing sugars. This process is associated with the activation of hydrolytic enzymes that depolymerize polysaccharides. Prolonged soil moisture deficiency causes significant changes in the rate and direction of carbon-14 metabolism during photosynthesis. In lines L-15 and varieties Zarnigor and Guliston, there is a marked increase in the radioactivity of carbohydrates and a slight acceleration in the incorporation of 14C into carboxylic and GAP photosynthetic products. In addition, during the boll opening stage, the flow of soluble sugars increases, gradually leading to a decrease in carbohydrate content in the leaves. This indicates a general reduction in the total amount of all soluble sugars.

Keywords: cotton, drought, adaptation, water deficiency, yield, boll, glucose, sucrose, photosynthesis, flowering.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримзода Идигул Салим*** – МДТ«ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино», номзади илмҳои биологӣ**,** дотсенти кафедраи биологияи тиббии бо асосҳои генетикаи ба номи профессор Бердиев Н.Б. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Сино, 29-31. Тел: **933995040.** E-mail: **karimiva78@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Каримзода Идигул Салим***- ГОУ "ТГМУ имени Абуали ибни Сино", кандидат биологических наук, доцент кафедры медицинской биологии с основами генетики имени профессор Бердиев Н.Б. **Адрес:** 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Сино, 29-31. Тел: ***933995040.*** E-mail: **karimiva78@mail.ru**

Information about the author: ***Karimzoda Idigul Salim*** - ATSMU named after Abualiibn Sino, Candidate of Biological Sciences, Associate Professor of the Department of Medical Biology with the Basics of Genetics named after Professor Berdiev N.B. **Address:** 734003, Republic Tajikistan. Dushanbe, Sino Ave, 29-31. Тел: **933995040** E-mail:**karimiva78@mail.ru**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 633/635.621

БАҲОДИҲИИ ТАРКИБИ ХИМИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИИ НАВЪҲОИ КАДУ ДАР ШАРОИТИ МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Зуҳуров Ш.С., Назиров Ҳ.Н.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб,
Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ

Таъмин гардондани талаботи аҳолии мамлакатамон ба маҳсулоти озуқавории табиӣ яке аз вазифаҳои мубрами рӯз мебошад. Роҳи ҳалли ин мушкилот пай дар пай тараққӣ додани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, ҷори намудани технологияи навин, васеъ истифода бурдани комёбиҳои илм мебошад.

Дар ҳалли мушкилотҳои озуқаворӣ мебояд диққати заруро ба таъмини ахолӣ бо маҳсулоти озукавории маҳаллӣ, аз ҷумла бо махсулоти растанӣ, ки дорои сифати табии мебошанд, равона кардан зарур аст.

Яке аз роҳҳои самарабахш рушд ёфтани соҳаи кишоварзӣ, короркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хушсифати хӯрокворӣ ба ҳисоб меравад. Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои асосии амнияти озуқавории мамлакат нигоҳдории маҳсулот бо усулҳои муосир ва беталафу бо сифат коркрд намудани ашёи хом дар сатҳи истеҳсоли саноъатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти коркардшуда дар бозорҳои дохилӣ ва берун аз он, зарур аст.

Дар байни маҳсулоти хурокворӣ маҳсулоте, ки онҳоро бо дигар маҳсулоти хӯрокворӣ иваз кардан ғайри имкон аст, меваю сабзавот ва маҳсулоти коркарди онҳо мебошад, ки талаботи организми инсонро ба моддаҳои фаъоли биологӣ қонеъ карда метавонад.

Яке аз сабзавотҳои фоиданоку болаззат каду аст, вале мутаассифона, имрӯз ба он талабот на чандон зиёд аст. Каду зироати маъмули полизӣ аст, ки дар саросари ҷаҳон, дар минтақаҳои иқлими гарму муътадил мерӯяд ва парвариш карда мешавад. Мевааш кадуи калон, курашакл ё байзашакл буда, бо қабати сахту ҳамвор пӯшида шудааст. Ранг, шакл ва андоза аз намуди зироат вобаста аст. Дар дохили он лаҳми боллазату шаҳдбор ва тухмии сершумори хурду калон мавҷуд аст, ки барои истеъмол низ мувофиқанд.

Каду ва маҳсулоти кадугӣ ба сифати ғизои инсон ҳануз аз даврахои хеле бостонӣ пайваста истифода мешуданд [12]. Меваи кадуро дар шакли нопухта ва пухта истифода бурда, аз онҳо таомҳои гуногуни серғизо, ки аз крахмал, канд ва дигар моддаҳои фаъоли биологӣ бой аст, тайёр мекарданд [2-14].

Аз тухми қиматбаҳои каду равғани мағзи каду ҷудо карда мешавад, ки ҳамчун ғизои арзишноки табобатӣ инчунин барои истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ васеъ истифода мешавад [3].

Айни замон дар шароити Тоҷикистон навъҳои гуногуни каду парвариш карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, омӯхтани таркиби химиявии навъҳои намудҳои гуногуни каду аҳаммияти калони илмӣ амалӣ дорад.

Дар миқёси ҷумҳурӣ, Вилояти Хатлон, маҳз минтақаи Кӯлоб истеҳсолкунандаи асосии каду ба ҳисоб меравад.

Хусусияти таркиби химиявии маҳсулоти хоҷагии қишлоқро шароити хоку илқими мусоиди макони парвариш муайян мекунад. Аз ин рӯ, ба маҳсулотҳои истеҳсолшавандаи меваю сабзавоти ватанӣ таваҷҷуҳи зиёд ва баҳои баланд дода мешавад.

Шароити обу ҳаво дар мавсими нашъунамои солҳои таҳқиқот барои парваришу гирифтани ҳосили баланд мувофиқ буд: ҳарорати ҳадди ақали рӯзонаи ҳаво дар макони гузаронидани таҳқиқот 8°С, ҳадди аксар - 34 °С буд. Ҳарорати шабона начандон зиёд аз ҳарорати рӯзона фарқ кард: Макони таҳқиқотгузарони аз рӯи шумораи рӯзҳои офтобӣ 180 рӯзро ташкил медиҳад, ки ин аз шароити мусоиди иқлими

минтақаи Кӯлоб барои парвариши зироати каду ва дигар зироатҳои полизӣ шаҳодат медиҳад.

Маҳз шароити мусоид имкон медиҳад, ки меваи навъҳои кадуи парваришшаванда хуб ташаккул ёфта сифати моли ва таркиби бойи биохимиявӣ дошта бошанд.

Ба таркиби химиявии меваҳои каду карбогидратҳо, қандҳо, крахмал, моддаҳои пектинӣ, кислотаҳои органикӣ, витаминҳо ва дигар моддаҳои муҳим дохил мешаванд.

Хусусиятҳои шифобахшии каду аз рӯи таркиби биохимиявии он муайян карда мешавад, ки аз сабаби бисёр омилҳо (навъ, ҷойи парвариш ва ғ.) тамоюли тағйирёбандагӣ дорад.

Унсурҳои асосие, ки арзиши ғизоӣ ва моддаҳои фаъоли биологии меваҳоро муайян мекунанд, карбогидратҳо, сафедаҳо ва дигар моддаҳои нитрогенӣ, кислотаҳои органикӣ, танинҳо ва рангҳо, витаминҳо ва минералҳо мебошанд.

Дар ҷаҳон зиёда аз 200 навъи каду мавҷуд аст. Онҳо дар ҳама гуна рангҳо ва шаклҳо во мехӯранд. Баъзе навъҳо барои тайёр кардани ширинихо, дигарҳо барои хӯрокҳои болаззат ва дигаре барои истеҳсоли равғани мағзи тухмии каду истифода мешаванд.

Дар лаҳми меваи каду муҳимтарин микроэлементҳо, ба монанди: калий, калтсий, магний, фосфор, қандҳо, каротин, сафеда, клетчатка, инчунин витаминҳои гурӯҳи С, Д, Е, РР, В1, В2, В12 мавҷуданд.

Бояд тазаккур дод, ки арзишии физиологи каду аз рӯйи таркиби моддаҳои фаъоли биологии он–витаминҳо, маъданҳо ва моддаҳои пектинӣ баҳо дода мешавад.

Арзиши маъдании каду аз мавҷуд будани элементи калий, ки дар таркибаш мавҷуд аст, муайян карда мешавад. Калий дар мубодилаи дохили ҳуҷайрагӣ иштирок намуда дар мубодилаи обу намак бевосита иштирок мекунад.

Дар баробари калий дар лаҳми меваи каду оҳан ва магний мавҷуд аст, ки нақши онҳо дар организми инсон басо калон аст. Чунки, оҳан дар бунёди сафедаҳою ферментҳо иштирок мекунад. Элементҳои дигаре ба монанди калтсий - дар ташаккули ҷузъҳои ҳуҷайравӣ ва бофтаҳо, ва фосфор бошад дар баробари калтсий дар ташаккулёбии бофтаҳои устухон иштирок менамояд.

Меваҳои каду аз провитамини А – бета-каротин бой мебошад. Ин пайвастагӣ организми инсонро аз таъсироти манфии муҳити атроф ҳифз намуда, ҳуҷайраро бошад аз инкишофёбии беморий саратон муҳофизат мекунад. Дар таркиби каду инчунин витамини камёфт, ба монанди витамини Т, ки дар равандҳои мубодилаи модда дар организм нақши ниҳоят калон дорад, мавҷуд аст. Дар таркиби лаҳми каду миқдори зиёди пектинҳо: нахи парҳезӣ, ки қобилияти ба тарзи мулоим тоза намудани рӯдаҳоро дорад, мавҷуданд.

Бояд тазаккур дод, ки шумораи сарчашмаҳои илмӣ оид ба зироати каду на чандон зиёд аст. Дар бештари онҳо асосан ба ҷанбаҳои бевосита марбут ба ҳаёт ва парвариши ин растанӣ маълумотҳо оварда шудааст. Дар бораи таркиби химиявии ин зироат, маълумот кам аст. Арзиши ғизоӣ ва шифобахшии каду аз ҳисоби маҷмуи моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ ва фармакологӣ фаъол муайян карда мешавад. Онҳо аз рӯи сохтори химиявии худ гуногунанд ва ба бадани инсон таъсири шифобахшии хуб доранд Т.Г. Гуцалюк [4].

Т.Б.Фурса, А.И. Филов (13) нишон медиҳанд, ки дар асоси истифодабарии меваҳои каду, таносуби моддаҳои ғизоӣ аз навъ ва шароити парвариш вобаста аст.

Лаҳми хӯрданибоби каду ба ҳисоби миёна тақрибан 75% вазни меваро ташкил медиҳад ва миқдори тухмҳо вобаста ба хусусиятҳои биологӣ ва хоҷагидории навъҳо аз 1 то 5% вазни кадуро ташкил медиҳад А.И.Филов [12]. Таркиби химиявии мева бештар ба шароити хоку иқлими ҷойи парвариш, дараҷаи коркарди агротехникӣ, дуруст ва сари вақт истифода бурдани нуриҳои маъданӣ, риояи қоидаи обмонӣ вобаста аст.

Мувофиқи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ дар лаҳми меваи каду (% дар ашёи хом) 70-90% об ва 6-30% моддаҳои хушк мавҷуданд, ки аз он:1,5-15% қанд, 4- 23% нах, то

24% крахмал, 0,3- 1,4% моддаҳои пектинӣ, 1—3% моддаи нитрогенӣ, 0,5—0,7% равғани хом, 0,1% кислота, 0,4—1,4% хокистар, 25—40 мг/100г кислотаи аскорбинӣ, 2—28 мг/100 г каротин, мебошанд.

Аз рӯи маълумотҳои К.И. Пангало [10] таркиби моддаҳои хушки лаҳми каду чунин аст: сафеда 6,33-11,75%, равғани хом 1,77-4,49%, нах 15,70-19,87%, хокистар 7,67 -7,84%, шираҳои бе нитроген 73,34-53,38%. Мувофики маълумоти А.И.Филов [12] дар таркиби меваҳои каду 92—94% об мавҷуд аст. Қисми боқимондаи моддаҳои хушк аз моддаҳои асосии зерин иборат аст: қанд 2-6%, моддаҳои нитрогенӣ 0,3-1,0%, кислотаҳо 0,05-0,01%, нах 0,7-1,2%, моддаҳои пектинӣ 0,3-0,8%, хокистар 0,4- 0,8%. Бисёре аз муҳаққиқон миқдори зиёди крахмалро дар каду (2-7%) пайдо кардаанд ва баъзе муҳаққиқон онро умуман наёфтаанд. Н.Н. Балашев [1] таркиби химиявии кадуро дар маҷмуи навъҳо чунин нишон медиҳад: об – 92 %, моддаи хушк - 9,68%, сафеда - 1,10%, карбогидратҳо - 6-50%, нах-1, 22%, равған- 0,13%, хокистар - 0,73%. Мувофиқи маълумоти П.Ф. Сокол [11] дар меваи каду моддаҳои хушк 6-25%, канд 1,5-14%, крахмал 1,5-20%, витамини С 7-30%, намакҳои минералӣ 0,4-0,8%, мавҷуд аст. В.Н. Лукьянов [8] чунин мешуморад, ки дар таркиби моддаҳои минералӣ махсусан, намакҳои К, Р, Са зиёданд, ки барои организми инсон муҳимманд. Тадқиқоти А.Н.Зырянова [7] дар Тоҷикистон муайян кардааст, ки дар меваҳои кадуи пухта расида 4-35 мг% мис (Cu) ва 1,62 мг% кобалт (Co) ҷамъ мешавад. Муайян карда шудааст, ки ҳангоми пухта расидани мева Cu ба таркиби тухм ва кобалт ба барг мегузарад. Миқдори ин элементҳо дар меваҳо дар шароити зироатҳои обёришаванда меафзояд.

Дар баробари арзишнокии лаҳми кадӯ равғани тухми каду, ки дар таркибаш 45-55% равған дорад, қимати ғизонокиаш зиёд аст. Маҳз равғане, ки аз навъҳои кадуи калонмева гирифта мешавад, сифати баланд ва таъми нозук доранд. Равғани каду аз рӯи таркиби сифатии худ ба навъҳои беҳтарини равғани истеъмолӣ тааллуқ дошта функсияҳои муҳофизатии баданро фаъол мекунад ва метавонад ҳамчун маҳсулоти доруворӣ васеъ истифода гардад.

Таҳқиқотҳои мо нишон доданд, ки дар таркиби меваҳои навъҳои се намуди каду намнокӣ 9,2-17,5%, равған 21,8-30,0%, сафедаҳо 46,0-53,0% мавҷуданд.

Қиммати равғани каду, пеш аз ҳама, ба хосиятҳои баланди шифобахши он вобаста аст. Тариби равғаи каду аз сафедаҳо (30—34%), ва сантохин, ки аҳаммияти калони шифобахши дорад, бой аст. Дар таркиби тухмиҳои каду миқдори зиёди кислотаҳои равғании нимсер ва носер ва миқдори зиёди кислотаҳои линолӣ ва олеинӣ (то 45% глисеридҳои линолӣ, то 25% кислотаҳои олеин, то 35% кислотаҳои стеаринӣ ва пальметинӣ), мавҷуданд.

Аз рӯи маълумотҳои муҳақиқ Барахаева Л. П. [2] ҳангоми аз мағзи тухми каду ҷудо кардани равған, ингибиторҳои оксидкунандаи табии танҳо дар раванди муайяани технологӣ баъд аз оксидшавии равған мегузаранд, ки ин хусусияти муҳофизатии равғанро нишон медиҳад. Муайян карда шудааст, ки дар ҳарорати баланд ҷудо кардани равғани каду, ҳангоми дуру дароз нигоҳдорӣ сифаташ паст мегардад. Бинобар ин, омили асосие, ки барои истеҳсоли равған бевосита мусоидат мекунад ин танзими ҳарорат мебошад. Ингибиторҳои оксидкунада бо миқдори зарурӣ дар марҳилаи аввал, ҳангоми мағзи каду аз таъсири гарми ва оксиген на танҳо глисеридҳо балки витаминҳои дар равған ҳал шавандаро аз оксидшавӣ муҳофизат менамоянд.

Бояд қайд кард, ки коркади тухмии каду, тарзи хушкунӣ, тарзи омодакунии мағзи каду барои гирифтани равған ва моддаҳои фаъоли биологии дар таркиби он буда таъсири калон мерасонад.

Мақсади таҳқиқот. Омӯхтан ва баҳо додани таркиби химиявӣ ва хусусиятҳои шифобахшии навъҳои каду дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон.

Вазифаҳои таҳқиқот - муайян кардани таркиби химиявӣ, таҳлили сифати меваҳо ва мағзи тухмии навъҳои каду.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот.Барои таҳқиқот навъҳои зерини кадуи мускатӣ: Ленинободӣ (н), Паловкадуи маҳаллӣ, Витаминӣ, кадуи сахтпуст-Иродӣ (н), Ошкаду, Сабчакаду, кадуи калонмева - Улибка (н), Салакаду, Испанӣ -73 истифода гардиданд.

Тадқиқотҳо оид ба омӯзиши таркиби химиявии меваҳои каду бо истифода аз усулхои таҳқиқоти биохимиявии растаниҳо (А.И. Ермаков) [9]. Дар озмоишгоҳи идораи Тоҷикстандарт воқеъ дар шаҳри Кӯлоб гузаронида шуд. Коркарди математикии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз услуби таҷрибаҳои саҳроӣ Б.А.Доспехов 1985 [5] амалӣ карда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Таҳқиқотҳо муайян сохтанд, ки таркиби химиявии меваҳои навъҳои омӯхташудаи каду дорои чунин нишондодҳо мебошанд: аз ҷумла, дар таркиби меваи навъи Палавкадуи маҳаллӣ миқдори об 92%, қанд – 9,0%, витамини С – 6,7 мг%, каротин – 6,4мг%. Дар навъи Витаминӣ миқдори об 88%, қанд – 7,0%, витамини С - 7,4 мг/%, каротин — 8,4 мг%, Дар навъи назоратӣ-Ленинободӣ миқдори об 90%, қанд – 8,8%, витамини С – 6,5 мг%, каротин – 7,0 мг%.

Дар навъи Ошкаду миқдори об 90%: қанд – 8,4%, витамини С – 7,9 мг%, каротин – 7,0%.


Дар навъи Сабчакаду миқдори об 88%, қанд – 7,5%, витамини С — 8,0 мг%, каротин — 7,0 мг%., дар навъи назоратӣ-Иродӣ миқдори об 91%: канд – 7,8%, витамини С – 7,8 мг%, каротин – 6,5 мг%.

Дар таркиби навъи Салакаду миқдори об 92, қанд – 10,3%, витамини С – 7,8 мг%, каротин – 8,9 мг%. Дар навъи Испанӣ миқдори об 88%, қанд – 9,7%, витамини С — 8,5 мг/%, каротин — 8,8%., дар навъи назоратӣ-Улибка миқдори об 90%: қанд – 7,7%, витамини С – 7,5 мг%, каротин – 5,3 мг%. мавҷуданд, ҷадвалӣ 1.

Ҷадвали 1. Нишондодҳои биохимиявии меваҳои навъҳои намудҳои гуногуни каду дар давраи ҷамъоварии ҳосил, 2019-2021 с

Навъ	Моддаҳои хушк,%	Қанд, %	Туршӣ, %	Индекси қанду кислота	Кислотаи аскорбинӣ, витамин С мг%	Каротин, мг,%	Миқдори нитратҳо мг/кг вазнитар
Мускатӣ							
Ленинободӣ (н)	9,4	8,8	0,35	25,1	6,5	5,7	98
Паловкадуи маҳаллӣ	13,2	9,0	0,50	18,0	6,7	6,4	76
Витаминӣ	8,8	7,0	0,44	16,0	7,4	8,4	115
Сахтпуст							
Иродӣ (н)	10,2	7,8	0,38	20,5	7,8	6,5	56
Ошкаду	11,3	8,4	0,40	21,0	7,9	6,3	53
Сабчакаду	9,1	7,5	0,46	16,3	8,0	7,0	60
Калонмева							
Улибка(н)	8,8	7,7	0,54	14,2	7,5	5,3	97
Салакаду	14,2	10,3	0,48	21,4	7,8	8,9	84
Испанӣ -73	17,9	9,7	0,42	23,0	8,5	8,8	63

Аз рӯи маълумотҳои ҷадвали 1 дида мешавад, ки аз ҳамаи навъҳои кадуи таҳқиқшуда дар меваҳои навъи Паловкадуи маҳаллӣ, Ошкаду, Салакаду, Испанӣ-73 бештар моддаҳои хушк (10,2-17,9%), ва аз ҳама кам —дар навъи витаминӣ, навъи назоратӣ Улибка ва Сабчакаду (8,8-9,1%) мавчуданд, диаграммаи 1.




Диаграммаи 1. Миқдори моддаҳои хушк дар меваҳои каду вобаста ба навъ, 2019-2021 с

Миқдори қанд дар ҳамаи навъҳои таҳқиқшуда аз 7,0% дар навъи Витаминӣ то 10,3% дар навъи Салакаду муайян карда шуд. Дар дигар навъҳо низ канднокӣ хуб буд, ки он мутаносибан 7,8 -8,8%-ро ташкил дод, диаграммаи 2.




Диаграммаи 2. Миқдори қанд дар меваҳои навъҳои гуногуни каду, 2019-2021с.

Миқдори кислотаи аскорбинӣ витамини С дар ҳамаи навъҳои омӯхташуда ба 6,5-8,5мг % баробар буд, диаграммаи 3.




Диаграммаи 3. Миқдори витамини С дар меваҳои навъҳои каду, 2019-2021с.

Миқдори каротин дар таркиби беҳтарин меваҳои кадуи мускатӣ (зиёда аз 8,4 мг%), муайян карда шуд, диаграммаи 4.



Диаграммаи 4. Миқдори каротин дар меваҳои навъҳои каду, 2019-2021с.

Миқдори нитратҳо ба ҳисоби миёна 53-115 мг/кг- дар вазни тар, муайян карда шуд, диаграммаи 5.



Диаграммаи 5. Миқдори нитратҳо дар меваҳои навъҳои каду, 2019-2021с.

Тадқиқотҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки навъҳои Паловкадуи маҳаллӣ, Ошкаду, Саллакаду ва Исанӣ-73 дар муқоиса бо дигар навъҳои зери таҳқиқот қародошта таркиби бойи кимиёвӣ доранд. Ин махсусан ба қанднокии таркиби мева (7-10,3%), каротин (5,7-8,9 мг%), дахл дорад. Инчунин ин нишондодҳо ба шароити хуби хоку иқлим, алалхусус, фаровонии инсоляцияи (нурпошӣ) офтоб, гузаронидани чорабиниҳои баланди агротехникӣ, истифодабарии нуриҳои органикию маъданӣ, фарқи навъҳо, муҳлатҳои чамъоварӣ ва пухта расидани ҳосил вобаста аст.

Таҳқиқотҳо оид ба муайянкунии миқдори намнокӣ, равған ва сафедаҳо дар таркиби мағзи тухми каду бо усулҳои аз тарафи умум қабулшуда: таркиби сафеда — ГОСТ 26889-86, намнокӣ — ГОСТ 24027.2-80, таркиби кислотаи равғанӣ ва равғани тухмӣ мувофиқи ГОСТ 30418-96 муайян карда шудааст

Таҳлилҳо тавасути дастгоҳи олмонӣ гранолизер гузаронида шуд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки миқдори зиёди намӣ дар навъҳои намуди сахтпуст 13,0-14,3% ва навъҳои намуди калонмева 9,5-17,5% ро ташкил дод. Дар навъҳои намуди мускати ин таносуб ба 8,9-9,6 % баробар буд.

Миқдори равған дар навъҳои намудҳои кадуи мускатӣ ва калонмева 21,8-30,0% ташкил дод. Ин нишондод дар навъҳои намуди сахтпуст камтар 23,1-23,9%-ро ташкил дод. Миқдори сафедаҳо дар навъҳои намудҳои кадуи сахтпуст ва калонмева нисбат ба навъҳои намуди мускатӣ зиёдтар 50,0-53,0 %-ро ташкил дод, ҷадвали 2. Ин нишододҳо водор месозанд, ки тухмии навъҳои намудҳои сахтпуст **(*Cucurbita moschata*)** ва калонмева (***Cucurbita maxima***) ҳамчун манбаи сафедаҳо истифода гарданд.

Ҷадвали 2. Намнокӣ ва миқдори равғану сафедаҳо дар таркиби тухми навъу намудҳои каду %

Навъ	Намнокӣ	Равған	Сафедаҳо
Мускатӣ			
Ленинободӣ (н)	8,9	30,0	48,3
Паловкадуи маҳаллӣ	9,6	29,0	49,7
Витаминӣ	9,2	30,0	46,0
Сахтпуст			
Иродӣ (н)	14,3	23,3	52,9
Ошкаду	13,0	23,9	50,0
Сабчакаду	13,2	23,1	52,1

Калонмева			
Улибка(н)	13,0	28	50,0
Салакаду	9,5	30	48,2
Испанӣ -73	17,5	21,8	50,2

Муайян карда шуд, ки равғаннокии тухмии навъҳои намудҳои каду аз хусусиятҳои биологии навъҳо ва шароити иқлими макони парвариш вобастагии калон дорад.

Хулоса

1. Дар асоси натиҷаҳои омӯзиши навъҳои се намуди каду ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ муайян гардид, ки дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон навъҳои кадуи мускатӣ -Палакадуи маҳаллӣ, Витаминӣ, Ошкаду, Испанӣ-73, таркиби бойи химиявӣ ва хосиятҳои баланди ғизоӣ доранд.

2. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки навъҳои кадуи омӯхташуда дар муқоиса бо дигар навъҳои каду таркиби бойи химиявӣ доранд. Аз ҷумла дар таркиби лаҳми меваи онҳо миқдори қанд 7,0-10%, каротин 5,3-8,9 мг%, витамини С 6,7-8,5 мг%, турушӣ 0,38-0,54%, индекси қанду кислота 14.2-23,0-ро ташкил медиҳад.

3. Омӯзиши таркиби кимиёвии навъҳои каду собит сохт, ки дар таркиби меваи кадуи навъи Испанӣ -73 миқдори моддаҳои хушк 17,9%, қанд 9,7витамини С 8,5 мг%, каротин 8,8 мг%, дар навъи кадуи Салакаду моддаҳои хушк 14,2%, қанд 10,3 %, витамини С 7,8 мг%, каротин 8,9 мг%, дар навъи Паловкадуи маҳаллӣ моддаҳои хушк 13,2%, қанд 9,0%, витамини С 6,7 мг%, каротин 6,4 мг% мавҷуд аст, ки ин ба хусусиятҳои биологии навъҳо ва шароити иқлиму хоки минтақаи парвариш вобастагии калон дорад.

4. Омӯзиши таркиби биохимиявии тухми намудҳои каду муқаррар намуд, ки онҳо ҳамчун манбаи ва маҳсулоти коркарди он ҳамчун манбаи моддаҳои фаъоли биологӣ аз ҷумла равған ва сафеда мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Балашев,Н.Н.Бахчеводства/Н.Н.Балашев.-Ташкент: «УКИТУВЧИ»,1976. -147 с.
2. Барахаева Л. П. Химический состав и технологические свойства тыкв, кабачков и патиссонов: автореф. дисс. к. т. н / Л. П. Барахаева. -М., 1983. -22 с.
3. Васильева, А.Г. Химический состав и потенциальная биологическая ценность семян тыквы различных сортов / А.Г. Васильева, И.А. Круглова // Известия ВУЗов. Пищевая технология. - 2007. – № 5-6. - С. 30-33.
4. Гуцалюк, Т.Г. Бахчеводство Казахстана [Текст]/Т.Г. Гуцалюк.- Казахстан: КНИИКОХ, 2006. - 227 с.
5. Доспехов Б.А. Методика полевого опыта/ Б.А. Доспехов. – 5-е изд., перераб. и доп.– М: Агропромиздат, 1985. –351с.
6. Дютин К. Тыква на вашем огороде Биохимический состав, целебные свойства. Хозяин. 1993. -№ 4. - С. 37-38.
7. Дютин К.Е. А у вас на огороде есть тыква / К.Е. Дютин // Картофель и овощи. 1991. № 3.- С. 25-29.
8. Зырянова А. Н. Динамика накопления меди и кобальта в плодах бахчевых кормовых культур в условиях Гиссарской долины: Автореферат дис. на соискание учен. степени кандидата с.-х. наук / Акад. наук Тадж. ССР. Ин-т животноводства. - Сталинабад: 1954. - 15 с.
9. Лукьянов М.И. Содержание витамина С и каротина в тыквенных овощах / М.И. Лукьянов, Р.С. Коган // Сад и огород. - 1948. - №7. - С.23-25.
10. Методы биохимического исследования растений / под ред. А.И. Ермакова. 3-е изд., перераб. и доп. Л.: Агропромиздат, 1987, - 429 с.
11. Пангало К. И. Бахчеводство СССР / К. И. Пангало. - Ленинград, 1934. - 224 с.
12. Сокол П.Ф. Улучшение качества продукции овощных и бахчевых культур / П.Ф. Сокол -М.: Колос, 1978. -293 с.
13. Филов А.И. Бахчеводство / Филов А.И.- М.: Колос, 1969. -261с.
14. Фурса Т.Б., Филов Л.И. Тыквенные (арбуз, тыква). / Ред. С.Н. Коровина, Т.Б. Фурса. -М.: «Колос», 1982. - 279с.
15. Соколов С.Д. Пищевая и лечебная ценность бахчевых культур / С.Д. Соколов, Б.Ф. Фельдман, Г.Ф. Соколова// Проблемы научного обеспечения овощеводства юга России: сборник научных трудов. - Краснодар. -2009. - С. 172-177.

БАҲОДИҲИИ ТАРКИБИ ХИМИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИИ НАВЪҲОИ КАДУ ДАР ШАРОИТИ МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Дар мақола таркиби химиявии навъҳои намудҳои гуногуни каду омӯхта баҳо дода шудааст. Меваи каду иқтидори калони технологӣ дошта, дорои хусусияти нигоҳдории дуру дароз, таркиби бойи моддаҳои фаъоли биологӣ, витаминҳо ва дигар модаҳои химиявие, ки барои ғизои инсон заруранд, мебошад. Дар рафти таҳқиқот таркиби химиявии навъҳои зерини каду, ки дар шароити агроиқлимии ноҳияи Восеъи вилояти Хатлон парвариш карда шуданд, омӯхта шуданд: Паловкадуи маҳаллӣ, Витаминӣ-намуди мускатӣ, Ошкаду, Сабчакаду-намуди сахтпуст, Салакаду, Испанӣ -73-намуди калонмева. Миқдори миёнаи массаи моддаҳои хушк дар навъҳои кадуи таҳқиқшуда муайян карда шуд. Моддаи хушки намунаҳои каду дорои миқдори нисбатан баланди қанд ва крахмал мебошад. Меваи каду ҳамчун ғизо ба пурраги истифода бурда мешавад. Чунончӣ, лаҳми меваи он ҳамчун маҳсулоти хом барои тайёр кардани шарбат, нушоба, муррабо, пусташ барои тайёр кардани орди хурока ва тухмаш барои истеҳсоли равған ва орд истифода мегардад. Илова бар ин, миқдори каротин дар таркиби меваи навъу намудҳои каду муайян карда шуд. Барои таҳлил ва баҳо додан ба хусусиятҳои химиявии каду усулҳои ҳозиразамони таҳқиқот ба кор бурда шуданд.

Калидвожаҳо: каду, навъ, намуд. нишондиҳандаҳои сифат, таркиби химиявӣ, моддаҳои хушк, қанд, каротин, витамин С, индекси к/к.

ОЦЕНКА ХИМИЧЕСКОГО СОСТАВА И ЛЕКАРСТВЕННЫХ СВОЙСТВ СОРТОВ ТЫКВЫ В УСЛОВИЯХ КУЛЯБСКОЙ ЗОНЫ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В данной статье представлена информация по изучению химического состава разных видов тыквы. В ходе исследования оценен химический состав сорта различных видов изучаемых тыкв. Плоды тыквы обладают большим технологическим потенциалом, имеют особенности длительного хранения, богатый состав биологически активных веществ, витаминов и других химических веществ, необходимых для питания человека. В ходе исследования изучен химический состав следующих сортов тыквы, выращиваемых в агроклиматических условиях Васейского района Хатлонской области: Паловкаду местная, Витаминная-вид мускатный, Ошкаду, Сабчакаду-вид твердокорый, Салакаду, Испанский-73-вид крупноплодный. У изучаемых сортов тыквы определяли среднюю массу сухого вещества. Сухое вещество образцов тыквы содержит относительно большое количество сахара и крахмала. Плоды тыквы полноценно используются в пищу. Например, его мякоть используется как сырье для приготовления соков, напитков, варенья, кожура — для приготовления муки, а семена — для производства масла и муки. Кроме того, определено количество каротина в составе плодов сортов тыквы. Для анализа и оценки химических характеристик тыквы были использованы современные методы исследования.

Ключевые слова: тыква, сорт, вид, качественные показатели, химический состав, сухое вещество, сахар, каротин, витамин С, индекс с/к.

EVALUATION OF THE CHEMICAL COMPOSITION AND MEDICINAL PROPERTIES OF PUMPKIN VARIETIES IN THE CONDITIONS IN THE KULOB DISTRICT OF THE KHATLON REGION

This article presents information on the study of the chemical composition of different types of pumpkin. The study assessed the chemical composition of the varieties of different types of the studied pumpkin fruits. Pumpkins have great technological potential, have long-term storage features, a rich composition of biologically active substances, vitamins and other chemicals necessary for human nutrition. The study studied the chemical composition of the following pumpkin varieties grown in the agroclimatic conditions of the Vasei district of the Khatlon region: Palovkadu local, Vitaminnaya - nutmeg type, Oshkadu, Sabchakadu - hard-core type, Salakadu, Spanish-73 - large-fruited type. The average dry matter mass was determined of the studied pumpkin varieties. The dry matter of the pumpkin samples contains a relatively large amount of sugar and starch. Pumpkin fruits are fully used as food. For example, its pulp is used as raw material for making juices, drinks, jam, the peel for making flour, and the seeds are used to produce oil and flour. In addition, the amount of carotene in the composition of fruits of pumpkin varieties was determined. Modern research methods were used to analyze and evaluate the chemical characteristics of pumpkin.

Keywords: pumpkin, variety, type, quality indicators, chemical composition, dry matter, sugar, carotene, vitamin C, s / a index.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Зуҳуров Шомуддин Саидасрорович***– Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб, муаллими калони кафедраи технологияи маводи хӯрока. **Суроға:** 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, маҳаллаи Борбад. Телефон: **(+992) 918-13 01 12.** E-mail: **shomudin8787@mail.ru**

Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич **-** Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими калони илмӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 21 «А». E-mail:**hnazirov@mail.ru.** Тел: **+(992) 907 41 88 23**

Сведение об авторах: ***Зухуров Шомуддин Саидасрорович*** **-** Институт технологий и инновационного менеджмента г. Куляба, старший преподаватель кафедры технологии пищевых продуктов. **Адрес:** 735360, г.Куляб, Республика Таджикистан, Хатлонская область, микрорайон Борбад. Телефон: **(+992) 918-130112.** E-mail: **shomudin8787@mail.ru**
Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич **-** Институт садоводства, виноградарства и овощеводства ТАСХН, доктор селскохозяйственных наук, главный научный сотрудник. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 21 "А". E-mail:**hnazirov@mail.ru.** Тел: **+(992) 907 41 88 23**

Information about authors: ***Zukhurov Shomuddin Saidasrorovich*** - Senior teacher, Department of Food Technology, Institute of Technology and Innovation Management, Kulob city. **Address:** 735360, Kulyab city, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Borbad neighborhood. Phone: **(+992)918-130112** Email: **shomudin8787@mail.ru**
Nazirov Khikmatullo Nurulloevich- doctor of Agricultural of sciences, Chief researcher, Institute of Horticulture, Viticulture and Vegetable Growing, TAAS. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 21 "A". E-mail: **hnazirov@mail.ru.** tel.: **+(992)907418823**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 572.8

САМАРАНОКИИ МАВОДҲОИ БИОЛОГИИ ФИТОВЕРМ, БИТОКСИБАТСИЛЛИН, ЛЕПИДОСИД БАР ЗИДДИ КИРМАКИ СЕБ (МЕВАХЎРАКИ СЕБ) (*CUDIA POMONELLA*) ВА ШИРИНЧАИ САБЗИ СЕБ *(APHIS POMI)* ДАР ШАРОИТИ МИНТАҚАИ КЎЛОБ

Сайфуллозода Р. С., Толибов А. Қ.
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Дар таҷрибаи мо ҳангоми баҳогузорӣ ба осеббинии меваҳо аз кирминаи мевахўраки себ дар навъҳои гуногуни себ як қатор қонуниятҳоро ошкор кард. Осеббинии меваҳо аз зараррасон дар навбати аввал аз зичии пусти мева ва дараҷаи ғизла вобаста аст. Меваҳои навъи Старкримсон бо шакли зоҳирии худ диққат ҷалбкунанда буда, пусташ зич, шахшул, нисбатан равғанин ва сершира аст. Меваҳои навъи Голден делишес пусташон нисбатан тунук, аммо ба таври кифоягӣ зич, нафис ва камравғанин аст. Мева мулоими малҳаммонанд, миёнаҳаҷм, сероб, ширини кислотанокиаш нисбӣ ва асалини хушбўй аст.

Аксар хусусияти дар боло зикргардида барои навъҳои себҳои миёнапаз (Голден делишес ва Старкримпсон) ва дерпаз (Ренет, Симиренко) хос аст.

Хусусиятҳои барои навъҳо нишондодашуда онҳоро барои кирмҳои ҷавони зараррасон дастнорас мегардонанд. Дар онҳо инчунин шираи ҷоришавандаи самғ мавҷуд аст, ки барои мева имконият медиҳад, ки дар болои он об нигоҳ дошта нашавад, ғайр аз ин аз тухм пайдошавии кирминаҳоро ба пуррагӣ мушкил мегардонад. Дар муқобили себи навъи Пешпазак, Сафедсеб ва Пахтасеб мавҷуданд, ки дорои пусти тунуки нафис, пусти нозук дорад ва меваҳояш бе ниҳоят сероби ширин мебошанд. Қатъи назар аз он, ки навъи пешпазак инкишофи меваҳояш тулонӣ сурат мегирад, ба онҳо насли 1-уми мевахўраки себ ба осонӣ ҳуҷум карда, зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Ҳамин тариқ, дар боғҳои коркарднашуда, мевахўраки себ ба меваҳо метавонад то 30% зарар расонида, ҳангоми гузаронидани коркарди химиявӣ дараҷаи зараррасонӣ то 5-7% поён меравад. Зараррасонии фитофагҳо ба навҳои гуногуни себ аз зичии пуст, дараҷаи ғизла ва ҷоришавии самғ дар меваҳо вобаста аст.

Яке аз проблемеҳои парвариши себ ин зараррасонҳо ва касалиҳои гуногун, ки ҳамасола дар боғҳо пайдо шуда, ба ҳосилнокӣ ва сифати маъсулот зарари ҷиддӣ мерасонанд. Дар шароити Минтақаи Кўлоб яке аз зараррасонҳои хатарноктарини себ ин мевахўраки себ *(Cudia pomonella)* ба ҳисоб мераванд. Кирми себ ба отряди пулакболҳо, оилаи баргпечонакҳо (*Torticiday*) дохил шуда, парвонааш ранги ҷигарӣ дошта вобаста аз шароити иқлими маҳал аз ду то чор наслроо дар як сол медиҳад, ки ин муборизаро бар зидди ин ҳашарот хеле душвор мегардонад. Аз сабабе, ки кирминаи аз тухм баромадигӣ баъди як шабонаруз меваи себро шикоф намуда, ба даруни он ворид мегардад, ин мушкилии дигарро ба миён меорад, чунки дар ин маврид таъсири бисъёре аз инсектисидҳо, хусусан инсектисидҳои контактӣ, ду чанд кам мешавад ва кирминаи зараррасон барои энтомофагҳои фоидаовар умуман дастнорас мегардад.

Аз ин лиҳоз, барои баланд бардории самаранокии тадбирҳои ҳимоявӣ аз ин зараррасон, муаян намудани муҳлати гузарондани чораҳои мубризавӣ аҳамияти калидӣ доранд. Барои аниқ муаян намудани муҳлати коркарди химиёвӣ ё истифодаи энтомофагҳо ва маводҳои биологӣ одатан аз феромонҳо истифода мебаранд. Зери таъсири омилҳои маҳдудкунандаи табии ба ҳисоби миёна 37% ин зараррасон маҳв мешавад.

Дар ҳолати диапауза то соли оянда 30% кирминаи он боқӣ мемонад ва онҳо то -30°С хунукиро тоқат мекунанд. Истифодаи инсектисидҳои кимиёвӣ, гарчанде самараи хуб ҳам диҳанд, проблемаҳои дигарро ба бор меоранд, чунки ин маводҳо барои муҳити зист бехатар набуда, баъди истифодабарӣ онҳо дар хок, об ва худди маъсулоти таёр боқӣ монда, барои муҳити атроф ва саломатии инсон зарари калон меоранд. Бар

замми ин, маводҳои химиявӣ дар навбати зараррасонҳо инчунин фаунаи фоидаоварро, ки дар байни онҳо бисёре аз душманҳои табии зараррасонҳо низ мавҷуданд, низ маҳв месозанд.

Истифодаи усулҳои биологӣ барои ҳимояи себ аз зарарасонҳо бартарии бебаҳс, нисбати усулҳои кимиёвӣ дорранд. Ин пеш аз ҳама дар бехатарии онҳо нибати муҳити зист ва саломати инсон мебошад. Дуюм, ҳангоми истифодабарии маводҳои кимиёвӣ зараррасонҳои нисбати онҳо устувориятро пайдо намекунанд.

Биопрепаратҳо воситаи биологии мубориза бо шумораи ҳашароти зараррасон, патогенҳои растанӣ ва алафҳои бегона мебошад, ки компонентҳои фаъоли онҳо агентҳои табиати биологӣ (микроорганизмҳо, метаболитҳои онҳо, нематодҳо ва ғайра) мебошанд. Мафҳуми доруҳои (препаратҳои) микробиологӣ (ПМБ) нисбат ба маҳсулоти биологӣ тангтар аст. Онҳо ҳамчун доруҳое, ки дорои ҳуҷайраҳои зиндаи микроорганизмҳо, ки ҳамчун агенти муҳофизати биологӣ ё биологӣ интихоб шудаанд, инчунин маҳсулоти мубодилаи онҳо фаҳмида мешаванд.

ПМБ-ро ҳам дар шакли моеъ (ҳуҷайраҳо дар моеъи махсус) ва ҳам дар шакли ҳуҷайраҳои зинда ки адсорбсия шудаанд, дар зарфҳои махсуси интиқолдиҳандаи нейтралӣ пешниҳод мекунанд. Ҳамаи дигар доруҳоеро, ки дар таркибаш маҳсулоти мубодилаи моддаҳо барои растаниҳо фоиданок (антибиотикҳо, витаминҳо, стимуляторҳои афзоиш ва ғайра) доранд, ки аз тарафи микроорганизмҳо истеҳсол карда мешаванд, инчунин ҳуҷайраҳои мурдаи худи микроорганизмҳоро моддаҳои пайдоишашон характери микробиологӣ дошта меноманд. Дар таъсир ба растанӣ ва фаровонии ҳосили растаниҳои зироатӣ байни доруҳо дар асоси метаболитҳои микробҳо ва ПМБ фарқияти куллӣ вуҷуд дорад.

Таъсири спораҳои штамҳои гуногунии микроорганизмҳои фоиданок, ки қисми таркибии ПМБ-ҳо ба ҳисоб мераванд, аз лаҳзаи ворид шудан ба бофтаҳои растанӣ зоҳир мешавад, хоҳ он решаи ибтидоии навниҳол хоҳ сатҳи барг бошад. Дар тули тамоми давраи минбаъдаи инкишоф ин микроорганизмҳо дар муносибатҳои гуногуни мутақобила - симбиотикӣ, симбиотрофӣ ҳуҷайраҳои бофтаи растаниро ҳамроҳӣ мекунад.

Мисол, бактерияҳои ҷинси Bacillus дар ризосфера зимистонгузаронӣ намуда, оқибати мусбӣ ба вуҷуд меоранд. Ин муносибат дар беҳдошти хок ва пасмондаҳои зироат бар зидди занбӯруғҳои патогенӣ ва бактерияҳо, инчунин ғанӣ гардонидани ҷамоаҳои микробҳои хок шароит фароҳам меорад. Ҳама доруҳои дигар, ҳам кимиёвӣ ва ҳам биологӣ, тавассути истифода натиҷаашон маълум мешавад. Самаранокии онҳо аз формулаи кимиёвӣ, вақт ва майдони истифодашаванда, бофтаҳои растанӣ, беморӣ, дурустии интихоби консентратсияи моддаҳои фаъол ва ғайраҳо вобастагӣ дорад. Дар айни замон, қоидаҳои истифода ва нигоҳдории ПМБ нисбат ба маҳсулоти биологӣ дар асоси моддаҳои микробӣ хеле сахттаранд.

Ҳамин тариқ, ПМБ танҳо дар доираи муайяни ҳарорат кор мекунанд. Масалан, барои доруҳои бактериявӣ ҳарорати аз ҳама самарабахш дар доираи +24-28°C мебошад. Дар ҳарорати пасттар аз +14 ° C самаранокии онҳо якбора коҳиш меёбад. Барои маҳсулоти биологии пайдоишашон занбуруғӣ, шарти муҳим намӣ буда барои нашъунамои бомуваффақияти конидияҳо ва спораҳо мусоидат менамояд. Таъсири радиатсияи ултрабунафш барои ҳама ҳуҷайраҳои зинда зараровар аст.

Якчанд роҳҳо барои таснифи биопестисидҳо мавҷуданд. Биопестисидҳоро аз рӯйи хусусияти принсипи фаъолнокиашон тасниф кардан мумкин аст, ки маҳсулоти биологӣ аз рӯи онҳо тақсим мешаванд ба бактериявӣ, занбӯруғӣ, вирусӣ, метаболитҳои микробӣ ва ғайра. Усули маъмултарин, ба монанди пестисидҳои кимиёвӣ, таснифи биопестисидҳо аз рӯи объекте мебошад, ки таъсири дору ба он равона карда шудааст. Ин тасниф ба номи пестисидҳои кимиёвӣ бо префикси био асос ёфтааст.

Яъне аз қисмати пеши мафҳум префикси био-ро илова менамоянд, масалан биопестисид, биопрепарат, биоинсектисид,биофунгитсид, биогербитсид ва амсоли инҳо. Дар ин ҳолат, доруҳои биологӣ, ки дар зироаткорӣ истифода мешаванд, ба

биоинсектисидҳо (препаратҳо бар зидди ҳашароти зараррасон), биоакарисидҳо (бар зидди канаҳо алафхӯр), бионематисидҳо (бар зидди нематодҳои фитопатогенӣ), биофунгисидҳо (бар зидди фитопатогенҳои занбӯруғӣ ва бактерия), биогербисидҳо (бар зиди алафҳои бегона) тақсим мешаванд.

Истеҳсоли доруҳои микробиологӣ дар доираи раванди биотехнологӣ ба роҳ монда шудааст. Принсипи фаъол дар равандҳои биотехнологӣ агенти биологӣ мебошад. Агенти анъанавии биологӣ ҳуҷайра ё спораҳои микробҳо ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои маҳсулоти биологӣ дар асоси организмҳои зинда ба табиати организми истеҳсолкунанда (продусентҳо) алоқамандand. Асоси доруҳои энтомопатогении бактериявӣ бактерияҳои Bacillus thuringiensis ва B. Popillae мебошанд.

Бактерияҳои Bac. thuringiensis ба 130 намуди ҳашарот таъсири манфӣ расонида қобилияти ҳаётгузаронӣ ва наслдиҳии онҳоро суст мекунад. Доруҳои маъмултарин дар асоси вариантҳои гуногуни Bac. thuringiensis: энтобактерин, инсектин, алестин, экзотоксин, токсобактерин, дендробатсиллин, битоксибатсиллин мебошанд. Таъсири фаъолтарин ҳангоми истифодаи доруҳои ин гурӯҳ бар зидди ҳашароти зараррасон ба даст меояд агар истифодаи дурусти онҳо ба роҳ монда шаванд. Бактерияҳои Bac. thuringiensis на танҳо ҳашаротро ҳангоми ворид шуданаш нест мекунад, балки як қатор маҳсулоти заҳролуд низ истеҳсол мекунад, ки метавонад боиси фавти ҳашаротҳои зараррасон гардад.

Мақсади таҳқиқот. Муайян намудани самаранокии маводҳои биологии Фитоветм, Битоксибатсиллин, Лепидосид бар зидди кирми себ ва ширинчаҳо дар шароити Минтақаи Кӯлоб.

Объектҳои тадқиқот. Объектҳои тадқиқот ин кирми себ, тортанакканаҳо ва маводи биологии Фитоверм, Битоксибатсилин, Лепидосид мебошанд.

Фитоверм ин маводи биологӣ буда моддаи таъсиркунандаи он авермектин бо аверсектинҳо мебошанд, ки тавлидкунандаи онҳо актиномисетҳои хокӣ аз қабили стрептомитсетҳо мебошанд. Авермектинҳо ки дар асоси онҳо маводҳои биологии бо номҳои ҳархела (Авермектин, Фитоверм, Аверсектин, Вертимек) ва ғайра истеҳсол мешаванд барои инсон ва гармбаданҳо, моҳиҳо безарар буда, аз ҷиҳати хатарнокии таксикологӣ ба гурӯҳи чорум дохил мешаванд. Ин гурӯҳи маводҳои биологиро дар зироатҳои сабзавотӣ ва мевагиҳо ҳатто 3 рӯз пеш аз ҷамъоварии ҳосил истифода бурдан мумкин мебошад. Битоксабатсилин ва Лепидосид маводҳои дар асоси бактерияҳои *Bacillius Truchiehsis* асос ёфтаанд, ки дар таркибашон зиёда аз 3 млрд спораи зинда доранд.

Методҳои таҳдиқот.

Маводи биологии фитовермро дар консентратсияи маҳлули обии 0,2% истифода бурда шуд. Бар зидди кирминаи себ коркарди ду карата гузаронида шуд. Коркарди якум 10-уми май ва коркарди дуюм 20-уми июл гузаронида шуд.

Рӯзи 5-ум баъд аз коркард баҳисобгирии зараррасонҳо гузаронида шуд. Дар варианти назоратӣ коркард гузаронида нашуд, назорати дарахтони коркарднашуда. Як дарахти себ барои таҷриба такрорӣ ба ҳисоб мерафт. Такрорӣ 4 карата. Барои баҳисобгирӣ ва муаян кардани миқдори ширинчаҳо усули 100 баргро истифода бурдем.

Аз ҳар як дарахти аз шохаҳои гуногун 100 баргиро ҷамъ намуда дар зери микроскопи 30 карата миқдори ширинчаҳо ба ҳисоб гирифта шуд. Барои муайян намудани самаранокии биологии биопрепаратҳо бар зидди мевахӯраки себ миқдори ғураи себи осебдидаро дар 100 дона ғура ҳисоб кардем. Дар ҳимояи наботот одатан мафҳуми ҳамчун нобуд (маҳв) шудани организмҳои зиёновар (ҳашаротҳо, тортаннаканаҳо, касалиҳо, алафҳои бегона) аз таъсири маводҳои кимиёвӣ, биологӣ ва дигар воситаҳои ҳимояи растаниҳо маънидод мекунанд. Дар таҷриба барои муайян намудани самаранокии биологии маводҳои омӯхташаванда мо формулаи C = 100*(A-B)/A истифода бурдем.

Дар ин ҷо С – сатҳи самаранокии биологӣ, А – миқдори зараррасон ва ё растаниҳои осебдида пеш аз истифодаи чораҳои ҳимоявӣ, Б – ҳамчунин баъди истифодабарии ҷораҳои ҳимоявӣ. Натиҷаҳои таҷриба дар ҷадвали оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Самаранокии биологии Фитоверм. Битоксибатсиллин, Лепидосид бар зидди мевахӯраки себ ва ширинчаҳои сабзи себ дар шароити минтақаи Кӯлоб

Вариантҳо	Мевахӯраки себ			Ширинчаи сабзи себ		
	Миқдори ғураи себи осебдида то коркард. (дона/аз 100 дона)	Миқдори ғураи себи осебдида баъди коркард. (дона/аз 100 дона)	Самаранокии биологӣ	Миқдори ширинчаи сабзи себ то коркард. (дона/барг)	Миқдори ширинчаи сабзи себ баъди коркард. (дона/барг	Самаранокии биологӣ
Назоратӣ	10	9, 5		28	8	-
Фитоверм	11	3	72,7	26	3	88
Битоксибатсиллин	9	4	55,6	27	4	85,2
Лепидосид	12	3	75	31	4	87,1

Чуноне, ки аз натиҷаҳои тадқиқот, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд, бармеояд бар зидди кирми себ аз байни маводҳои биологии омӯхташуда Фитоверм нишондиҳандаи баландтарро нишон дод, ки он ба 75,0% баробар буд. Лепидосид самаронокии биологи 73,0% ва битоксибатсилин 55,6 % -ро нишон доданд.

Бар зидди ширинчаи сабзи себ низ Фитоверм самаранокии нисбатан балантарро нишон дод, ки он ба 88,0 % баробар буд ва Битоксибатсилин ва Лепидосид самаранокии 85,2% ва 87,1% -ро мувақатан нишон доданд.

Сабаби нисбатан пасттар натиҷа додани самаранокии биологии маводҳои зери таҳқиқот қарордошта бар зидди кирми себ нисбат ба ширинчаи сабзи себро дар он мебинем, ки кирминаи себ як рӯз баъди аз тухм баромадан меваи себро шикоф карда ба даруни он ворид мегардад ва барои маводҳои биологӣ дастнорас мегардад, чунки ҳар 3-и ин маводҳо ки бар зидди ин зараррасон истифода шуданд таъсири системавӣ надоранд. Онҳо дар он сурате ба зараррасонҳо таъсир мекунанд, агар бо воситаи ғизо ба даруни зараррасонҳо ворид шаванд.

Ин хусусияти биологии зараррасони кирминаи себ муборизаро бар зиди он душвор месозад ва самаранокии чи инсектисидҳои химиявӣ ва чи инсектисидҳои биологиро паст мегардонад.

Натиҷаҳои дар рафти тадқиқот бадастомада нишон доданд, ки самаранокии маводҳои биологии таҳти омӯзиш қарордошта нисбати ширинчаҳо, мевахӯракҳо, аз ҳамдигар фарқияти калон доранд.

Хулоса

Истифодаи маводҳои биологии Фитоверм, Битоксибатсиллин, Лепидосид бар зидди зараррасонҳои хатарноки себ – кирми себ (*Cudia pomonella*) ва ширинчаҳои сабзи себ дар шароити минтақаи Кӯлоб натиҷаи хуб нишон доданд. Аз байни маводҳои дар тадқиқот ҳамчун объектҳои тадқиқот кабулшуда аз рӯйи сатҳи самаранокии биологӣ биоинсектисиди Фитоверм бар зидди мевахӯраки себ ва ширинча нисбатан нишондиҳандаи балантарро доро буд.

АДАБИЁТ

1. Методы определения болезней и вредителей сельскохозяйственных растений. (Тарҷума з немисӣ доктори илмҳои биологӣ К.В. Попкова ва номзади илмҳои биологӣ В.А.Шмигли), -Москва Агропромиздат, 1987.

2. Справочник по защите растений. (под редакцией Академика ВАСХНИЛ Ю.Н. Фадеева), Москва Агропромиздат, 1985,- 414 с.
3. Инструкция по борьбе с вредителями и болезниями садов, виноградников, субтропических культур и шелковици в Таджикиской ССР, Сталинабад 1957. -70 с.
4. Қадамшоев М. Вредители высокогорных агроценозов Горного Бадахшана" / М.Қадамшоев – Душанбе, 2007. -305 с.
5. Ганиев М.М. Защита сада в личных подсобных хозяйствах / М.М. Ганиев, В.Д. Недорезков. – М.: Колос, 2005. – 189 с.
6. Григорцевич Л.Н. Защита плодовых деревьев от болезней / Л.Н. Григорцевич, А.И. Макаревич. – Минск: «Современное слово», 1998. – 64 с.
7. Груздев Г.С. Химическая защита растений / Г.С. Груздев [и др.]. – М.: Агропромиздат, 1987. – 415 с.
8. Гусев В. И. Определитель повреждений плодовых деревьев и кустарников / В.И. Гусев. – М. Агропромиздат, 1990. – 239 с.
9. Зинченко В.А. Химическая защита растений: средства, технология и экологическая безопасность / В.А. Зинченко. – М. «КолосС», 2012. – 247 с.
10. Исаичев В. Защита растений от вредителей / В. Исаичев, В.В. Гриценко, Н.Н. Третьяков. – М. «Лань», 2014. – 528 с.
11. Миренков Ю.А. Интегрированная защита растений / Ю.А. Миренков [и др.]. – Минск: ИВЦ Минфина, 2008. – 360 с.
12. Попов С.Я. Основы химической защиты растений / С.Я. Попов, Л.А. Дорожкина, В.А. Калинин. – М.: «Арт-Лион», 2003. – 208 с.
13. Семенкова И.Г. Фитопатология. Дереворазрушающие грибы, гнили и патологические окраски древесины / И.Г. Семенкова. – М.: ГОУ ВПО МГУЛ, 2002. – 58 с.
14. Шкаликов В.А. Защита растений от болезней / В.А. Шкаликов, О.О. Белошапкина, Д.Д. Букреев. – М.: «КолосС», 2010. – 404 с.

САМРАНОКИИИ МАВОДҲОИ БИОЛОГИИ ФИТОВЕРМ, БИТОКСИБАТСИЛЛИН, ЛЕПИДОСИД БАР ЗИДДИ КИРМАКИ СЕБ (МЕВАХӮРАКИ СЕБ) (*CUDIA POMONELLA*) ВА ШИРИНЧАИ САБЗИ СЕБ *(APHIS POMI)* ДАР ШАРОИТИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Дар мақола натиҷаҳои тадқиқот оиди муайян намудани сатҳи самаранокии маводҳои биологӣ (биоинсектисидҳо) Фитоверм. Битоксибатсилин ва Лепидосид бар зидди зараррасонҳои хавфноки себ – кирми себ (*Cudia pomonella)* ва ширинчаи сабзи себ *(Aphis pomi)* дар шароити минтақаи Кӯлоб нишон дода шудааст. Натиҷаҳои тадқиқот исбот карданд, ки дар шароити минтақаи Кӯлоб бар зидди кирми себ самаранокии биологии Фитоверм ба 92,8%, Битоксибатсилин – 64,6 % ва Лепидосид -77,0%, бар зидди ширинчаҳо ба 89,6,78,6 ва 83,3 мувофиқатан баробар буд. Аз ин рӯ, хулосабарӣ кардан мумкин аст ки самаранокии фитоверм нисбат ба битоксибатсиллин ва лепидосид зиёдтар буда истифодаи он ба истеҳсолот тавсия дода шавад. Лепидосид ва битоксибатсиллин бошанд шояд аз сабабҳои тағйирёбии ҳарорат дар вақти тачриба ва ё мутобиқати ҳашаротҳо ба ин спораи бактерияҳо ё омилҳои дигари таъсиррасон эфектнокии нисбатан суст нишон доданд. Бинобар ин, истифодаи лепидосид ва битоксибатсиллин дар шароити минтақаи Кӯлоб фақат дар ҳолати эҳтиёҷот истифодааш тавсия дода мешавад. Биоинсектисидҳои тачрибашуда нисбат ба захрхимикатҳо безарар буда таъсироти манфӣ надоранд.

Калидвожаҳо: кирми себ, ширинчаҳо, самаранокии биологӣ, Фитоверм. Битоксибатсилин, Лепидосид, биоинсектисид, минтақаи Кӯлоб, Авермектин, Аверсектин, Вертимек, Ренет, Симиренко, Голден, Старкримсон, Голден делишес.

ЭФФЕКТИВНОСТЬ БИОПРЕПАРАТОВ ФИТОВЕРМ, БИТОКСИБАЦИЛЛИН, ЛЕПИДОЗИД ПРОТИВ ЯБЛОННОЙ ЧЕРВИ (CUDIA POMONELLA) И ЯБЛОННОЙ ЗЕЛЁНОЙ ТЛИ (APHIS POMI) В УСЛОВИЯХ КУЛЯБСКОГО РАЙОНА

В данной статье представлены результаты исследований, проведенных по определению эффективности биологических препаратов (биоинсектицидов) Фитоверм, Битоксибациллин и Лепидоцид против опасных вредителей яблони — яблонной плодожорки (Cydia pomonella) и зеленная яблонная тли *(Aphis pomi)* в условиях Кулябского региона. Результаты исследований показали, что в условиях Кулябского региона биологическая эффективность Фитоверма против яблонной плодожорки составила 92,8%, Битоксибациллина — 64,6%, Лепидоцида — 77,0%. Против красного плодового клеща эффективность составила 89,6%, 78,6% и 83,3% соответственно. Таким образом, можно сделать вывод, что эффективность Фитоверма выше, чем у Битоксибациллина и Лепидоцида, и его применение рекомендуется в производстве. Лепидоцид и битоксибациллин показали относительно низкую эффективность, возможно, из-за изменений температуры во время эксперимента или адаптации насекомых к этим бактериальным спорам, или других влияющих факторов. Поэтому применение лепидоцида и битоксибациллина в условиях Кулябского региона рекомендуется только в случае необходимости. Испытанные биоинсектициды безвредны по сравнению с токсичными химикатами и не оказывают негативного воздействия.

Ключевые слова: яблонная плодожорка, тли, биологическая эффективность, биологически препарат, Фитоверм, Битоксибациллин, Лепидоцид, биоинсектисид, Кулябский регион, Авермектин, Аверсектин, Вертимек, Ренет, Симиренко, Голден, Старкримсон, Голден делишес.

EFFECTIVENESS OF BIOLOGICAL PRODUCTS FITOVERM, BITOXIBACILLIN, LEPIDOZID AGAINST APPLE WORM (CUDIA POMONELLA) AND APPLE GREEN APHIDS (APHIS POMI) IN THE CONDITIONS OF KULYABSK DISTRICT

This article presents the results of research conducted to determine the effectiveness of biological substances (bioinsecticides) such as Fitoverm, Bitoxibacillin, and Lepidocid against dangerous apple pests — the codling moth (Cydia pomonella) and the red fruit mite *(Aphis pomi)* under the conditions of the Kulob region. The research results showed that under the conditions of the Kulob region, the biological effectiveness of Fitoverm against the codling moth was 92.8%, Bitoxibacillin – 64.6%, and Lepidocid – 77.0%. Against the red fruit mites, the effectiveness was 89.6%, 78.6%, and 83.3%, respectively. Thus, it can be concluded that the efficiency of Fitoverm is higher than that of Bitoxybacillin and Lepidocid, and its use is recommended in production. Lepidocid and bitoxybacillin showed relatively low efficiency, possibly due to temperature changes during the experiment or adaptation of insects to these bacterial spores, or other influencing factors. Therefore, the use of lepidocid and bitoxybacillin in the conditions of the Kulyab region is recommended only if necessary. The tested bioinsecticides are harmless compared to toxic chemicals and do not have a negative impact.

Keywords: apple worm, mites, biological effectiveness, Fitoverm, Bitoxibacillin, Lepidocid, Kulob region, results, bioinsecticides, biological substances, Avermectin, Aversectin, Vertimek, Renet, Simirenko, Golden, Starkrimson, Golden Delicious.

Маълумот дар бораи муалифон: ***Сайфуллозода Рамазон Сайфулло*** – Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, докторанти Институти зироаткорӣ. **Суроға:** ш.Ҳисор шаҳраки Шарора. Тел: **988-65-73-72. E-mail: saifullozods@mail.ru**
Толибов Алиф Қаландаршоевич – Институти Боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, ходими калони илмӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ. Тел: **938-00-90-92**. E-mail: **madal1963@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Сайфуллозода Рамазон Сайфулло*** – Академия сельскохозяйственных наук Таджикистана, докторант Института растениеводства. **Адрес:** Гиссар, пос. Шарора. Тел: **988-65-73-72**. E-mail: **saifullozods@mail.ru**
Толибов Алиф Қаландаршоевич – Институт садоводства, виноградарства и овощеводства ТАСХН, старший научный сотрудник, кандидат селскохозяственних наук. Телефон: **938-00-90-92.** E-mail: **madal1963@mail.ru**

Information about the authors: ***Saifullozoda Ramazon Saifullo*** – Academy of Agricultural Sciences of Tajikistan, PhD student of the Institute of Plant Growing Address: Gissar, Sharora settlement. Tel: **988-65-73-72**. E-mail: **saifullozods@mail.ru**
Tolibov Alif Kalandarshoevich – Senior Researcher, Institute of Horticulture, Viticulture and Vegetable Growing, TAAC, Candidate of Agricultural Sciences. Phone: **938-00-90-92.** E-mail: **madal1963@mail.ru**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 663.6:577.636

МАСЪАЛАИ «ОБИ ТОЗА» ВА САБАБҲОИ ИФЛОСШАВИИ ОН

Алибоева М.М.
Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловскийи АМИТ

Захираи об дар Тоҷикистон хело калон мебошад. Зеро ғайр аз кӯлу дарё, обанборҳо ва ҷӯйборҳо, пиряхҳои бузурги баландкӯҳҳои Помиру Зарафшон низ ба манбаи захираи об дохил мешаванд. Аз ҳамин сабаб, мутахассисони соҳаи об чунин мешуморанд, ки ҷумҳурии мо бо захираи оби худ дар байни ҷумҳурияҳои давлатҳои муттаҳид ҷойи сеюмро ишғол мекунад.

Масоҳати умумии истифода барои моҳидорӣ ва моҳипарварии кӯлҳо ба 67 ҳазор ва обанборҳо ба 48 ҳазор гектар мерасад. Аксари кӯлҳо дар Помири Шарқӣ ва қаторкӯҳи Зарафшон воқеъ гардидаанд. Фақат кӯлҳои поёноби дарёи Вахш дар ҳамвории водии Вахш ҷойгир шудаанд. Бинобар, аз сабаби тағйирёбии ифлосии дарёҳо дар даҳсолаҳои охир миқдори моҳиҳо хело кам шуда истодааст. Аз ҷумла хормоҳии аралӣ, белбинии амударёӣ, ки ба оилаи тосмоҳиҳо мансуб буда, ва яке аз нодиртарини намудҳои моҳиҳо дар қаламрави Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, миқдори онҳо кам шуда истодааст ва онҳо фақат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вомехӯранд ва тамоман нест шуда истодаанд, дигар намудҳо низ миқдоран хело кам шуда истодаанд.

Барои чи аз замонҳои қадим тоҷикон моҳиро «Луқмаи ҳалол» меномиданд? Дар ҳақиқат ҳам, моҳӣ дар обҳои тоза зиндагӣ карда, яке аз маводи парҳезии хӯрока ҳисоб мешуданд.

Академик В.И.Вернадский менависад, ки «об ҷисми зинда буда, вай дар табиат ба се ҳолат вомехӯрад: шакли буғ, моеъ ва сахт (ях). Дигар ҳеҷ ягон ҷисми ғайри зинда худро ба се ҳолат баргардонда наметавонад». Гуфтаҳои одамони бузург барои мо бояд ибратбахш бошад. Мо бояд обро пос дорем, чун гавҳараки чашм тозаву озода нигоҳ дорем. Зеро ки об ба инсон саломатӣ ва ҳам шодиву фараҳ мебахшад, вале агар мо дар ҳаққи об, ки ҷисми зинда аст, беҳурматӣ кунем, метавонад ба сари мо касалиҳои бешумор орад. Табибон чунин мешуморанд, ки зиёда аз 90 % касалиҳои сирояткунанда ба инсон ба воситаи об мегузарад.

Олимони химик дар табиат 3 изотопи оксигенро ёфтанд, ки массаи он ба 16, 17, 18 баробар аст. Массаи оксигени дар об ҳалшуда ба 16 баробар аст. Онҳо зиёда аз 9 намуди изотопи обҳои устуворро муайян карданд. Аз ин рӯ, ин гуна кашфиёти химиёвӣ имконият медиҳад, ки миқдори зиёди обҳои гуногунро ҳосил кунанд.

Дар оби нӯшоки 0,015% атоми дейтерий вуҷуд доштааст ва он оби муътадил ҳисобида мешавад. Оби вазнин, ки формулааш $Д_2О_2$ дорад, аз оби $Н_2О$ бо массаи вазнини худ фарқ мекунад ва зиччигии он низ зиёд аст. Оби вазнин камтар буғ мешавад, таносуби массаи оби муқаррариро ба вазнине, ки ба 1:5500 баробар аст. Формулаи оби вазнин $Д_2О_2$ буда,

Д - ин дейтерий аст. Агар оби муқаррариро дар фазои дейтерий нигоҳ дорем, ӯ ҳам оҳиста-оҳиста ба оби вазнин мубаддал мешавад.

Дар оби вазнин тухми растаниҳо намесабзанд. Истеъмолӣ оби вазнин дар организми одам мубодилаи моддаро суст мекунад.

Об хусусиятҳои бисёре дорад, аз он ҷумла хусусияти ҷӯшиш, бухоршавӣ, яккунӣ, гармигузаронӣ, ҷараёни барқгузаронӣ, фишурдашавӣ ва васеъшавӣ, хусусияти ҳалкунандагӣ, хелҳои об низ ҳархела мешаванд; оби нуқрагун, ки барои инсон фоидаи калон доштааст. Аз ин рӯ, шоҳони қадим обро дар зарфҳои никрагин нигоҳ медоштанд, ё ин ки нуқраи тафсонро ба обтар мекарданд, нуқра микроорганизмҳои патогении дар об мавҷудбударо мекуштааст.

Яҳудиёни қадим 1800 сол қабл медонистанд, ки оби барф оби фоиданок аст ва ӯро «оби зинда» номидаанд, чунин аст оби барф атомҳои дар организм ҷамъшударо

аз организм хориҷ мекардааст. Оби барф дар хоҷагии қишлоқ аҳаммияти басо калон дорад. Муайян карда шудааст, ки оби барф ҳосилнокии зироатро 1,5-2,0 маротиба зиёд мекардааст. Оби зинда ба инсон ҷавонӣ ва саломатиашро барқарор мекунад. Об хосияти ҳалкунии хӯрока дар организми инсон дорад, ё дигар маводҳо дар об бо тези ҳал мешаванд.

Мувофиқи нишондодҳои баъзе олимон мисли Брикнер, Люгенс, Вюст аз 511 ҳазор км^3 боришоте, ки ба амал меояд. Ба хушки рӯйи Замин 19%, ва ба баҳру уқёнус 81% мефарояд. Он миқдоре, ки ба хушки мефарояд, боз бо воситаи дарёҳо ба уқёнусҳо бармегардад. Ба иқлим на танҳо массаи худи уқёнус, балки буғи оби он уқёнус, ки ба атмосфера хориҷ мешавад, таъсири нармкунанда мерасонад. Ин буғ то 60% гармии сайёраро нигоҳ медорад. Гази карбонате, ки дар атмосфера вуҷуд дорад, 18% гармии Заминро нигоҳ медорад. Буғи об дар бунёди «Самараи гармхонаи кураи Замин» нақшаи хело бузургро мебозад.

Бе буғи об вуҷуд доштани ҳаёт дар рӯйи Замин дар гумон буд. Зеро, ки кураи Замин хело хунук мешуд. Дар ин самт гирдгардиши об дар кураи Замин ва коинот нақшаи асосиро мебозад. Ҳастии ҳаёт дар кураи Замин аз ҳарорат ва боришот вобастагӣ дорад.

Академик В.И. Вернадский менависад, ки «Гарчанде об массаи бузург дошта бошад ҳам, вале вай серҳаракат аст» ин яке аз ҷисмҳои ягонаест, ки дар рӯйи Замин метавонад дар се ҳолат: (газ, моеъ, сахт) ҳолати физикавӣ вуҷуд дошта бошад. Дар рӯйи Замин ҷисми зиндае вуҷуд надорад, ки дар таркибаш об надошта бошад.

Олими амрикоӣ Фрони Уигл Сурорт соли 1924 исбот кард, ки таркиби ҷисмҳои кристаллиро 1,15% об ташкил медиҳад.

Ҳоло дар замони муосир исбот карда шудааст, ки зимни фаворра зада баромадани вулканҳо массаи хеле калони буғҳои об бароварда мешавад.

Соли 1847 геологӣ Франсавӣ Бомеан исбот кардааст, ки об аз магмаи Замин ҷудо мешавад.

Соли 1978 вақте, ки дар шаҳри Қайроққум заминҷунбии сахт ба амал омад, аз магмаи Замин обу – лойқаи хокистарранг ҷудо шуда, аз ҷараёни Коптлюк баромада ба сӯи қишлоқи Коптлюк ва заминҳои пахтазор оқида рафт ва дар он ҷой хушк шуда монд.

В.И.Вернадский олими рус Э.Зюст олими хориҷи асри Х1Х чунин мешуморанд, ки байни обҳои гидросфера ва обҳои зеризамини як алоқаи

зич ҳаст, обҳои вулканиро онҳо обҳои «ювенилӣ» номиданд, ки онҳо аввалин бор дар гидросфера ба гардиш баромадаанд.

Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов дар Созмони Миллали Муттаҳид, соли 2003-ро соли «Оби тоза» эълон карда буданд. Лекин то ҳол ягон донишманд, ё олим, маънои ин ду калимаро шарҳ надодааст. Имрӯзҳо, аз норасогии оби тоза дар кишварҳои камоб ё беоб ҳазорҳо кӯдакон нобуд мешаванд. Обро аз тилло ҳам қимматтар медонанд. Лекин Тоҷикистони мо, ки аз об бой аст, ин мӯъҷизаро қадр намекунанд.

Мо чи гуна обро «Оби тоза» меномем, чӣ гуна об ба маънои томаш бо гуфтаҳои Президенти мо «Оби тоза» шуда метавонад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки миқдори об дар табиат хело бисёр аст. Ҳамин тавр ҳам ҳаст, зеро ки зиёда аз 70 % кураи Заминро об иҳота кардааст. Лекин оби ошомиданӣ ҳамагӣ 20 % -и онро ташкил мекунад. Зиёда аз 100 сол пеш, ки ҳоло техника, саноат, хоҷагии қишлоқ ва муассисаҳои коммуналӣ тараққӣ накарда буданд, миқдори аҳолӣ дар рӯйи замин ба миллионҳо ва миллиардҳо нарасида буд, миқдори обҳои ошомиданӣ мерасид. Аммо, дар асри ХХ1 норасоии оби ошомидониро мо дар ҳамаи гӯшаю канори дунё мебинем.

Сабаб бебаркаш истифода бурдани об дар ҳамаи соҳаҳои халқ ва ифлос кардани манбаъҳои об мебошад. Соли 1994 гидробиолог Ф. Аҳроров аввалин шуда аспектҳои оби тозаро муайян намудааст. Олимон муайян кардаанд, ки ҳақиқатан ҳам индикатори «Оби тоза» моҳиён буда, хусусан гулмоҳӣ ва ширмоҳӣ ҳисоб мешавад.

Олими қирғиз А.Ф.Турдаков соли 1941 ӯ ба дарёи Кофарниҳон сафари илмӣ - тадқиқотӣ ташкил намуда, ӯ аз дарёи Кофарниҳон дар мавзеъи Эсамбой аз Кӯктош хело поёнтари он, гулмоҳӣ шикор кардааст. Яке аз ихтиологҳои Тоҷикистон В.А Максунов маълумот медиҳад, ки соли 1955 аз дарёи Душанбе гулмоҳии 4,5 килограммаро шикор карданд.

Ҳоло бошад гулмоҳҳо дарёи Ёс-ро макони худ ихтиёр кардаву аз назди заводи гулмоҳипарвариии Ромит, поён намефароянд. Сабаб дар он аст, ки поёнтар об хеле ифлос шудааст. Дар солҳои пешин мо шоҳиди он будем, ки дар дарёҳои Кофарниҳон, Сирдарё, кӯлҳои «Бешаи палангон», даҳҳо тонна моҳиён якбора мемурданд. Аз сабаби он, ки ифлосиҳо ба дарёҳо бисёр мераванд, қувваю қудрати неругоҳҳои обтозакунӣ намерасид ва оби ифлосро якбора ба дарёҳо мепартофтанд. Ҳоло ҳам ҳолати санитарии кӯлу дарёҳо беҳбудӣ металабад.

Агар мо ба ҳолати қонунии ҳавзаҳои Сирдарё, ки асоси он обанбори «Баҳри Тоҷик» мебошад нигарем, солҳои пешин масоҳати он зиёда аз 52 ҳазор гектарро ташкил мекард. Ҳоло ними онро қамиш ва растаниҳои зериобӣ фаро гирифтааст, ки ҳар сол ҳазорҳо, миллионҳо тонна қамишзорҳо растаниҳои зери обӣ пӯсида қабати лойро боз ҳам зиёдтар мекунанд ва оҳиста-оҳиста обҳавзаро ба ботлоқ мубаддал мегардонад. Ин як назар ба экологияи обҳавзаҳо мебошад. Назари дигар аз он иборат аст, ки ба миқдори зиёд пӯсидани растаниҳои обӣ сифати обро ҳамчун оби ошомиданӣ вайрон мекунад. Об ҳамчун оби ошомидани ба талаботи стандарти давлатӣ ҷавобгӯ намебошад.

Сабаби беандоза зиёд шудани миқдори қамишу растаниҳои обӣ аз ифлосшавии об, бо заҳрхимикатҳое, ки дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии қишлоқ васеъ истифода бурда мешавад, мисли рогор, метафос, меркаптофос, дуст, гексохлоран ва дигарҳо мебошад. Зеро ки баъд аз нашъунамои зироатҳои хоҷагии қишлоқ ин обҳои партови майдонҳои пахта ба дарёҳо ва заҳбуру каналҳо мефарояд. Барои қамишу растаниҳои обӣ низ ҳамин доруворӣ ҳамчун ғизо истифода бурда мешавад. Мисоли одиро меоварем. Солҳои пешин дар обанбори «Баҳри Тоҷик» то 400-500 тонна моҳиҳои аълосифат истеҳсол карда мешуд, ҳоло бошад ҳамагӣ 100 тонн. Сабаби асосии маҳдуд шудани ҷойҳои тухмпартоии моҳиҳо, шикорчиёни бешумор ва ифлос кардани обҳавзаҳо мебошад.

Ин гуна ҳолат на танҳо дар вилояти Суғд, балки дар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон, ҳавзаҳои дарёҳои Вахш, Кофарниҳон ва дигарҳо низ ҷой дорад. Дар кӯлу дарёҳои ноҳияҳои Қумсангир, Шаҳритус, Ҷилликул ва дигарҳо зиёдшавии миқдори нитратҳо то 1124,5 мг дар 1 литри об, нитритҳо то 741,4 мг/л ба қайд гирифта шудаанд, ки ин миқдор аз ҳадди ақали безарарӣ, садҳо маротиба зиёд мебошад.

Ифлоскунандаи сифати оби ошомиданӣ заҳрхимикатҳои дуст, гексахлоран, перманганати калий, боқимондаи кислотаи карбонат ва миқдори ҳархела намакҳо шуда метавонанд.

Бояд қайд кард, ки ин гуна моддаҳои ифлоскунандаи об аз обҳавза ба ҳеҷ куҷо баромада нарафта, бухор намешавад. Онҳо дар лойи кӯлу обанборҳо, дар таркиби растаниҳо ва моҳиҳо ҷойгир мешаванд ва сол аз сол миқдори онҳо дар организми растанӣ ва моҳиҳо зиёд шуда боз пайдо мегардад. Муайян карда шудааст, ки дар организми моҳиҳои ҷавонӣ (2-3 сола) миқдори ин гуна заҳрхимикатҳо хело кам ёфт шудаанд. Дар организми моҳиҳои калонсол (5-7 сола), дар 1 килограмм вазни онҳо то ба 0,49-0,500 мг заҳрхимикатҳои хоҷагии қишлоқ рост меояд. Албатта истеъмоли ин гуна моҳиҳо ва нӯшидани ин гуна обҳо барои инсон оқибати бад дорад. Яке аз сабабҳои асосии хурӯҷ гирифтани касалии варача, ё табларза ки тавассути хомӯшаки - анофелес паҳн мешавад, ин ҳам аз ҳолати санитарии кӯлу заҳбӯру, ҷӯйбор ва каналҳо вобастагӣ дорад, зеро ки онҳо дар ҳамин гуна ҷойҳои ифлос ва ботлоқ хомӯшаки-анофелес тухм мегузоранд.

Масъалаи оби тоза ду паҳлу дорад: гузаронидани ташхисҳои химиёвӣ ва мушоҳидаҳои биологӣ. Ҳамин ду ҷараёни илмӣ, имрӯз метавонад ба саволи «Оби тоза» чавобгӯй бошад. Бинобар ин, ҳатто Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи об аҳамияти махсус дода, иқдоми ҷаҳонии кишвари мо дар соҳаи об эълон кардани соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии «Оби тоза» ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» барои солҳои 2005-2015 ва соли 2013 ба хайси «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» дар сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ шуда, аҳамияти таърихӣ пайдо карданд.

Пешниҳоди дигари Пешвои миллат дар соҳаи об ҷиҳати эълон кардани Даҳсолаи нави байналмилалии «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 аз ҷониби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил пазируфта шуда, ҳамовозии ҷаҳонӣ пайдо намуд. Озмоишгоҳҳои ташхиси обҳои канал ва стандарти давлатӣ ҳамин вазифаро иҷро мекунанд, фақат бо мақсади безарар гардонидани оби чумакҳои обгузарро доранд. Дар обҳавзаҳои табиӣ, кӯлу дарёҳо, ки дар соҳилҳои он ҳазорҳо одамон зиндагӣ мекунанд, ва аксаран партовҳо дар соҳилҳои дарёҳо партофта мешавад, дар он ҷойҳо ҳеҷ гуна ташхисҳои химиёвӣ ё биологӣ гузаронида намешавад.

Дар солҳои Ҳокимияти Шурави дар масъалаҳои ҳифзи кӯл, дарёҳо ва моҳиён дар назди Вазорати ҳифзи табиат корхонаи «Нозири моҳӣ» амал мекард. Моҳиро фақат бо чангакҳо шикор кардан иҷозат буд. Барои ифлос кардани оби дарёҳо ва кӯлҳо, роҳбарони корхонаҳо ба давлат ҷаримаи калон месупориданд. Ҳоло бошад дар ҷумҳурӣ ин гуна корхона дар давраи ҷангҳо тамоман нест шудааст. Аз ҳамин сабаб, ба ном «дӯстдорони моҳӣ» бо чангак шикор кардани моҳиро рад карда, бо дигар асбобу аслиҳаи шикорӣ мисли «бо қувваи барқ» мадҳуш кардани моҳӣ, бо моддаҳои тарканда (амонал) тарконидани оби дарё, бо невод шикор кардани моҳиро пеша кардаанд. Ҳол он ки дар замони пеш бо ин гуна усулҳо шикор кардани моҳӣ, кори ҷиноятӣ ҳисобида мешуд.

Пас одамони одӣ дар ҳайратанд, ки чаро пеш моҳӣ бисёр буд ҳоло кам шуда истодааст. Агар дар бозорҳо каму беш моҳӣ пайдо шавад, лек нархи он баланд буда, ба мардум дастнорас аст. Пеш ҳатто як рӯзи ҳафта (ҷумъа) рӯзи моҳӣ эълон шуда буд. Дар он рӯз тамоми ошхонаву тарабхонаҳо фақат моҳӣ мепухтанд ва одамон ҳар ҳафта як маротиба фақат моҳӣ истеъмол мекарданд. Ҳол он ки мисли моҳӣ маводи фоидаовар барои саломатии инсон, қад мондани кӯдакон, мустаҳкам шудани устухони кӯдак, баланд кардани нури чашм дигар мавод нест.

Моҳиҳо одатан тухми худро дар соҳилҳои дарё, дар зери санг ё қум, ё ин ки болои алафҳо мепартоянд. Лекин барои тухмпартоӣ моҳиён дар соҳилҳои дарёҳо ҷойи муносиб намондааст, зеро, ки соҳилҳои дарёҳо ба ҷойи тайёр кардани қуму регу, шағал барои сохтмон шудааст. Дар ҳавзаи дарёи Варзоб, Қаротоғ, Кофарниҳон мардум биноҳои дуошёна сохта, ҷойи истироҳат ҳам намондааст.

Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат дар баромадҳои худ қайд карда дараҳои Варзоб ва Кофарниҳонро зонаи истироҳатии шаҳрвандони Душанбе эълон карда буданд. Ҳоло барои истироҳати мардум ҷое намондааст. Ба ин ҳолати вазнин расидани обу обҳавзҳо, несту нобуд шудани моҳиҳои нодир, паст рафтани соҳаи моҳипарварӣ ва шикорӣ моҳӣ дар ҷумҳурӣ сабабҳои объективӣ ва субъективии худро доранд. Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки солҳои то 1990 соҳаи моҳипарварӣ ва истеҳсоли моҳӣ яке аз соҳаҳои тараққикардаи хоҷагии халқ ҳисобида мешуд. Дар ҷумҳурӣ дар назди ҳукумат Сарраёсати моҳипарварӣ амал мекард ва ҳар сол дар ҳавзаҳои моҳипарварӣ ва кӯлу обанборҳо 3500 тонна моҳӣ истеҳсол карда мешуд. Бо кумаки олимони соҳа маҳсулнокии ҳавзҳои моҳипарварӣ аз ҳар гектор аз 12 то ба 30-35 сентнерӣ ва дар баъзе хоҷагиҳо то ба 63-70 сентнерӣ моҳӣ истеҳсол карда мешуд. Хоҷагии моҳипарварии ноҳияи ҳозира А.Ҷомӣ борҳо соҳиби байрақи сайёри Вазорати моҳидории собиқ давраи Шуравӣ гардида буданд.

Дар шуъбаи ихтиология ва гидробиологияи Институти зоология ва паразитологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон зиёда аз 27 мутахассисони варзидаи соҳа, номзадҳои илм барои равнақи соҳаи моҳипарварӣ кумак мерасониданд.

Дар ҳамаи кӯлу дарёҳои ҷумҳурӣ корҳои илмӣ-таҷрибавӣ гузаронида, ба истеҳсолот тавсияномаҳо тайёр менамуданд ва роҳнамоӣ соҳа шуда фаъолият мебуданд. Кормандони корхонаи «Нозири моҳӣ» доимо дар ҳифз намудани моҳиёни кӯлу дарёҳо, ҳифз намудани обҳавзаҳо аз обҳои партови хоҷагии қишлоқ, хоҷагии коммуналӣ саноат буданд. Ҳатто шустани мошинҳо дар соҳили дарё манъ буд, зеро ки обҳои равғанолуд ба дарё ҷорӣ мешуд ва моҳиҳо мемурданд. Зеро ки дар давраи Ҳокимияти Шурави ва дар дигар давлатҳо ҳам дар соҳилҳои дарёҳо ва кӯлу обанборҳо «зонаҳои экологии 500 метра» амал мекард. Яъне, дар масофаи 500 метр ба обҳавза ягон амалиёт гузаронида намешуд, фақат барои мустаҳкам кардани соҳил дарахт шинонидан мумкин буд. Ин гуна амалиёти хайрхоҳона дар қонунҳои ҳифзи табиат акс ёфта буданд, ва вайронкунандаҳои ин қонун ба ҷазо кашида мешуданд.

Афсӯс, ки баъд аз шахсӣ гардонидани ҳамаи хоҷагиҳои ин соҳа, ҳамаи дастовардҳои пешин арзиши худро гум кард. Дар ҳавзҳои моҳипарварӣ хоҷагиҳо ба ҷойи моҳибача, шоливу алаф, ҷувориву юнучка мекоштагӣ шуданд. Дар обанбори бузургтарини Тоҷикистон – «Баҳри Тоҷик» ба ҷойи 400-500 тонна 100 тонна моҳӣ истеҳсол мекардагӣ шуданд. Корхонаи «Нозири моҳӣ» тамоман нест шуд. Олимони соҳа пароканда шуданд, ҷавонон бошанд, ҷуръати ба илм ҷалб шуданро надоранд, озмоишгоҳҳо бе таҷҳизоти илмӣ ва лавозимоти корӣ монданд. Корхонаи Воҳиди давлатии «Моҳипарвар»-и Вазорати хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, гарчанде кӯшишҳои зиёде ба харҷ медиҳанд, то ки ҳолати қонунии соҳаро баланд бардоранд, лекин имкониятҳои зарурӣ надоранд. Пеш аз ҳама мутахассисони варзида, таъминоти техникӣ, озмоишгоҳҳи илмӣ-истеҳсолӣ барои хизмат расонидан ба хоҷагиҳо надоранд. Солҳои тӯлонӣ ҳаракат доранд, ки корхонаи «Нозири моҳӣ» дар назди корхонаи «Моҳипарвар»-и ташкил карда шавад.

Ҳар як давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бояд дар ҳама соҳа каму беш муваффақиятҳо дошта бошад. Мо агар ин соҳаи дар гузашта пешрафтаи ҷумҳуриро тамоман нест кунем, моро наслҳои оянда, намебахшанд. Мо бояд аз худ кӯлу дарёҳои мусаффо, обҳои зулол ва пур аз гулмоҳиву ширмоҳӣ боқӣ гузорем. Дар хоҷагиҳои моҳипарварӣ бояд гулмоҳиву зағорамоҳиҳои 5 килограмма парвариш карда шаванд.

Барои ин, пеш аз ҳама аз корхонаи Воҳиди давлатии «Моҳипарвар» сар карда, ба корхона ёрӣ расонида шавад. Дар назди корхона Шуъбаи корхонаи «Нозири моҳӣ», озмоишгоҳи илмӣ-истеҳсолӣ таъсис дода шавад. Мақсади асосии ҳама бояд якто бошад - аз нестшавӣ нигоҳ доштани моҳиёни нодир, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, тоза нигоҳ доштани обҳавзаҳо, мубориза ба муқобили шахсоне, ки дар соҳили дарёҳо ва болои он манзил месозанд. Ин кор фақат дар болои халиҷи баҳри Япония дар наздикии шаҳри Токио иҷро карда шудааст. Дар асри ХХ1 халқи заҳматкаш дар табиати худ ҷойи истироҳатӣ наёбад ва ном «Оби тоза»-и дарёҳои Варзобу, Кофарниҳон, Қаротоғу Сирдарё хавфи касалиҳои сироятоварро дошта бошанд, пас насли ояндаи мо чи гуна зиндагӣ мекунад.

Хулоса

Ифлоскунандаи сифати оби ошомиданӣ заҳрхимикатҳои дуст, гексахлоран, перманганати калий, боқимондаи кислотаи карбонат

ва миқдори ҳархела намакҳо шуда метавонанд.

«Оби тоза» ин мӯъҷиза буда, онро покиза нигоҳ дорем, эҳтиёт кунем ва онро сарфакорона истифода бурда ба исрофкорӣ роҳ надиҳем. То охирҳои асри Х1Х об қадр надошт, ӯро ҳадяи бепул меҳисобиданд. Лекин аз аввалҳои асри ХХ сар карда дар баъзе қитъаҳои олам норасогии обро ҳис карданд, ки бо суръати зиёдавии аҳолии кураи замин, тараққиёти саноату хоҷагии кишоварзӣ ба об зич вобастагӣ дорад.

Имрӯз истеъмоли об қариб 14% оби дарёҳои ҷаҳониро ташкил мекунад. Бинобар обро то ҳадди имкон сарфа кунед, ба исрофи он роҳ надиҳед. Сол аз сол аз ҳисоби заминҳои навкорам майдони пахтаву токзорҳо зиёд мешавад. Дар давраи ҳозира низ норасогии об мушоҳида карда мешавад. Аз ҳамин сабаб дар солҳои охир дар дарёи Сир ва Аму миқдори об кам шудааст ва сатҳи Арал ба андозаи 6 метр паст фаромадааст. Дар натиҷа садҳо ҳазор гектар заминҳои атрофи баҳри Арал ба шӯрзамин табдил ёфтаанд, истеҳсоли моҳӣ дар баҳри Арал даҳҳо маротиба кам шудааст. Мувофиқи нишондодҳои олимону инженерон дарёи Сир солҳои 1985 ва дарёи Аму солҳои 1990 тамоман ба баҳри Арал об намедиҳад. Оби ин дарёҳо барои обёрӣ ба обанборҳо гирифта мешаванд. Барои васеъ обёрӣ кардани чӯлу биёбонҳои ҷумҳуриҳои бародарии Қазоқистон, Узбекистон, Туркманистон ва аз марг наҷот додани баҳри Арал олимон ва инженерон лоиҳаи ба тарафи Осиёи Миёна ва баҳри Арал гардонидани дарёҳои бузурги Сибир, Об ва Иртишро кашидаанд. Муҳофизати ҳавзаҳои об ва сарватҳои табиӣ он кори умумихалқӣ аст.

АДАБИЁТ

1. Турдаков Ф.А. Рыбы Киргизии / Ф.А. Турдаков. Фрунзе, 1963. -90 с.
2. Максунов В.А. Промысловые рыбы Таджикистана / В.А. Максунов. -Душанбе, 1968. -100 с.
3. Вернадский В.И. Живое вещество / В.И. Вернадский. -М.,1978. -130 с.
4. Синельников В.Е. Проблемой чистой воды / В.Е. Синельников. «Знание». –Москва, 1978. - С.62.
5. Ахроров Ф. Биология мизид, акклиматизированных в Кайраккумском
6. водохранилище //Изв. Отд. биол. наук, АН ТаджССР, 1978, №2 (71). -С.9-12.
7. Алибаева М.М.Бентос Кайраккумского водохранилища //Изв. Отд. биол. наук АН Тадж-на,1982 №2 (82), -С.36-40.
8. Ахроров Ф. Олами ҳайвонот ва набототи обҳазаҳои Тоҷикистон ва муҳофизати он. –Душанбе: Ирфон, -1983. -С.50.
9. Ахроров Ф., Алибаева М.М. Донная фауна водоемов //В кн.: Зоологическая наукаТадж-на за 60 - лет. -Душанбе: Дониш, 1985, -С.194-198.
10. Ахроров Ф. Олами ҳайвонот ва набототи обҳавзаҳои Тоҷикистон ва муҳофизати он / Ф.Ахроров. - Душанбе: Ирфон, 1988. -С. 50.
11. Ахроров Ф. Аспектҳои экологии проблемаи «Оби тоза» ва муҳофизати обҳавзаҳо / Ф.Ахроров. - Душанбе, 1990. -14 с.
12. Ахроров Ф. Гидрофауна и биопродуктивность высокогорных озёр Памира / Ф. Ахроров. Труды, Т.1(27). –Душанбе: Дониш, 2006. -С.283.
13. Ахроров Ф. Моҳипарварӣ. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Ф. Ахроров. 2007. -С.60.
14. Ахроров Ф. Водные экосистемы Таджикистана / Ф. Ахроров. –Душанбе: -2009. -С.70.
15. Акрамов С. Асосҳои муҳофизати табиат / С.Акрамов. – Душанбе: Маориф, 1991. -С. 226.
16. Ахроров Ф. Зообентос //В кн. Кайраккумское водохранилище. –Душанбе: Дониш, 1982, -С.137-180.

МАСЪАЛАИ «ОБИ ТОЗА» ВА САБАБҲОИ ИФЛОСШАВИИ ОН

Дар мақола дар бораи масъалаи «Оби тоза» ва сабабҳои ифлосшавии он сухан меравад, инчунин моҳиҳои нодири Тоҷикистон нишон дода шуда, кам шудани моҳиҳои нодир қайд карда шудааст. Обҳои табиӣ (дарё, кӯл, обанбор) манбаи ғизобардории ҳамаи мавҷудоти зинда ва инсон ба ҳисоб меравад. Дар кӯлу дарёҳои Тоҷикистон зиёда аз 80 намуд моҳиҳо ба қайд гирифта шудаанд, ки 34 намуди онҳоро моҳиҳои аълосифат ва шикори ҳисоб мешавад. Бинобар аз сабаби тағйирёбии ифлосии дарёҳо дар даҳсолаҳои охир миқдори моҳиҳо хело кам шуда истодааст. Ифлоскунандаи сифати оби ошомиданӣ заҳрхимикатҳои дуст, гексахлоран, перманганати калий, боқимондаи кислотаи карбонат ва миқдори ҳархела намакҳо шуда метавонанд. «Оби тоза» ин муъҷиза буда, онро покиза нигоҳ дорем, эҳтиёт кунем ва онро сарфакорона истифода бурда ба исрофкорӣ роҳ надиҳем. То охирҳои асри Х1Х об қадр надошт, ӯро ҳадяи бепул меҳисобиданд. Лекин аз аввалҳои асри ХХ сар карда дар баъзе қитъаҳои олам норасогии обро ҳис карданд, ки бо суръати зиёдавии аҳолии кураи замин, тараққиёти саноату хоҷагии кишоварзӣ ба об зич вобастагӣ дорад. Имрӯз истеъмоли об қариб 14% оби дарёҳои ҷаҳониро ташкил мекунад. Бинобар обро то ҳадди имкон сарфа кунед, ба исрофи он роҳ надиҳед. Сол аз сол аз ҳисоби заминҳои навкорам майдони пахтаву токзорҳо зиёд мешавад. Ин боиси танқисии оби ошомиданӣ мешавад.

Калидвожаҳо: оби тоза, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, ҷӯйборҳо, эндемикҳо, пиряхҳо, моҳиҳо, намудҳои нодир, моҳипарварӣ, моҳидорӣ, оби вазнин, оби намакин, оби турш, оби ифлос, оби шӯр, оби

шахтаҳо, оби зеризаминӣ, оби газдор, оби сулфурдор (S), оби оҳандор (Fe), оби шифобахш, оби сулфиди гидрогендор (H2S).

ПРОБЛЕМЫ «ЧИСТОЙ ВОДЫ» И ПРИЧИНЫ ЕЁ ЗАГРЯЗНЕНИЯ

В статье приводятся проблемы «Чистой воды», причины её загрязнение и некоторые редкие и эндемические рыбы Таджикистана, а также маловстречающиеся и исчезающие рыбы. Природные воды (реки, озера, водохранилища) являются источником питания человека. В озерах и реках Таджикистана зарегистрировано более 80 видов рыб, 34 из которых считаются отличными промысловыми и охотничьими рыбами. Из-за изменения загрязнения рек в последние десятилетия количество рыб значительно уменьшается. Для этого, прежде всего, следует оказать помощь предприятию, начиная с предприятия государственного подразделения «Моҳипарвар». Создать при предприятии отдел предприятия «рыбной инспекции», научно-производственный учебный центр. Основная цель у всех должна быть одна - уберечь от вымирания редких рыб, увеличить объемы производства, сохранить водоёмы чистыми, бороться с теми, кто строит жильё на берегах рек и над ними. Эта работа была выполнена только над заливом Японского моря, недалеко от города Токио. В XX1 веке трудящийся народ не найдет в своей природе места для отдыха, а название пресная вода " рек Варзоб, Кафирниган, Каротоғ и Сырдарья может представлять опасность инфекционных заболеваний, так как же будет жить наше следующее поколение. На сегодняшний день использование воды составляет около 14% мировой речной воды. Поэтому воду надо беречь, по возможности, экономить лишний раз расходовать нельзя.

Ключевые слова: пресная вода, реки, озера, водохранилища, ручьи, эндемики, ледники, рыба, редкие виды, рыбоводство, рыболовство, тяжелая вода, соленая вода, кислая вода, грязная вода, соленая вода, шахтная вода, подземные воды, газированная вода, серная вода (S), железная вода (Fe), лечебная вода, серо-водородная вода (H2S).

THE OF “FRESH WATER” AND THE CAUSES OF ITS POLLUTION

The article discusses the problem of “Fresh Water” and the causes of its pollution, as well as rare fish of Tajikistan, and the decrease in rare fish is noted. Natural waters (rivers, lakes, reservoirs) are a source of human nutrition. More than 80 species of fish have been recorded in lakes and rivers of Tajikistan, 34 of which are considered excellent commercial and hunting fish. Due to changes in river pollution in recent decades, their number has been significantly decreasing. To do this, first of all, assistance will be provided to the enterprise, starting with the advantages of the state-owned enterprise Rybovod. To create a scientific and production training center using the Fish Inspector Benefits department. Everyone should have the same main goal -to protect rare fish from extinction, increase production, keep reservoirs clean, and fight those who build veins on and above river banks. This work was carried out only over the Gulf of the Sea of Japan near the city of Tokyo. In the 21st century, working people do not find a place to rest in their area, and the name "fresh water" of the Varzob, Kafирnihan, Karotog and Syrdarya rivers can pose a risk of infectious diseases, as our next infection will live.

Key words: fresh water, rivers, lakes, reservoirs, streams, endemic, glaciers, fish, rare, fish farming, fishing, heavy water, salt water, acidic water, dirty water, unsalted water, mine water, groundwater, carbonated water, sera water (S), iron water (Fe), medicinal water, zebrawood water (H2S).

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алибоева Мунавар Мараҳимовна-*** Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои биологӣ, ходими калони илмӣ, шуъбаи ихтиология ва гидробиология. **Суроға**: 734025. г. Душанбе, Таджикистан, маҳаллаи Халқаҷар. E-mail: **Nigisha03.11.82@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Алибаева Мунавар Марахимовна*** **-** Институт зоологии и паразитологии имени Е.Н. Павловского Национальной Академии наук Таджикистана, кандидат биологических наук, старший научный сотрудник Отдела ихтиологии и гидробиологии. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, махалла Халкаджар. E- mail: **Nigisha03.11.82@gmail.com**

Information about the author: ***Alibayeva Munavar Marakhimovna-*** Institute of zoology and parasitology named by E.N.Pavlovsky, National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Biological Sciences**,** Senior Researcher at the Department of Ichthyology and Hydrobiology. **Address:** 734025, city of Dushanbe, Republic of Tajikistan, Khalkajar mahalla. E- mail: **Nigisha03.11.82@gmail.com**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 591.1

ТАҲҚИҚИ БИОХИМИЯВИИ ОМЕГА КИСЛОТАҲОИ ТАРКИБИ ЛИПИДҲОИ ДОНАКИ ЗАРДОЛУ

Иброҳимзода Д. Э.,[1] Маҳмудзода Т. М.,[1] Шаҳнозаи Ф.,[2] Бобоёров А.Р.[3]

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
Институти илми-таҳқиқотии ДМТ

Равғани растаниҳо яке аз муҳимтарин ғизоҳое ба ҳисоб мераванд, ки барои организми инсон нақши ивазнашавандаро иҷро менамоянд. Равғанҳо барои организми растаниҳо нақши муҳимро дошта ҳамчун моддаҳои захиравӣ ба ҳисоб рафта дар ҳолати шароити номусоид аз организмро бо об ва энергия таъмин менамоянд.

Равғанҳои растанигӣ аз замонҳои қадим то имрӯз васеъ тадбиқи амалии худро ёфтааст. Ин гурӯҳи пайвастагиҳои табии натанҳо ҳамчун ғизо, инчунин ҳамчун доруворӣ ва маводи техники дар дар рӯзгори инсоният истифода гашта истодааст.

Дар технологияҳои муосир баъзе равғанҳо ҳамчун ашёи хом дар истеҳсоли хушбуйкунандаҳо, витамини Е, антиоксидантҳо, кислотаҳои эсенсиалӣ, глитсерин, эфирҳои метилӣ ва этилии кислотаҳои калонмолекулаи чарбӣ (сӯзишвории биологии биодизел), собун ва дигар шуяндаҳои химиявӣ ва ғайра истифода карда мешавад.

Як нуктаро таваҷҷуҳ намудан зарур аст, ки самти истифодашавии санатии ҳамагуна равғани растани дар мувофиқа ба таркиби химиявӣ ва хосиятҳои органолептикии он муайян карда мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши таркиби химиявии равғанҳое, дар бораи таркиб ва хосиятҳои ҳимиявии онҳо дар сарчашмаҳои илмӣ маълумотҳо дида намешаванд яке аз мавзуҳои ниҳоят мубрам барои илм ва истеҳсолоти ҷаҳони ба ҳисоб мераванд.

Дар илм ва технологияи чарбу равғанҳо калимаи «липид»-ро бо калимаи «равғани хом» ҳаммаъно қабул карда шудааст, ки ин қобили қабул мебошад. Дар адабиёти илмии соҳави липидҳо гуфта пайвастагиҳои табии органикие дар назар дошта мешавад, ки зери мафҳуми липид дар об ҳалнашаванда буда, дар ҳалкунандаҳои органикӣ ба осонӣ ҳал мегарданд. Бинобар ин, сабаб номгӯйи равғанҳое, ки бо усули экстраксия бо истифода аз ҳалкунандаҳо ҷудо карда шудаанд, липидҳо номида шудаанд.

Таҳқиқи мутахасисони соҳавӣ муаян намудааст, ки равғанҳои бо усули экстраксия бо истифода аз ҳалкунандаҳо ҷудо карда шудаанд дар таркиби худ нисбат бо равғанҳои бо усули ҷабиш ҷудокардашудаи рафинированидашуда моддаҳои фаъоли биологӣ, витамнҳо (Д,Р,Р-Р,А,Е) ва антиоксидантҳоро (пайвастагиҳои дабоғӣ, флованоидҳо, флованонҳова ғайра.) зиёдтар доранд.

Вобаста ба таркиб ва сохти химиявиашон дар адабиёти илми липидҳо ба 2 гурӯҳ ҷудо карда шудаанд.

1. Липидҳои содда.
2. Липидҳои мураккаб.

Аз руйи сохти химиявиашон липидҳои мураккаб аз липидҳои сода аз руйи он фарқият доранд, ки молекулаи боқимондаи кислотагии триглисеридии дар баробари гурӯҳҳои функсионалии мавҷудбуда, инчунин гурӯҳҳои функсионалии органикӣ ва боқимондаҳои баъзе кислотаҳои ғайриорганики низ арзи ҳасти менамоянд. Вобаста ба ҳастии сохти ин гурӯҳҳо липидҳои мураккабр ба фосфолипидҳо, гликолипидҳо, аминолипидҳо ва сулфолипидҳо ҷудо карда шудаанд.

Паҳншавии липидҳо дар таркиби равғанҳо гуногун буда ҳиссаи масаи липидҳои мураккаб 2-7 % ташкил медиҳанд. Липидҳои мураккаб бештар дар таркиби мумҳо

идентификатсия карда шудаанд. Таркиби химиявии мумҳоро на танҳо эфирҳои мураккаби глитсерин (триглисеридҳо) инчунин, инчунин эфирҳои мураккаби спиртҳои дигар ва пайвастагиҳои стеролиро низ доранд.

Фосфолитҳо нисбат ба дигар фосфолипидҳо аҳамияти амалии бештарро доранд. Аз ҳамин лиҳоз, мавзуи пажуҳиш ва таҳқиқи фосфолитҳо мавзуи хело мубрам ба ҳисоб мераванд.

Таҳлили сохти молекулавии фосфолитҳо нишон дод, ки, онҳо дар таркиби малекулашон боқимондаи спиртии глитсерини ё иназитоли, боқимондаҳои кислотаи фосфат, асосҳои нитрогенӣ (бе иштирок ва ё бо иштироки моносахаридҳо) ва компоненти дигарро доранд.

Равғанҳо марбут ба моддаҳои омехта буда асоси онҳоро триглитсеридҳо ташкил медиҳанд, ки онҳо чунин сохти молекулавиро доро мебошанд:

$$CH_2 - O - CO - R_1$$
$$CH - O - CO - R_2$$
$$CH_2 - O - CO - R_3$$

Дар формула:-R_1, R_2, R_3 – боқимондаҳои кислотаҳои калонмолекулаи чарбӣ.

Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки глитсеридҳо аз якдигар аз рӯйи боқимондаҳои кислотагии пайваст байни ҳам фарқ намуда асоси онҳоро кислотаҳои ҳаднокӣ чарбии формулаи умумиашон $C_nH_{2n}O_2$ ва кислотаҳои носери чарбии формулаҳои умумиашон: $C_n H_{2n-2}O_2$, $C_n H_{2n-4}O_2$, $C_nH_{2n-6}O_2$ ва $C_nH_{2n-8}O_2$ ташкил менамоянд.

Таҳлили адабиёти соҳави оиди омузиши сохт, таркиб ва хосиятҳои физикию химиявии равғанҳо нишон дод, ки асосан таркиби глитсеридҳоро кислотаҳои чарбие ташкил медиҳанд, ки дар молекулаи худ аз 15 то 19 атоми кабонро доранд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Номгӯйи кислотаҳое, ки аз таркиби равғанҳои растанҳо ҷудо ва идентификатсия карда шудаанд

Атомҳои карбони молекулаи кислота	Формулаи молекулавӣ ва номи кислота
1.Кислотаҳои сери калонмолекулаи чарбӣ	
C_6	$CH_3(CH_2)_4COOH$ Капронат
C_8	$CH_3(CH_2)_6COOH$ Каприлат
C_{10}	$CH_3(CH_2)_8COOH$ Капринат
C_{12}	$CH_3(CH_2)_{10}COOH$ Лауринат
C_{14}	$CH_3(CH2)_{12}COOH$ Меристинат
C_{16}	$CH_3(CH_2)_{14}COOH$ Палмитинат
C_{18}	$CH_3(CH_2)_{16}COOH$ Стеаринат
C_{20}	$CH_3(CH_2)_{18}COOH$ Арахинат
C_{22}	$CH_3(CH_2)_{20}COOH$ Бегенат
C_{24}	$CH_3(CH_2)_{22}COOH$ Лигнотсиринат
2.Кислотаҳои калонмолекулаи чарбии носер, ки дар таркибашон дорои як банди дучандаро доранд	
C_{10}	$CH_2=CH-(CH_2)_7COOH$ Каприноолеинат
C_{12}	$CH_3CH_2CH=CH_3(CH_2)_7COOH$ Лауроолеинат
C_{14}	$CH_3(CH_2)_3CH=CH(CH_2)_7COOH$ Миристоолеинат
C_{16}	$CH_3(CH_2)_5CH=CH(CH_2)_7COOH$ Палмитолеинат
C_{18}	$CH_3(CH_2)_7CH= CH(CH_2)_7COOH$ Олеинат
C_{18}	$CH_3(CH_2)_{10}CH= CH(CH_2)_4COOH$ Петрозелинат
C_{22}	$CH_3(CH_2)_7CH= CH(CH_2)_{11}COOH$ Эрукат

3.Кислотаҳои носери калонмолекулаи чарбӣ, ки дар таркибашон ду ва зиёда бандҳои дучанда доранд

C_{18}	$CH_3(CH_2)_4CH=CHCH_2CH=CH(CH_2)_7COOH$ Линолеат
C_{18}	$CH_3CH_2CH=CHCH_2CH=CHCH_2CH=CH(CH_2)_7COOH$ Линоленоат
C_{18}	$CH_3(CH_2)_3$-CH=CH-CH=CH-CH=CH$(CH_2)_7COOH$ Элестеаринат

4.Гидроокси кислотаҳо

C_{18}	$CH_3(CH_2)_5CH_2(OH)CH_2CH=CH(CH_2)_7COOH$ Ритсинолат

Чи тавре аз ҷадвали 1 бармеояд дар таркиби равғанҳо кислотаҳои мухталлифи калонмолекулаи чарбии сер ва носере арзи ҳасти менамоянд, ки онҳо аз рӯйи шумораи атомҳои карбон ва микдори бандҳои дучанда байни ҳам фарк менамояд. Аз ин лиҳоз, ҳамаи равғанҳо байни ҳам аз рӯйи нишондиҳандаҳои физикию химиявии худ, ки муаррифгари хосиятҳои физики ва химиявии ин равғанҳо мебошанд байни ҳам фарқ менамоянд.

Муайян гардидааст, ки равғанҳо аз рӯйи хосиятҳои физикӣ байни ҳам кам фарқ наменамоянд. Яке аз хосиятҳои физикавии умумии равғанҳо дар он мебошад, ки онҳо дар оби сард ниҳоят камҳалшаванда буда, дар ҳамаи ҳалкунандаҳои органикӣ ба осонӣ ҳал мегарданд ва ҳамаи номгӯйи равғанҳо аз об сабук мебошанд. Равғанҳо бо об зимни таъсири эмулгаторҳо системаҳои дисперсии эмулсионирро ҳосил менамоянд.

Зичии равғанҳо дар ҳарорати 20^oC ба 900-980кг\м^3 баробар аст. Равғанҳо гармиғунҷоиши баланд дошта зимни таъсири ҳарорати 300^oC аланга мегиранд.

Тағйир ёфтани ҳарорат метавонад ба нишондиҳандаи зичи ва чвспакии кнематикии равғанҳо таъсири худро расонад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Таъсири ҳарорат ба щарорати лахтабанди ва гудозиши равғанҳо ва глисеридҳо

Намунаи равған	зичӣ (мг/см^3)	Ҳарорат, ^0C	
		лахтбандӣ (сахтшавӣ)	гудозиш
1	2	3	4
Равғани донаки зардолу	0,919(15^0C)	-20	аз-16 то-20
Равғани чормағзи заминӣ	0,910-0,960 (25^0C)	аз -3 до -5	-
Равғани бук	0,921(15^0C)	-17	-
Равғани какао	0,960(15^0C)	аз +21.5 то +27	аз+33 до+35
Равғани кастор	0,962(25^0C)	аз -10 то -18	-
Равғани кедр	0,929(15^0C)	-20	-

Солҳои охир олимон, муҳаққиқони самти биохимия ва тиб ба омӯзиш ва таҳқиқи омега кислотаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда истодаанд. Ин таваҷҷуҳ пеш аз ҳама ба мубрамият ва аҳаммияти амалии мавзуъ рабт дорад.

Натиҷаҳои пажуҳиш ва таҳқиқи олимон ва муҳаққиқони соҳавӣ муайян намудааст, ки омегакислотаҳо аз худ фаъолияти биологии хоссаро зоҳир менамоянд. Яке аз фаъолияти биологии қобили таваҷҷуҳи омега кислотаҳо дар он аст, ки онҳо ба равандҳои биохимиявии аз худ кардани глюкоза дар организми инсон таъсири мусбии худро расонида пайдошавии касалии диабети қандро пешгирӣ намояд. Муайян гардидааст, ки истифодабарии бомавриди омега кислотаҳо барои пешгири намудани касалии саратони ғадудҳои ширии синаи занон аз манфиат холи нест. Инчунин, муайян карда шудааст, ки ин моддаҳои фаъоли биологӣ миқдори холестерини зарарноки таркиби хунро кам менамояд, ки ин раванди биохимиявӣ ба пешгири


намудани касалиҳои дил метавонад мусоидат намояд. Омега кислотаҳо хусусан кислотаҳои марбутаи омега-3 ва омега-6 имунитети инсонро устувор гардонида фаъолияти ҳуҷайраҳоро дар узвҳои организм ба танзим медароранд. Дар баробари ин, истифодаи кислотаҳои марбутаи омега-3 ва омега-6 ба фаъолияти кории мағзи сар, кори дилу рагҳои хунгарди организми инсон таъсири мусбии худро мерасонад [1-6].

Пажуҳиш ва таҳқиқи олимон ва муҳаққиқони самти биохимияи тибии муаян намудааст, ки ҳангоми захролудшавии инсон аз истеъмоли барзиёди машруботи спиртӣ дар организм метавонад радикалҳои озод пайдо гарданд. Ин радикалҳо ниҳоят хатарнок буда онҳо метавонанд боиси пайдошавии касалии саратони ҷигар гарданд.

Баъзе мутахасисони соҳавӣ ин равандро марбутаи оксидшавии биологӣ медонанд. Аз ҳамин лиҳоз, дар пешгири намудани ҳосилшавии радикалҳои озод аз антиоксидантҳо истифода карда мешавад [6-9].

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда муайян намуд, ки дар баробари флованоидҳо, витамини С, витамини Е ва дигар пайвастагиҳои фаъоли биологӣ омега кислотаҳо барои безарар намудани радикалҳои озод ва дигар пайвастагиҳое, ки маҳсули оксидшавии биологӣ мебошанд, метавонанд замимагузорӣ намоянд. Маҳз чуин фаъолияти биологии кислотаҳои калонмолекулаи чарбии омега боиси он гардидааст, ки мавзуи таҳқиқи биохимиявии муайян намудани ин моддаҳои фаъоли биологӣ ба яке аз мавзуҳои актуалӣ ва саривақтии илми муосири биохимия ва физиологияи растаниҳо ҳисобида шавад.

Ин мубраммияти мавзуро ба инобат гирифта мақсад гузошта шуд, ки омега кислотаҳои таркиби ядрои (мағзи) тухми зардолу таҳқиқ карда шавад. Барои ҷудо намудани липидҳои таркиби мағзи донаки зардолу донаки онро аз дарахти навъи маҳалӣ пас аз пуррапухтарасии тухм аз минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷамъовари намудем. Липидҳои таркиби тухми зонаки зардолу дар мувофиқа бо усули дар расми 1 пешниҳодгардида ҷудо карда шуд.



Расми 1. Усули ҷудо намудани липидҳои таркиби донаки зардолу

Чи тавре аз усули ҷудо намудани липидҳои таркиби донаки зардолу, ки дар расми 1 пешниҳод шудааст дар ҷудо намудани липидҳо усули экстраксияи гарм интифода гардидааст. Барои омода намудани маводи таҳқиқшаванда барои экстраксия он то вазни доими бо истифода аз ҷевони хушккунанда бар ҳарорати 50^0C муддати 6 соати коркар шудааст, ки дар натиҷаи он оби озод ва пайвасти таркиби тухм хушконидашуда шудааст.

Сипас, тухми хушконидашуда дар осиёби лабораторӣ хока гардида он дар дохили халтачаҳои аз матоъи пахтагин омодагардида ҷойгир гардида ба дохили дастгоҳи сокслет гузаронида мешавад. Экстраксия дар дастгоҳи сокслет, ки колбаи поёнии он дар ҳамоми обии ҳарорати 79-820C ҷойгир карда шудааст муддати 6 соат гузаронида шуд. Дар иҷрои ин амал ба ҳайси экстрагент аз этаноли 96,6% истифода гардид. Экстракти ҳосилкардашуда бо истифода аз қифи Шот филтронидашуда буғрони гардид. Буғронии экстрагенти истифодашуда бо истифода аз дастгоҳи ротори буғкунанда амали карда шудааст.

Дар баробари таҳқиқи биохимиявии омега кислотаҳои таркиби липидҳои донаки зардолу инчунин, як зумра таҳқиқотҳо оиди омузиши ҳалшавандагии компонентҳои марбутаи липидҳо дар экстрагентҳои гуногуни органикӣ аз қабили ҳексан, ҳептан, эфири мураккаби этилатсетат, эфири мураккаби бутилатсетат, эфири соддаи диэтил, эфири петролейи, хлороформ, бензол, толуол, спирти метил, спирти пропанол-2, спирти бутанол ва спирти этил гузаронида шуд. Ҳалшавандагии компонентҳои марбутаи липидҳо тавасути истифодаи усули Рушковский омухта шуд [10-14]. Натиҷаҳои таҳқиқ муаян намуд, ки липидҳои таркиби узвҳои вегетативии равғандиҳандаи растаниҳо дар ин экстрагентҳои интихобгардида ҳалшавандагии гуногунро дорад.

Муайян карда шуд, ки чунин ҳодисаи ҳалшавандагӣ барои липидҳои таркиби тухми зардолу низ истисно нест. Натиҷаҳои ин таҳлили экспериментолӣ нишон дод, ки дар ҳама ҳолатҳо баромади липидҳо дар варианти истифодаи хлороформ максимали мушоҳида карда шудааст. Новобаста аз ин афзалияти хлороформ дар ҷудо намудани липидҳои таркиби донаки зардолу ба ҳайси экстрагент аз спирти этил истифода гардид. Сабаби чунин интихоб ба он рабт дорад, ки хлороформ моддаи химиявии заҳрнок аст ва он метавонад пас аз буғрони намудани экстракт низ дар таркиби липидҳои тухми донаки зардолу боқи монад.

Бинобар сабабе, ки липидҳои таркиби тухми донаки зардолу дар оянда метавонанд тадбиқи амалии худро дар саноти дорусозӣ пайдо намоянд дар ҷудо намудани он аз спирти этил истифода карда шуд.

Дар рафти пажуҳиш ва таҳқиқотҳои экспериментолии гузаронидашуда пас аз ҷудо намудани липидҳои таркиби донаки зардолу таркиби химиявии он омухта шуд.ноне, ки маълум аст асоси липидҳоро глисеридҳо ва кислотаҳои чарби ташкил медиҳанд. Кислотаҳои чарбӣ дар таркиби липидҳо дар шакли озод ва пайваст мавҷуд мебошанд.

Барои таҳлили сифатии кислотаҳои калонмолекулаи озоди таркиби липидҳои донаки зардолу аз усули таҳлили хроматографияи тунукқабат истифода намудем.

Таҳлили хроматографии кислотаҳои чарбии таҳқиқшаванда бо истифода аз пластинкаҳои “Merc” (истеҳсоли Олмон) дар системаҳои хроматографии хлороформ-этилатсетат (1:1), хлороформ – метанол – кислотаи атсетат (10:5:1), бутанол-этилатсетат- амиак (10:5:1) гузаронида шуд. Дар таҳлили хроматографии мазкур ба ҳайси ошкоркунанда аз маҳлули бромфеноли кабуд истифода шуд. Пас, аз коркарди хроматограмма бо маҳлули бромфеноли кабуд кислотаҳои таҳлилшаванда дар рӯйи хроматограмма дар шакли доғҳои кабудранг пайдо гардидаанд. Дар таҳлили сифатии гузаронидашуда идентификатсияи кислотаҳои чарбии таркиби липидҳои тухми

донаки зардолу аз рӯйи коэффитсиенти тақсимшавиашон дар рӯйи пластинкаи хроматографӣ (Rf) дар муқоиса бо эталонҳо ва маълумоти адабиёти соҳавӣ амали гардидааст.

Пас аз гузаронидани таҳлили сифатии кислотаҳои чарбӣ таҳлили миқдории онҳо низ гузаронида шуд. Таҳлили миқдории кислотаҳои калонмолекулаи озод ва пайвасти чарбии липидҳои таркиби тухми донаки зардолу бо истифода аз усули таҳлили хроматографияи газӣ амали гардидааст.

Дар таҳлили хроматографияи газӣ аз асбоби хроматографӣ Shimadzu QP 2010 Plus (истеҳсоли Ҷопон) истифода намудем. Асбоби хроматографии мазкур бо найчаи хроматографии тамғаи AT5-MS, ки андозаи 30м х 0,32мм-ро дорад муҷаҳазонида шудааст. Дар таҳлили хроматографии кислотаҳои чарбии таркиби липидҳои тухми донаки зардолу ба сифати фазаи ҳаракаткунанда аз гази гелий истифода гардид.

Дар таҳлили хроматографӣ суръати ҳаракати системаи хоматографӣ газии липидҳои таҳқиқшаванда суръати ҳаракати фазаи ҳаракаткунандаи хроматографӣ 1,81мл/дақиқаро бо таносубияти тақсимшавии 1:50 ташкил додааст.

Дар оғози таҳлили хроматографияи газӣ ҳарорати найчаи хроматографӣ муддати 2 дақиқаи аввал то ҳарорати 100˚С баробар гардонидашуда, сипас муддати ҳар як дақиқа ҳарорати гармии найчаи хроматографӣ 8˚С зиёд гардид. Бо чунин тарз зиёд намудани дараҷаи ҳарорат то гармии 180˚С идома ёфт. Сипас, суръати зиёдкардани гармиро дар колонкаи хроматографӣ кам намуда суръати зиёдшавии онро дар як дақиқа ба 3 0С коҳиш дода ҳарорат то дараҷаи 280˚С зиёд карда шуд. Пас аз иҷрои ин амал зиёдкунии гармӣ муддати ҳар як дақиқа 10˚С то ҳарорати 300 ˚С зиёд карда шуд.

Ҳангоми натиҷагирӣ идентификатсияи компонентҳои таҳлилшаванда аз рӯйи вақти ҷудошавиашон аз колонкаи хроматографӣ дар муқоиса бо эталонҳо ва маълумотҳои спектралии NIST амали карда шуд.

Натиҷаҳои таҳлили миқдории кислотаҳои чарбии таркиби липидҳои донаки зардолу нишон дод, ки дар таркиби равғани таҳқиқшаванда кислотаи палметинат 5,56%, кислотаи стеарат 0,93%, кислотаи палметоолинат 0,98%, кислотаи олеинат 62,5% кислотаи линолат 24,05, кислотаи линоленат 4,9%, кислотаи бегинат 0,39%- ро ташкил медиҳанд.

Чи тавре аз натиҷаҳои таҳлили хроматографӣ, ки дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст айён аст дар таркиби липидҳои таҳқиқшавандаи донаки зардолу миқдори зиёди кислотаҳои калонмолекулаи чарби ошкор гардидааст. Дар асоси ин натитҷаҳои таҳлил муайян карда шуд, ки қисми зиёди компонентҳои идентификатсия кардашударо кислотаҳои носери (беҳад) калонмолекулаи чарбӣ ташкил медиҳанд, ки бештари онҳо марбут ба омега кислотаҳо мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Холиков, Ш.Х. Определения кислотного числа семян лопуха - Acrtium Tomentosum Mill., методом потенциометрии [Текст] / Ш.Х Халиков, С.В Алиева, Д.Э. Иброгимов // Доклады АН РТ. – Душанбе: Дониш, -2004, Т.47, №1-2, - С.35-41.
2. Иброгимов, Д.Э. Пирокатехин из масла семян Acrtium Tomentosum Mill. [Текст] / Д.Э. Иброгимов Ш.Х. Халиков, С.В.Алиева, // Химия природных соединений. –Ташкент: Минитипография ИХРВ АН РУз, - 2004. т.3. №6. –С.62-64.
3. Иброгимов, Д.Э. К вопросу биологических активных веществ состава экстракта Acrtium Tomentosum Mill. [Текст] / Ш.Х Халиков., А.А., Дустов // Вестник Авицены. – Душанбе: - ТГМУ им. Абуали ибни Сино - 2006, т.1, -С.42-54.
4. Зумратов, А.Х. Липидный состав семян - Ampelopsis vitifolia (Boiss.) Planch., произрастающего в Таджикистане [Текст] / А.Х Зумратов, Д.Э. Иброгимов, Ш.Х., Халиков // Доклады АН РТ. – Душанбе: Дониш, -2010, т.53. -№4. -С.290-293.
5. Иброгимов, Д.Э. Биологически активные вещества масла семян Bunium persicum(зира) [Текст] / Д.Э. Иброгимов, Ш.Х. Усмонова, Ш.Х. Халиков // Вестник Авицены. – Душанбе: - ТГМУ им. Абуали ибни Сино – 2010. т.1. -№2. -С.42-54.

6. Усмонова, Ш.Х. Каротиноиды семян Bunium persicum (Boiss.) B. Fedtsch., произраставшего в Таджикистане [Текст] / Ш.Х. Усмонова, Д.Э. Иброгимов, Ш.Х. Халиков // Доклады АН РТ. – Душанбе: Дониш, - 2010. - т.53. -№5. - С.377 – 381.
7. Иброгимов, Д.Э. Новый метод определения кислотного числа в маслах и экстрактах [Текст] / Д.Э. Иброгимов, Ш.Х. Усмонова, Ш.Х. Халиков // Научная перспектива (научно-аналитический журнал). – Россия: Химия, - 2010. -№9,-С.84-86.
8. Зумратов, А.Х. Микроэлементы состава плодов растений Amplelopsis vitifolia (Boiss.) Planch., произрастающих в Республике Таджикистан [Текст] / А.Х. Зумратов, Д.Э. Иброгимов, М.Б. Акрамов // Вестник ПГУ имени С. Торайгырова (Химико - биологическая серия), – Казахстан: КЕРЕКУ, - 2011. -№4, -С.54-57.
9. Иброгимов, Д.Э. Изучение биологически активных веществ плодов виноградовника виноградолистного - Ampelopsis vitifolia (Boiss.) Planch [Текст] / Д.Э. Иброгимов, А.Х. Зумратов, Ш.Х. Халиков, Т. Раджаби,, Г.М. Муллоева // Вестник Казахского Национального медицинского университета имени С.Д. Асфедиярова – Казахстан: - 2011. -№3,-С.150-156.
10. Иброгимов, Д.Э. Очистки обработанных станковых масел природными бентонитами [Текст] / Д.Э. Иброгимов, А.Х. Зумратов // Вестник КГТУ – Республики Татарстан, -Башкирия: - 2011. -№2,-С.30-39.
11. Иброгимов, Д.Э. Влияние антиоксидантов на процессы окисления некоторых растительных масел [Текст] / Д.Э. Иброгимов, Ш.Х. Холиков, А.Х. Зумратов, Ш.Х. Усмонова, Г.М. Муллоева, Ф.А Ибрагимов // Вестник Таджикского национального университета, – Душанбе: Сино, -2011. -№1(65). -С.77-84.
12. Иброгимов, Д.Э. Характеристика физико-химических константов хлопкового масла некоторых сортов хлопчатника выращиваемых в Таджикистане [Текст]/ Д.Э. Иброгимов, А.Ш. Махмудов, Т.М. Махмудова // Политехнический Вестник серия: интелект, инновации, инвеститсия – Душанбе: Шинос, -2018. -№1(41). – С.28-36.
13. Иброгимов Д.Э. Эффективные технологии производства биодизеля на основе растительных технических масел / Д.Э.Иброгимов, Т.С.Маджидов, Х.Ш. Гулахмадов Т.М. Махмудова // Политехнический Вестник серия: инженерные исследования – Душанбе: Шинос, -2019. -№1(45). – ст.117-121
14. Иброгимов Д.Э. Перспективы применения некоторых технических растительных масел флоры Таджикистана для отечественного производства/ Д.Э.Иброгимов, Т.С.Маджидов, Т.М.Маньмудова, М.А.Зокирова // Наука и инновация (ISSN-2312-3648.) -2020. -№2. -С.110-114.

ТАҲҚИҚИ БИОХИМИЯВИИ ОМЕГА КИСЛОТАҲОИ ТАРКИБИ ЛИПИДҲОИ ДОНАКИ ЗАРДОЛУ

Дар мақолаи мазкур оиди натиҷаҳои таҳқиқи биохимиявии муайян намудани омега кислотаҳои таркиби липидҳои донаки зардолу маълумотҳо пешниҳод гардидааст. Барои муайян намудани омега кислотаҳо, липидҳои таркиби тухми донаки зардолу бо усули экстраксияи гарм ҳосил карда шуд. Экстраксия дар дастгоҳи Сокслет бо истифода аз этаноли 96,6% амали гардидааст. Таҳлили сифатии кислотаҳои чарбии таркиби липидҳои таҳқиқшаванда бо усули хроматографияи тунукқабат дар системаҳои хроматографии хлороформ-этилатсетат (1:1), хлороформ – метанол – кислотаи атсетат (10:5:1), бутанол- этилатсетат- амиак (10:5:1) гузаронида шуд. Дар таҳлили хроматографии тунукқабат ба ҳайси ошкоркунанда аз маҳлули бромфеноли кабуд истифода гардидааст. Таҳлили миқдории кислотаҳои калонмолекулаи озод ва пайвасти чарбии липидҳои таркиби тухми донаки зардолу бо истифода аз усули таҳлили хроматографияи газӣ амали гардидааст. Таҳлил дар хроматографӣ Shimadzu QP 2010 Plus (истеҳсоли Ҷопон), ки бо найчаи хроматографии тамғаи AT5-MS, ки андозаи 30м х 0,32мм-ро дорад муҷаҳазонида шудааст амали гардид. Дар таҳлили хроматографияи газӣ ба сифати фазаи ҳаракаткунанда аз гази гелий истифода шудааст. Дар таҳлили хроматографӣ суръати ҳаракати системаи хоматографӣ газии липидҳои таҳқиқшаванда суръати ҳаракати фазаи ҳаракаткунандаи хроматографӣ 1,81мл/дақиқаро бо таносубияти тақсимшавии 1:50 ташкил додааст. Идентификатсияи компонентҳои таҳлилшаванда аз рӯйи вақти ҷудошавиашон аз колонкаи хроматографӣ дар муқоиса бо эталонҳо ва маълумотҳои спектралии NIST муайян гардидааст. Дар асоси ин натитҷаҳои таҳлил муаян карда шуд, ки кисми зиёди компонентҳои идентификатсия кардашударо кислотаҳои носери калонмолекулаи чарбӣ ташкил медиҳанд, ки бештари онҳо марбут ба омега кислотаҳо мебошанд. Муайян гардидааст, ки дар миёни кислотаҳои идентификатсияшудаи чарбӣ 11,2% онро килотаҳои гурӯҳи омега-9, 19,56% онро кислотаҳои гуруҳи омега-6 ва 54,84% онро кислотаҳои гуруҳи омега-3 ташкил медиҳад, ки ин натиҷа аз пайвастагиҳои фаъоли биологӣ бой будани липидҳои таркиби донаки зардолу гувоҳи медиҳад.

Калидвожаҳо: зардолу, донак, экстраксия, Сокслет, этанол, липидҳо, омега кислотаҳо, фаъолияти биологӣ, таҳлил, хроматографияи тунукқабат, хроматографияи газӣ.

БИОХИМИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ОМЕГА-КИСЛОТ ЛИПИДОВ СОСТАВА КОСТОЧЕК АБРИКОСА

В данной статье представлена информация о результатах биохимических исследований по определению омега-кислот в липидном составе косточек абрикоса. Для определения омега-кислот содержание липидов в семенах абрикоса определяли методом горячей экстракции. Экстракцию проводили в аппарате Сокслета 96,6% этанолом. Качественный анализ жирных кислот в составе исследуемых липидов проводили методом тонкослойной хроматографии в хроматографических системах хлороформ-этилацетат (1:1), хлороформ-метанол-уксусная кислота (10:5:1), бутанол-этилацетат-аммиак (10:5:1). В качестве детектора при тонкослойном хроматографическом анализе использовали раствор бромфенола синего. Количественный анализ свободных высокомолекулярных кислот и жирных липидов семян абрикоса проводили методом газовой хроматографии. Анализ проводили на хроматографе Shimadzu QP 2010 Plus (производство Япония), оснащенном хроматографической трубкой AT5-MC размером 30м х 0,32 мм. Газообразный гелий использовался в качестве подвижной фазы при газовом хроматографическом анализе. При хроматографическом анализе скорость движения газохроматографической системы исследуемых липидов составила 1,81 мл/мин при коэффициенте распределения 1:50. Идентификация анализируемых компонентов определяется по времени их отделения от хроматографической колонки по сравнению со стандартами и спектральными данными NIST. По результатам анализа установлено, что большинство выявленных компонентов представляют собой высокомолекулярные жирные кислоты, большая часть которых относится к омега-кислотам. Установлено, что среди выявленных жирных кислот 11,2% составляют жирные кислоты омега-9, 19,56% - кислоты омега-6, 54,84% - кислоты омега-3, что свидетельствует о том что липиды косточек абрикоса богаты биологическими активными веществами.

Ключевые слова: абрикос, семена, экстакция, Сокслет, этанол, липиды, омега кислоты, биологическая активность, анализ, тонкослойная хроматография, газовая хроматография.

BIOCHEMICAL STUDY OF OMEGA ACIDS IN LIPIDS OF APRICOT KERNELS

This article presents information on the results of biochemical studies to determine omega acids in the lipid composition of apricot kernels. To determine omega acids, the lipid content of apricot seeds was determined by hot extraction. Extraction was carried out in a Soxhlet apparatus with 96.6% ethanol. Qualitative analysis of fatty acids in the composition of the studied lipids was carried out by thin-layer chromatography in the chromatographic systems chloroform-ethyl acetate (1:1), chloroform-methanol-acetic acid (10:5:1), butanol-ethyl acetate-ammonia (10:5:1). Bromophenol blue solution was used as a detector in thin-layer chromatographic analysis. Quantitative analysis of free high-molecular acids and fatty lipids of apricot seeds was carried out by gas chromatography. The analysis was performed on a Shimadzu QP 2010 Plus chromatograph (made in Japan) equipped with an AT5-MS chromatographic tube measuring 30 m x 0.32 mm. Helium gas was used as a mobile phase in the gas chromatographic analysis. During the chromatographic analysis, the flow rate of the gas chromatographic system of the lipids under study was 1.81 ml/min with a distribution coefficient of 1:50. The identification of the components under analysis is determined by the time of their separation from the chromatographic column in comparison with the standards and NIST spectral data. The analysis showed that most of the components identified are high-molecular fatty acids, most of which are omega acids. It was found that among the identified fatty acids, 11.2% are omega-9 fatty acids, 19.56% are omega-6 acids, 54.84% are omega-3 acids, which indicates that apricot kernel lipids are rich in biologically active substances.

Keywords: apricot, seeds, extraction, Soxhlet, ethanol, lipids, omega acids, biological activity, analysis, thin-layer chromatography, gas chromatography.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Иброҳимзода Дилшод Эмом*** - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, и.в. профессори кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази ба номи академик М.С.Осимӣ. **Суроға:** 734042, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: **(+992) 905-22-44-75**. E-mail: **ibrogimov_75@mail.ru**

Маҳмудзода Таҳмина Муминҷон - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, номзади илмҳои техники, дотсенти кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту газ. **Суроға:** 734042, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: **(+992) 005-88-51-00**. E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru**

Шаҳнозаи Фозил – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи химия ва биология. **Суроға:** 734042, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 918763619**. E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru**

Бобоёров Амрихудо Раҳматуллоевич – Институти илми–таҳқиқотии ДМТ, унвонҷӯй. **Суроға:** 734042, г Душанбе, Республика Таджикистан, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 901039595**. E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru**

Сведения об авторах: ***Ибрахимзода Дилшод Эмом*** **–** Таджикский технический университет им. акад. М.С. Осими, доктор химических наук, и.о. профессор кафедры переработка энергоносителей и нефтегазового сервиса. **Адрес:** 734042, г Душанбе, Республика Таджикистан, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 905-22-44-75**. E-mail: **ibrogimov_75@mail.ru**
Махмудзода Тахмина Муминджон **-** Таджикский технический университет им. акад. М.С. Осими, кандидат технических наук, доцент кафедры переработка энергоносителей и нефтегазового сервиса. **Адрес:** 734042, г Душанбе, Республика Таджикистан, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 005-88-51-00.** E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru**
Шахнозаи Фозил – Государствений университета Куляба имени А.Рудаки ассистент кафедры химии и биологии. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 918763619**. E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru**
Бобоёров Амрихудо Рахматуллоевич –Научно исследовательского Института ТНУ, соискатель **Адрес:** 734023, г Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 901039595.** E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru**

Information about authors: ***Ibrahimzoda Dilshod Emom*** – Doctor of Chemical Sciences, Acting Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academician Radjabov Avenue, 10. Phone: **(+992) 905-22-44-75**. E-mail: **ibrogimov_75@mail.ru**
Mahmudzoda Tahmina Muminjon - Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Energy Processing and Oil and Gas Service of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academician Radjabov Avenue, 10. Phone: **(+992) 005-88-51-00**. E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru**
Shakhnozai Fozil – Kulob State University named after A. Rudaki, Assistant of the Department of Chemistry and Biology. **Address:** 734042, Kulob, Republic of Tajikistan, S. Safarov Street, 16. Phone: **(+992) 918763619** E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru**
Boboyorov Amrikhudo Rakhmatulloevich – Applicant of the Research Institute of TNU. **Address:** 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Acad. Radjabov Avenue, 10. Phone: **(+992) 901039595**. E-mail: **Poshokulzoda91 @mail.ru**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 23.11.2024
Аз тақриз баргашт: 21.12.2024
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 502. 1:338.4 (575.3)

РАСТАНИҲОИ АҲАММИЯТИ САЙЁҲИДОШТАИ ТОҶИКИСТОН

Бобоев Ҷ.А., Шукурова Г.Н., Ғайратова Ф.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳиммияти мавзуъ. Барои вусъатбахшии рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ, ки он соли 2018 ба Парлумони мамлакат ироа гардида буд, солҳои 2019-2021-ро “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунаҳои мардумӣ” эълон намуда буданд. Чуноне ки Сарвари давлат зикр намуда буданд, барои бунёд намудани инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ва омода намудани даҳҳо ва садҳоҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва дорои ҳунарҳои мардумӣ як сол кифоя нест. Ба ҳамин хотир барои рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои зарурию иловагӣ андешида шаванд.

Яке аз соҳаҳои сердаромади кишвар соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои 80-уми асри гузашта, дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон яке аз шаклҳои нави сайёҳӣ – сайёҳии экологӣ ё ин ки экотуризм (ecoturism) рушд карда буд. Экотуризм- сайёҳии табиӣ буда, омӯзиши муҳити табииро дар бар мегирад ва барои беҳтар кардани муҳити зист дар ин муҳити зист хизмат мекунад [1, с. 1, 2. с.5].

Тоҷикистон бо табиати зебо ва гуногунии биологии худ машҳур аст. Флораи Тоҷикистон хеле гуногун ранг ва бой буда, дар он зиёда аз 9700 намуди растаниҳо мерӯянд. Масалан дар дараи Варзоб зиёда аз 1500 намуди растаниҳо дида мешаванд. Гуногунранӣ ва боигарии флораи кишвар захираҳои генофонди он дар оянда ба ҳисоб мераванд. Растаниҳои Тоҷикистон аҳаммияти калон дошта, дар соҳаҳои мухталиф васеъ истифода мешаван. Махсусан, дар соҳаи кишорварзӣ, соҳаи дорусозӣ, бофандагӣ ва ғайра. Ғайр аз ин растаниҳои кишвар инчунин аҳаммияти сайёҳӣ доранд, ки то ҳол арзёбии онҳо дар мадди назар набуд. Бинобар ин дар оянда омӯзиши растаниҳои аҳаммияти сайёҳидоштаи Тоҷикистон муҳим ва зарурӣ мебошад.

Сатҳи баланди даромаднокии сайёҳӣ дар ҷаҳон ин соҳаро яке аз соҳаҳои афзалиятноки барномаҳои рушди давлатии бисёр кишварҳои сайёра сохтааст [11, с.302]. Ба рушди фаъолияти соҳаи сайёҳӣ дар кишварҳои тараққикардаистода, ки дар марҳилаи таҷдиди сохтори иқтисодии соҳавӣ қарор доранд аҳаммияти махсус дода мешавад.

Муҳиммияти рушди ин соҳаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардани “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030” инъикос менамояд. Сайёҳии экологӣ омили муҳими рушди устувор дар Тоҷикистон мебошад, ки ҳануз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон дода истодаанд [8, с. 2, 7, с.4]. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳии кишварро барои давраи то соли 2030 муайян мекунад ва омили ташаккули нақшаю дастурамалҳои ташаббусҳои соҳибкории шаҳрвандон дар соҳаи сайёҳии кишвар шинохта шавад [9, с.1].

Бояд тазакур дод, ки рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ, аз ҷиҳати ба вуҷуд овардани ҷойҳои кории нав ва ҳам аз ҷиҳати ҳифзи табиат аҳаммияти хеле калон дорад. Барои ҳамин ҳам яке аз самтҳои рушдёфтаистодаи кишвар рушди соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, соҳаи сайёҳӣ хусусияти оммавӣ дошта, гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро фаро мегирад ва метавонад дар ташаккули ҷаҳонбинии нави экологӣ яке аз нақшҳои пешбарандаро бозад [5, с. 73, 6, с.76]. Инчунин бояд қайд кард, ки дар робита ба тағирёбии иқлим ва омилҳои дигар, тақсимоти ҷуғрофии навъҳои растанӣ дар минтақаҳои наботот низ тағир хоҳад ёфт [7, с. 4]. Сайёҳии туризмӣ ҳангоми дуруст ба роҳ мондани он, дар пешгирӣ кардани оқибатҳои нохуши он муосидат намояд.

Яке аз омилҳои муҳими пайдоиши соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонин сайёҳии экологӣ башумор меравад, ки фарҳанги қадимӣ, ҳавои мусоиди кишвар ва кӯҳҳои сарбафалаккашидаи мамлакатро фарогир мебошад. Бо суръати баланд тараққӣ кардани соҳаҳои мухталифи давлат ва кушода шудани роҳҳои миёни давлатҳо, инчунин ташкил шудани инфрасохтори сайёҳӣ назари сайёҳони хориҷӣ ба ин диёри биҳиштосо зиёд гардида, сол аз сол шумораи онҳо фузун гардида истодааст. Пешравии сайёҳии экологӣ ба беҳшавии вазифаҳои гуногуни ҷомеа дар самти таълиму тарбияи экологӣ мусоидат мекунад [3, с. 22, 10, с. 1].

Аммо гуфтан ба маврид аст, ки сайёҳон аз тарафи дигар метавонанд ба табиат зарар расонанд. Сайёҳон метавонанд дар ҷойҳои сайругашти худ партов партоянд, растаниҳоро поймол кунанд, ҳайвонотро нороҳат кунанд.

Вобаста ба муҳиммияти мавзуъ **мақсади таҳқиқот** чунин мебошад: растаниҳои аҳаммияти сайёҳидоштаи Тоҷикистонро муаррифӣ намудан.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- арзгузории вазъи ҳозираи растаниҳои аҳаммияти сайёҳидоштаи Тоҷикистон ва дурнамои имкониятҳои рушди онҳо дар соҳаи сайёҳии Тоҷикистон;
- таҳлил намудани таркиби намудии растаниҳои аҳаммияти сайёҳидоштаи Тоҷикистон ва ҳифзи онҳо дар минтақаҳои гуногуни кишвар.

Қайд кардан бамаврид аст, ки олами набототи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунранг буда, флораи онро тақрибан 9771 намуди растаниҳо ташкил медиҳанд. Растаниҳои кишвар аҳаммияти хело калон доранд. Бинобар ин онҳоро ба гурӯҳои гуногун ҷудо намудан мумкин аст: Аз ҷумла ғизоӣ, давоӣ, ороишӣ, асаловар, даббоғӣ ва ғайраҳо. Меваҳои растаниҳои мевадиҳандаи кишварро аҳолӣ ҳамчун маводи аз ҷиҳати экологӣ тару тоза истифода менамоянд. Дар тибби мардумӣ растаниҳоии доруворирo васеъ истифода бурда мешавад. Илова бар ин намудҳои гуногуни растаниҳои кишварамон ҳамчун растании ороишӣ дар гулгашту хиёбонҳо, боғҳои миллӣ ва дигар ҷойҳои тамошобоб истифода мешаванд. Растаниҳои ороишии кишварамон дар соҳаи сайоҳӣ низ метавонанд нақши муҳимро бозанд. Мо метавонем тавассути растаниҳои ороишӣ сайёҳони зиёдеро ба кишварамон ҷалб намоем. Дигар кишварҳо ҳар соле аз ҳисоби сайёҳони ба кишварашон воридшаванда, ки онҳо барои дидани растаниҳои аз ҷиҳати сайёҳӣ аҳаммият дошта мераванд, даромади пулии зиёде ба даст меоранд. Барои мисол дар нимҷазираи Маллако, инчунин дар ҷазираҳои Суматра, Ява, Климантан ва ҳато дар Флиппин гуле бо номи “Рефлезия” вомехӯрад, ки барои дидани ин гул ҳар сол сайёҳони зиёде аз кишварҳои гуногун мераванд, ки ин сафари сайёҳон ба ин минтақаҳо даромади калони иқтисодӣ меоварад. Боз ба мисли ин чандин мисолҳои дигар овардан мумкин аст. Дар ҷумҳурии мо яке аз растаниҳои муҳими аз ҷиҳати сайёҳӣ аҳаммиятдошта ин дарахти арча ба ҳисоб меравад, ки дар тамоми қаламравӣ Тоҷикистон васеъ паҳн гардидааст. Дар аксарияти минтақаҳои ҷумҳурӣ ин намуди растанӣ ҷамоаи худро ташкил медиҳад, ки ба ибораи дигар гӯем ҷангалро ҳосил мекунад. Масалан дар кисмати марказии тарафи шимолии қаторкӯҳи Туркистон, хусусан дар ҳудуди ноҳияи Шаҳристон дарахти арча ҷангалеро ташкил медиҳад, ки як манзараи нотакрорро пеши назар меорад.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин намудҳои растаниҳоро мисол овардан мумкин аст, ки аз ҷиҳати сайёҳӣ аҳаммияти калон доранд. Намудҳои гуногуни растаниҳои кишвари мо дар ҳар гӯшаю канори мамлакатамон фаровон доман паҳн кардан. Моро зарур мебояд, ки минтақаи паҳншавии онҳоро муайян созем ва дар кадом муҳити экологӣ рушд намудани онҳоро сарфаҳм равем. Агар ҳамаи ин корҳоро ба сомон расонем, мо метавонем ба сайёҳони дохилу хориҷи кишвар намудҳои гуногуни растаниҳои аз ҷиҳати сайёҳӣ аҳаммиятдоштаро муаррифӣ намоем. Дар зер дар бораи як чанд намудҳое, ки аз ҷиҳати сайёҳӣ аҳаммият доранд, маълумот дода шуда, класификатсия ва баъзе хусусиятҳои онҳо низ оварда шудааст.

Арча-Juniperus

Арча растании ҳамешасабз буда, ба синфи сӯзанбаргон дохил мешавад. Намудҳои он, асосан, дарахт ё бутташакл буда, баъзан хобраванда мешаванд. Шаклҳои дарахтии он 10-12 м ва ҳатто то 20-30 м ба боло қад мекашанд. Баргҳои аксари растаниҳои ҷавони арча дар солҳои аввали сабзишашон сӯзанмонанд буда, баъд шакли пулакчаро мегиранд. Дар баъзе намудҳои арча баргҳо ба таври доимӣ сузаншакл (патакарча) боқӣ мемонад. Баргҳои сӯзанмонанд шакли нештар ё хорро доранд. Баргҳои пулакчашакл одатан, хурд буда, болои ҳам ё гирдогирд ҷойгир шудаанд. Арча дарахти рӯшноидӯст буда, ба шароити хушкӣ ва хунукӣ ниҳоят тобовар мебошад. Решаи пуркуввати он ба қаъри замин рафта, инчунин аз ҳисоби решаҳои паҳлугии тирреша ба гирду атроф васеъ паҳн мешавад. Чунин тарзи решаронӣ ба арча имкон медиҳад, ки об ва моддаҳои ғизоиро аз хокҳои нисбатан камғизо ҷаббида гирад. Аз ин ҷост, ки арча ҳатто метавонад дар заминҳои регзор, оҳаккӯҳ, таркиши шоххои урён, пастхамиҳои кӯҳсор низ нашъунамо кунад. Арча ба сармои қаҳратуни кӯҳсор хуб тоб меоварад.

Сарви аризонӣ – Cupressus arizonica E. L. Grenee

Дар Тоҷикистон аз соли 1934 парвариш карда мешавад. Дарахти ҳамешасабз буда, то 20 м қад мекашад. Шоху баргҳои он зич ҷойгир буда, конусмонанданд, то 9 м диаметр доранд. Шохаҳояш ба шакли уфуқӣ (горизонталӣ) ҷойгир буда, бо навдачаҳои хурди баргҳои кабуди зичи пулакчамонанд дошта, пӯшида шудаанд. Диаметри ҷалғӯзаҳояш то ба 3 см мерасад. Шакли ҷалғӯзаҳояш гирд буда, дар аввал ранги сабзи-кабуд доранд, баъдан хокистарранг шуда, дар тули 3 сол мепазанд ва канда шуда меафтанд. Дар сини 7-солагиаш ба воя мерасад. Гардҳояш дар моҳи феврал паҳн мешаванд. Сарврро одатан аз тухмаш зиёд мекунанд. Бо ин мақсад тухмҳои онро дар палҳо дар чуқурии 0.5 см шинонда болои онро бо аррамайдаи бо қум якҷоякарда мепӯшонанд. Пал доимо бояд намӣ дошта бошад. Навниҳолҳои сабзидаи 1-соларо дар палҳои тайёркарда шинонида (школка), баъди 3-4 солагиашон ба ҷои доимӣ мешинонанд [4, с.39]. Барои он, ки навниҳолҳои ҷавон сабзанд, решаро бо хоки атрофаш канда гирифта (бо ком) баъдан шинонидан лозим аст. Дар ин маврид гарданаки реша дар болои хок ҷойгир шуда, ниҳолҳо ба пуррагӣ месабзанд. Бештар дар боғдори шакли аҳроммонанди он, ки хело зебо аст, шинонида мешавад. Сарви аризонӣ ба ҳарорати баланд тобовар мебошад. Он ба шароити Тоҷикистон мутобиқ буда, дар саросари шаҳру шаҳракҳои он парвариш карда мешавад.

Сарви ҳамешасабз – Cupressus sempervirens L.

Дар Тоҷикистон аз соли 1947 парвариш карда мешавад. Растании ҳамешасабзи дарахтӣ буда, то 18 (25) м баланд мешавад. Шоху баргҳояш зич буда шакли аҳромонанд (f. piramidalis) доранд, ки онҳо рост ба боло баромадаанд ё ба таври уфуқи (горизонталӣ) ҷойгиранд (f. horisontalis). Баргҳояш нисбат ба сарви аризонӣ дар тули сол ранги сабзи баланд доранд. Ҷалғӯзаҳояш 3(4) см диаметр дошта, гирданд, баъзан тухммонанд мешаванд, овезонанд. Тухмҳояш хурд буда, қанотак доранд, дар 2 (3) сол мепазанд. Дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз асри ХУ111 дар Кавказ ва Қрим парвариш карда мешуд. Дар Тоҷикистон хело хуб афзоиш ва инкишоф меёбад. Ҷалғӯзаҳои аввалин дар синӣ 9-солагӣ пайдо мешаванд. Ҳар сол дар охири феврал ва аввали март гардҳояш паҳн мешаванд [4, с.39]. Тухмҳояш пурра пӯхта мерасанд. Онро аз тухм зиёд менамоянд. Тухмҳояшро дар питомник сабзонида. Шакли аҳроммонанди (пирамидамонанди) онро дар навниҳолҳои 2-3 сола фарқ кардан мумкин аст. Аз сабаби он, ки шакли аҳроммонанди он аз барфи зиёд осеб мебинад, шохаҳои онро дар фасли замистон бо ресмон бастан лозим аст. Дар ҳолати кам об мондан (2-3 бор) дар тобистон шоха ва баргҳои камбар ба амал оварда, ва аз ҳамин сабаб дарахтон ба барфи бисёр нисбатан устувор мешаванд. Дархтони шакли горизонталӣ доштаро гурӯҳ- гурӯҳ шинондан лозим аст. Дар ин ҳолат онҳо аз барфи зиёд осеб намебинанд.

Шулаш – cercis l.

Ин авлод дар Тоҷикистон 2 намуд дорад. Як намуди он ба таври ёбоӣ дар миёнакӯҳҳо мерӯяд (Cercis griffithii), намуди дигараш бошад (Cercis siliquastrum) аз беруни кишвар оварда шуда, боғӣ (маданӣ) кунонида шудааст. Ҳарду намуди он дарахтони хазонрез буда, пояи бисёр доранд, баъзан буттамонанданд. Баргҳои сода доранд. Гулҳояшон даста – даста ҷойгир буда, нодурустанд (зигоморфӣ), ранги арғувонӣ доранд. Тавассути тухм зиёд карда мешаванд.

1. Шулаш - Cercis griffithii Bois.

Дар Помиру – Олой дарахти на чандон калон буда, то 3-6 м баланд мешавад. Шулаш дар Тоҷикистон васеъ паҳн шудааст. Ҷангалҳои зичи он дар қаторкӯҳҳои Каротегин, Вахш, Дарвоз, Ҳазратишоҳ вомехӯранд. Одатан бутташакл буда, шохаҳои зиёд дорад. Пусти пояҳои куҳнааш қаҳвранги сиёҳтобанд. Баргҳояш 5-8 (12) см дарозӣ ва 4-7 см васегӣ доша, гирди ҷигаршакланд. Гулҳояш ранги арғувонӣ дошта, дар хуша ҷойгиранд, диаметрашон то 1.5 см мерасад. Мевааш (кӯсакаш) то 8 см дарозӣ ва 2.5 см васеъгӣ доранд. Одатан дар нимаи охири моҳи март ва аввали апрел гул мекунад. Гулҳои аввалини он дар сини 5-7 солагӣ пайдо мешаванд. Тавассути тухм зиёд мешавад. Дар куҷое, ки шулаш меруяд, ба таври худрӯй аз тухмаш навниҳолҳои он пайдо мешаванд. Дар боғҳо ва кӯчаҳои ш. Душанбе ба таври зиёд вомехӯрад. Дар кӯчаю хиёбонҳо ва боғҳои фароғати ноҳияи Ашт парвариш карда мешавад ва аз соли 1960 он ба қайд гирифта шудааст.

<u>Ирғай</u>- cotoniaster insignis

Дар Тоҷикистон намудҳои ин авлод ба таври ёбои дар табиат мерӯянд ва боғӣ кунонида шудаанд. Номи тоҷикиаш ирғай мебошад. Буттаи хазонрез буда, навдаҳои рост, баъзе намудҳошон хамида доранд. Дар навдаҳои кӯҳнаашон хорҳои пурқуввати чубшудаи рост доранд.

Гулҳои навъҳои боғиаш калон буда, ранги онҳо сафед, ғайраҳо мешавад. Меваашон себаки чортухма буда, дар гипантии гуштин ҷойгиранд. Одатан дар нимаи охири моҳи март ва апрел гул мекунад. Гулҳои аввалини он дар сини 5 солагӣ пайдо мешаванд. Тавассути тухм зиёд мешавад. Дар куҷое, ки ирғай меруяд, ба таври худрӯй аз тухмаш навниҳолҳои он пайдо мешаванд.

Каталпа – catalpa scop.

Дар Тоҷикистон як намуди он парвариш карда мешавад - Каталпаи олиҷаноб– **Catalpa speciosa.** Ин намуд солҳои 30-юм ба Тоҷикистон оварда шудааст. Дарахти хазонрез буда, то 22 (24) м қад мекашад. Аҳамияти ороишии хуб дорад ва барои ороиши ҳавлӣ ва гулгаштҳо тавсия дода мешавад. Ба шароити Тоҷикистон тобовар мебошад ва хело хуб мутобиқ шудааст. Баргҳояш то 20 (30) см дарозӣ ва 15 (20) см паҳнӣ доранд. Гулҳояш дучинса буда, калонанд, рангашон сафед аст, онҳо дар тудагули ҷорубак 15 (30) – тогӣ ҷойгир шудаанд. Аз моҳи май то миёнаи моҳи июн гул мекунад. Мевааш қутичаи хушк буда, 25 (40) см дарозӣ ва 1.5 см васеъгӣ дорад. Аз тухмаш зиёд карда мешавад. Тухми онро баҳорон дар чуқурии 3 см зери хок менамоянд. Баъди 4-5 рӯз онҳо мебароянд. Аз тухмҳои соли аввал ҷамъоварӣ ва кишт кардашуда то 95% онҳо мебароянд, тухмҳои соли 2-юм камтар ва тухмҳои соли 3-юм бошанд, қобилияти сабзиданашонро гум мекунанд. Дар сини 3-4 солагӣ гул мекунад. Меваҳояш дар моҳҳои сентябр-октябр пӯхта расида, мӯҳлати дароз дар навдаҳояш мемонанд. Дар бисёр шаҳрҳои Тоҷикистон парвариш карда мешавад. Дарахти зебо буда, барои шинонидан дар боғҳо ва роҳҳои мошингузар пешниҳод карда мешавад. Каталпаҳо аз тухмашон зиёд мешаванд, навъҳои боғиашонро ба таври нашвӣ зиёд мекунанд. Каталпа дар тамоми дунё растании аз ҳама дӯстдошта ва ороишии беҳтарин ба ҳисоб меравад. Чи тавре, ки таҷрибаҳои боғҳои Осиёи Миёна ва Тоҷикистон нишон медиҳанд, каталпаро дар боғҳо, маҳаллаҳои аҳолинишин, минтақаҳои истироҳатии тамоми ҷумҳурӣ шинондан мумкин аст.

Дар боғҳои ботаникӣ, совхозҳои парвариши растаниҳои ороишӣ, қитъаҳои заминҳои наздиҳалиии ҷумҳуриамон навъҳои гуногуни ин ратанӣ парвариш карда шудаанд.

Шоҳбулути муқаррарӣ - aesculus hippocastanum l.

Дарахти хазонрези якхонагӣ буда, то 15 м қад мекашад. Диаметри пояааш то 50 см мерасад. Баргҳояш супротивии – панҷашакли мураккаб буда, то 15 (25) см дарозӣ ва 6-8 см васеъгӣ доранд, аз 5 (7) баргчаҳо иборатанд. Гулҳояш дар тудагули ҷойгир буда ранги сафед доранд. Меваааш – қутича ном дошта, бо хорчаҳои зич пӯшида шудаанд. Аз тухмаш зиёд карда мешавад. Тухмҳояшро тирамоҳ ё баҳори соли дигар мешинонанд. Барои шинондан дар баҳор тухмҳои онро дар қуми намнок дар ҳарорати 5 градус тули 100 (120) рӯз нигоҳ медоранд. Дар мавриди кишт намудан дар фасли тирамоҳ тухмҳои онро дар чуқурии 10-12 см ва баҳор дар чуқурии 7-8 зери хок мекунанд. Ҷуякҳои тухм шинондаро бо қабати тунуки коҳ пӯшонидан лозим аст ва дар соли аввал каме соя кардан ба манфиати кор мешавад. Навниҳолҳо дар соли аввал кам қад мекашанд. Ба ҷойи муқимӣ онҳоро дар сини 3-4 - солагиашон мешинонанд. Каштан растании зебо буда, кӯчаҳои шаҳр ва боғу майдонҳоро ҳусни нав мебахшад. Баргҳои он дар ш. Душанбе моҳҳои октябр-ноябр меафтанд. Дар сини 8-9 солагиаш гул мекунад. Ҳар сол аз даҳрӯзаи дуюми моҳи апрел то миёнаи моҳи май гул мекунад. Меваааш дар моҳҳои октябр-ноябр пӯхта мерасад. Дар зери дарахттони шоҳбулут навниҳолҳои аз тухм сабзидаи онро мушоҳида намудан мумкин аст.

Чанор – platanus orientalis l.

Чанор дар Тоҷикистон дар табиат васеъ мерӯяд ва боғи кунонида шудааст. Дар табиат дар соҳили дарёҳои Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ мерӯяд. Дар 50 соли охир ҳамчун растании ороишӣ васеъ истифода бурда мешавад. Одатан як поя дорад. Растании дарахтии якхонагӣ буда, то 30 -35 м қад мекашад. Навниҳолҳои он бо пустлохи хокистарранги кабудчатоб ва дарахтони пиртарашон бошанд, бо пустлохи хокистараанги сиёҳчатоб пӯшида шудаанд. Баргҳояш 3-5 (7) паррача доранд. Гулҳояш якҷинсаи хурданд, тухмҳояш низ хурд буда, дар ғуҷуммеваи курашакл ҷойгиранд.

Чанорро дар Тоҷикистон аз замонҳои қадим ҳамчун растании ороишии сояафкан парвариш мекунанд. Онро одатан аз тухмаш зиёд мекунанд. Тухми онро моҳҳои октябр – ноябр ҷамъоварӣ намуда, аз мӯякчаҳо тоза мекунанд. Пеш аз кишт кардан (моҳҳои март-апрел) онҳоро дар оби гарм тар карда (1-2 соат) баъд бо қум аралаш карда, дар ҷуякҳо ё палҳо мешинонанд. Тухмҳо дар чуқурии то 0.5 см шинонда болояшонро бо қум ё аррамайда мепӯшонанд.

Баъди 8-10 рӯз майсаҳо падо мешаванд. Онҳо тез калон мешаванд. Дар охири сол онҳоро дар палҳои алоҳида ва дар охири соли дуюм дар ҷойи муқимӣ мешинонанд. Чанорро дар сину соли гуногун шинондан мумкин аст. Чанор дар ҷойҳои кушод ва сернам хуб сабзида, баргу шохаҳои зиёд пайдо мекунад. Дароахти чанор аз замонҳои Кадим дар деҳотҳои Тоҷикнишин парвариш карда мешавад. Хусусияти ороишии хуб ва сояафкан мебошад.

Туғи кавказӣ - celtis caucasica willd.

Як намуди растаниҳои гулдори ҷинси туғ аст. Мувофиқи рӯйхати растаниҳо барои соли 2013, номи Celtis caucasica Willd. бо номи воқеии Celtis australis subsp ҳаммаъно аст. caucasica Willd. Дарахт ё бутта бо баландии 4 - 7, аҳёнан то 12 м, пусти ҳамвор ва хокистарӣ. Навдаҳои ҷавон қаҳваранги қаҳваранг ё сурхранг мебошанд.

Баргҳои содда, дарозии 4 - 10 см, паҳнои 2,5 - 5 см, ғафс, бо нӯги кӯтоҳи нӯгтез, сатҳи барг тези дандоншикан ё якбора хамида-серрат, бо пойгоҳи нобаробар мудаввар ё ҷодугарӣ, торик хокистарӣ-сабз, сахт , ноҳамвор аз боло, аз зер пӯсида, дар петчаҳои дарозиашон 2 - 5 мм, ки рагҳои возеҳи баромад доранд.

Садбарг - rosa l.

Дар Тоҷикистон намудҳои ин авлод ба таври ёбои дар табиат мерӯянд ва боғӣ кунонида шудаанд. Номи тоҷикиаш настаран, садбарг, хуч ҳулул мебошад. Буттаи хазонрез буда, навдаҳои рост, баъзе намудҳошон хамида доранд. Дар навдаҳои кӯҳнаашон хорҳои пурқуввати чубшудаи рост доранд. Гулҳои навъҳои боғиаш калон буда, ранги онҳо сафед, зард, сурх, гулобӣ ва ғайраҳо мешавад. Меваашон чормағзаки яктухма буда, дар гипантии гуштин ҷойгиранд.

Садбаргҳо аз тухмашон зиёд мешаванд, навъҳои боғиашонро ба таври нашвӣ зиёд мекунанд. Садбарг дар тамоми дунё растании аз ҳама дӯстдошта ва ороишии беҳтарин ба ҳисоб меравад. Чӣ тавре, ки таҷрибаҳои боғҳои Осиёи Миёна ва Тоҷикистон нишон медиҳанд, садбаргро дар боғҳо, маҳаллаҳои аҳолинишин, минтақаҳои истироҳатии тамоми ҷумҳурӣ шинондан мумкин аст.

Дар боғҳои ботаникӣ, совхозҳои парвариши растаниҳои ороишӣ, қитъаҳои заминҳои наздиҳалиии ҷумҳуриамон зиёда аз 800 навъҳои садбарг парвариш карда шудаанд. Аз ин миқдор дар кӯчаю хиёбонҳо ва боғҳои фароғати ноҳияи Ашт барои парвариш намудан 91 навъи онро пешниҳод намудаст.

Камол, кумод-Ferula

Як авлод аз оилаи чатргулон буда, баландиаш то 3 м мерасад. Баргҳояш калони бурришнок, хӯшагулаш чатршакл, гулаш зард ё сафедчатоб буда, мевааш аз ду ниммеваи фишурдаи қирраҳояш ришташакл иборат аст. Дар ҳудуди Тоҷикистон асосан дар маҳалҳои кӯҳӣ бештар аз 36 намуди камол мерӯяд. Аз камол зифт, самғ, равғани эфир, дору ва дигар маводҳои лозима мегиранд. Намудҳои Осиёимиёнагии камол байни мардум бештар маъмуланд: Камоли бадбӯй (F. foetida (Bunge) Regel.) самғ - зифт дорад, ки он барои муолиҷаи бемориҳои асаб ва дигар касалиҳо истифода мешавад. Дар таркиби решаи камоли шаир (F. varia Trautv.) зифт бисёр аст. Аз камоли самғдор (F. gumosa Boiss., F. galbanifera Mill.) самғзифти галбан мегиранд, Камоли мушкин ё ки сумбул (F. sumbul (Kauffm.) Hook.) равғани эфири мушкбӯй дорад, ки дар саноати атриёт ба кор мебаранд. Дар таркиби решаи баъзе камолҳо оҳари истеъмолӣ ҳаст. Намудҳои F. ovina Boiss., F. karatavica Regel., F. penninervis Regel ва ғайра чун хӯроки чорво маъмуланд. Гули аксар намудҳои камол (рошак - F. primaeva Korov., касруф - F. eugenii Kam., ров - F. foetidissima Regel) сершаҳд буда, аҳамияти ғизоӣ доранд. Решаи баъзе намудҳои камол бисёр ангиштоб ва сафеда доранд, ки барои истеҳсоли оҳар ва спирт истифода метавон бурд.

Дар типи набототи нимсаваннаҳои қадпаст, дар ковокиҳои кафидаи санги мармар, шаҳҳо ва шибляк намуди *F. lutophila* дида мешавад. Умуман авлоди камол дар типҳои гуногуни набототи Тоҷикистон васеъ паҳн гаштааст, ки ҳар яки он ба шароити экологии (таркиби хок, намнокӣ, ҷамоаҳои набототи ба худ хоси он, равшанӣ ва ғайраҳо) мутобиқ гаштаанд. Намудҳои авлод дар кӯҳи Қурама, Могол-Тау, дар посёлкаи Ким (Санто), Консой мавҷуд мебошад.

Хулоса

Барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон растаниҳо нақши хеле зиёд доранд. Сатҳи баланди даромаднокии сайёҳӣ дар ҷаҳон ин соҳаро яке аз соҳаҳои афзалиятноки барномаҳои рушди давлатии бисёр кишварҳои сайёра сохтааст. Ба рушди фаъолияти соҳаи сайёҳӣ дар кишварҳои тараққикардаистода, ки дар марҳилаи таҷдиди сохтори иқтисодии соҳавӣ қарор доранд аҳаммияти махсус дода мешавад.

Дар Тоҷикистон аввалан табиати зебои харобнагашта, гуногунии ғании олами набототу растанӣ, инчунин ҷойҳои таърихию фарҳангии хеле зиёд мавҷуданд, ки диққати сайёҳони зиёдро ба худ ҷалб менамояд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ, ин ба вуҷуд овардани ҷойҳои кории нав ба ҳисоб рафта, ҳам аз ҷиҳати ҳифзи табиат аҳаммияти хеле калон дорад. Барои ҳамин ҳам яке аз самтҳои рушдёфтаистодаи кишвар рушди соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, соҳаи сайёҳӣ хусусияти оммавӣ дошта, гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро фаро мегирад ва метавонад дар ташаккули ҷаҳонбинии нави экологӣ яке аз нақшҳои пешбарандаро бозад.

Он гуногунӣ ва боигарии флоравие, ки Тоҷикистон дорад, имконият ва шароити хеле васеъ фароҳам меорад, ки дар соҳаи сайёҳӣ истифода бурда мешавад. дар ҳолати аз ҷониби мутахассисонхуб ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ ва ташвиқотӣ сайёҳии флоравӣ метавонад ба кишвар даромадииқтисодии бисёр калон ба бор орад. Ғайр аз манфиати иқтисодӣ истифодаи растаниҳо дар сайёҳӣ корҳои таблиғотиро байни аҳолӣ зиёд менамояд. Огоҳии худи мардуми маҳаллӣ низ нисбати растаниҳо баланд гардида, онҳо ба табиат ғамхорона муносибат карда, онро этиёт мекунанд. Аммо, барои дурус ба роҳ мондани ин кор аввалан мебояд мутахассисони соҳаи ботаника ва туризмбо ҳамдигар ҳамкории зич дошта бошанд. Ширкатҳои сайёҳиро мебояд бо назардошти донишҳои ботаникӣ ва маслиҳати ботаникон хатсайрҳои махсус созанд. Инчунин, рушди инфрасохтор ва хизматрасонии сайёҳӣ бо назардошти сайёҳони растанидӯст метавонад ба рушди ин соҳа мусоидат кунад.

АДАБИЁТ

1. Бегов А.О. Наќши туризми экологї дар рушди иќтисодиёти Тољикистон / А.О.Бегов, Д.Шодии // Кишоварз, Донишгоњи аграрии Тољикистон ба номи Шириншоњ Шотемур. -№1 (90), -Душанбе, 2021. -С.151-155.
2. Бегов А.О. Анализ и оценка развития экологического туризма в регионе / А.О. Бегов // Вестник Педагогического университета. Серия Естественных Наук, №3-4 (11-12).-Душанбе, 2021. -С. 184-189.
3. Биржаков М. Б. Введение в туризм / М. Б.Биржаков. -СПб.: Питер, 2001. -390 с.
4. Бобозода. Т., Бобоев. М., Шарифов.И. “Нињолхона” (питомник). - Душанбе, 2008 МХМФ “Мастер Принт”. 39 с.
5. Дмитрук О. Ю. Экологический туризм / О. Ю.Дмитрук. -М.: Инфра-М, 2009. -402 с.
6. Проект Европейского Союза: Разработка Национальных Экологических Стратегий для Устойчивого Развития (Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан). Пилотный Проект для Таджикистана № Проекта: EuropeAid122149/C/SV/MULTI. Душанбе 2007.
7. Сатторов Р.Б., Мирзоев Н.М., Холматов И.Б. Таъсири таѓйирёбии иќлим ба гуногунии биологии Тољикистон //Илм ва фановарї.-Душанбе, 2023. -С.262-267.
8. Саидова Х.У. Влияние Особо охраняемых природных территорий на организации и развитии экотуризма в Республике Таджикистан// Государственное управление, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, № 4-2 (64), 2023.- С.61-68.
9. Стратегияи рушди туризм дар Љумњурии Тољикистон барои то соли 2030. Душанбе, 2018 - №372.
10. Сулейманова Ж.Р., Бабой С.Д. Роль ООПТ в развитии экотуризма и рекреационной деятельности на юге Красноярского Края// биоэкологическое краеведение: мировые, российские и региональные проблемы материалы 4-й международной научно-практической конференции, посвящённой 115-летию со дня рождения доктора биологических наук, профессора И.С.Сидорука и доктора сельскохозяйственных наук, профессора П.А.Положенцева.-Самара, 2015.-С.317-324.
11. улейманова Ж.Р. Роль ООПТ в развитии экотуризма и рекреационной деятельности на юге Красноярского Края / Ж.Р. Сулейманова , С.Д. Бабой // Биоэкологическое Краеведение: Мировые, Российские И Региональные Проблемы материалы 4-й международной научно-практической конференции, посвящённой 115-летию со дня рождения доктора биологических наук, профессора И.С.Сидорука и доктора сельскохозяйственных наук, профессора П.А.Положенцева.-Самара, 2015. -С.317-324.
12. Темралиева С.Б. Экологический туризм в системе ООПТ Западно-Казахстанской области Республики Казахстан / С.Б.Темралиева , Г.Э. Настинова // Экология, здоровье и образование в XXI веке. Глобальная интеграция современных исследований и технологий: Материалы III Кавказского экологического форума. Чеченский государственный университет имени Ахмата Абдулхамидовича Кадырова.-Грозный, 2017. -С.302-306.
13. Травкина М.Ю. Регулируемый туризм и отдых в национальных парках / М.Ю. Травкина. – М.: Центра охраны дикой природы, 2002. – 80 с.
14. Холматов И.Б. Новые данные по снежному барсу (*panthera uncia* schreber, 1775) и его основные добычи на водоразделе Туркестанского и Зеравшанского хребтов/ И.Б. Холматов, А.С. Саидов. //Известия Национальной Академии наук Таджикистана -№3(222). -Душанбе: Дониш, 2023. -С.34-40.
15. Ceballos-Lascuráin, H. The IUCN Ecotourism Consultancy Programme. – México, 1993.

РАСТАНИҲОИ АҲАММИЯТИ САЙЁҲИДОШТАИ ТОҶИКИСТОН

Мақола фарогири мавзуи мубрам оид ба растаниҳои аҳаммияти сайёҳидоштаи Тоҷикистон маълумот гирд оварда шудааст. Дар мақолаи мазкур инчунин дар бораи соҳаи сайёҳии экологӣ низ маълумот дода шудааст. Чуноне ки Сарвари давлат зикр намуда буданд, барои бунёд намудани инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ва омода намудани даҳҳо ва садҳоҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва дорои ҳунарҳои мардумӣ як сол кифоя нест. Ба ҳамин хотир барои рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои зарурию иловагӣ андешида шаванд. Гуфтан ба маврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин намудҳои растаниҳоро мисол овардан мумкин аст, ки аз ҷиҳати сайёҳӣ аҳаммияти калон доранд. Намудҳои гуногуни растаниҳои кишвари мо дар ҳар гӯшаю канори мамлакатамон фаровон доман паҳн карданд. Моро зарур мебояд, ки минтақаи паҳншавии онҳоро муайян созем ва дар кадом муҳити экологӣ рушд намудани онҳоро сарфаҳм равем.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, сайёҳии экологӣ, растаниҳои аҳаммияти сайоҳидошта, растаниҳои ороишӣ, соҳаи сайёҳӣ, камол, арча, чинор, садбарг.

РАСТЕНИЯ ПРОИЗРАСТАЮЩИЕ В ТАДЖИКИСТАНЕ И ИМЕЮЩИЕ ТУРИСТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ

Статья освещает актуальную тему, и содержит информацию о растениях, имеющих туристическое значение в Таджикистане. В статье также представлена информация об индустрии экотуризма. Как отметил Глава государства, за один год невозможно построить туристическую инфраструктуру, подготовить десятки и сотни тысяч профессиональных ремесленников и мастеров. Поэтому необходимо принять необходимые дополнительные меры по развитию туристической инфраструктуры во всех регионах страны.Стоит отметить, что в Республике Таджикистан произрастает множество видов растений, имеющих большое значение с точки зрения туризма. Разнообразные виды растений нашей страны широко распространены во всех уголках республики. Нам необходимо определить ареал их распространения и понять экологическую среду, в которой они процветают.Туристическим компаниям следует разрабатывать специальные маршруты, основанные на знаниях о ботанике и рекомендациях ботаников. Также развитию этого сектора может способствовать развитие туристической инфраструктуры и услуг, учитывающих интересы туристов-любителей растений.

Ключевые слова: туризм, экологический туризм, растения туристического значения, декоративные растения, туристическая индустрия, ферула, можжевельник, чинар, роза.

PLANTS GROWING IN TAJIKISTAN AND HAVING TOURIST SIGNIFICANCE

The article covers a relevant topic related to the tourism industry and contains information about plants of tourist importance in Tajikistan. The article also provides information about the ecotourism industry. As the Head of State noted, it is impossible to build a tourism infrastructure in one year, train tens and hundreds of thousands of professional artisans and craftsmen. Therefore, it is necessary to take the necessary additional measures to develop tourism infrastructure in all regions of the country. It is worth noting that many plant species grow in the Republic of Tajikistan that are of great importance in terms of tourism. Various plant species of our country are widespread in all corners of the republic. We need to determine their distribution area and understand the ecological environment in which they thrive.Travel companies should develop special routes based on knowledge of botany and recommendations of botanists. Also, the development of this sector can be facilitated by the development of tourism infrastructure and services that take into account the interests of plant-loving tourists. Key words: tourism, ecotourism, plants of tourist importance, ornamental plants, tourism industry, ferula, juniper, plane tree, rose.

Keywords: tourism, ecological tourism, plants of tourism importance, ornamental plants, tourism industry, kamol, juniper, plane tree, rose.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Бобоев Ҷурабой Абдусаломович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ботаника ва дендрология. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-26-01-85**

Шукурова Гавҳар Наимовна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми кафедраи зоологияи факултети биология". **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 800-08-27-37**

Ғайратова Фарангис Исматуллоевна - МДТ "Коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор", омӯзгори калони кафедраи фанҳои "Табиӣ-риёзӣ". **Суроға:** 735024, шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Ҷавонон. Телефон: **(+992) 909-44-38-09**

Сведения об авторах: ***Бобоев Джурабой Абдусаломович*** – Таджикский национальный Университет, ассистент кафедры ботаника и дендрология. **Адрес**: 734025, Республики Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-26-01-85**

Шукурова Гавхар Наимовна - Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры зоологии факультета биологии. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17. Телефон: **(+992) 800-08-27-37**
Гайратова Фарангис Исмтулло**евна -** ГОУ «Гиссарский медицинский колледж», старший преподаватель кафедры «Естественно-математические дисциплины». **Адрес:** 735024, город Гиссар, сельская община Дурбат, село Джавонон. Телефон: **(+992) 909-44-38-09**

Information about authors: ***Boboev Juraboy Abdusalomovic*****h** - Tajik National University, assistant of the department of botany and dendrology: **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **918-26-01-85**
Shukurova Gavhar Naimovna - Tajik National University. second-year master Department of Zoology, Faculty of Biology. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 800-08-27-37**
Gayratova Farangis Ismatulloevna **-** SEI " Medical College of Hissar City ", senior teacher of the department of "Natural and mathematical sciences". **Address:** 735024, Hissar city, Durbat rural community, Javonon village. Phone: **(+992) 909-44-38-09**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 07.01.2025
Аз тақриз баргашт: 27.01.2025
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 572.8

ТАЪСИРИ ШАРБАТИ КАЧИМ БА ҚОБИЛИЯТИ КОРШОЯМИИ ДОНИШҶӮ-ВАРЗИШГАР ДАР ШАРОИТИ БАЛАНДКӮҲ

Зафаров Х. А., Синонова С. Д., Султоналиева Г. Ш., Султоналиева С. Б.

Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Изҳороти мушкилиҳо. Баланд бардоштани маҳорати варзишгарон аз намуди варзиши сабук ва ҳам барои дигар намудҳои варзиш хеле муҳим аст, ки дар шароити кӯҳистон омодагӣ мебинанд. Гарчанде ки хусусияҳои хоси фаъолияти варзишӣ надошта бошад ҳам, аммо унсури муҳимми омодагии варзиширо (фаъолияти тамринӣ дар шароити миёна ва баландкӯҳ) дорад [1].

Дар байни маводҳои фармакологии баланд бардоштани нишондиҳандаҳои умумӣ ва махсуси варзишгарон дар чунин шароит диққати моро шарбати качим ба худ ҷалб намуд. Ин шарбат дорои қобилияти барқароршавии коршоямии системаҳои дилу рагҳо, нафаскашӣ, мушакҳои скелетиро дорад. Шарбати качим барои одамони фишори хунашон паст ва фаъолияти меҳнатии суст дошта пешбинӣ шудааст [10]. Тадқиқотҳои минбаъда таъсири мусбати шарбатро ба фаъолияти умумӣ ва махсуси варзишгарон собит намуданд, ки қисман ба хосиятҳои антиоксиданти ин илова вобаста аст [3,4]. Самаранокии баланди шарбати качим, ки дар натиҷаи тадқиқотҳои сершумори таҷрибавӣ, клиникӣ ва саҳроӣ муқаррар карда шудааст, асоси тавсияҳо оид ба истифодаи он дар раванди омода намудани донишҷӯ-варзишгарони дастаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов ба мусобиқаи Ҷумҳуриявӣ оид ба варзиши сабук, ки дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, нақши калонро мебозад [6-9].

Мақсади тадқиқот-баҳодиҳии самаранокии шарбати качим ҳамчун мавод баҳри баланд бардоштани нишондиҳандаҳои физиологии варзишгарони варзиши сабук дар шароити шадиди кӯҳистон мебошад.


Усул ва ташкили тадкикот. Шарбати качим дар шароити баландкӯҳ озмуда шуд. Таҳқиқот дар баландии 2000 м аз сатҳи баҳр гузаронида шуд. Барои озмоиш қобилияти коршоямии варзишгарон мо масофаи 8- киллометрро бо бардоштани 15 кг бор интихоб намудем. Ихтиёран дар давоми се рӯз бо бори 15—20 килограмм 8 километр роҳро тай карда, ба баландии 2000 метр аз сатҳи баҳр баландро баромаданд. Камшавӣ ва норасоии оксигени бо ҳарорати пасти шабона то -4^{0}С душвор гардида, ки он боиси мушкилоти истироҳат ва барқароршавии қувва мегардад. Дар гузаронидани тадқиқотҳо 25-нафр донишҷӯ-варзишгар аз 19 то 20 сола иштирок доштанд, ки аз онҳо 12 нафарашон шарбати ин гиёҳро чор рӯз, бо ҳаҷми 5мл 1 бор дар як рӯз истеъмол карданд ва 13 нафари боқимонда намояндагони гурӯҳи назоратӣ буданд.

Санҷиши ҳамаҷонибаи варзишгарон дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ бо истифода аз усулҳои ҳамаҷониба қабулшуда гузаронида шуд [11]. Натиҷаҳои тадқиқот бо истифода аз t- Student [2] ба таври оморӣ коркард карда шуданд.


Натиҷаҳои тадқиқот ва муҳокимаи онҳо. Чи тавре, ки ба ҳамагон маълум аст, ҳангоми ба баландии 2200-2500м баромадан фишори атмосфера паст гардида мутаносибан миқдори оксиген дар таркиби ҳаво паст мегардад. Бинобар варзишгарон дар рӯзи аввал дар ингуна баланди ба тамрин машғул шудан аз сабаби норасоии оксиген организм эҳсосоти ногуворрро ҳис намуда тамоми механизмҳои ҷуброниии ҷисмонӣ баҳри бартараф намудани он равона карда мешавад. Аз таҳлили натиҷаҳои саволнома маълум гардид, ки гурӯҳи варзишгарон шарбати качимро қабул намуданд ба кӯҳ баромадан осонтар аст. Аз ин рӯ, шумораи шикоятҳо дар саволномаи кӯҳӣ кам шуда, дар вақти танафус қувваи онҳо хеле зудтар барқарор гардид. Дар ин гурӯҳи варзишгарон эҳсосоти хастаги камтар буда, қобилияти коршоями хубтар гардида

сарбории ҷисмониро бе ягон душворӣ бартараф намуданд. Аломатҳо, ки ба патологияи шадиди кӯҳӣ хос аст, танҳо ба дараҷаи ночиз зоҳир шуда, ба ҳолати функсионалии варзишгарон ва фаъолияти онҳо амалан таъсир нарасонид.


Таҳлили натиҷаҳои санҷиш бо истифода аз саволномаи ХҲ (худбаҳодиҳии ҳолат) ва усули Спилбергер-Ханин нишон дод, ки варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ бехтар шудан ба таври боварибаш ҳолати ҷисмонии худро нишон доданд (расми 1). Тибқи ин санҷиш шумораи холҳо аз 27,3±5,8 то 44,9±3,8 ба саломатии хуб мувофиқат мекунад. Шумораи умумии шикоятҳо (расми 2) дар оғози тадқиқот ҳамаги 4,1±1,2 холро ташкил намуд. Дар охири таҳқиқот варзишгарон ягон шикоят надоштанд. Камшавии равшани изтироби реактивӣ қайд карда шуд (расми 3) аз 39,8±3,4 то 18,3±2,7. Аз натиҷаҳои дар расми 3 дарҷ гардида маълум гашт, ки гурӯҳи варзишгароне, ки шарбати качимро қабул намуданд паст гардидани шиддатнокии равонии онҳо ба қайд гирифта шуд, агар ин нишондод пеш аз қабули шарбат 39,8±4 воҳид баробар бошад пас он 18,3±2,7 воҳидро ташкил намуда, ки мо ду маротиба камшавии ин нишондиҳандаро мушоҳида намудем. Дар гурӯҳи муқоисавӣ бошад, шиддатнокии истироби равонӣ дар тамоми давраи таҳқиқот бе тағйир боқи монд.



Расми 1. Тағйирёбии нишондиҳандаи динамикии некуаҳволи субъективӣ дар варзишгарони таҷрибавӣ (А) ва назоратӣ (В)




Расми 2. Тағйирёбии миқдори динамики шикоят (у.е.)дар варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ (А) ва назоратӣ (Б)



Расми 3. Тағйирёбии нишондиҳандаи динамики ташвишҳои ҳасосият (реактивной) дар варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ (А) ва назоратӣ (Б)


Дар гурӯҳи назоратӣ, дар давоми санҷиш, сатҳи эҳсосоти субъективӣ паст шуда, дар доираи ҳудуди муқаррарӣ боқӣ монд ва 28,1±6,7 воҳид дар оғози омӯзиш ва 23,2±2,1 воҳид дар охир. Шумораи шикоятҳо дар ибтидои тадқиқот 5,4±2,6 ва дар охир 4,2±2,3 воҳидро ташкил намуд. Ташвиши ҳасосиятӣ (реактивной) дар оғози тадқиқот 38,7±3,2 воҳид ва 39,1±2,1воҳид шидатнокии равони пас аз гузаронидани тадқиқот ташкил намуд.

Динамикаи нишондодҳои психофизиологи чунин буд. Дар гурӯҳи таҷрибавии варзишгарон фишори систолӣ (қиматҳои миёна) пеш аз оғози таҳқиқ 117±15,26 мм ст. симоб, пас аз таҳқиқ 120,63±12,08 мм ст. симобро ташкил дод (расми 4). Фишори диастолӣ дар варзишгарони ин гурӯҳ пеш ва баъд аз таҳқиқ мутаносибан 72,7±10,35 ва 75,52±8,21 мм.симобро ташкил дод (расми 5).



Расми 4. Тағйирёбии нишондиҳандаи динамики фишори систолии хун дар варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ (А) ва назоратӣ (Б)

Дар гурӯҳӣ назоратӣ пеш аз оғози таҳқиқ фишори систоликӣ (қиматҳои миёна) 114±7,5 мм ст. симоб, пас аз таҳқиқ 120,63±8,1 мм ст.си.б баробар буд. Фишори хуни диастолӣ пеш аз таҳқиқ 72,7±4,18 мм ст. симоб, пас аз таҳқиқ 74,9±5,48 мм ст.симобиро ташкил намуд. (ниг. Расми 4,5).




Расми 5. Тағйирёбии нишондиҳандаи динамики фишори диастолии хун дар варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ (А) ва назоратӣ (Б)

Дар рафти тадқиқот ягон ҳолати тағйирёбии ногаҳонии фишори хун дар варзишгарони ҳар ду гурӯҳ мушоҳида нашудааст.

Тапиши дил дар аввали тадқиқот дар варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ 64,1±6,76 зарба дар 1- дақиқа буд, дар охир — 66,1±3,78 задан. дар 1 дақиқа.


Дар рафти тадқиқот, варзишгарони гурӯҳи назоратӣ амалан динамикаи равшани тағйирёбии суръати дилро нишон надоданд. Суръати миёнаи набз 67,1±11,96 зарба дар 1- дақиқаи оғози тадқиқот ва 67,8±7,46 зарба дар 1-дақиқаи охири омӯзиш. Тағйирёбии суръати дил дар ҳарду гурӯҳ дар ҳудуди меъёр бо мӯътадилсозии ночиз буд (расми 6).



Расми 6: Тағйирёбии нишондиҳандаи динамики зудди задани дил дар варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ (А) ва назоратӣ (Б)

Аз рӯи натиҷаҳои ченкунии набз ва фишори хун мо индексҳои вегетативиро ҳисоб кардем, то ки «арзиш»-и физиологии кори системаи дилу рагҳои варзишгаронро дар зери сарбории ҷисмонӣ баҳо диҳем.


Ҳамин тавр, муқаррар карда шуд, ки дар аввали таҳқиқ донишҷӯ-варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ нишондиҳандаи вегетативии Руфье 76,82±7,06 воҳидро ташкил намудан (нишон медиҳад, ки дараҷаи захираи дилу рагҳои ин донишҷӯ-варзишгарон аз ҳисоби миёна боло буд; Расми 7). Дар охири тадқиқот арзиши индекс 73,11±3,04 воҳид буд, ки ин аз афзоиши захираҳои системаи дилу рагҳо дар ин гурӯҳи таҷрибавӣ шаҳодат медиҳад.



Расми 7: Тағйирёбии динамикии индекси Руфӣе дар варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ (А) ва назоратӣ (Б)

Дар гурӯҳи назоратӣ ҳангоми ҳисоб кардани индекси Руфе маълум шуд, ки дар оғози тадқиқот 83,11±5,6 воҳид (дараҷаи захираи системаи дилу рагҳо аз ҳисоби миёна баланд аст) ва дар охир — 93,19±5,87 воҳид, ки дар бораи шиддатнокии механизмҳои танзими системаи дилу рагҳои донишҷӯ-варзишгарон бо афзоиши «нархи» физиологии меҳнат сухан рондан асос медиҳад. Дар ин гурӯҳ, тамоюли доимӣ ба коҳиши захираҳои дилу рагҳо дар таҳқиқот муайян карда шуд.

Нишондиҳандаи вегетативии Кердо дар донишҷӯ-варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ дар оғози тадқиқот 1,59±0,69 воҳид буд (бартарияти танзими асаби парасимпатикӣ) ва баъди тадқиқ – -2,22±1,28 воҳид (бо начандон баланд шудани тонуси танзими асаби парасимпатикӣ). Гурӯҳи назоратии варзишгарон бо он тавсиф карда шуд, ки нишондиҳандаи вегетативии Кердо онҳо 0,16±0,06 воҳид (бартарияти танзими асаби парасимпатикӣ) ва баъди тадқиқ -0,29±0,12 воҳид (на чандон баланд шудани тонуси танзими асаби симпатикӣ), (расми 8). Бартарии доимии танзими асаби симпатикӣ аз шиддати раванди мутобиқшавӣ шаҳодат медиҳад, ки метавонад боиси вайрон шудани он гардад.




Расми 8: Тағйирёбии динамикии индекси Кердо дар варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ (А) ва назоратӣ (Б)

Бо истифода аз озмоишҳои нафаскашии Штанге ва Генче, баҳодиҳии динамикаи тағйирёбии қобилияти захиравии системаи нафаскашӣ бо ҳисоб кардани индекси нафаскашӣ гузаронида шуд.

Дар ибтидои тадқиқот нишондиҳандаи нафаскашии варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ 87,2±3,9 воҳидро ташкил дод, ки ин аз ҳолати қаноатбахши захираҳои системаи нафаскашӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар охири тадқиқот, индекс бо динамикаи мусбӣ тағйир ёфт ва 104,3±4,2 воҳид -ро ташкил дод, ки ин аз "афзоиши" иқтидори захиравии системаи нафаскашӣ шаҳодат медиҳад.

Дар гурӯҳи назоратӣ индекси нафаскашӣ дар оғози тадқиқот 89,8±4,7 воҳид (вазъияти қаноатбахши захираҳои системаи нафаскашӣ) ва баъди таҳқиқ он бо динамикаи каме мусбат тағйир ёфта, -97,3±5,2 воҳид ташкил дод (расми 9).



Расми 9: Тағйирёбии динамикии индекси нафаскашӣ дар варзишгарони гурӯҳи таҷрибавӣ (А) ва назоратӣ (Б)

Кашишхурии дил ва динамикаи фишори шараёнии хун нишондиҳандаҳои умумии шиддатнокии фаъолияти физиологӣ мебошанд. Аз муқоисаи натиҷаҳои ба даст овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҳарду гурӯҳи варзишгарон устувории нисбии фаъолияти системаи дилу рагҳо ва системаи нафаскашӣ ба қайд гирифта шудааст, ки он ба таври бовариноки нисбати гурӯҳи назортӣ мутобиқати организмҳо ба шароити баландкӯҳ дар заминаи сарбории ҷисмонӣ таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми муоинаи варзишгароне, ки шарбати качимро қабул намудаанд, нишондиҳандаҳои вегетативӣ нисбат ба гурӯҳи назорат мутаносибан 5,6-11,6% баландтар буданд.

Дар якҷоягӣ бо афзоиши бовариноки индекси нафаскашӣ 23,7% дар заминаи қабули шарбати качим, ин аломати таъсири мусоиди дору нисбати фаъолияти таъминкуни оксиген, зуд ва пурра бартараф кардани норасоии ин газ мегардад, ки боиси паст шудани дараҷаи шиддатнокии фаъолияти физиологии бадан ва мутобиқшавии фаъолияти коршоямии варзишгарон дар шароити кӯҳӣ беҳтар мегардонад.

Дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ шумораи миёнаи шикоятҳо дар гурӯҳи таҷрибавӣ кам шудааст: шикоятҳо ба ҳисоби миёна 3,8 маротиба, шикоятҳои умумии аз системаи асаб – 5,8 маротиба, шикоятҳо аз системаи дилу нафас – 2,3 маротиба ва системаи ихроҷу ҳозима – 19 маротиба кам шудааст. Ин натиҷаҳо, бешубҳа, таъсири мусбии мушаххаси шарбати качимро нишон медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Допинг и эргогенные средства с спорте / Под обх. ред.В.Н.Платонова. К.Олимпийская литература, 2003. -576с.
2. Иванов Ю.И., Погорелюк О.Н. Статистическая обработка результатов медико-биологических исследований на микрокалькуляторах по программам / Ю.И. Иванов, О.Н.Погорелюк. -М:. Медицина,1990. -224с.
3. Физиология человека в условиях высокогорья /Под ред.О.Г.Газенко. -М: Наука, 1987.-520с.
4. Колчинская А.З О физиологических механизмах, определяющих тренирующий эффект средне и высокогорья / Теория и практика физ. Культуры.-1990. -№4. -С.39.
5. Вторичная тканевая гипоксия / Отв. Ред. А.З. Колчинская. -К.: Наук. Думка, 1983.-255с.
6. Белошицкий П.В. Курданов Х.А, Ильин В.Н. Функция внешнего дыхания у альпинистов ветеранов при адаптации к условиям среднегорья // Материаль Х Междунар.симпов. “Эколого-физиологические проблемы адаптации”. -М., Изд-во РУНД, 2001. -С. 63-64.
7. Белошицкий П.В. Проблема комплексных воздействий на организм //Автоматизированный анализ гипоксических сосьояний.- Нальчик-Москва. 2003. -С.49-50.
8. Устоев М.Б. Изучение эмоционального стресса и изменений вегетативных систем у студентов в зависимости от формы обучения / М.Б. Устоев, Б.Р. Устоев, М.Т. Алиева // Материалы международной научно – теоретической конференции на тему «Современная наука и образование: проблемы и перспективы». –Дангара. -2015. - С. 55-56.
9. Устоев М.Б. Психо - эмоциональное воздействие на деятельности головного мозга студентов при различных формах обучения / М.Б. Устоев, Б.Р. Устоев, М.Т. Алиева // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе: Сино, 2017. ISSN 2413-452X. №1/3. - С. 255-257.
10. Устоев М.Б. Влияние формы обучения на адаптивные возможности студентов при обучении в ВУЗЕ / М.Б. Устоев, М.Т. Алиева // Эколого – физиологические проблемы адаптации // Материалы XVII всероссийского симпозиума. Рязань 23-26 мая 2017г. –Москва., Российский университет дружбы народов. – 2017. -С. 225-226.
11. Устоев М.Б. Влияние экзаменационного стресса на здоровье студентов / М.Б. Устоев, М.Т. Алиева // Материалы II Всероссийской научно – практической конференции Агаджаняновские чтения Москва – 2018г. - С.265-266.
12. Устоев Б.Р. Изменение частоты сердечно – сосудистой у студентов в процессе обучение в вузе / Б.Р. Устоев, А.М. Собиров, М.Т. Алиева // Вестник нац. Университет естественные науки. –Душанбе, – 2016г. -№1/2 (196). -С. 273-278. ISSN 2413-452X.

13. Учение о здоровье: монография / И.П. Исаев, Н.Я. Прокопьев, В.М. Чимаров, В.Н. Ананьев, В.В. Шевцов, Е.В. Быков, С.А. Кабанов, Т.В. Потапова. - Тюмень: Изд-во ТГУ, - 2002. - 144с.
14. Фаустов А.С. Изменение функционального состояния нервной системы студентов во время учёбы / А.С. Фаустов, Ю.В. Щербатых // Гигиена и санитария. – 2000г. - №6. - С.33-35.
15. Хадарцев А.А. Здоровье студентов / А.А. Хадарцев, В.Э. Фризен, В.А. Жеребцова, Е.Е. Сапогова // сб. тез. Международной научно-практической конференции. - М., - 1999. - С.24-25.
16. Ханин Ю.Л. Краткое руководство к применению шкалы реактивной личностной тревожности / Ю.Л. Ханин, Ч.Д. Спилбергера. – Ленинград: ЛНИИФК, 2001. – 18с.

ТАЪСИРИ ШАРБАТИ КАЧИМ БА ҚОБИЛИЯТИ КОРШОЯМИИ ДОНИШҶӮ-ВАРЗИШГАР ДАР ШАРОИТИ БАЛАНДКӮҲ

Хулоса: Шарбати качим дар баланд бардоштани таҳаммулпазирӣ нисбати таъсири омилҳои номусоиди муҳити зист дар шароити миёна ва баландкӯҳ, инчунин осон кардани фаъолиятӣ таҳаммулпазирӣ ба сарбории ҷисмонӣ ва нигоҳ доштани саломатии хуб дар тамоми давраи тамрин дар кӯҳистон самаранокии баланд нишон дод. Дар зери таъсири шарбати качим вақти барқароршавии қувваи ҷисмонӣ кутоҳ гардида қобилияти коршоями баланд мегардад. Аз таҳлили натиҷаҳои саволнома маълум гардид, ки гурӯҳи варзишгарон шарбати качимро қабул намуданд ба кӯҳ баромадан осонтар аст. Аз ин рӯ, шумораи шикоятҳо дар саволномаи кӯҳӣ кам шуда, дар вақти танафус қувваи онҳо хеле зудтар барқарор гардид. Дар ин гурӯҳи варзишгарон эҳсосоти хастаги камтар буда, қобилияти коршоями хубтар гардида сарбории ҷисмониро бе ягон душворӣ бартараф намуданд. Аломатҳо, ки ба патологияи шадиди кӯҳӣ хос аст, танҳо ба дараҷаи ночиз зоҳир шуда, ба ҳолати функционалии варзишгарон ва фаъолияти онҳо амалан таъсир нарасонид. Кашишхӯрии дил ва динамикаи фишори шараёнии хун нишондиҳандаҳои умумии шиддатнокии фаъолияти физиологӣ мебошанд. Аз муқоисаи натиҷаҳои ба даст овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҳарду гурӯҳи варзишгарон устувории нисбии фаъолияти системаи дилу рагҳо ва системаи нафаскашӣ ба қайд гирифта шудааст, ки он ба таври бовариноки нисбати гурӯҳи назоратӣ мутобиқати организмҳо ба шароити баландкӯҳ дар заминаи сарбории ҷисмонӣ таъмин мекунад.

Калидвожаҳо: шарбати качим, баландкӯҳӣ, гипоксия, фишори хун, набз, нафаскашӣ, истироби равонӣ, мутобиқшавӣ, асаби симпатикӣ, асаби парасимпатикӣ.

ВЛИЯНИЕ ВИНОГРАДНОГО СОКА НА РАБОТОСПОСОБНОСТЬ СТУДЕНТОВ-СПОРТСМЕНОВ В УСЛОВИЯХ ВЫСОКОГОРЬЯ

Гречневый сок показал высокую эффективность в повышении толерантности к неблагоприятным факторам окружающей среды в условиях среднегорья и высокогорья, а также в облегчении переносимости физических нагрузок и сохранении хорошего самочувствия на протяжении всего периода тренировок в горах. Под влиянием гречневого сока сокращается время восстановления физических сил, повышается работоспособность. Из анализа результатов анкетирования установлено, что группе спортсменов, принимавших гречневый сок, было легче подниматься в горы. Поэтому количество жалоб в горной анкете уменьшилось, а силы восстанавливались значительно быстрее в состоянии покоя. У этой группы спортсменов меньше ощущалась усталость, повысилась работоспособность, и они без затруднений преодолевали физические нагрузки. Симптомы, характерные для острой горной патологии, проявлялись лишь в незначительной степени и практически не влияли на функциональное состояние спортсменов и их активность. Сократимость сердца и динамика артериального давления являются общими показателями интенсивности физиологической деятельности. Из сравнения полученных результатов можно сделать вывод, что в обеих группах спортсменов отмечена относительная устойчивость сердечно-сосудистой и дыхательной систем, что достоверно обеспечивает адаптацию организмов к условиям высокогорья по уровню физических нагрузок по сравнению с контрольной группой.

Ключевые слова: гипотензивный эффект, высокогорье, гипоксия, артериальное давление, пульс, дыхание, психическое стресс, адаптация, симпатическая нервная система, парасимпатическая нервная система.

THE EFFECT OF GRAPE JUICE ON THE PERFORMANCE ABILITY OF STUDENT-ATHLETES IN HIGH MOUNTAIN CONDITIONS

Buckwheat juice has shown high effectiveness in increasing tolerance to adverse environmental factors in medium and high altitude conditions, as well as facilitating the ability to tolerate physical exertion and maintaining good health throughout the entire period of training in the mountains. Under the influence of buckwheat juice, the recovery time of physical strength is shortened, and working capacity is increased. From the analysis of the questionnaire results, it was found that the group of athletes who took buckwheat juice found it easier to climb mountains. Therefore, the number of complaints in the mountain questionnaire decreased, and their strength was restored much faster during rest. In this group of athletes, feelings of fatigue were less, their working capacity improved, and they overcame physical exertion without any difficulties. Symptoms

characteristic of acute mountain pathology were manifested only to a minor extent and practically did not affect the functional state of athletes and their activity. Cardiac contractility and dynamics of arterial blood pressure are general indicators of the intensity of physiological activity. From the comparison of the results obtained, it can be concluded that in both groups of athletes, relative stability of the cardiovascular and respiratory systems was noted, which reliably ensures the adaptation of organisms to high-altitude conditions in terms of physical exertion compared to the control group.

Keywords: Hypotensive effect, high altitude, hypoxia, blood pressure, pulse, respir ation, mental stress, adaptation, sympathetic nervous system, parasympathetic nervous system.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Зафаров Хол Авзалович***- Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи анатомия ва физиология. **Суроға**: ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳалаи Лучоб, 53. Тел: **937771015**

Синонова Сабзбаҳор Дилшодовна- Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, муаллимаи калон, мудири кафедраи кафедраи тибби варзиш ва мудофиаи шаҳрвандӣ. **Суроға:** ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳалаи Лучоб -53. Тел: **938613561** Email: **sinonovasabzbakhor @gmail.com**

Султоналиева Гулистон Ширинбековна- Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, муаллимаи калони кафедраи анатомия ва физиология. **Суроға:** ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳаллаи Лучоб, 53. Тел: **502140072**

Султоналиева Ситора Бозорбековна- Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, муаллимаи калони, кафедраи тибби варзиш ва мудофиаи шаҳрвандӣ. **Суроға:** ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳалаи Лучоб -53. Тел: **939001750**

Сведения об авторах: ***Зафаров Хол Авзалович*** - Таджикский институт физической культуры им. С. Рахимова, кандидат биологических наук, заведующий кафедрой анатомии и физиологии. **Адрес:** г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспек Лучоб, 53. Тел: **937771015**

Синонова Сабзбахор Дилшодовна - Таджикский институт физической культуры им. С. Рахимова, старший преподаватель, заведующая кафедрой спортивной медицины и гражданской обороны. **Адрес:** г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспек Лучоб, 53. Тел: **938613561** Электронная почта: **sinonovasabzbakhor @gmail.com**

Султоналиева Гулистон Ширинбековна - Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова, старший преподаватель кафедры анатомии и физиологии. **Адрес:** г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспек Лучоб, 53. Тел: **502140072**

Султаналиева Ситора Бозорбековна - Таджикский институт физической культуры им. С. Рахимова, старший преподаватель кафедры спортивной медицины и гражданской обороны. **Адрес:** г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспек Лучоб, 53. Тел: **939001750**

Information about the authors: ***Zafarov Khol Avzalovich*** - Tajik Institute of Physical Education named after S. Rakhimov, Candidate of Biological Sciences, Head of the Department of Anatomy and Physiology. **Address:** Dushanbe, Republic of Tajikistan, mahalai luchob, 53. Tel: **937771015**

Sinonova Sabzbahor Dilshodovna - Tajik Institute of Physical Education named after S. Rakhimov, senior lecturer, head of the department of sports medicine and civil defense. **Address:** Dushanbe, Republic of Tajikistan, mahalai luchob -53. Tel: **938613561.** Email: **sinonovasabzbakhor @gmail.com**

Sultonalieva Guliston Shirinbekovna - Tajik Institute of Physical Education named after S. Rakhimov, senior lecturer, Department of Anatomy and Physiology. **Address:** Dushanbe, Republic of Tajikistan, mahalai luchob, 53. Tel: **502140072**

Sultonalieva Sitora Bozorbekovna - Tajik Institute of Physical Education named after S. Rakhimov, senior lecturer, Department of Sports Medicine and Civil Defense **Address:** Dushanbe, Republic of Tajikistan, mahalai luchob, 53. Tel**: 939001750**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 07.01.2025
Аз тақриз баргашт: 27.01.2025
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ТДУ: 574/578

ВИТАМИНҲО ВА АҲАММИЯТИ ОНҲО БАРОИ ҲАЙВОНОТ

Алибаева М.М.
Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловскийи АМИТ

Дар ҳайвонҳои болиғи кишоварзӣ, ки хӯрокаи растанӣ истеъмол менамоянд, ба авитаминоз кам гирифтор мегарданд. Дар ин ҳолат норасогии витаминҳо мушоҳида мешавад ва дар натиҷа гиповитаминоз инкишоф меёбад. Дар мавриди норасогии якчанд витаминҳо поливитаминоз дида мешавад.

Авитаминозҳо новобаста аз пайдоишашон дар пуст ва қабати луобӣ баъдан мағзи устухон, узвҳои хунофариниш, фаъолияти системаҳои асаб ва ҳозима зоҳир мегардад. Тағийротҳои қабатҳои луобӣ ва заиф гаштани системаи асаб устувории ҳайвонотро бо инфексияҳо паст намуда, дар асоси норасогии витаминҳо ба касалиҳои паратиф, бачапартоии паратифозӣ, энтерити хукбачаҳо, синга, рахит, бозмондагии расиш, номуътадилии сабзиши устухонҳо ва ғайра оварда мерасонад. Дар оянда нишонаҳои авитаминоз пайдо мешаванд. Витаминҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

А) дар об ҳалшаванда: B_1, B_2, B_3, B_4, B_5, B_6, B_{12}, B_{15}, Н, иноҳит, кислотаҳои фолиевӣ ва пантотенӣ, РР, С, Р ва ғайра.

Б) дар равғанҳо ҳалшаванда: А, Д, Е, Г, К ва ғайра.

Витамини B_1 (тиамин) антиневритӣ буда, нарасидани вай дар хӯрока ба вайроншавии системаи асаб оварда мерасонад. Вай дар мубодилаи карбогидрадҳо ва оксидшавӣ дар ҳуҷайраҳо иштирок менамояд. Ин витамин бисёртар дар таркиби дони хӯшадорон, нахӯд, лӯбиё ва хамиртуруши оби ҷав дида мешавад.

Дар ҳайвонҳои кавшакунанда вай бо ёрии бактерияҳо дар маҷрои меъдаю рӯда синтез карда мешавад. Барои ҳамин ҳам онҳо касал намешаванд. Дар мавриди норасогии витамини B_1 дар хӯрокаи мурғҳо, кабӯтарҳо, қозҳо ба касали авитаминози B_1-«бери-бери», ки бо вайроншавии фаъолияти системаи асаб - полиневрит номида мешавад, гирифтор мешаванд. Дар аввал иштиҳо гум шуда, бақувватии пойҳо суст шуда, баъд ҳодисаҳои асабӣ - бетартибии ҳаракат, рагкашӣ ва фалаҷ мушоҳида карда мешавад. Мурғҳо сарашонро ба ақиб мепартоянд, пойҳояшон шал мегардад.

Витамини B_2 (рибофлавин) - антидермавӣ буда, норасогии вай дар хӯрока, дар навбати аввал ба рӯйпӯши пуст таъсир мекунад. Рибофлавин - моддаи кристалии зарди сурхчатоби бебӯй аст. Таъсири физиологии ин витамин аз сафарбар намудани карбогидрадҳо, аминокислотаҳо ва кислота дар шир ба оксидшавӣ мебошад. Вай дар раванди расиш ва фотосинтези растаниҳо, ба қисмҳои рангини онҳо ҷамъ омада роли муҳим мебозанд. Аҳамияти калони биологии витамини B_2 аз он аён аст, ки дар таркиби ҳар як ҳуҷайраи растанӣ ва ҳайвонотӣ олам ҷой гирифтааст. Витамини B_2 дар таркиби юнучқа, алафҳои хӯшадор, шир ва тухм дида мешавад. Норасогаи ин витамин ҷароҳатмандии (қабати луъобии даҳон, лабҳо ва пусти назди гӯшҳо ва чашмро ба вуҷуд меорад. Шакли тозаи B_2 дар авитаминози ҳайвоноти ҷавонҳои кишоварзӣ вонамехӯранд, ба гиповитаминоз мусоидат менамоянд.

Витамини РР (кислотаи никотинӣ). Норасогии ин витамин дар хӯрока ба касалии пеллагра меорад. Кислотаи никотини кристаллии беранг буда, ба гармӣ тобовар, оксиднашаванда ва дар вақти пухтан вайроннашаванда мебошад. Миқдори зиёди вай дар таркиби хамиртуруши оби ҷав, сабус ва ҷанини ҷавдор мавҷуд аст. Ба касалии пеллагра мурғҳо, хукҳо ва сагҳо гирифтор мешаванд. Нишонаҳои клиникии пеллагра хело мураккаб буда, як қатор узвҳоро дарбар мегирад. Ҷойҳои ҷароҳати пуст сурх гашта, баъд хушк мешаванд пеллагра - (низ ҳаминро ифода мекунад).

Витамини С (кислотаи аскорбинӣ) - антисинготӣ. Вай ба таври сунъӣ ба даст оварда шудааст. Намуди хокаи кристаллиро дорад. Дар вақти нигоҳ доштан дар ҷои хушку торик муддати тулони бетағйир мемонад. Таъсири физиологии витамини С гуногун аст. Вай дар ғизогирии рагҳои хунгард, устухонҳо, буғумҳо, дандонҳо ва ба ҳосил намудани моддаҳои байни ҳуҷайравӣ иштирок менамояд. Инчунин барои сиҳатёбии ҷароҳатҳои гуногун зарур аст. Ин витамин ба воситаи шоша, наҷосат ва шир аз организм берун карда мешавад. Манбаи асосии витамини С растаниҳо мебошанд. Хусусан юнучқа, себарга, барги лаблабу, каду, карам ва картошка аз он бой аст. Дар мавриди мӯътадил тайёр кардани силос витамини С пурра нигоҳ дошта мешавад. Ба мақсади доруворӣ аз маҳлули меваи настаран, смородинаи сиёҳ ва сурх ' истифода мебаранд.

Ҳангоми нарасидани витамини С дар хӯрокаҳои хукҳо касалии синга ё скорбут инкишоф меёбад. Вай ба рӯйи пуст задани хун зоҳир мегардад. Мӯйҳои ғафси онҳо мулоим гашта мерезанд. Нишонаи дигари бисёр ҳам хоси синга тағйирёбиҳои милки дандонҳо мебошад. Онҳо сурх шуда, аз он ҷой хун меравад. Дандонҳо ҷунбида аксар вақт меафтанд. Дар дигар ҳайвонҳо дар шароити табиӣ синга дида намешавад. Мачрои ҳозимаи ҳайвоноти калон ва хурди шохдор дар натиҷаи фаъолияти инфузорияҳо ва дигар микроорганизмҳо дар шикамба витамини С-ро синтез мекунанд.

Витамини Д (калсиферол) - дар организми ҳайвонҳо аз провитамини эргестерин, зери таъсири нурҳои ултробунафш ҳосил мегардад. Дар навбати аввал витаминҳои пуст фаъол гардонида мешавад. Витамини Д мубодилаи моддаҳои минералӣ, хусусан калсий ва фосфорро танзим менамояд. Эргостерин бошад дар растаниҳои сабз, бедаи сабз, дар таркиби шир, хамиртуруши хушк, оби ҷав дида мешавад. Норасогии витамини Д дар (хӯрока, хусусан дар фасли зимистон) гӯсолаҳо, хукбачаҳо, бараҳо ва парандаҳои хонагӣ боиси сар задани касалии рахит мегардад. Дар ҳайвонҳои болиғ ин касалӣ дида намешавад. Рахит - ин касалии организм буда, ба устухонбандии вай таъсир менамояд. Дар аввал иштиҳо паст мешавад, сусти эҳсос мегардад, раванди расиш боз мемонад. Баъдан вайроншавии шакли устухонҳо — каҷшавии устухонҳои найчашакли пойҳои пеш ва сутунмуҳра мушоҳида мегардад. Ба рахит норасогии моддаҳои минералӣ, зиёд будани сафедаҳо дар хӯрока, камҳаракатии фардҳои ҷавон дар зери офтоб, тангӣ, ифлосӣ ва намнокии оғилхонаҳо ва ба таври доимӣ вайрон будани ҳазми хӯрок сабаб шуда метавонад.

Витамини Е (токоферол). Норасогии ин витамин дар таркиби хӯрокаҳо ба вайроншавии фаъолияти ҷинсӣ зоҳир мешавад. Барои ҳамин ҳам вайро нигоҳдорандаи безурриётӣ меноманд. Дар фардҳои нарина ин норасогӣ ба шакли дигаргунии ғадудҳои ҷинсӣ дар фардҳои модина ба халалдор гаштани ҳомиладорӣ ва оқибатҳои марги ҷанин дар бачадон оварда мерасонад.

Витамини Е бо роҳи тайёр намудани экстрактҳои консентранти фаъол ба даст оварда шудааст. Вай дар таркиби растаниҳо ба таври васеъ дида мешавад. Миқдори зиёди вай дар дон ва барги растаниҳо, хусусан дар майсаи гандум, ҷав, чавдор, барги юнучқа, себарга ва ғайра муайян карда шудааст. Таъсири физиологии витамини Е дар танзими мубодилаи чарбҳо зоҳир мегардад. Дар норасогии ин витамин мубодилаи чарбҳо вайрон шуда, дар организм маводҳои эаҳролудкунанда пайдо мешаванд. Ин моддаҳо сабабгори фавтидани ҷанин ва барҳам хӯрдани рӯйпӯши эпителии наслдонҳо мегардад.

Ғайр аз ин норасогии дуру дарози ин витамин ба вайрон шудани кори системаи мушакӣ оварда мерасонад.

Дар мавриди касалии якхелаи ҳайвонот (брутселлези чорвои калони шохдор, бачапартоии инфексионии байталҳо ва ғайра) норасогии витамини Е миқдори бачапартоиро зиёд, додани консентратҳои вай, баръакс ин равандро сабук мекунад. Дар организми ҳайвонот (аз он ҷумла парандаҳо) то 60 элементҳои минералӣ: калсий,

фосфор, марги муш, сулфур, оҳан, мис, кобалт, марган, йод, руҳ, кремний, бром, никел, молибден, стронсий, селен, бор ва ғайраҳо доранд. Роли асосии микроэлементҳо фаъолияти гуногуни системаи ферментҳоро метезонад раванди биохимиявӣ онро дар организм метезонад. Баъзе элементҳо масалан мис, дар органҳои растаниҳо дар асри XVIII маълум буданд. Бештар ин ҳодисаро тасодуфӣ мегуфтанд. Баъд аз даҳҳо солҳои охир маълум карданд, ки ба ғайр аз карбон, сафеда ва равғанҳо боз барои ҳаёти ҳайвонҳо баъзе элементҳои химиявӣ зарур будааст. Кадоме, ки онҳоро моддаҳои минералӣ меноманд.

Дар замони ҳозира дар организми ҳайвоноту наботот ҳамаи элементҳои химиявӣ вомехӯранд, вобаста ба миқдори вохӯрдаашон ба макро ва микроэлементҳо ҷудо мекунанд. Макроэлементҳо аз калимаи юнонӣ буда, калон дар организм бисёр вомехӯрад. Микроэлементҳо аз калимаи юнонӣ буда, камтар вомехӯрад. Ба макроэлементҳо: карбон, оксиген, нитроген, гидроген, салсий, фосфор, магний, калий, натрий, сулфур, хлор, оҳан дохил мешавад. Ба микроэлементҳо: кобалт, мис, руҳ, марган, кремний, бром, йод, фтор, марги муш, никел, молибден, стронсий, селен, бор ва дигарҳо мебошанд. Моддаҳои минералӣ дар табиат васеъ паҳн шудаанд. Моддаҳои минералӣ ба мубодилаи моддаҳо иштирок карда онро метезонанд. Норасогии ин элементҳо дар организм кам шавад, ҳайвонҳоро ба касалӣ гирифтор мекунад. Калсий дар организми одам ва ҳайвонот барои таркиб ёфтани устухон ёрӣ мерасонад, ғайр аз ин онҳо кори мушакҳои дилро идора мекунанд. Аз норасогии витаминҳо ҳайвонҳо хароб мешаванд, аз хӯрокхӯри мемонанд, маҳсулоти шири онҳо кам мешавад.

Таъсири моддаҳои минералӣ ба организми ҳайвонот

Дар организми ҳайвонот мо бисёртар норасогии якчанд моддаҳои минералиро мебинем. Касалии онҳо бисёр мураккаб буда, баъзан ба авитаминоз монандӣ дорад. Пурра норасогии ягон элемент ё ки якчанд моддаҳои минералиро намебинем. Бо нарасидани моддаҳои минералӣ ё ки зиёдшавии онҳо ба касали дучор мекунад. Хастагии организм, тезмондашавӣ, камхунӣ, рахит, тағйирёбии устухонҳои асаб. Дар вилояти Актюбинск растаниҳо дар таркибашон никел доштанд, истифодаи он барои ҳайвонот ҳафнок буда, никел ба чашми ҳайвонҳо таъсир карда, онҳоро дар охир кӯр мекунад. Дар ҷойҳое, ки хокашон элемент таллий дорад, дар ҳайвонотҳо партофтани муйҳоро мушоҳида мекунем.

Калтсий - дар организми одам ва ҳайвонот аз ҳамаи моддаҳои минералӣ аз ҳама зиёд калсий вуҷуд дорад. Ин микроэлемент маводи асосӣ ҳисоб мешавад. Барои сохтани скелет, дар он қариб 99% ҳамаи калсий дар организм буда, иштирок мекунад. Намакҳои калсий зарур аст, барои кори фаъолияти дил таъсир расонад, агар миқдоран зиёд шавад, кашиши мушакҳои дил номуътадил мегардад. Калсий қобилияти шахшавии хунро дорад. Ҳарорати баданро паст мекунад. Системаи асаб ва устувории организмро суст мекунад. Ба организми ҳайвонот калсий бо воситаи хӯрока ворид мешавад. Норасогии калсий асосан дар хукҳо, парандаҳо, бисёртар дида мешавад.

Остеомалясия - бисёртар ҳайвонҳо фасли зимистон ба ин касали дучор мешаванд, баъди солҳои хушксолӣ ин касалӣ дида мешавад. Миқдори калсий ва фосфор дар растаниҳо кам мешавад. Касалии рахит авҷ мегирад. Бисёртар говон, бузон ва аспҳо ба ин касали гирифтор мешаванд. Инро касалии скелету устухонӣ мебошад.

Фосфор - ҳамчун калсий дар организм зиёд вомехӯрад. Қариб 80 % микроэлементҳо дар таркиби устухон дида мешавад, боқимонда миқдори онҳо дар бофтаҳои мулоим ба намуди маҳлул вомехӯранд. Вазифаи организм ҳамчун ҳосилкунандаи устухон ва кашишхӯрии мушакҳо мебошад. Вай барои таркиб ёфтани асаб ва дигар бофтаҳо кор фармуда мешавад. Дараҷаи ҷаббиши фосфор аз нисбати 1:1,5 витамини Д вобаста аст.

Мавҷудияти калсий дар организм ҷаббиши фосфорро суст мекунад. Витамин Д бошад, баракс ҷаббиши микроэлементҳоро барои организм ва ба истифодаи он ёрӣ мерасонад. Одатан фасли зимистон ба ҳайвонҳо фосфор намерасад.

Дар натиҷа хӯрокхурӣ суст шуда, расиши қадкаши суст мешавад. Устухонҳо номутаъдил тараққӣ карда, наслашон лоғар таваллуд мешавад ё ки нобуд мешавад. Ҳамин тавр он касалие, ки аз норасогии калсий мешаванд, боз аз норасогии фосфор ҳам мешаванд.

Магний - барои устухони организм ва мушакҳо зарур аст. Қариб 60% организм ба устухон рост меояд, аз он ҷумла устухонҳои дандон боқимонда дар бофтаҳои мулоим ва ба намуди маҳлулҳо вомехӯранд. Мубодилаи магний бо мубодилаи калсий алоқаи зич дорад.

Агар магний дар организм зиёд шавад, мубодилаи калсий ва фосфор аз организм хориҷ мешавад. Миқдори зиёди магний дар хуни ҳайвонот бисёртар ҳайвонҳоро хоболуд карда, бемадор мекунад.

Натрий - бисёртар барои сохтани бофтаҳои нав дар организм зарур аст. Натрий барои ба ҳаяҷон омадани системаи асаб зарур аст.

Мавҷудияти натрий 25% ба скелет мегузарад, боқимонда ба мушакҳои дил ва моддаи суюқи бофтаҳо мегузарад. Ҳамин тавр ба моддаи суюқи талха мегузарад. Норасогии натрий ба вайроншавии иштиҳои ҳайвонот оварда мерасонад. Дар вақти норасогии натрий организм суст мешавад. Дар натиҷа касалии пуст мушоҳида мешавад, ҳайвонот якбора мурданашон мумкин аст. Дар вақти норасогии натрий оби организм кам шуда, дарди буғумҳо мушоҳида карда мешавад. Ҳайвон ярбора мурданаш мумкин аст.

Хлор - ранги сабзи зардча дошта, бо элементи натрий намаки оши ҳосил мекунад. Талаботи организм ба хлор зиёд аст. Ба таркиби гурда, шуш, хун, оби даҳон, тағояк, мӯй, пуст то 30 % дар бадани ҳайвонот то 60 % хлор мавҷуд аст. Дар мушакҳо хлор кам аст. Дар устухон, ҷигар вомехӯрад. Ҳайвонот хлорро аз намаки оши мегирад. Агар дар организм хлор кам шавад, кислотаи (hcl) дар меъда ҳам, кам мешавад.

Калий - дар организм бо миқдори зиёд мавҷуд аст. Вай дар бофтаҳои дил мавҷуд аст. Калий бисёртар дар растаниҳои ҷавон дида мешавад. Норасогии намаки калий кори дилро вайрон мекунад. Системаи асаб ба ҳаяҷон меояд. Дар вақташ ёрӣ расонда нашавад, ҳайвон нобуд мешавад, дилаш аз кор мемонад. Калий бо воситаи хӯрока ба организм зиёд дохил шавад мубодилаи модда беҳтар шуда, барои ҳосилшавии ҳуҷайраҳои нав сабаб мешавад. Калий антагонисти натрий мебошад. Ҷаббиши муътадили он агар ба як ҳиссаи натрий се ҳисса калий рост меояд.

Сулфур - доимо қисми асосии сафедаи организм хусусан сафедаи мӯй ва пати мурғ дохил мешавад. Дар вақти норасогии сулфур расиши ҳайвонот суст шуда, дар мурғон парҳояшон мерезанд. Дар вақти норасогии сулфур ҳайвонҳо аз расиш монда, пашмашон сифатан паст мешавад. Дар парандагон бошад, (антериоз-набудани расиши пат) гирифтор мешаванд. Дар думғозаи парандаҳо равған ҷудо намешавад, гардан, қафаси сина ва шикам тез пати худро мепартояд. Касали метавонад дар шароити баъд сар занад, нами, зиччигӣ, торикӣ дар мурғхона набудани шамолдиҳак ва ғайра.

Оҳан - барои организми ҳайвонот бисёр зарур аст. Оҳан ба ҳосилшавии эритроситҳо иштирок мекунад. Вай дар ҷигар, гурда ва испурч мавҷуд аст. Дар растаниҳо оҳан нобаробар тақсим шудааст. Витамини Д истифодаи оҳанро метезонад, витамини С бошад, ҷаббишро дар рӯдаи борик метезонад. Аз норасогии оҳан ҳайвонҳо бисёртар ба касалии камхунӣ гирифтор мешаванд. Онҳо бисёртар аз ин касали нобуд мешаванд. Оҳан барои организми ҳайвонот зарур буда, вай бисёртар дар организм эритросит ҳосил карда, онро муътадил мегардонад. Қариб нисфи миқдори оҳан ба пайдоиши эритроситҳо сарф мешаваад. Истифодаи оҳанро витаминҳои Д ва С метезонад. Ҳайвонҳоро аз касалии анимия нигоҳ медорад. Миқдори зиёди он дар шир вуҷуд дорад, дар зардии тухм вомехӯрад. Руҳ дар роҳи нафас иштирок карда, нақши калонро дар мубодилаи равған ва карбон мебозад. Касалии ҳайвонҳо бисёртар

дар давраи тирамоҳ ва зимистон мушоҳида карда мешавад. Аз норасогии руҳ бисёр ҳайвонҳо бенасл мешаванд.

Мис - дар организми ҳайвонот нисбат ба оҳан камтар вомехӯрад, локин аҳамияти калон дорад. Организм бемис оҳанро ҷаббида наметавонад. Чи қадаре, ки ҳайвонот ҷавон бошад, ҳамон қадар ҷигар аз мис бой аст. Мис аз хуни модар ба организми насли оянда мегузорад. Камбудии мис таъсири манфӣ мерасонад, ба фаъолияти системаи асаби ҳайвонот норасогии мис дар организм ба инкишофи насл халал мерасонад. Ҳайвонҳоро ба касалии дил гирифтор мекунад. Дар натиҷа ҷигар касал шуда, хуни ҳайвонҳо вайрон мешавад. **Молибден -** дар хок, дар оби баҳр, дар растаниҳо ва дар организми ҳайвонот бо миқдори кам вуҷуд дорад. Локин барои ҳаёти онҳо фоидаи калон дорад. Ин микроэлемент дар таркиби растаниҳои ғалладонагӣ, лӯбёгиҳо вомехӯрапд. Дар организми ҳайвонот молибден дар ҳамаи органҳо хусусан дар ғадуди зери меъда, ҷигар ва гурда вуҷуд дорад. Ҳайвонҳо миқдори муайяни молибденро бо воситаи хӯрока мегирад. Ҳайвонҳои калони шохдор одатан ба касалии дарунравӣ гирифтор мешаванд. Ҷавонтараш аз расиш бозмонда, ранги мӯйи бадан шахшӯл мешавад.

Кобалт-дар ноҳияҳои заминаш қумдор, торфдор вомехӯрад. Кобалт дар организм вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Он ҳамчун мис барои офариши хун зарур аст. Захираи ососии кобалт дар организми ҳайвонот ҷигар, испурч, шуш, дар гурда, ғадуди зери меъда, ғадуди ҷоғар зарур мебошад. Норасогии кобалт ҳайвонҳоро ба касалии сахт гирифдор мекунад. Таркиби микрофлораи ҳайвонот вайрон шуда, дар натиҷа витамин B_{12}, кам мешавад, витаминҳои А, С ва Е дар органҳо ва таркиби хун кам шуда, гардиши хун ва мубодилаи моддаро дар организм вайрон мекунад.

Йод - сиёҳтоби хокистарӣ буда, асосан дар таркиби гармонҳо мавҷуд буда, ғадуди ҷоғар: тироксин, дийодтирамин, триодтирамин ҷудо мекунад. Ин барои мубодилаи модда нақши асосиро мебозад. Йод мубодилаи моддаро дар организм метезонад. Ҳаяҷонро дар системаи марказии асаб ба вуҷуд меорад. Дар хокҳои сиёҳ ва торфдор 50 маротиба зиёд йод дорад. Йод дар ҷигар, гурда, асаб ва пуст мавҷуд аст. Дар организми модинаҳо йод бисёртар, нисбат ба наринаҳо дида мешавад.

Марги муш-таъсироти марговар дорад. Намакҳои онро барои нест кардани ҳашаротҳои зараррасони хоҷагии қишлоқ кор мефармоянд. Марги мушро ҳамчун дардро кам кардан кор мефармоянд. Инчунин барои табобати дандон ва варамиҳо кор мефармоянд. Вай бисёртар дар хун, органҳои дохила, дар сӯзанҳои ҳашаротҳо, дар шир ва пӯслохи тухм, нисбатан дар моҳиҳо ва растаниҳои баҳрӣ дида мешавад. Марги муш дар органҳо суст ҷаббида мешавад. Миқдори бисёраш зарари бад дорад.

Кремний-элементи на он қадар паҳн шуда, ҳисоб мешавад. Байни кремний ва калсий алоқаи зич мавҷуд аст. Ғизои ҳайвонот растанигӣ бой бошад, аз кремний кам мешавад, баракс элементи калсий зиёд мешавад. Миқдори ками он дар ғадуди зери меъда, таркиби мӯй, пати мурғон пуст мӯинаи ҳайвонот, дар таркиби шир, тухми мурғ, дар таркиби хун вуҷуд дорад.

Марганес-бисёр зарур аст, барои инкишофи мӯътадили инкишофи наботот ва ҳайвонот**.** Бисёртар марганса дорад, хоки сурх, нисбат ба хоки сиёҳ ва торфдор аст. Дар растаниҳои хоки турш марганес зиёдтар мешавад. Дар организми ҳайвонот марганес кам нисбат ба растаниҳо вомехӯрад. Марганес аз худ кардани равғанҳо ва сафедаҳоро метезонад. Равиши гардиши хунро тез мекунад.

Селен-элементи камёфт аст. Дар ҷойҳои мису молибдендор бошад, кам, вохӯрда, дар ҷойҳои мису никелдор, нуқра ва кобалт мавҷуд буда, зиёд мешавад. Хусусан селен бисёртар дар растаниҳои лӯбёгӣ, дар заминҳои ҳосилхез зиёд дида мешавад. Баъзан селен витамини Е-ро иваз мекунад.

Фтор-аз калимаи юнонӣ мурдан аст. Нест кардан, вайрон кардан аст. Фтор аз ҳама васеъ истифода бурда мешавад. Пайвастагиҳои вторро барои тиб истифода мебаранд. Норасогии он ба пӯсидани дандонҳо оварда мерасонад.

Стронсий-миқдори ками он дар хок, об, ва растаниҳо мавҷуд аст. Организми ҳайвонот на он қадар талабот дорад. Одатан бо зиёд шудани он дар организм ҳайвонот шикоят мешавад. Асосан хайвонҳои ҷавон ба ин кисали дучор мешаванд. Стронсий ба ҷои калсий ба равиши башаклдарои расиши бофтаҳои устухон иштирок мекунад. Дар вақти зиёд шудани стронсий, вай элементи калсийро аз организм берун мекунад. Дар натиҷа устухонҳо мурт мешаванд. Иштироки стронсий йодро дастнорас мекунад, аз организм миқдори онро берун мекунад.

Бор-дар табиат васеъ паҳн шудааст. Нақши вай бисёр гуногун аст.

Бе вай решаи растаниҳо инкишоф намеёбанд системаи капиляри растаниҳо аз кор мебарояд. Дар организми ҳайвонҳо бор бо миқдори кам вомехӯрад. Локин дар ҷигар, гурда ва ғадуди ҷоғар мавҷуд аст.

Вай ба мубодилаи модда таъсир мерасонад. Изофагии бор бо воситаи хӯрока касалиро ба вуҷуд меорад. Ин хел ҳодиса дар ноҳияи Қазоқистон, ки аз алафҳои саҳро ғизо мегирифтанд 6 -7 маротиба миқдори бор зиёд шуд. Бисёртар ҳайвонҳои калони шохдор ба ин касали гирифтор шуданд. Касалии ҳайвонот бо шамолхӯрии рӯдаҳо, вайроншавии гурдаҳо, вайроншавии асаби марказӣ ва охир мерасад ва ҳайвонҳо мемуранд.

Алюминий-дар хок васеъ паҳн шудааст. Дар организми ҳайвонот дар ҳама органҳо вомехӯрад. Бисёртар миқдори зиёдаш дар ҷигар аст.

Миқдори зиёди аллюминий дар организм, миқдори фосфорро аз таркиби хун кам мекунад ва касалии рахидро ба вуҷуд меорад.

Свинес- дар растаниҳо бо миқдори кам вомехӯрад. Дар организми ҳайвонот дар: устухон, ҷигар, испурч, муйина ва нохунҳо вомехӯрад. Таъсироташ ранги мис барин мебошад.

Никел-миқдори зиёдаш дар Қазоқистони шимолӣ дар вилояти Актюбинск дида мешавад. Дар растаниҳои маҳаллӣ ба ғайр аз ғалладонагиҳо никел 20 маротиба зиёд ёфт шудааст. Зиёдшавии накел бо воситаи хӯрока ва об ба организми ҳайвонот дохилшавии он: ба мӯина, пуст, гурда, гипофиз, хусусан ба себаки чашми ҳайвонот зараровар аст, ки касалии «кӯри никелиро» ба вуҷуд меорад.

Хулоса

Дар ҳайвонҳои болиғи кишоварзӣ, ки хӯрокаи растанӣ истеъмол менамоянд, ба авитаминоз кам гирифтор мегарданд. Дар ин ҳолат норасогии витаминҳо мушоҳида мешавад ва дар натиҷа гиповитаминоз инкишоф меёбад. Дар мавриди норасогии якчанд витаминҳо поливитаминоз дида мешавад. Витаминҳо ҳамчун дору барои касалиҳо, хусусан дар мавриди авитаминозҳо, бомуваффақият истифода мебаранд.То имрӯз 60 номгӯи витаминҳо маълум карда шудааст. Барои танзими мубодилаи моддаҳо миқдори хело ками витаминҳо лозиманд. Онҳо аҳаммияти энергетикӣ надошта, ба монанди ферментҳо ва гормонҳо амал мекунанд. Набудани ин ё он витамин дар хӯрокаҳо касалиеро ба вуҷуд меорад, ки онро авитаминоз меноманд. Дар ҳолати норасогии витаминҳо гиповитаминоз инкишоф меёбад. Дар мавриди норасогии якчанд витаминҳо поливитаминоз мушоҳида мегардад.Таъсири моддаҳои минералӣ ба организми ҳайвонот мушоҳида мешавад. Дар организми ҳайвонот мо бисёртар норасогии якчанд моддаҳои минералиро мебинем. Касалии онҳо бисёр мураккаб буда, баъзан ба авитаминоз монандӣ дорад. Пурра норасогии ягон элемент ё ки якчанд моддаҳои минералиро намебинем. Бо нарасидани моддаҳои минералӣ ё ки зиёдшавии онҳо ба касали дучор мекунад. Аз моддаҳои минералӣ калий аз ҳама зиёд дар организми ҳайвонот вуҷуд дорад. Фосфор ба монанди калсий дар организм зиёд вомехӯрад. Магний барои устухони организм ва мушакҳо зарур аст. Натрий барои пайдоиши бофтаҳои нав ёрӣ мерасонад. Талаботи организм ба хлор калон аст. Дар таркиби гурда, шуш, хун, оби даҳон, тағояк, мӯй, пуст то 30% дар бадани ҳайвонот то 60% хлор мавҷуд аст.

Калий дар организм зиёд мавҷуд буда, дар бофтаҳои дил дида мешавад. Сулфур қисми асосии сафедаи мӯй ва пати мурғон дида мешавад. Оҳан барои организм бисёр зарур буда, оҳан ба ҳосилшавии эритроситҳо иштирок мекунад. Мис дар организми ҳайвонот нисбат ба оҳан камтар аҳмиятнок буда, локин организм бемис оҳанро ҷаббида наметавонад. Молибден дар ҳамаи органҳои организми ҳайвонот: дар ғадуди зери меъда, ҷигар, гурда мавҷуд аст. Кобалт ҳамчун мис барои офариши хун барои организм зарур аст. Йод дар таркиби гормонҳо вуҷуд дорад. Марги муш дар дохили хун ва органҳои дохила мавҷуд аст. Кремний элементи на он қадар паҳн шуда буда, локин барои организм аҳамияти калон дорад. Марганес барои инкишофи муътадили ҳайвонот зарур аст. Фтор васеъ истифода бурда мешавад. Намакҳои фторро барои тиб кор мефармоянд. Стронсий дар таркиби хок вомехӯрад. Бор дар табиат васеъ паҳн шудааст. Аллюминий дар хок васеъ паҳн шуда элемент мебошад.

Свинес дар организми ҳайвонот қариб дар ҳама органҳо мавҷуд аст: ҷигар, устухон, испурч, мӯйина, нохун ва ғайраҳо. Никел дар организми ҳайвонот зиёд шавад, касалии нобиноӣ ҳайвонот мушоҳида карда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Жадин В.И. Фауна рек водохранилищ- Тр. Зоол. ин-та АН СССР, 1940, 2-3, -С.519-992.
2. Ахроров Ф. О приживаемости мизид в Кайраккумском водохранилище / Ф.Ахроров //Тезисы докладов совещания по вопросам рыбного хозяйства Средней Азии и Казахстана. Балхаш, 1967, с. 25-27.
3. Зелепухин В.С.Минеральная подкормка животных / В.С.Зелепухин. -Москва, «Колос», 1968, - С.104.
4. Ахроров Ф. Результаты акклиматизации мизид в Кайраккумском и Фархадском водохранилище //Доклады АН ТаджССР,№3,т.11,1968, -С.68-72.
5. Абдусаломов, И.А., Баева В.Г., И.И. Линдт И.И. Олами ҳайвоноти Тоҷикистон. -Душанбе, 1978. - С. 93.
6. Зернов С.А. Общая гидробиология/ С.А. Зернов, Биомедгиз. -М-Л. 1934.
7. Константинов А.С. Общая гидробиология. «Высшая школа». -Москва, 1972. - С.48.
8. Ахроров Ф. Олами ҳайвонот ва набототи обҳазаҳои Тоҷикистон ва муҳофизати он / Ф.Ахроров. – Душанбе: Ирфон, -1983. -С.50.
9. Ахроров Ф. Роҳҳои азхудкунӣ ва зиёд намудани маҳсулнокии моҳӣ дар обҳавзҳоиҳои Тоҷикистон. -Душанбе, “Дониш”,1986, 15 сах.
10. Ахроров Ф. Аспектҳои экологии проблемаи оби тоза ва муҳофизати обҳавзҳо. -Душанбе: Дониш, 1990. -С.16.
11. Привезенцев Ю.А. Интенсивное прудовое рыбоводство. -Москва ВО Агропромиздат 1991, -366 с.
12. Ахроров Ф. Гидрофауна и биопродуктивность высокогорных озёр Памира / Ф. Ахроров. Труды, Т.1(27). -Душанбе: Дониш, 2006. -С.283.
13. Ахроров Ф. Моҳипарварӣ. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ахроров Ф. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2007. - С.60.
14. Ахроров Ф.Водные экосистемы Таджикистана / Ф. Ахроров. -Душанбе, -2009. -С.70.
15. Акрамов С. Асосҳои муҳофизати табиат / С.Акрамов. -Душанбе, Маориф, 1991. -226 с.
16. Муҳаммадиев С. А. Экологияи Самарқанд / С. А. Муҳаммадиев. –Тошканд: Наврӯз, 2015. -300 с.

ВИТАМИНҲО ВА АҲАММИЯТИ ОНҲО БАРОИ ҲАЙВОНОТ

Дар мақола дар бораи витаминҳо ва аҳаммияти онҳо ҳамчун дору барои касалиҳои ҳайвонот хусусан дар мавриди авитаминозҳо, норасогии онҳо дар организм бо муваффақият истифода мебаранд, сухан меравад. Қабул карда шудааст, ки витаминҳоро бо ҳарфҳои лотинӣ ишора намоянд, гарчанде ки номҳои кимёвии онҳо низ маълум мебошад. То имрӯз қариб 60 номгӯйи витаминҳо маълум аст. Барои танзими мубодилаи моддаҳо миқдори хело ками витаминҳо лозиманд. Онҳо аҳамияти энергетикӣ надоранд. Ба монанди ферментҳо ва гормонҳо амал менамоянд. Аксарияти витаминҳо хурокаҳои растанигӣ буда, инчунин дар таркиби маҳсулотҳои аз моҳӣ, гӯшт, шир ва тухм тайёр карда шуда вомехӯранд. Набудани ин ё он витамин дар хӯрокаҳо касалиеро ба вуҷуд меорад, ки авитаминоз номида мешавад. Дар ҳолати норасогии витаминҳо гиповитаминоз инкишоф меёбад. Дар мавриди норасогии якчанд витаминҳо поливитаминоз мушоҳида мегардад.Таъсири моддаҳои минералӣ ба организми ҳайвонот мушоҳида мешавад. Дар организми ҳайвонот мо бисёртар норасогии якчанд моддаҳои минералиро мебинем. Касалии онҳо бисёр мураккаб буда, баъзан ба авитаминоз монандӣ дорад. Пурра норасогии ягон элемент ё ки якчанд моддаҳои минералиро намебинем. Бо нарасидани моддаҳои минералӣ ё ки зиёдшавии онҳо ба касали дучор мекунад. Аз моддаҳои минералӣ калий аз ҳама зиёд дар организми ҳайвонот вуҷуд дорад. Фосфор ба монанди калсий дар организм зиёд вомехӯрад. Магний барои устухони организм ва мушакҳо зарур аст. Натрий барои пайдоиши бофтаҳои нав ёрӣ мерасонад.

Талаботи организм ба хлор калон аст. Дар таркиби гурда, шуш, хун, оби даҳон, тағояк, мӯй, пуст то 30% дар бадани ҳайвонот то 60% хлор мавҷуд аст. Калий дар организм зиёд мавҷуд буда, дар бофтаҳои дил дида мешавад. Сулфур қисми асосии сафедаи мӯй ва пати мурғон дида мешавад. Оҳан барои организм бисёр зарур буда, оҳан ба ҳосилшавии эритроситҳо иштирок мекунад. Мис дар организми ҳайвонот нисбат ба оҳан камтар аҳаммиятнок буда, локин организм бемис оҳанро ҷаббида наметавонад. Молибден дар ҳамаи органҳои организми ҳайвонот: дар ғадуди зери меъда, ҷигар, гурда мавҷуд аст. Кобалт ҳамчун мис барои офариши хун барои организм зарур аст. Йод дар таркиби гормонҳо вуҷуд дорад. Марги муш дар дохили хун ва органҳои дохила мавҷуд аст. Кремний элементи на он қадар паҳн шуда буда, локин барои организм аҳаммияти калон дорад. Марганес барои инкишофи муътадили ҳайвонот зарур аст. Фтор васеъ истифода бурда мешавад. Намакҳои фторро барои тиб кор мефармоянд. Стронсий дар таркиби хок вомехӯрад. Бор дар табиат васеъ паҳн шудааст. Аллюминий дар хок васеъ паҳн шуда мебошад. Свинес дар организми ҳайвонот қариб дар ҳама органҳо мавҷуд аст: ҷигар, устухон, испурч, мӯина, нохун ва ғайраҳо. Никел дар организми ҳайвонот зиёд шавад, касалии нобиноӣ ҳайвонот мушоҳида карда мешавад.

Калидвожаҳо: иноҳит, кислотаҳои фолиевӣ ва пантотенӣ, тиамин, полиневрит,рибофлавин, кислотаи никотинӣ ва аскорбинӣ, калсийфенол, токофенол, эргостерин, аргинин, гистидин, изолейсин, лейсин, лизин, метионин, фенилаланин, треонин, триптофан, валин, аланин, кислотаи аспарагин, кислотаи глутамин, пролин, гидроокси пролин, серин, тирозин, систеин.

ВИТАМИНЫ И ИХ РОЛЬ В ЖИЗНИ ЖИВОТНЫХ

В статье приводится витамины которые важны, для жизни животных, без них животные нормально не могут развиваться и быть здоровым. Недостатка витаминов будет причина разных болезней животных и может заразить других. На сегодняшний день известно около 60 наименований витаминов. Для регуляции обмена веществ необходимо небольшое количество витаминов. Они не имеют энергетического значения. Они действуют как ферменты и гормоны. Большинство витаминов содержится в растительной пище, а также в продуктах из рыбы, мяса, молока и яиц. Недостаток того или иного витамина в продуктах питания вызывает заболевания, называемое авитаминозом. Нехватка витаминов вызывает заболевания гиповитаминозом. При нехватке несколько витаминов образуется болезни поливитаминов. Влияние минеральных веществ в организм животных часто наблюдается. Болезни животных очень сложна иногда, похожа на авитаминоз. Полностью нехватка минеральных элементов или несколько элементов невозможно, но при нехватки минеральных веществ или избытки его образуется болезни животных. Организм животных из минеральных веществ много содержит элемент калий. Калий содержит в ткани сердце животных. А также много фосфор и кальций для необходим для образования костей и мышцей. Магний необходим, для образования костей и мышцы. Натрий необходим для образование новых тканей. Сера необходим для перьев птиц и волосы. Железо для организм необходим, для образования эритроцитов. Медь для организм необходим для всасывания железо в организм животных. Молибден находятся в поджелудочный секреции, в печень, почки животных. Кобальт как медь необходим, для образования крови в организм животных. Йод необходим в составе гормонов. Арсен - для организма необходим в составе крови и внутренних органов. Марганец необходим для нормальных развития животных. Фтор его солей используется для медицины. Свинец почти находятся, во всех органах животных: печень, костей, селезёнка, мышцы, ногти и др. Никель при избытки этого элемента животным, образуется болезни слепота. В природе стронций и алюминий широко распространен в почве.

Ключевые слова: инозит, фолиевая и пантотеновая кислоты, тиамин, полиневрит, рибофлавин, никотиновая и аскорбиновая кислоты, кальций фенол, токоферол, эргостерин, аргинин, гистидин, изолейцин, лейцин, лизин, метионин, фенилаланин, треонин, триптофан, валин, аланин, аспарагиновая кислота, глутаминовая кислота, пролин, гидроокиси пролин, серин, тирозин, цистеин.

VITAMINS AND THEIR IMPORTANCE FOR ANIMALS

The article contains vitamins that are important for animal life, without them animals cannot develop normally and be healthy. Vitamin deficiency will be the cause of various animal diseases and can infect others. To date, about 60 names of vitamins are known. A small amount of vitamins is needed to regulate metabolism. They have no energy value. They act as enzymes and hormones. Most vitamins are found in plant foods, as well as in fish, meat, milk and egg products. The lack of a particular vitamin in food causes a disease called beriberi. With a lack of vitamins, hypovitaminosis develops. With a deficiency of several vitamins, multivitamin's is observed. The effect of mineral substances on the animal body is observed. In the animal body, we often see a deficiency of several minerals. Their disease is very complex and sometimes resembles vitamin deficiency. There is a complete absence of any element or several minerals. If there is a lack of minerals or an excess of them, a disease occurs. Of the minerals, potassium is the most abundant in the animal body. Phosphorus, like calcium, is found in the body in large quantities. Magnesium is essential for the bones and muscles of the body. Sodium promotes the formation of new tissues. The body's need for chlorine is great. The kidneys, lungs, blood, saliva,

saliva, hair, and skin contain up to 30% chlorine, and the animal's body contains up to 60%. Potassium is present in the body in large quantities and is found in the tissues of the heart. Sulfur is the main protein component of a bird's coat and plumage. Iron is very necessary for the body, and iron is involved in the formation of red blood cells. Copper in animals is less important than iron, and the human body cannot absorb iron. Molybdenum is found in all organs of the animal body: pancreas, liver, kidneys. Cobalt, like copper, is necessary for the body to create blood. Iodine is found in hormones. Death of the mouse inside there is blood and internal organs. Silicon is not a very common element, and protein is of great importance for the body. Manganese is essential for the normal development of animals. Fluorine is widely used. Fluorinated salts are used in medicine. Strontium is found in the soil. Boron is widespread in nature. Aluminum is widespread in the soil. Pigs are present in the body of animals in almost all organs: liver, bones, spleen, muzzle, nails, etc. While animals have an increased nickel content in the body, animals have blindness.

Keywords: inositol, folic and pantothenic acids, thiamine, polyneuritis, riboflavin, nicotinic and ascorbic acids, alkylphenol, tocopherol, ergosterol, arginine, histidine, isoleucine, leucine, lysine, methionine, phenylalanine, threonine, tryptophan, valine, alanine, aspartic acid, glutamic acid, proline, hydroxyproline, serine, tyrosine, cysteine.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алибоева Мунавар Мараҳимовна*****-** Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои биологӣ, ходими калони илмӣ, шуъбаи ихтиология ва гидробиология. **Суроға**: 734025. г. Душанбе, Таджикистан, маҳаллаи Халқаҷар. E-mail: **Nigisha03.11.82@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Алибаева Мунавар Марахимовна*** **-** Институт зоологии и паразитологии имени Е.Н. Павловского Национальной Академии наук Таджикистана, кандидат биологических наук, старший научный сотрудник Отдела ихтиологии и гидробиологии. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, махалла Халкаджар. E- mail: **Nigisha03.11.82@gmail.com**

Information about the author: ***Alibayeva Munavar Marakhimovna*****-** Institute of zoology and parasitology named by E.N.Pavlovsky, National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Biological Sciences**,** Senior Researcher at the Department of Ichthyology and Hydrobiology. **Address:** 734025, city of Dushanbe, Republic of Tajikistan, Khalkajar mahalla. E- mail: **Nigisha03.11.82@gmail.com**

Мақола ба редаксия ворид шуд: 07.01.2025
Аз тақриз баргашт: 27.01.2025
Ба чоп тавсия шуд: 03.06.2025

ИЛМҲОИ ТИББӢ – МЕДИЦИНСКИЕ НАУКИ

Олимов А.М., Обидов С.А., Каримов С.М., Гурезов М.Р. Оценка результатов динамики прироста интенсивности кариеса зубов у детей с врожденными несращениями губы и нёба в зависимости от минерализационного потенциала смешанной слюны …… **5**
Сафаров Дж. М., Талабзода М. С., Вохидов А. Влияние поведенческих факторов на частоту и интенсивность распространения гельминтозов у детей…… **13**
Мирзоев Д.С., Ибодзода Х.И., Икроми Т.Ш. Выбор хирургической тактики при болезни гиршпрунга: инвазивность, осложнения и клинические исходы…… **19**
Зокиров Р.Х., Менликулов М.Ф., Девонаев О.Т., Рахматуллоев А.А. Многочисленные перфорирующие ветви междольковых артерий и фиброзной капсулы почки в условиях высокогорья…….. **27**
Джумаев И.Н. Оптимизация, диагностика и лечение уролитиаза, осложненного постренальным повреждением почек (Обзор литературы)…… **35**
Давронзода М.Д., Киматов М.Р., Туйдиев Ш.Ш. Эпидемиологические особенности лор-заболеваний в Республике Таджикистан: динамика и тенденции распространенности…… **46**
Каримова О.А., Фозилова З.А., Мадалиева Д.С., Зокирова Р.С. Носирова М.П., Базарова Н.С. Таъсири комплекси микронутриентҳо ба бенаслӣ..... **55**
Зубайдова Л.А., Табаров М. Шоева М.С., Ятимова П.О. Дар бобати пешгирии бемории табби хунини Эбола дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон..... **63**
Талабзода М.С., Сафаров Ҷ.М. Хусусияти ғизои кӯдакони гирифтори гелминтозҳо..... **71**
Сайфуллозода И. С. Ташхиси ренгении найчаҳо дар безуррётии занона ва мардона..... **78**

Ф А Р М А Т С И Я - Ф А Р М А Ц И Я

Султонов М. М., Юлдашева У. П., Каримзода Ф.У. Лекарственные растения Таджикистана, обладающие иммуномодулирующей активностью…….. **85**
Саидова М.Н. История возникновения определения потребности в лекарствах по ATC/ DDD-методологии…… **95**
Забиров Н.Н., Юсуфи С.Дж., Ахмедов Ф.А., Саидов Н.Д., Морозов Ю.А., Макиева М.С. Качественный и количественный анализ мягкой лекарственной формы с экстрактом солодки голой…… **101**
Навруззода Г.Ф. Разработка безопасных лекарственных препаратов на основе экстракта зверобоя и аргининсодержащего дипептида…… **117**
Валиева М.З., Юсуфзода А.Ҷ., Раҳимова М.Ҳ., Раҷабзода С.И., Саидов Н.Д. Ҷинси *INULA l.* ҳамчун дурнамои манбаи бадастории доруҳои нав (шарҳи адабиёт)..... **124**
Ҳабибуллоева Н.Ш.,Юсуфзода А.Ҷ., Раҷабзода С.И., Раҳимова М.Ҳ. Татуми дар Тоҷикистон рӯянда ҳамчун манбаи ояндадори бадастории моддаҳои фаъоли биологӣ..... **132**

И Л М Ҳ О И Б И О Л О Г Ӣ - Б И О Л О Г И Ч Е С К И Е Н А У К И

Алимуродов А.С. Основные методы и направления селекции зерновых колосовых культур на качества в Таджикистане…… **140**
Аминов Дж.М., Абдугафури С. Формация сумаха дубильного (*Rhus Coriaria* l.) на каратегинском хребте…….. **150**
Азимова Н.Т. Состав и структура эфемеровой растительности предгорья хребта Джалолидина Балхи (Южный Таджикистан)…… **157**
Евдокимова Г.Н., Хабибов А.И., Бобокалонзода Дж. М. Анатомическое строение вегетативных органов *juglans regia* l. в условиях города Душанбе…… **164**
Исмоилова Р.И., Назиров Х.Н. Агробиологическая оценка сортов черешни в условиях Гиссарской долины Республики Таджикистан…… **172**
Гафуров А.И., Рахимов И.Ф., Бобозода Б.Б., Курбонбекова Ш.Ш., Рахимова Ф.А. Определение влияния активных ионов кальция порошка “бета-кальций” на свёртываемость крови в лабораторных условиях..... **181**
Халилов Б.Н. Ботаническая характеристика и вегетативное размножение экзохорды альберта (*Exochorda albertii rgl.*) в условиях Дангаринского района…… **189**
Халикова С.П. Влияние уровня спелости образцов на морфоструктурные показатели и урожайность ячменя (hordeum vulgare l.) в условиях центрального Таджикистана…… **200**
Сангалиев Б.Ш., Устоев М.Б. Омӯзиши муқоисавии мутобиқшавии фаъолияти донишҷӯён вобаста ба ҳолати физиологӣ …… **207**

Саидов Б.З., Худойқулов Б. С. Хусусиятҳои фитосенологии бодом..... **214**

Ҳамидзода Х.Н., Мирзоев Қ.А., Яқубова М.М., Ҷураева М.Ҳ. Таҳқиқи морфобиологӣ ва механизмҳои мутобиқшавии Квиноа (*chenopodium quinoa willd.*) дар шароити иқлимии Тоҷикистон…… **222**
Шоев М.Ҷ., Қодиров А.Ҳ., Қодиров Ш.Қ. Экологияи гамбускҳои визвизаки авлоди Carabus…. **230**

Раҳмонов Х.М., Ҳайдаров З.Ё. Таъмини сабзиши устувор кафолати ҳосилнокии баланди пахта..... **237**
Пулотзода Ф.Х., Астанақулова Г.М., Абдулхолова Ш.А., Аҳмадов Н.А. Технологияи омодасозии ваксина бар зидди сияҳрони чорво **245**
Намозов А. К., Наботов Р. С. Маҳсулнокии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор …….. **253**
Набиев Л.С., Атоева И. Р., Бобоев Ҷ.А. Мутобиқшавии (акклиматизатсияи) санҷоби муқаррарӣ (*Sciurus vulgaris* linnaeus, 1758) дар шароити Тоҷикистон..... **261**
Каримзода И.С. Миқдори глюкоза, фруктоза ва сахароза дар барги растании пахта дар ҳолати норасии намии хок..... **269**
Зуҳуров Ш.С., Назиров Ҳ.Н. Баҳодиҳии таркиби химиявӣ ва хусусиятҳои шифобахшии навъҳои каду дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон **275**
Сайфуллозода Р. С., Толибов А. Қ. Самаранокии маводҳои биологии фитоверм, битоксибатсиллин, лепидосид бар зидди кирмаки себ (мевахӯраки себ) (*cudia pomonella*) ва ширинчаи сабзи себ *(Aphis pomi)* дар шароити минтақаи Кӯлоб..... **285**
Алибоева М.М. Масъалаи «Оби тоза» ва сабабҳои ифлосшавии он…….. **292**

Иброҳимзода Д. Э., Маҳмудзода Т. М., Шаҳнозаи Ф., Бобоёров А.Р. Таҳқиқи биохимиявии омега кислотаҳои таркиби липидҳои донаки зардолу…….. **299**
Бобоев Ҷ.А., Шукурова Г.Н., Ғайратова Ф.И. Растаниҳои аҳаммияти сайёҳидоштаи Тоҷикистон..... **308**
Зафаров Х. А., Синонова С. Д., Султоналиева Г. Ш., Султоналиева С. Таъсири шарбати качим ба қобилияти коршоямии донишҷӯ-варзишгар дар шароити баландкӯҳ..... **317**
Алибаева М.М. Витаминҳо ва аҳаммияти онҳо барои ҳайвонот **327**

НАУКА И ИННОВАЦИЯ
Научный журнал «Наука и инновация» основан в 2014 г.
Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан от 28.05.2024 г., №362/ЖР-97. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: Фармация; Клиническая медицина; Медико-биологические науки; Общая биология; Физиология

Журнал включен в базу данных
Российского индекса научного цитирования (РИНЦ),
регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.
Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания
(www.niin.vestnik-tnu.com).

НАУКА И ИННОВАЦИЯ
2025. №2.
Над номером работали:
Ответственный редактор: Шовалиева Ф.С.
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Наука и инновация»
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.niin.vestnik-tnu.com**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Сдана в печать: 03.06.2025